ISSN 2410-2903

**Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан**

**National center of legislation under the President of the Republic of Tajikistan**

# Қонунгузорӣ
# Законодательство
# Legislation

**№1 (61), 2026**
**январ – март**

Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии «Қонунгузорӣ»-и Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 майи соли 2018 ба Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардида, аз 6 сентябри соли 2024 дар Комиссияи олии аттестатсионӣ азнавбақайдгирифта шуда, 28 майи соли 2024 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст.

Маҷалла дар Махзани маълумоти таҳлилӣ – Шохиси илмии тақризшавандаи Россия шомил аст.

Хулосаю ақидаҳо ва шарҳу тафсири дар нашрияи мазкур зикргардида мавқеи муаллифон буда, мавқеи Марказро ифода наменамоянд.

* * *

Научно-аналитический журнал «Законодательство» Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан включен в Реестр рецензируемых научных журналов (изданий) Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан на 31 мая 2018 года и перерегистрирован в Высшей аттестационной комиссии 6 сентября 2024 года. Зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан 28 мая 2024 года.

Журнал также включен в Аналитическую базу данных – Российский индекс научного цитирования.

Приводимые в настоящем издании данные, заключения, мнения и интерпретации являются позицией авторов и никак не могут рассматриваться как отражающие позицию Центра.

* * *

The scientific and analytical journal «Legislation» of the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan is included in the Register of peer-reviewed scientific journals (publications) of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan on May 31, 2018 and re-registered with the Higher Attestation Commission on September 6, 2024. Registered with the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan on May 28, 2024.

The journal is also included in the Analytical Database – Russian Science Citation Index.

The data, conclusions, opinions and interpretations presented in this publication are the position of the authors and cannot express the position of the Center.

**САРМУҲАРРИР**
**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР**
**CHIEF EDITOR**

**Саидзода Иззатулло Ҳабибулло** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
candidate of legal sciences, associate professor

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**
**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ**
**EDITORIAL TEAM**

**Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
доктор юридических наук, профессор, член-корреспондент Национальной Академии наук Таджикистана (12.00.01)
doctor of law, professor, corresponding member of the National Academy of Sciences of Tajikistan

**Алимов Суробшо Юсуфшоевич,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.02)

**Исмоилов Шавкат Маҳмудович,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.06)

**Ғаюрзода Шукурулло Караматулло,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.13)

**Маҷидзода Ҷурахон Зоҳир,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.08)

**Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.03)

**Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.04)

**Диноршоҳ Азиз Мӯсо,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.02)

**Азиззода Убайдулло Абдулло,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor(12.00.01)

**Сангинзода Дониёр Шомаҳмад,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.07)

**Абдуллозода Парвиз Саъдулло,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
(муовини сармуҳаррир)
доктор юридических наук, профессор
(заместитель главного редактора)
doctor of law, professor
(deputy chief editor) (12.00.09)

**Ҷамшедзода Комрон Ҷамшед,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
(муовини сармуҳаррир)
кандидат юридических наук
(заместитель главного редактора)
candidate of legal sciences
(deputy chief editor) (12.00.01)

**Маҳмудов Иззатулло Тешаевич,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
candidate of legal sciences, associate professor (12.00.11)

**Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.14)

**Бобокалон Ғоиб Мерган,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
candidate of legal sciences, associate professor (12.00.05)

**Саидмухторов Алишер Абдухолиқович,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
candidate of legal sciences, associate professor (12.00.10)

**Табаров Неъмон Амонович,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
candidate of legal sciences, associate professor (12.00.15)

**МУҲАРРИР:** Раҳматуллоев Х.

# ШУРОИ МАШВАРАТӢ
# РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ
# EDITORIAL COUNCIL

**Раҳмон Озода Эмомалӣ,**
Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
Руководитель Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан, кандидат юридических наук
Head of the Executive Office of the President of the Republic of Tajikistan, candidate of legal sciences

**Ализода Зариф,**
Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ – намояндаи комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Помощник Президента Республики Таджикистан по правовой политике – полномочный представитель Президента Республики Таджикистан в Маджлиси Оли Республики Таджикистан, доктор юридических наук, профессор
Assistant to the President of the Republic of Tajikistan for legal policy – plenipotentiary representative of the President of the Republic of Tajikistan in the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, doctor of law, professor

**Воҳидзода Ҳабибулло Сайдулло,**
Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Генеральный прокурор Республики Таджикистан
Prosecutor General of the Republic of Tajikistan

**Маҳмудзода Маҳкам Азам,**
академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
академик Национальной академии наук Таджикистана
academician of the National Academy of Sciences of Tajikistan

**Мирзозода Рустам Пираҳмад,**
Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Председатель Верховного Суда Республики Таджикистан
Chairman of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan

**Бобозода Умед,**
Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Уполномоченный по правам человека в Республике Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент
Commissioner for Human Rights in the Republic of Tajikistan, candidate of legal sciences, associate professor

**Саидвализода Барно Саиднабӣ,**
Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Депутат Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли РТ, кандидат юридических наук, доцент
Deputy of the Majlisi Namoyandagon Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, candidate of legal sciences, associate professor

**Худоёрзода Бахтиёр Табар,**
Раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Председатель Центральной комиссии по выборам и референдумам Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент
Chairman of the Central commission for elections and referendums of the Republic of Tajikistan, candidate of legal sciences, associate professor

Ҷонибдори густариши гуногунандешӣ будани маҷалла маънои ҳамақидаи муаллифон будани ҳайати таҳририяро ифода наменамояд. Масъулият барои интихоб ва дақиқии далелҳо ва иқтибосҳо ба зиммаи муаллифон аст.

Ба дастнависҳое, ки барои нашр пешниҳод мегарданд, тақриз дода намешавад ва баргардонида намешаванд. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба сарчашма ҳатмист.

Журналом поддерживается многообразие точек зрений, что не означает согласие редакционной коллегии. Ответственность за подбор, точность фактов, цитат и данных несут авторы опубликованных материалов.

Рукописи, предоставляемые для опубликования, не рецензируются и не возвращаются. При использовании материалов настоящего издания ссылка на источник обязательна.

The journal supports a diversity of points of view, which does not mean the consensus of the editorial board. The authors of published materials are responsible for the selection and accuracy of facts, quotes and data.

Manuscripts submitted for publication will not be reviewed and returned. When using materials from this publication, reference to the source is required.

## МУНДАРИҶА

### 5.5.1 – НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ДАР БОРАИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ

***Сафарализода Д.С.*** Мафҳум ва моҳияти механизмҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҷомеаи иттилоотӣ....................10-17
***Шоҳиён Д.А.*** Аҳамияти тарбияи психологӣ-ҳуқуқии маҳкумшудагон....................18-22
***Арабҷонов Ш.А.*** Коррупсия – омили таҳдидкунанда ва сусткунандаи пояҳои давлат....................23-28
***Холиқзода И.А.*** Ғояҳои ташаккули модели давлати дунявӣ дар Тоҷикистон: масоили назарӣ ва татбиқи ҳуқуқӣ....................29-33

### 5.5.2 – ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ, МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ҲОКИМИЯТИ МАҲАЛЛӢ

***Ализода З., Соибов З.М.*** Ҳокимияти давлатӣ: баъзе масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ....................34-38
***Сулаймонзода М.С., Неъматова М.А.*** Асосҳои конститутсионии инкишофи ҳуқуқ ба ҳаёт дар замони шуравӣ....................39-45

### 5.5.3 – ҲУҚУҚИ МАДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ

***Сангинзода Д.Ш., Абдусамадзода С.*** Такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ....................46-52
***Давлатмандзода Э.Д.*** Вайрон кардани қоидаҳои гузаронидани савдо ҳамчун асос барои беэътибор донистани он....................53-63
***Мавлоназарзода О.А.*** Танзими давлатии фаъолияти рекламавӣ дар давлатҳои-аъзои ИДМ....................64-70
***Мирзоев П.И., Раҳимзода Н.*** Фаъолияти сармоягузорӣ ҳамчун объекти танзими ҳуқуқи маданӣ.......71-76
***Назирзода Н.Н.*** Муҳлати шартнома ҳамчун унсури шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг)-и амволи ғайриманқул....................77-84
***Асадуллозода А.А.*** Таносуби шартномаи эскроу (ба амонатгузории шартӣ) бо дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ....................85-92
***Вализода М.Р.*** Ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳои шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул....................93-100
***Давлатмандзода Э.Д., Исмонализода С.И.*** Таносуби тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ ва тарзҳои (воситаҳои) ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ....................101-109

### 5.5.4 – ҲУҚУҚИ МОЛИЯ; ҲУҚУҚИ АНДОЗ; ҲУҚУҚИ БУҶЕТӢ

***Рустамзода Ҷ.Ю.*** Ба масъалаи фарқгузории байни мафҳумҳои «назорат», «контрол» ва «аудит» дар низоми ҳуқуқи молиявӣ....................110-119
***Ҳалимханов А.А.*** Хусусияти умумии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон....................120-124
***Шеров Ш.З.*** Танзими ҳуқуқии индексатсияи даромади аҳолӣ бо назардошти нархҳои молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ....................125-130
***Рустамзода Ҷ.Ю., Зикирзода Қ.Х.*** Баъзе масъалаҳои назариявӣ-ҳуқуқии хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон....................131-138
***Назарова М.З.*** Мафҳум ва хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ҳамчун субъектони муносибатҳои андозӣ....................139-143

### 5.5.5 – ҲУҚУҚИ МЕҲНАТ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ

***Раҳимзода М.З., Бобокалон Ғ.М.*** Танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатии варзишгарон ва мураббиён дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон....................144-151
***Бобокалон Ғ.М.*** Ҳамкории иҷтимоӣ ҷиҳати мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмиллалӣ....................152-158

## 5.5.8 – ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ

***Искандарӣ С.*** Таҳлили амалишавии стратегияи миллии назорати маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030............................................................................................159-163
***Абдуҳамитов В.А.*** Ҳимояи хабардиҳандагон дар бораи ҷиноятҳои коррупсионӣ: таҷрибаи хориҷии танзими ҳуқуқӣ.......................................................................................................................164-170
***Рустамзода Р.С.*** Таҳлили аломатҳои субъективии таҷовуз ба номус.................................................171-177
***Қодирзода Б.*** Принсипҳои мантиқии ба категорияҳо тақсим кардани ҷиноятҳо...............................178-183

## 5.5.10 – ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПО

***Назарзода Д.Қ.*** Сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии меҳнат дар шароити рақамикунонӣ ва ҷаҳонишавӣ.......................................................................................................................184-190
***Мамадамонов У.*** Дар бораи таъсири шартномаҳои байналмилалӣ ба қонунгузории миллӣ.............191-196
***Исматзода А.И.*** Механизмҳои идоракунии устувори захираҳои обӣ дар Осиёи Марказӣ: амалӣ намудани ҲРУ 6.5.2.......................................................................................................................197-205

## 5.5.11 – ФАЪОЛИЯТИ СУДӢ; ФАЪОЛИЯТИ ПРОКУРОРӢ; ФАЪОЛИЯТИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚ ВА ҲИФЗИ ҲУҚУҚ

***Раҳматуллоева Р.Р.*** Назорати прокурорӣ ҷиҳати фавран иҷро шудани санадҳои судӣ дар мурофиаи маданӣ: таҳлили амалияи судӣ оиди ситонидани алимент..................................................................206-215

## 5.5.12 – КРИМИНАЛИСТИКА; ФАЪОЛИЯТИ СУДӢ-ЭКСПЕРТӢ; ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ

***Сулаймонзода Р.Н.*** Оптимизатсияи усулҳои тактикӣ барои ҳалли ҳолатҳои низоъ дар раванди тафтишот.......................................................................................................................216-225

## 5.5.14 – ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ; ҲУҚУҚИ МУРОФИАИ МАЪМУРӢ

***Соибов З.М., Азизов С.А.*** Мазмуни танзими ҳуқуқии маъмурии амнияти озуқаворӣ: асосҳои назариявӣ ва консептуалӣ.......................................................................................................................226-233
***Раҷабзода М.С.*** Ҷанбаҳои назариявӣ-ҳуқуқии рутбаҳои дараҷавии кормандони прокурорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................................................................234-241
***Шарифзода П.Р.*** Таҷрибаи хориҷии танзими маъмурӣ-ҳуқуқии пешгирии зӯроварӣ дар оила ва имкониятҳои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон......................................................................242-248

# СОДЕРЖАНИЕ

## 5.5.1 – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ

*Сафарализода Д.С.* Понятие и сущность механизмов защиты прав и свобод человека в информационном обществе....................10-17
*Шохиён Д.А.* Важность психологически-правового воспитания осуждённых....................18-22
*Арабджонов Ш.А.* Коррупция – фактор, угрожающий и ослабляющий основы государства....................23-28
*Холикзода И.А.* Идеи создания модели светского государства в Таджикистане: теоретические вопросы и правовая реализация....................29-33

## 5.5.2 – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ ПРОЦЕСС; ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ МЕСТНОЙ ВЛАСТИ

*Ализода З., Соибов З.А.* Государственная власть: некоторые теоретические и практическое вопросы....................34-38
*Сулаймонзода М.С., Неъматова М.А.* Конституционные основы развития права на жизнь в советский период....................39-45

## 5.5.3 – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО

*Сангинзода Д.Ш., Абдусамадзода С.* Совершенствование законодательства Республики Таджикистан в сфере туризма....................46-52
*Давлатмандзода Э.Д.* Нарушение правил проведения торгов как основание недействительности торгов....................53-63
*Мавлоназарзода О.А.* Государственное регулирование рекламной деятельности в государствах-участниках СНГ....................64-70
*Мирзоев П.И., Рахимзода Н.* Инвестиционная деятельность как объект гражданского-правового регулирования....................71-76
*Назирзода Н.Н.* Сроки договора как элемент договора финансовой аренды (лизинга) недвижимости....................77-84
*Асадуллозода А.А.* Соотношение договора эскроу (условного депонирования) с другими гражданско-правовыми договорами....................85-92
*Вализода М.Р.* Права и обязанности сторон договора купли-продажи недвижимости....................93-100
*Давлатмандзода Э.Д., Исмонализода С.И.* Соотношение способов обеспечения обязательств и способов (средств) защиты гражданских прав....................101-109

## 5.5.4 – ФИНАНСОВОЕ ПРАВО; НАЛОГОВОЕ ПРАВО; БЮДЖЕТНОЕ ПРАВО

*Рустамзода Дж.Ю.* К вопросу о разграничении понятий «контроль», «надзор» и «аудит» в системе финансового права....................110-119
*Халимханов А.А.* Общая характеристика банковской системы Республики Таджикистан....................120-124
*Шеров Ш.З.* Правовое регулирование индексации доходов населения с учетом роста цен на потребительские товары и услуги....................125-130
*Рустамзода Дж.Ю., Зикирзода К.Х.* Некоторые теоретико-правовые вопросы расходов государственного бюджета Республики Таджикистан....................131-138
*Назарова М.З.* Понятие и особенности правового статуса иностранных юридических лиц как субъектов налоговых отношений....................139-143

**5.5.5 – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ**

***Рахимзода М.З., Бобокалон Г.М.*** Правовое регулирование трудовых отношений спортсменов и тренеров в сфере физического воспитания и спорта в соответствии с законодательством Республики Таджикистан........144-151
***Бобокалон Г.М.*** Социальное сотрудничество в сфере содействия занятости населения в законодательстве Республики Таджикистан и международных актах........152-158

**5.5.8 – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО**

***Искандари С.*** Анализ реализации национальной Стратегии по контролю наркотиков в Республике Таджикистан на 2021-2030 годы........159-163
***Абдухамитов В.А.*** Защита информаторов о коррупционных преступлениях: зарубежный опыт правового регулирования........164-170
***Рустамзода С.Р.*** Анализ субъективных признаков изнасилования........171-177
***Кодирзода Б.*** Логические принципы разделения преступлений на категории........178-183

**5.5.10 – МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО**

***Назарзода Д.К.*** Источники международного трудового права в условиях глобализации и цифровизации........184-190
***Мамадамонов У.М.*** К вопросу о влиянии международных договоров на национальное законодательство........191-196
***Исматзода А.И.*** Механизмы устойчивого управления водными ресурсами в Центральной Азии: реализация ЦУР 6.5.2........197-205

**5.5.11 – СУДЕБНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ; ПРОКУРОРСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ; ПРАВОЗАЩИТНАЯ И ПРАВООХРАНИТЕЛЬНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ**

***Рахматуллоева Р.Р.*** Прокурорский надзор за немедленным исполнением судебных решений по гражданским делам: анализ судебной практики взыскания алиментов........206-215

**5.5.12 – КРИМИНАЛИСТИКА; СУДЕБНО-ЭКСПЕРТНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ; ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ**

***Сулаймонзода Р.Н.*** Оптимизация тактических приёмов разрешения конфликтных ситуаций в ходе расследования........216-225

**5.5.14 – АДМИНИСТРАТИВНОЕ ПРАВО; АДМИНИСТРАТИВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНОЕ ПРАВО**

***Соибов З.М., Азизов С.А.*** Содержание административно-правового регулирования продовольственной безопасности: теоретические и концептуальные основы........226-233
***Раджабзода М.С.*** Теоретико-правовые аспекты классных чинов работников прокуратуры в Республике Таджикистан........234-241
***Шарифзода П.Р.*** Зарубежный опыт административно-правового регулирования предупреждении насилия в семье и возможности его использования в Республике Таджикистан........242-248

## CONTENT

### 5.5.1 – THEORY AND HISTORY OF LAW AND STATE; HISTORY OF TEACHINGS ON LAW AND STATE

***Safaralizoda D.S.*** Concept and essence of mechanisms for protecting human rights and freedoms in the information society........10-17
***Shohiyon D.A.*** The importance of psychological-legal education of convicts........18-22
***Arabjomov Sh.A.*** Corruption – a factor that threatens and weakens the foundations of the state........23-28
***Holiqzoda I.A.*** Ideas for the formation of a secular state model in Tajikistan: theoretical issues and legal implementation........29-33

### 5.5.2 – CONSTITUTIONAL LAW; CONSTITUTIONAL PROCESS; LEGAL REGULATION OF LOCAL GOVERNMENT

***Alizoda Z., Soibov Z.M.*** State power: some theoretical and practical issues........34-38
***Sulaimonzoda M.S., Ne'matova M.A.*** Constitutional foundations of the development of the right to life in the soviet period........39-45

### 5.5.3 – CIVIL LAW; BUSINESS LAW; FAMILY LAW; INTERNATIONAL PRIVATE LAW

***Sanginzoda D.M., Abdusamadzoda S.*** Improvement of legislation of the Republic of Tajikistan in the field of tourism........46-52
***Davlatmandzoda E.D.*** Violation of auction procedures as grounds for invalidating the auction........53-63
***Mavlonazarzoda O.A.*** State regulation of advertising activities in the CIS member-states........64-70
***Mirzoev P.I., Rahimzoda N.*** Investment activity as an object of civil-law regulation........71-76
***Nazirzoda N.N.*** Terms of the contract as an element of the financial lease agreement real estate........77-84
***Asadullozoda A.A.*** The relationship of the escrow agreement (conditional deposit / escrow) with other civil law contracts........85-92
***Valizoda M.R.*** Rights and obligations of the parties to a real estate sale and purchase agreement........93-100
***Davlatmandozoda E.D., Ismonalizoda S.I.*** Relationship of ways of ensuring obligations and ways (means) of protecting civil rights........101-109

### 5.5.4 – FINANCIAL LAW; TAX LAW; BUDGET LAW

***Rustamzoda J.Yu.*** On the issue of distinguishing between the concepts of «control», «supervision» and «audit» in the financial law system........110-119
***Khalimkhanov A.A.*** General characteristics of the banking system of the Republic of Tajikistan........120-124
***Sherov Sh.Z.*** Legal regulation of the indexation of population income considering prices of consumer goods and services........125-130
***Rustamzoda J.Yu., Zikirzoda Q.Kh.*** On the issue of distinguishing between the concepts of «control», «supervision» and «audit» in the financial law system........131-138
***Nazarova M.Z.*** Concept and features of the legal status of foreign legal entities as subjects of tax relationships........139-143

### 5.5.5 – LABOR LAW; SOCIAL SECURITY LAW

***Rahimzoda M.Z., Bobokalon G.M.*** Legal regulation of labor relations between athletes and coaches in the field of physical education and sports in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan........144-151
***Bobokalon G.M.*** Social cooperation in the sphere of promoting employment in the legislation of the Republic of Tajikistan and international acts........152-158

### 5.5.8 – CRIMINAL LAW AND CRIMINOLOGY; CRIMINAL EXECUTIVE LAW

***Iskandari S.*** Analysis of the implementation of the national Strategy for narcotics control in the Republic of Tajikistan for the years 2021-2030........159-163

***Abdukhamitov V.A.*** Protection of whistleblowers on corruption crimes: foreign experience of legal regulation ....................................................164-170
***Rustamzoda S.R.*** Analysis of the subjective elements of rape....................................171-177
***Qodirzoda B.*** Logical principlesof dividing crimes into categories....................................178-183

**5.5.10 – INTERNATIONAL LAW; EUROPEAN LAW**

***Nazarzoda D.Q.*** Sources of international labour law in the context of globalization and digitalization.....184-190
***Mamadamonov U.M.*** On the impact of international treaties on national legislation.................................191-196
***Ismatzoda A.I.*** Mechanisms of sustainable water resources management in Central Asia: implementation of SDG 6.5.2....................................................197-205

**5.5.11 – JUDICIAL ACTIVITIES; PROSECUTORIAL ACTIVITIES; HUMAN RIGHTS AND LAW ENFORCEMENT ACTIVITIES**

***Rahmatulloeva R.R.*** Prosecutorial oversight of the immediate enforcement of court decisions in civil cases: analysis of judicial practice in the recovery of alimony....................................................206-215

**5.5.12 – CRIMINALISTICS; FORENSIC EXPERT ACTIVITY; OPERATIONAL-SEARCH ACTIVITY**

***Sulaimonzoda R.N.*** Optimization of tactical methods for resolving conflict situations during investigations....................................................216-225

**5.5.14 – ADMINISTRATIVE LAW; ADMINISTRATIVE PROCEDURAL LAW**

***Soibov Z.M., Azizov S.A.*** Contents of administrative and legal regulation of food security: theoretical and conceptual framework....................................................226-233
***Rajabzoda M.S.*** The theoretical and legal aspects of class ranks of prosecutorial employees in the Republic of Tajikistan....................................................234-241
***Sharifzoda P.R.*** Foreign experience of administrative and legal regulation of preventing domestic violence and the possibilities of its use in the Republic of Tajikistan....................................................242-248

**5.5.1 – НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ДАР БОРАИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ**
**5.5.1 – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ**
**5.5.1 – THEORY AND HISTORY OF LAW AND STATE; HISTORY OF TEACHINGS ON LAW AND STATE**



**ТДУ:** 343.211.3
**Сафарализода Далер Саидаҳтам,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 987-95-48-64
E-mail: daler-safaraliev@mail.ru.

# МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ МЕХАНИЗМҲОИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ДАР ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ

**Калидвожа:** ҳуқуқ, озодӣ, инсон, шаҳрванд, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, эътироф, риоя, ҳифз, ҳимоя, ҳифзи ҳуқуқ, ҳимояи ҳуқуқ, ҳифзи ҳуқуқи инсон, ҳимояи ҳуқуқи инсон, иттилоот, ҷомеаи иттилоотӣ, амнияти иттилоотӣ, Конститутсия.

**Аннотатсия.** Мақолаи мазкур ба мафҳум ва моҳияти механизмҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҷомеаи иттилоотӣ бахшида шудааст. Дар асоси Қонуни асосии давлат инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ доранд. Меъёри конститутсионӣ талаб мекунад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон на танҳо эътироф ва риоя гарданд, балки мавриди ҳифз ва ҳимоя низ қарор гиранд. Ҳамзамон, дар раванди таҳлили масъалаи мазкур мафҳуми иттилоот, ҷомеаи иттилоотӣ ва амнияти иттилоотӣ аз нуқтаи назари доктринаи ҳуқуқӣ ва қонунгузории мамлакат мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор мегиранд.

Пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи инкишофи илмҳои ҳуқуқшиносӣ, алалхусус илми ҳуқуқи инсон таваҷҷуҳи хоса дода шуд. Хусусан ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мушаххас инъикос ёфтаанд, аҳаммияти аввалиндараҷаро касб намуданд.

Рушдёбии заминаҳои устувори ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон яке аз дастовардҳои бунёдии даврони соҳибистиқлолӣ ба шумор меравад. Қабул ва мавриди амал қарор гирифтани маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ин давра, пеш аз ҳама, ба таҳкими низоми ҳимояи манфиатҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ нигаронида шудааст.

Низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон заминаи бунёдии болоравии сатҳи касбияти кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ташкил медиҳад. Зеро маҳз омодагии баланди назариявию амалии ин табақаи хизматчиён кафолати иҷрои бечунучарои меъёрҳои қонунгузорӣ дар кишвар маҳсуб меёбад.

Ҳуқуқи инсон дар шакли ғояву назарияҳо ташаккул ёфта, тадриҷан ҳамчун объекти бевоситаи танзими ҳуқуқӣ баромад мекунад. Аз давраҳои аввали ташаккули мафкура ва ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ мутафаккирон ва файласуфон дарк кардаанд, ки бе давлат, бе саъю кушиши сохторҳои ҳокимиятӣ, захираҳои давлатӣ, воқеан, таъмини ҳуқуқи инсон имконнопазир аст. Инсоният аз рӯзҳои аввали дарки моҳияти ҳуқуқу озодиҳои худ, кафолат ва ҳифзи онро ба ин ё он нерӯи танзимкунанда вобаста мекард, ҳамзамон ба соҳибқудратон боварӣ ҳосил намуда, эҳсос менамуд, ки маҳз қудрати сиёсӣ қодир аст, мушкилии онҳоро бартараф кунад [1, с. 3].

Ҷомеаи муосир дар асоси принсипҳои инсондӯстӣ, адолат ва баробарӣ дар назди қонун бунёд ёфтааст, аммо барои танзими фаъолияти давлат ва ҷомеа қонунҳо ва механизмҳое мавҷуданд, ки дар амал ин қонунҳоро татбиқ мекунанд [2, с. 6].

Бояд тазаккур намуд, ки дар раванди таҳлили масъалаи мазкур мафҳуми иттилоот, ҷомеаи иттилоотӣ ва амнияти иттилоотӣ аз нуқтаи назари доктринаи ҳуқуқӣ ва қонунгузории мамлакат мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор мегиранд. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки ҳангоми таҳлили асарҳои олимони хориҷӣ мушоҳида гардид, ки истилоҳи «информация» васеътар мавриди истифода қарор гирифтааст. Аммо бояд гуфт, ки истилоҳи «информация» дар фарҳанги забони тоҷикӣ бо истилоҳҳои «ахбор, иттилоот ва

маълумот» маънидод шудааст. Аз ин лиҳоз, мо зарур мешуморем, ки истилоҳҳои «ахбор, иттилоот ва маълумот» мавриди истифодабарӣ қарор мегиранд ва истилоҳи «иттилоот» бошад, ба мазмун ва таркиби мавзуи таҳқиқшуда мувофиқ мебошад.

Чунон ки Ю.Г. Федотова қайд мекунад, ки таъсир ба шуури оммавии шаҳрвандон ба тарзе амалӣ карда мешавад, ки на танҳо маълумоти бардурӯғ пешниҳод карда мешавад, балки механизмҳое барои таъсир расонидан ба қабули қарорҳо, ташаккул ва дарки баррасиҳои арзишманд аз ҷониби шахс истифода мешаванд [3, с. 19].

Ҳамзамон, Д.В. Абдрахманов иброз менамояд, ки на ҳама иттилоот идеология аст, зеро идеология на танҳо ягон иттилоот (паёмҳо, маълумот), балки низоми ғояҳо, назарҳо ва эътиқодҳо мебошад. Аз ин рӯ, иттилоот ва идеология ҳамчун умумӣ ва мушаххас алоқаманданд [4, с. 114].

О.А. Снежко бошад, доир ба маълумоти боэътимод ишора намудааст. Ӯ қайд менамояд, ки маълумоти боэътимод ин маҷмуи маълумоти объективӣ, дақиқ ва воқеӣ, ки ба далеле, ки дар ҳақиқат рух додааст, дахл дорад ва шубҳаҳоро дар бораи дурустии он бартараф мекунад [5, с. 6].

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи «иттилоот» дар якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст: аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» аз 10-уми майи соли 2002, №55, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот» аз 2-юми декабри соли 2002, №71, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ» аз 6-уми августи соли 2001, № 40, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» аз 18-уми июни соли 2008 № 411, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ» аз 25-уми марти соли 2011 № 705, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ» аз 2-юми январи соли 2018 ва ғ. Маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии мавриди назар заминаҳои бунёдии фаъолияти иттилоотиро муайян намуда, принсипҳо, вазифаҳо ва субъектҳои ин соҳаро мушаххас менамоянд. Ин санадҳо на танҳо сиёсати давлатиро дар фазои иттилоотӣ муқаррар мекунанд, балки равандҳои ташаккулу истифодаи захираҳои иттилоотӣ, эҷоди технологияҳои муосир ва амнияти шабакаҳои автоматиконидашударо таҳти танзими ҳуқуқӣ қарор медиҳанд. Илова бар ин, онҳо тартиби муҳофизати маълумоти ҳуҷҷатшуда ва доираи ҳуқуқу вазифаҳои иштирокчиёни раванди иттилоотониро ба таври низомнок муайян месозанд.

Истилоҳи «иттилоот» дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» аз 10-уми майи соли 2002 № 55 чунин маънидод шудааст: «иттилоот – маълумот дар бораи шахс, ашё, воқеаҳо, падидаҳо ва ҷараёнҳо сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо» [6].

Истилоҳи «ҷомеаи иттилоотӣ» бошад, бо шарофати асарҳои Ф. Махлуп ва Т. Умесао дар нимаи якуми солҳои 1960 дар як вақт ИМА ва Ҷопон ба гардиши илмӣ ворид шуд. Баъдтар, назарияи ҷомеаи иттилоотӣ дар таҳқиқоти олимони машҳур, ба монанди М. Порат, И. Масуда, Т. Стоне, Р. Катс ва дигарон инкишоф ёфт.

Масалан З.К. Буклова ҷомеаи иттилоотиро аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ шарҳ додааст. У чунин қайд менамояд: «Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, ҷомеаи иттилоотӣ як субъекти мураккаби танзими ҳуқуқӣ буда, низоми муносибатҳои ҷамъиятиро ифода мекунад, ки дар он муносибатҳои иттилоотӣ муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро ба миён мегузоранд» [7, с 107].

Олимони ватанӣ Ҷ.З. Маҷидзода, А.Ғ. Холиқзода ва Р.С. Одиназода истилоҳи амнияти иттилоотиро бо истилоҳҳои технологияи иттилоотӣ ва амнияти компютерӣ ҳаммаъно карда, дар зери он ҳифз намудан ва нигоҳдорандаи инфрасохтори иттилоот аз ҳама гуна амалиёти зараррасони ногаҳонӣ ва сӯйқасд ба таҷҳизоти компютерӣ фаҳмида мешавад, ки натиҷаи он метавонад расонандаи зарар худи иттилоот, дорандаи он ё нигоҳдорандаи инфрасохтор бошад. Амнияти иттилоотии таҷҳизоти компютерӣ – ҳолати ҳимояи муҳити иттилооти компютерӣ, ташаккулёбӣ, истифодабарӣ ва рушди онро таъмин менамояд [8, с. 50].

Дар давлати демократию ҳуқуқбунёд, ки инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф шудаанд, таъмини амният, ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқӣ вазифаҳои аввалиндараҷаи давлат ба ҳисоб меравад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 5 чунин муқаррар менамояд: «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд» [9, с. 3-4].

Дар илми ҳуқуқи инсон оид ба мафҳумҳои «ҳифзи ҳуқуқи инсон» ва «ҳимояи ҳуқуки инсон» андешаҳои гуногун ҷой доранд. Дар робита ба ин мо доктринаи ҳуқуқӣ ва андешаҳои олимони ватанию хориҷиро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор медиҳем.

Мафҳуми «ҳимояи ҳуқуқи инсон» фарогири фаъолияти муназзами давлат ҷиҳати таъмини волоияти қонун, амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва муҳофизати манфиатҳои аъзои ҷомеа аз таҳдидҳои манфӣ маҳсуб меёбад. Бинобар ин, «ҳимоя» ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ нисбат ба мафҳуми «ҳифз» дорои мазмуни васеътар буда, на танҳо чораҳои пешгирикунанда, балки маҷмуи тарз ва воситаҳои барқарорсозии ҳуқуқу манфиатҳои поймолшударо низ дар бар мегирад. Ҳамин тариқ, моро зарур аст, ки аввалиндараҷа тафовут байни ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқро муайян намоем. Ба андешаи М.С. Раҳимзода, мафҳуми «ҳифзи ҳуқуқ» фаъолияти низомнок ва мақсадноки давлат, бавижа мақомоти ҳуқуқмуҳофизавиро фаро гирифта, аз нигоҳи мазмун нисбат ба функсияи «ҳимояи ҳуқуқ» фарохтар арзёбӣ мегардад. Дар ин замина, муаллиф ҳимояи ҳуқуқро ҳамчун ҷузъи ҷудонопазир ва унсури таркибии низоми умумии ҳифзи ҳуқуқ муаррифӣ менамояд [10, с. 43-46].

Ҳифзи ҳуқуқ асосан ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар назар дорад. Аксари муаллифон чунин андешаро ҷонибдорӣ мекунанд. Дар ҳамаи асарҳои илмии муҳаққиқон сухан аслан дар бораи ҳифзи ҳуқуқи инсон меравад. Ҳамзамон, ҳифзи ҳуқуқи инсон қисми таркибии фаъолияти ҳимояи ҳуқуқии давлат мебошад. Давлат фаъолияти ҳифзи ҳуқуқиро амалӣ намуда, наметавонад танҳо бо ҳимояи ҳуқуқҳои инсон маҳдуд гардад. Давлат ин вазифаи конститутсионӣ ва уҳдадории байналмилалии худро дар доираи амалӣ намудани фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ, аз ҷумла зимни ҳифзи асосҳои сохтори конститутсионӣ, ташкили шароити мусоид барои фаъолияти давлатӣ ва механизми ҳимояи ҳуқуқи инсон, дар рафти мубориза бо ҷинояткорӣ ва дигар намудҳои ҳуқуқвайронкунӣ, татбиқи чораҳои ҳифзи ҳуқуқӣ иҷро мекунад [11, с. 40-41].

Ш.Ф. Искандаров низ оид ба падидаҳои «ҳифзи ҳуқуқ» ва «ҳимояи ҳуқуқ» ибрози назар намудааст. Ӯ қайд менамояд, ки ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқи субъективӣ ва ё манфиатҳои бо қонун ҳифзшаванда якхела набуда, ҳуқуқ доимӣ ҳифз мегардад, аммо лаҳзае, ки поймол шуд, ҳимоя мегарданд. Бинобар ин, «ҳифзи ҳуқуқ» хусусияти пешгирикунанда ва «ҳимояи ҳуқуқ» хусусияти барқароркунанда доранд [12, с. 75-80]. Ҳамин тариқ, аз мафҳуми пешкашгардида тафовути «ҳимояи ҳуқуқи инсон» ва «ҳифзи ҳуқуқи инсон»-ро чунин ҷудо намудан мумкин аст: а) падидаҳои «ҳифз» ва «ҳимоя» ҳамчун категорияҳои мутақобилан алоқаманд ва такмилкунандаи якдигар зоҳир гашта, татбиқи онҳо ба таъмини ҳадафи ниҳоӣ – кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон нигаронида шудааст; б) таносуби мафҳумҳои «ҳифзи ҳуқуқ» ва «ҳимояи ҳуқуқ» чун таносуби умумӣ ва хусусӣ баррасӣ карда мешавад; в) тафовути калидии ин ду мафҳум дар таъиноти функсионалии онҳо зоҳир мегардад. Агар «ҳифз» ҳамчун раванди доимӣ ва пешгирикунанда (превентивӣ) ҷиҳати нигоҳдории ҳуқуқҳо амал кунад, «ҳимоя» танҳо дар сурати вайрон шудани ҳуқуқ ва содир гардидани ҳуқуқвайронкунӣ вориди амал мешавад.

Олимони хориҷӣ П.В. Анисимов ва Н.В. Папичев бошад, масъалаи мазкурро чунин гурӯҳбандӣ намудаанд: алоқамандии истилоҳҳои «ҳифз» ва «ҳимояи» ҳуқуқи инсон дар он аст, ки ҳарду ҳамчун василаҳои муҳимми татбиқи сиёсати ҳуқуқии давлат дар соҳаи эҳтироми арзишҳои инсонӣ баромад мекунанд; бо вуҷуди эътирофи тафовутҳои функсионалии миёни «ҳифз» ва «ҳимоя», ки аз хусусиятҳои хоси инъикоси онҳо сарчашма мегиранд, мафҳуми «таъмини ҳуқуқи инсон» ҳамчун категорияи фарогир ва васеътар баромад мекунад, ки маҷмуи воситаҳо ва кафолатҳои давлатиро дар як низоми воҳид муттаҳид менамояд; мафҳуми «ҳифзи ҳуқуқи инсон» ҳамчун категорияи васеътар баромад намуда, мафҳуми «ҳимояи ҳуқуқи инсон»-ро ҳамчун як ҷузъи таркибии худ фаро мегирад; инкори мафҳуми ҳифзи ҳуқуқ инсон бинобар сабаби надоштани таркиби махсуси ҳуқуқӣ [13, с. 31].

В.И. Абрамов низ бар зидди омехта гардидан мафҳумҳои ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқи инсон баромад намуда, тафовути онҳоро дар ҳадафҳои ҳуқуқиашон мебинад. Ба ақидаи ӯ, ҳимояи ҳуқуқ бештар ба муқаррарсозии ҳуқуқи субъективӣ вобаста аст, ҳифзи онҳо ҷиҳати пешгирии ҳама гуна поймолшавӣ, маҳдудсозӣ ва ё маҳрумият аз ин ҳуқуқҳо равона гардидааст [14, с. 69-70]. М.С. Раҳимзода андешаи В.И. Абрамовро дастгирӣ намуда, иброз медорад, ки ҳимояи ҳуқуқ фаъолияти низомнокест, ки дар сурати рух додани ҳуқуқвайронкунии мушаххас вориди амал мегардад. Ба ақидаи ӯ, ин раванд ба бартарафсозии ҳолатҳое нигаронида шудааст, ки метавонанд оқибатҳои манфиро ба бор оранд ва ҳадафи ниҳоии он барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшудаи субъектон мебошад [10, с. 45-47].

Дар доираи назарияи илми ҳуқуқи инсон дидгоҳе низ мавҷуд аст, ки тибқи он мафҳумҳои ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқи инсон бо ҳам айният дода мешаванд. Ин равиш бештар ба омехта намудани сарҳадҳои консептуалии ин ду категорияи ҳуқуқӣ такя мекунад. Аз ҷумла, Н.В. Витрук дар асарҳои хеш истилоҳи «ҳимоя (ҳифзи) ҳуқуқ»-ро истифода мебарад [15, с. 203]. И.В. Ростовшиков низ ҳамин

гуна андеша дорад [16, с. 77-92]. Ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқ аксар вақт ҳамчун синонимҳо дар луғатномаҳо низ истифода мешаванд [17, с. 228]. Як қатор муаллифон таносуби мафҳумҳои «ҳифз» ва «ҳимоя»-ро тавассути категорияҳои «таъминоти ҳуқуқии ҳуқуқи инсон» муайян мекунанд. Чунончи, Л.Д. Воеводин қайд мекунад, ки ҳимояи ҳуқуқи инсон на танҳо ҳифзи онҳо, балки таъмини шароити истифодаи ин ҳуқуқҳоро аз ҷониби ҳар як фард пешбинӣ мекунад [18, с. 111].

Ба ақидаи П.В. Анисимов, ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқи инсон таъиноти умумӣ, мазмуни ягона ва воситаҳои амалисозӣ дошта, дар категорияи умумии «таъминоти ҳуқуқии ҳуқуқҳои инсон» ифода мешаванд [13, с. 33]. Як қатор олимон, аз қабили Н.А. Шайкенов, К.Б. Толкачев, А.Ш. Хабибуллин, И.С. Шадрин ақидаи мазкурро дастгирӣ мекунанд.

Ҷ. Саъдизода бошад, қайд менамояд, ки давлатро зарур аст, ки ба ҷойи вокуниш ба ҳуқуқвайронкуниҳои аллакай содиршуда, ба стратегияи пешгирикунанда аввалият диҳад. Сиёсати ҳуқуқии давлат бояд ба андешидани чораҳои кафолатбахше нигаронида шавад, ки имкони поймолшавии ҳуқуқу озодиҳои инсонро ҳанӯз дар марҳилаи пайдоиши таҳдидҳо аз байн баранд. Бинобар ин, афзалияти фаъолияти давлат бояд ба ҳифзи пешгирикунандаи ҳуқуқи инсон, яъне ҷилавгирӣ аз поймолшавии онҳо нигаронида шавад, дар ҳоле ки функсияи ҳимоя танҳо ҳамчун воситаи охирин дар ҳолатҳои истисноӣ мавриди истифода қарор гирад. Дар сурати татбиқи самараноки механизми ҳифз, зарурати фаъолшавии низоми ҳимоя ва барқарорсозии ҳуқуқҳо ба таври табиӣ коҳиш меёбад [19, с. 130].

Дар заминаи ин, ақидаи А.М. Диноршоҳ мавриди ҷонибдорӣ қарор мегирад. Олим чунин қайд менамояд: «Ҳифз ва ҳимоя ҷанбаҳои гуногуни таъмини ҳуқуқи шахс мебошанд» [20, с. 400]. Ин ду категорияи ҳуқуқӣ на ҳамчун синоним ва на ҳамчун мафҳумҳои аз ҳам комилан ҷудо арзёбӣ мегарданд. Баръакс, онҳо дар ҳамбастагии зич амал намуда, заминаи воқеиро барои татбиқи ҳуқуқи инсон ва ташаккули механизмҳои муассири дифоъ аз озодиҳои шаҳрвандон фароҳам меоранд.

Дар асоси Қонуни асосии давлат инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ доранд. Меъёри конститутсионӣ талаб мекунад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон на танҳо эътироф ва риоя гарданд, балки мавриди ҳифз ва ҳимоя низ қарор гиранд. Масалан, Ш.Ф. Искандаров иброз медорад, ки эътироф ва мустаҳкам намудани ҳуқуқи инсон ҳатто дар Қонуни асосии давлат кифоя нест. Зеро дар ҳаёт чун кафолатҳои конститутсионӣ татбиқ нашаванд, онҳо ҳамчун ҳуқуқи мурда ҳисобида мешаванд [12, с. 75-76]. Татбиқи воқеии кафолатҳои давлатӣ ва пешгирии поймолшавии ҳуқуқи инсон бе мавҷудияти механизмҳои муассири ҳимоя ғайриимкон аст. Ин механизмҳо бояд ҳамчун фишанги вокуниш ба таҳдидҳои эҳтимолӣ ва воситаи барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншуда хизмат намоянд. Бояд қайд намуд, ки ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд на танҳо вазифаи давлат ва мақомоти он мебошад, балки вазифаи ҷомеаи шаҳрвандӣ низ ба шумор меравад. Зеро, эълон шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ба сифати арзиши олӣ ҳоло маънои дар амал татбиқ шудани онҳоро надорад. Барои дар амал татбиқ шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон зарур аст, ки воситаи муассир ва самарабахши амалисозии онҳо вуҷуд дошта бошад. Яке аз чунин воситаи назарраси таъсиррасонӣ дар татбиқ ва ҳимояи ҳуқуқи инсон ин ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон мебошад, ки дар доираи фаъолияти худ барои ҳимоя ҳуқуқу озодиҳои инсон ва манфиатҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ хусусияти мусоидатӣ доранд.

Аз ин рӯ, мо зарур мешуморем, ки ҷиҳати амиқ сохтани тарзу воситаҳои амалишавӣ ва функсияи мусоидатии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бояд тарифи механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсонро муайян намоем. Тарифи механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон дар низоми илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз ҷониби олимону муҳаққиқон гуногунранг пешкаш гардидааст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ истилоҳи механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон ба таври фарох истифода шудааст. Истилоҳи «механизм» ба маънии аслиаш ҳамчун воҳиди сохтори дохилии ягон механика ё дастгоҳи томи техникӣ фаҳмида мешавад, ба маънии маҷозиаш онро ҳамчун воҳиди сохтории низоми томе фаҳмидан мумкин аст, ки тавассути он ин ва ё он намуди кор иҷро карда мешавад [21, с. 32].

Масалан, А.В. Стремоухов вобаста ба механизми ҳимояи ҳуқуқи инсон қайд менамояд, ки он низоми серҳаракати меъёрҳои ҳуқуқ, восита ва чораҳо, ҳамчунин маҷмуи онҳо, амал ва ҳамкории мутақобилае, ки ба пешгирии поймолкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ё барқарор сохтани онҳо дар сурати вайронкунӣ равона шудаанд [22, с. 161], фаҳмида мешавад.

Олимони рус А.А. Безуглов ва С.А. Солдатов бошанд, ишора менамоянд, ки барои амалисозии самараноки ҳуқуқи инсон лозим аст, механизми иқтисодӣ-ҳуқуқии ҳимояи инсон ва шаҳрванд ҳамчун низоми восита ва омилҳои ба вуҷуд оварандаи шартҳои зарурии эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ташкил карда шавад. Сохтори ин механизм ба таври зайл ташкил карда

мешавад: меъёрҳои ҷамъиятӣ, рафтори ҳуқуқии субъектони ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд; ошкорогӣ; афкори ҷамъиятӣ; кафолатҳо; ҷавобгарӣ ва назорат [23, с. 330-331].

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо, механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон маҷмуи тарз, восита, усул ва чораҳои қонуние мебошанд, ки дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилидавлатӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ бунёд шуда, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин манфиатҳои қонунии аъзои ҷомеаро аз ҳаргуна дахолати беасос ва ғайриқонунӣ ҳимоя намуда, ҳамзамон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва манфиатҳои аъзои ҷомеаи поймолгаштаро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории миллӣ ва стандартҳои байналмилалӣ барқарор месозанд. Дар низоми илми механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба гурӯҳи механизмҳои миллии ҳимояи ҳуқуқи инсон дохил шуда, фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар байни мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон, ки фаъолияташон ба ҳимоя равона шудааст, ҷойи махсусро ишғол менамояд. Вазифаи аввалиндараҷаи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат ба ҳимояи ҳуқуқи инсон ва барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолгашта, инчунин расонидани ёрии ҳуқуқӣ мебошад, ки бевосита ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф карадааст, муайян карда шудааст.

**Муқарриз:** д.и.ҳ., профессор Мирализода И.Қ.

## ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ МЕХАНИЗМОВ ЗАЩИТЫ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА В ИНФОРМАЦИОННОМ ОБЩЕСТВЕ

**Ключевые слова:** право, свобода, человек, гражданин, гражданское общество, общественные организации, признание, соблюдение, охрана, защита, охрана прав, защита прав, охрана прав человека, защита прав человека, информация, информационное общество, информационная безопасность, Конституция.

**Аннотация.** Данная статья посвящена понятию и сущности механизмов защиты прав и свобод человека в информационном обществе. Согласно Основному закону страны, права и свободы человека имеют первостепенное значение. Конституционная норма требует, чтобы права и свободы человека не только признавались и соблюдались, но и охранялись и защищались. Одновременно с этим, в процессе анализа данной проблемы, рассматриваются и обсуждаются понятия информации, информационного общества и информационной безопасности с точки зрения правовой доктрины и законодательства страны.

**Сафарализода Далер Саидахтам** – кандидат юридических наук, ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета. E-mail: daler-safaraliev@mail.ru; Тел: (+992) 987-95-48-64.

## CONCEPT AND ESSENCE OF MECHANISMS FOR PROTECTING HUMAN RIGHTS AND FREEDOMS IN THE INFORMATION SOCIETY

**Keywords:** right, freedom, human, citizen, civil society, public organizations, recognition, observance, protection, safeguarding, safeguarding rights, protecting rights, safeguarding human rights, protecting human rights, information, information society, information security, Constitution.

**Abstract.** This article is devoted to the concept and essence of mechanisms for protecting human rights and freedoms in the information society. According to the country's Basic Law, human rights and freedoms are of paramount importance. The constitutional norm requires that human rights and freedoms not only be recognized and observed, but also protected and defended. At the same time, in the process of analyzing this issue, the concepts of information, the information society, and information security are considered and discussed from the perspective of the country's legal doctrine and legislation.

**Safaralizoda Daler Saidahtham** – candidate of legal sciences, assistant of the department of human rights and comparative law of the law faculty Tajik national University. E-mail: daler-safaraliev@mail.ru; Tel.: (+992) 987-95-48-64.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Миралиев И.Қ. Назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс: таҳқиқоти назариявӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ [Матн]: автореф. дис. … док.илм.ҳуқуқ. – Душанбе, 2024. – 57 с.

2. Стешенко Л.А., Шамба Т.М. Адвокатура дар Федератсияи Россия: китоби дарсӣ. – М.: «Норма», 2008. – 528 с.

3. Федотова Ю.Г. Демократияи электронӣ ҳамчун воситаи таъмини амнияти иттилоотии давлат // Ҳуқуқи иттилоотӣ. – 2016. – № 3. – С. 17-24.

4. Абдрахманов Д.В. Асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ҷомеаи иттилоотӣ дар Федератсияи Россия: дисс. ... ном.илм.ҳуқуқ. – Челябинск, 2022. – 244 с.

5. Снежко О.А. Таъмини ҳуқуқ ба иттилооти боэътимод дар фазои рақамӣ // Ҳуқуқи конститутсионӣ ва мунисипалӣ. – 2021. – № 6. – С. 38-43.

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» аз 10 майи соли 2002, №55 // [Захираи электронӣ]. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. Манбаи дастрасӣ: http://www.mmih.tj (санаи мурочиат: 19.01.2026).

7. Буклова З.К. Шуури ҳуқуқӣ дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ: таҳлили назариявӣ-ҳуқуқӣ: дисс... ном. илм. ҳуқуқ. – М., 2011. – 194 с.

8. Маҷидзода Ҷ.З., Холиқзода А.Ғ., Одиназода Р.С. Ҷавонон ва амнияти иттилоотӣ (дар масири ҷаҳонишавӣ). – Душанбе: «Маориф», 2019. – 240 с.

9. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст ва ба он 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. (Бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе, «Нашриёти Ганҷ». – 2016. – 136 с.

10. Раҳимзода М.С. Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ: вазъи батанзимдарории ҳуқуқӣ, амалия ва дурнамои инкишофи он: дис. …ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 245 с.

11. Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон: китоби дарсӣ. – Душанбе: «Эр-граф», 2023. – 480 с.

12. Искандаров Ш.Ф. Ташаккул ва рушди институтҳои давлатии махсусгардонидашудаи ҳифзи ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2018. – 256 с.

13. Анисимов П.В., Папичев Н.В. Танзими ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи инсон. – Волгоград: «АО ВКД-и Россия», 2003. – 176 с.

14. Абрамов В.И. Таносуби мафҳумҳои «ҳифз» ва «ҳимоя» // Давлат ва ҳуқуқ. – 2006. – № 6. – С. 68-74.

15. Витрук Н.В. Асосҳои назарияи мақоми ҳуқуқии шахсият дар ҷомеаи сотсиалистӣ. – М.: «Наука», 1979. – 229 с.

16. Ростовшиков И.В. Ҳуқуқҳои шахс дар Россия: таъмини онҳо ва ҳифзи онҳо аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ. – Волгоград: «Наука», 1997. – 192 с.

17. Ожегов С.И. Луғати забони русӣ / зери таҳрири Н.Ю. Шведова. – нашри 23-юм. – М.: «Азъ», 1992. – 907 с.

18. Воеводин Л.Д. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои конститутсионии шаҳрвандони шӯравӣ. – М.: «Нашриёти Донишгоҳи давлатии Москва», 1972. – 300 с.

19. Саъдизода Ҷ. Ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2017. – 197 с.

20. Диноршоев А.М. Асосҳои конститутсионии ҷудоии ҳокимиятҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография. – Душанбе: «Голд- принт», 2007. – 200 с.

21. Искандаров З.Ҳ. Ҳуқуқи инсон ва механизми миллии ҳимояи он. – Душанбе: «Ирфон», 2007. – 100 с.

22. Стремоухов А.В. Ҳимояи ҳуқуқии инсон. – М.: «Донишгоҳ», 2007. – 279 с.

23. Безуглов А.А., Солдатов С.А. Ҳуқуқи конститутсионии Россия. – М.: «Профобразование», 2003. – 831 с.

**Список литературы:**

1. Миралиев И.К. Теория и практика международных и национальных отношений государства и личности: теоретико-методологическое и сравнительно-правовое исследование [Текст]: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2024. – 57 с.

2. Стешенко Л.А., Шамба Т.М. Адвокатура в Российской Федерации: учебник. – М.: «Норма», 2008. – 528 с.

3. Федотова Ю.Г. Электронная демократия как средство обеспечения информационной безопасности государства // Информационное право. – 2016. – № 3. – С. 17-24.

4. Абдрахманов Д.В. Конституционно-правовые основы информационного общества в Российской Федерации: дисс... канд.юрид.наук. – Челябинск, 2022. – 244 с.

5. Снежко О.А. Обеспечение права на достоверную информацию в цифровом пространстве // Конституционное и муниципальное право. – 2021. – № 6. – С. 38-43.

6. Закон Республики Таджикистан «Об информации» от 10 мая 2002 года, №55 // [Электронный ресурс]. Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Версия 7.0. Режим доступа: http://www.mmih.tj (дата обращения: 19.01.2026).

7. Буклова З.К. Правосознание в современном информационном обществе: теоретико-правовой анализ: дисс... канд. юрид. наук. – М., 2011. – 194 с.

8. Маджидзода Дж.З., Холикзода А.Г., Одиназода Р.С. Молодёжь и информационная безопасность (в условиях глобализации). – Душанбе: «Маориф», 2019. – 240 с.

9. Конституция Республики Таджикистан принята 6 ноября 1994 года путем всенародного референдума, и в неё были внесены изменения и дополнения посредством всенародного референдума 26 сентября 1999 года, 22 июня 2003 года и 22 мая 2016 года. (На таджикском и русском языках). – Душанбе: «Нашриёти Ганч». – 2016. – 136 с.

10. Рахимзода М.С. Государственная защита участников уголовного процесса: состояние правового регулирования, практика и перспективы его развития: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2020. – 245 с.

11. Механизмы защиты прав человека: учебник. – Душанбе: «Эр-граф», 2023. – 480 с.

12. Искандаров Ш.Ф. Становление и развитие государственных специализированных правозащитных институтов по правам человека в Таджикистане: дис. ...канд. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 256 с.

13. Анисимов П.В., Папичев Н.В. Правовое регулирование защиты прав человека. – Волгоград: «ВА МВД России», 2003. – 176 с.

14. Абрамов В.И. Соотношение понятий «охрана», «защита» // Государство и право. – 2006. – № 6. – С. 68-74.

15. Витрук Н.В. Основы теории правового положения личности в социалистическом обществе. – М.: «Наука», 1979. – 229 с.

16. Ростовщиков И.В. Права личности в России: их обеспечение и защита органами внутренних дел. – Волгоград: «Наука», 1997. – 192 с.

17. Ожегов С.И. Словарь русского языка / Под ред. Н.Ю. Шведовой. – 23-е изд. – М.: «Азъ», 1992. – 907 с.

18. Воеводин Л.Д. Конституционные права и обязанности советских граждан. – М.: «Изд-во Моск. ун-та», 1972. – 300 с.

19. Саъдизода Дж. Формирование культуры прав человека в условиях построения правового государства в Таджикистане: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2017. – 197 с.

20. Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан. Монография. – Душанбе: «Голд- принт», 2007. – 200 с.

21. Искандаров З.Х. Права человека и национальный механизм их защиты. – Душанбе: «Ирфон», 2007. – 100 с.

22. Стремоухов А.В. Правовая защита человека. – М.: «Университет», 2007. – 279 с.

23. Безуглов А.А., Солдатов С.А. Конституционное право России. – М.: «Профобразование», 2003. – 831 с.

**List of literature:**

1 Miraliev I.K. Theory and practice of international and national relations between the state and the individual: theoretical-methodological and comparative-legal research [Text]: abstract of the dis… doc. of legal sciences. – Dushanbe, 2024. – 57 p.

2. Steshenko L.A., Shamba T.M. Advocacy in the Russian Federation: textbook. – M.: «Norma», 2008. – 528 p.

3. Fedotova Yu.G. Electronic democracy as a means of ensuring the information security of the state // Information Law. – 2016. – №3. – P. 17-24.
4. Abdrakhmanov D.V. Constitutional and legal foundations of the information society in the Russian Federation: dis. … cand. of legal sciences. – Chelyabinsk, 2022. – 244 p.
5. Snezhko O.A. Ensuring the right to reliable information in the digital space // Constitutional and municipal law. – 2021. – №6. – P. 38-43.
6. Law of the Republic of Tajikistan «On Information» from 10 May 2002, №55 // [Electronic resource]. Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan «Adliya». Version 7.0. Access mode: http://www.mmih.tj (date of access: 19.01.2026).
7. Buklova Z.K. Legal consciousness in the modern information society: theoretical-legal analysis: dis…. Cand. of legal sciences. – M., 2011. – 194 p.
8. Madjidzoda J.Z., Holiqzoda A.G., Odinazoda R.S. Youth and information security (in the context of globalization). – Dushanbe: «Maorif», 2019. – 240 p.
9. Constitution of the Republic of Tajikistan adopted on November 6, 1994 by nationwide referendum, and amended and supplemented by nationwide referendums on September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016 (in Tajik and Russian). – Dushanbe: «Nashriyoti Ganj». – 2016. – 136 p.
10. Rahimzoda M.S. State protection of participants in criminal proceedings: the state of legal regulation, practice and prospects for its development: dis. … candidate of legal sciences. – Dushanbe, 2020. – 245 p.
11. Mechanisms for the protection of human rights: textbook. – Dushanbe: «Er-graf», 2023. – 480 p.
12. Iskandarov Sh.F. Formation and development of state specialized human rights institutions in Tajikistan: dis. … of candidate of legal sciences. – Dushanbe, 2018. – 256 p.
13. Anisimov P.V., Papichev N.V. Legal regulation of human rights protection. – Volgograd: «VA of the Ministry of Internal Affairs of Russia», 2003. – 176 p.
14. Abramov V.I. Correlation of the concepts «protection» and «defense» // State and Law. – 2006. – №6. – P. 68–74.
15. Vitruk N.V. Foundations of the theory of the legal status of the individual in a socialist society. – M.: «Nauka», 1979. – 229 p.
16. Rostovshchikov I.V. Individual rights in Russia: their provision and protection by internal affairs bodies. – Volgograd: «Nauka», 1997. – 192 p.
17. Ozhegov S.I. Dictionary of the Russian Language / Ed. by N.Yu. Shvedova. – 23rd ed. – Moscow: «Az», 1992. – 907 p.
18. Voevodin L.D. Constitutional rights and duties of soviet citizens. – M.: «Publishing House of Moscow University», 1972. – 300 p.

19. Sa'dizoda J. Formation of a human rights culture in the conditions of building a rule-of-law state in Tajikistan: dis. of candidate of legal sciences. – Dushanbe, 2017. – 197 p.
20. Dinorshoev A.M. Constitutional foundations of the separation of powers in the republic of tajikistan. Monograph. – Dushanbe: «Gold-Print», 2007. – 200 p.
21. Iskandarov Z.H. Human Rights and the national mechanism for their protection. – Dushanbe: «Irfan», 2007. – 100 p.
22. Stremoukhov A.V. Legal protection of the person. – M.: «University», 2007. – 279 p.
23. Bezuglov A.A., Soldatov S.A. Constitutional Law of Russia. – M.: «Profobrazovanie», 2003. – 831 p.



**ТДУ:** 340.12
**Шоҳиён Давлаталӣ Амир,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, факултети сиёсат ва идораи давлатӣ
Тел.: (+992) 918-44-19-90
E-mail: davlatalishohiyon@gmail.com.

## АҲАМИЯТИ ТАРБИЯИ ПСИХОЛОГӢ-ҲУҚУҚИИ МАҲКУМШУДАГОН

**Калидвожа:** тарбияи ҳуқуқӣ, мафкураи мусбии маҳкумшудагон, рафтори шахси маҳкумшуда, ҷамъиятӣ шудани ҳуқуқии шахс, муассисаҳои ислоҳӣ, рафтори шахсият, ташаккули шуури ҳуқуқӣ, эҳтиром ба қонун, ислоҳ ва аз нав тарбиякунӣ.

**Аннотатсия.** Тарбияи ҳуқуқии маҳкумшудагон ҷузъе аз тарбияи ҳуқуқӣ мебошад, ки ҳамчун фаъолияти мунтазами давлат, намояндагони он, созмонҳои ҷамъиятӣ ва ҳатто худи шаҳрвандон ба ҳисоб рафта, дар натиҷа барои ташаккули андешаи мусбии устувор дар мардум мусоидат менамояд. Барои он ки моҳияти тарбияи ҳуқуқии маҳкумшудагонро равшан кунем ва барои он таърифи дақиқ ва дурусте тартиб диҳем, бояд ба асосҳои назарияи умумӣ ва қоидаҳои ҷамъбаст дар бораи худи мафҳуми «тарбияи ҳуқуқӣ» ва тарзи таъриф додани он муроҷиат намоем. Дар раванди тарбияи ҳуқуқӣ идоракунии мақсадноки инкишофи шуури ҳуқуқии шахсият, бартараф кардани зиддиятҳое, ки дар натиҷаи муносибати мураккаби омилҳои берунию дохилӣ ба вуқуъ мепайвандад, сурат мегирад.

Нисбати шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, давлат ногузир чораҳои маҷбурии мақсаднок ба кор мебарад, то ки инсон дар зиндагии ояндааш амалҳои зиддиқонунӣ анҷом надиҳад. Ба ҷавобгарии ҷинояти кашидани шахс дар баъзе одамон сатҳи баланди ташвиш, эҳсоси ноумедиеро дар тамоми роҳу равиши зиндагии онҳо ба вуҷуд меорад. Самаранокии татбиқи ҷазои ҷиноятӣ вобаста ба сатҳи ташкили тарбияи ҳуқуқӣ дар ҷойҳои маҳруми аз озодӣ мебошад.

Ташаккули мафкураи мусбии маҳкумшудагон, инчунин иҷрои талаботи меъёрҳои иҷтимоӣ, тибқи санадҳои меъёри ҳуқуқӣ амал кардани онҳо вазифаи муҳимтарини кори тарбиявии муассисаҳои ислоҳӣ мебошад. Ин кор барои он ташкилу иҷро карда мешавад, ки маҳкумшудагон қобилияти бозгашт ба зиндагии шоиста ва барои ҷомеа фоидаоварро пайдо кунанд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло самараи муборизаи зидди ҷинояткорӣ на танҳо ба мувофиқ будани тадбирҳои меъёрию ҳуқуқии татбиқшаванда вобаста аст, балки аз саъю кӯшиши мақсаднок бобати ташаккул додани шуури ҳуқуқии маҳкумшудагон, ки аксар вақт норавою каҷрафтор гардидааст, низ вобастагӣ дорад [1, с. 73]. Чунин ба назар мерасад, ки тарбияи ҳуқуқӣ воситаи муҳимми бартараф кардани чунин норасоӣ ба шумор рафта, дар натиҷа рафтори шахси маҳкумшуда рӯ ба беҳбудӣ меорад.

Вазифаи иҷтимоии тарбияи ҳуқуқӣ дар ҳалли мушкилоти дубора тарбия намудани шахсоне, ки қонунро вайрон карда, аз ҷамъият дур мондаанд, зоҳир мегардад [2, с. 54]. Бинобар ҳамин, тадқиқу таҳқиқи мафҳуми тарбияи ҳуқуқӣ ва мундариҷаи тарбияи ҳуқуқӣ дар маҳкумшудагон аҳамияти муҳимми илмӣ дорад. Дар натиҷа, мафҳуми «тарбияи ҳуқуқӣ» на танҳо маҳдуд ба омӯзиши қонунҳо, балки дар бар гирифтани ташаккули шуури ҳуқуқӣ, эҳтиром ба қонун, тарбияи маданияти ҳуқуқӣ ва тайёр кардани онҳо барои зиндагӣ дар байни ҷамъият баъд аз адои ҷазо мебошад. Таҳқиқи чунин масъалаҳо барои ташаккули назарияҳои нав ва усулҳои самараноки тарбия дар ҷойҳои маҳруми аз озодӣ зарур аст.

Тарбияи ҳуқуқии маҳкумшудагон ҷузъе аз тарбияи ҳуқуқӣ мебошад, ки ҳамчун фаъолияти мунтазами давлат, намояндагони он, созмонҳои ҷамъиятӣ ва ҳатто худи шаҳрвандон ба ҳисоб рафта, дар натиҷа барои ташаккули андешаи мусбии устувор дар мардум мусоидат менамояд. Барои он ки моҳияти тарбияи ҳуқуқии маҳкумшудагонро равшан кунем ва барои он таърифи дақиқ ва дурусте тартиб диҳем, аввал бояд ба асосҳои назарияи умумӣ ва қоидаҳои ҷамъбаст дар бораи худи мафҳуми «тарбияи ҳуқуқӣ» ва тарзи таъриф додани он муроҷиат намоем.

Ба ибораи дигар, барои дарки дурусти падидаи «тарбияи ҳуқуқии маҳкумшудагон», аввалан зарур аст, онро дар заминаи мафҳуми умумии «тарбияи ҳуқуқӣ», ки ҳамчун як асоси назарӣ дар илми ҳуқуқ маъруф аст, таҳлил намуд. Яъне, бояд хусусиятҳои асосӣ ва ҳадафҳои умумии ин равандро фаҳмид. Баъдан, бо истифода аз ин асосҳои назарӣ ва умумӣ, метавон ба таҳлили

ҷиҳатҳои мушаххаси худи падидаи «тарбияи ҳуқуқии маҳкумшудагон» – яъне он чизҳое, ки онро аз тарбияи ҳуқуқии умумӣ фарқ мекунанд, гузашт. Зеро фаъолияти тарбияи ҳуқуқӣ дар ҷойҳои маҳруми аз озодӣ ва хусусиятҳои шуури ҳуқуқии худи маҳкумон хусусияти хос доранд. Ин хосиятҳо аз ҷумла дар доираи маҳдуди субъектҳо (кормандони муассисаҳои ислоҳӣ) ва объектҳо (худи маҳкумон), воситаи махсуси тарбиявӣ, шаклҳои татбиқ (дарсҳои ҳатмӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ)ва усулҳои ба ин мувофиқ тарбияи ҳуқуқӣ намоён мешавад. Бо истифода аз усули умумиилмии аз маълумоти аз куллӣ ба ҷузъи гузаштан, мо метавонем ба таври назарявӣ ба тавсифи дақиқи мафҳуми «тарбияи ҳуқуқии маҳкумшудагон» ноил шавем. Яъне, аввал тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун як мафҳуми куллӣ ва аз ҷониби умум қабулшуда муайян карда мешавад, ки дорои хусусиятҳои умумӣ (масалан, ҳадаф, воситаҳо, субъектҳо ва объектҳо) мебошад. Сипас, аз рӯи ин устувориҳои куллӣ, хусусиятҳои тарбияи ҳуқуқӣ дар ҷойҳои маҳруми аз озодӣ, ки ба воситаи ҷузъиёти воқеаи “маҳкум” ба вуҷуд меояд ба таври алоҳида мушаххас ва тавзеҳ дода мешавад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ тарбияи ҳуқуқӣ аз нуқтаҳои назари гуногун баррасӣ мешавад. Агар аз назари Н.Ф. Рябко, «тарбияи ҳуқуқӣ усули мунтазам ва мақсадноки таъсиррасони ба шуур ва рафтори шахс» бошад [3, с. 11]. Е.В. Татаринтсев, ки методологияи тарбияи ҳуқуқиро омӯхтааст, чунин мешуморад, ки «тарбияи ҳуқуқӣ барои таъмини рафтори мувофиқ ба ниёзҳо, манфиатҳо ва арзишҳои ҷомеаи башардӯстона, ки бояд дар низоми ҳуқуқии мо таҷассум ёбад, пешбинӣ шудааст» [4, с. 20]. Муҳаққиқон тарбияи ҳуқуқиро, ки асоси тарбияи иҷтимоӣ-меъёрӣ ба шумор меравад, мутобиқи он бори гароне, ки ҳуқуқ дар ҷамъият ҳамчун воситаи танзими муносибатҳои ҳаётан муҳим мебардорад, меъёрию-ҳуқуқӣ медонанд. Василаи бартараф намудани ин масъала дар фаъолияти тарбиявӣ, пайвастагии тарбияи ҳуқуқӣ, сиёсӣ-идеологӣ, меҳнатӣ, ахлоқӣ дар як чаҳорчӯбаи муайян мебошад.

Нақши тарбияи ҳуқуқиро дар ташаккул ва бозсозии психология ва рафтори шахсият рад накарда, Н.И. Козюбра қайд менамояд, ки тарбияи ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, фаъолияти мунтазам ва мақсаднок мебошад, ки ба шуури ҳуқуқӣ ва рафтори шаҳрвандон, ба тарбияи ҳуқуқии онҳо таъсири муайян мерасонад [5, с. 13]. Дар ҳақиқат дар раванди тарбияи ҳуқуқӣ идоракунии мақсадноки инкишофи ҳуқуқии шахсият, бартараф кардани зиддиятҳое, ки дар натиҷаи муносибати мураккаби омилҳои берунию дохилӣ ба вуқуъ мепайвандад, сурат мегирад.

Т.В. Синюков, ки ба таҳқиқ ва таърифи мафҳуми тарбияи ҳуқуқӣ машғул шудааст, чунин мепиндорад, дар таъинушарҳи ин мафҳум зарур аст, ки тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолияти мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар мавриди интиқоли таҷрибаву дониши ҳуқуқӣ бо мақсади ташаккули тасаввуроту назарияҳои муайяни мусбат, ки риоя, иҷро ва истифодаи дурусти меъёрҳои ҳуқуқиро дар рафтори иҷтимоӣ таъмин менамоянд, ба назар гирифта шавад [6, с. 337].

Раванди тарбияи ҳуқуқӣ мавриди таҳлили махсуси А.В. Пишелко қарор мегирад. Вай тасдиқ мекунад, ки «тарбияи ҳуқуқӣ имкониятҳои мусбати ахлоқии шахсро мустаҳкам намуда, онҳоро ба амал табдил медиҳад» [7, с. 104].

Дар педагогикаи ислоҳӣ тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ ба тағйири низоми назорату эътиқодҳои маҳкумшуда баррасӣ мешавад [8, с. 63].

Дар ҷойҳои маҳруми аз озодӣ ҳамон афроде, ки аз назари иҷтимоӣ ва ахлоқӣ бепарвоӣ зоҳир намудаанд, ва инчунин шахсоне, ки дидаю дониста ва ё аз беэҳтиёти қонунро вайрон кардаанд, ҷамъ оварда мешаванд.

Ислоҳ ва аз нав тарбия кардани маҳкумшудагон мураккаб ва бисёртарафа буда, ба кӯшишҳои мақсаднок ва фаъолияти як қатор субъектҳо оид ба интиқоли фарҳанги ҳуқуқӣ вобаста аст [9, с. 346].

Чунин равиш бо мушкилиҳо ба назар мерасад, зеро ҳодисаи ниҳоии тарбияи ҳуқуқӣ ташаккули маданияти ҳуқуқӣ мебошад, бартарии он дар ҳамин аст. Тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун раванди амалан доиршавандаи ноил шудан ба ин ҳадаф баромад мекунад.

В.В. Касянова ва В. Н. Нечирпуренко таъкид мекунанд, ки «дараҷаи инкишофи шахсӣ бештар ба сифати тарбияи ҳуқуқӣ вобаста аст» [10, с. 322]. Ба гуфтаи Н.С. Малеина, тарбияи ҳуқуқӣ натанҳо модели идеалӣ, балки раванди ба таври реалистӣ амалӣ гардонидани тарбияи шуури ҳуқуқии шахс мебошад ва инкишофи шахсро дар соҳаи ҳуқуқ бе донистани асосҳои ҳуқуқ тасаввур кардан мумкин нест [11, с. 81]. Муҳаққиқон бештар кӯшиш намудаанд, ки дар такя ба унсурҳои муҳими тарбияи ҳуқуқӣ чун: «таъмини рафтори мувофиқ ба ниёзҳо, манфиатҳо ва арзишҳои ҷомеаи башардустона, фаъолияти мунтазам ва мақсаднок, натанҳо модели идеалӣ, балки раванди ба таври реалистӣ амалӣ гардонидани тарбияи ҳуқуқии шахс» мафҳуми тарбияи ҳуқуқиро пешниҳод намоянд.

В.Д. Перевалов мафҳуми «тарбияи ҳуқуқӣ»-ро ҳам ба маънои васеъ ва ҳам ба маънои маҳдуд шарҳ медиҳад. Ба маънои васеъ ӯ ба ҷамъиятӣ шудани ҳуқуқии шахс, вақте ки онҳо аз ҷониби муҳити атроф дар маҷмӯъ тарбия мешаванд, ишора мекунад. Тарбияи ҳуқуқӣ ба маънои маҳдуд бо мақсаднокиаш барои баланд бардоштани маданияти ҳуқуқии инсон, гурӯҳи одамон ва умуман ҷамъият диққати калон дода мешавад [12, с. 200]. Вақте, ки ин мафҳумҳо бо тарбияи ҳуқуқӣ дар ҷойҳои маҳруми аз озодӣ муқоиса мешаванд ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар навбати аввал «муҳит» барои маҳкумшудагон муҳити пӯшида ва ҷудошуда мебошад. Дар ин муҳит ҳамроҳи фаъолияти кормандони муассисаҳои ислоҳӣ, макони дорои олами маънавии махсуси маҳбусон, урфу одатҳои махсус ва ғайра ба мазмуни манфӣ хос буда, ба тарбияи ҳуқуқӣ мусоидат када наметавонад.

Тарбияи ҳуқуқӣ дар ҷойҳои маҳруми аз озодӣ на он қадар ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии маҳкумшудагон, балки ба ислоҳ ва тавзеҳу тарбияи такрории маҳкумшудагон равона карда шудааст. Аз ин рӯ, ҳангоми тарҳрезии мафҳуми тарбияи ҳуқуқӣ дар ҷойҳои маҳруми аз озодӣ зарур аст, ки хусусиятҳои ташкили тарбияи ҳуқуқӣ барои маҳкумшудагон, ҳадафҳои он ва вазъияти махсуси объектҳои таъсири тарбиявии маҳкумшудагон ба назар гирифта шаванд.

А.А. Мусаткина мазмуни маҳдуду васеи тарбияи ҳуқуқиро аз нуқтаи назари дигар фарқ мекунад. Ба ақидаи ӯ, тарбияи ҳуқуқӣ ба маънои маҳдуд «бо татбиқи вазифаи тарбиявии ҳуқуқ алоқаманд аст» ва «ба маънои васеъ (маънои педагогӣ-ҳуқуқӣ) мафҳуми раванди махсус ташкил ва назоратшавандаи ташаккули шахсият бо воситаҳои ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби субъектҳои махсус дар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ амалӣ карда мешавад, фаҳмида мешавад» [13, с. 305].

П.П. Баранов низ ба ҷониби педагогии тарбияи ҳуқуқӣ ишора мекунад. Ӯ тарбияи ҳуқуқиро чун «раванди мақсаднок, муташаккил, назоратшаванда ва омодакардашудаи педагогии таъсиррасонӣ ба шуури ҳуқуқии шахсон ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ки ба воситаи системаи шаклу воситаҳои махсуси тарбияи ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешаванд» [14, с. 485].

Аз мафҳумҳои умумии тарбияи ҳуқуқии болозикр метавон хусусиятҳои тарбияи ҳуқуқӣ дар ҷойҳои маҳруми аз озодиро муайян намуд. Он албатта, хусусияти мақсаднок дорад, аммо мақсадҳои хоси худро дар назар дорад.

Тарбияи ҳуқуқӣ дар ҷойҳои маҳруми аз озодӣ нисбат ба маҳкумшудагон гузаронида шуда, ба мақсадҳои ҷазои ҷинояти тобеъ аст, зеро маҳрум кардан аз озодӣ танҳо ба унвони ҷазои ҷиноятӣ барои содир кардани ҷиноят имконпазир аст.

Мақсадҳои ҷазои ҷиноятӣ дар қисми 2 моддаи 46 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбини шудааст: «Барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳи маҳкумшуда, инчунин пешгирии содиргардидани ҷиноятҳои нав» [15].

Иловатан, тарбияи ҳуқуқӣ низ ба мақсадҳои қонунгузории ҷиноятӣ: «ислоҳи маҳкумшудагон, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳо ва мусоидат ба ҳамоҳангшавии иҷтимоии маҳкумон» (моддаи 1 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Аз ин хотир, метавон қайд кард, ки тарбияи ҳуқуқӣ дар ҷойҳои маҳруми аз озодӣ - ин раванди мақсаднок аст, ки махсусан барои ноил шудан ба мақсадҳои ҷазои ҷиноӣ дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ, инчунин ҳадафҳои қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ташкил дода мешавад. Тарбияи ҳуқуқӣ дар ҷойҳои маҳруми аз озодӣ ба ислоҳу такрори тарбия кардан, ҳамоҳангшавии иҷтимоии маҳкумшудагон равона карда шудааст.

**Муқарриз:** н.и.ҳ. Аминзода А.Х.

## ВАЖНОСТЬ ПСИХОЛОГИЧЕСКИ-ПРАВОВОГО ВОСПИТАНИЯ ОСУЖДЁННЫХ

**Ключевые слова:** правовое образование, позитивная идеология осуждённых, поведение осуждённого, правовая социализация личности, исправительные учреждения, личностное поведение, формирование правового сознания, уважение к закону, исправление и перевоспитание.

**Аннотация.** Правовое воспитание осуждённых является составной частью правового воспитания, которое рассматривается как регулярная деятельность государства, его представителей, общественных организаций и даже самих граждан и, как следствие, способствует формированию устойчивого позитивного мнения среди населения. Для того чтобы прояснить сущность правового воспитания осуждённых и сформулировать для него точное и правильное определение, необходимо обратиться к основам общей теории и правилам обобщения, касающимся самого понятия «правовое воспитание» и способов его определения. В процессе правового воспитания осуществляется целенаправленное

управление развитием правового сознания личности, устраняются противоречия, возникающие в результате сложного взаимодействия внешних и внутренних факторов.

**Шохиён Давлатали Амир** – ассистент кафедры права и государственного управления факультета политики и государственного управления Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. E-mail: davlatalishohiyon@gmail.com; Тел: (+992) 918-44-19-90.

**THE IMPORTANCE OF PSYCHOLOGICAL-LEGAL EDUCATION OF CONVICTS**

**Keywords:** legal education, positive ideology of convicts, behavior of a convicted person, legal socialization of a person, correctional institutions, personality behavior, formation of legal consciousness, respect for the law, correction and re-education.

**Abstract.** Legal education of convicted persons is a component of legal education, which is considered a regular activity of the state, its representatives, public organizations, and even citizens themselves, and as a result, contributes to the formation of a stable positive opinion among the people. In order to clarify the essence of the legal education of convicted persons and to formulate a precise and correct definition for it, we must turn to the foundations of the general theory and the rules of generalization regarding the very concept of «legal education» and how to define it. In the process of legal education, targeted management of the development of the legal consciousness of the individual takes place, eliminating contradictions that arise as a result of the complex interaction of external and internal factors.

**Shohiyon Davlatali Amir** – assistant of the law and public administration department of the faculty of politics and public administration of the Bohtar state university named Nosir Husrav. E-mail: davlatalishohiyon@gmail.com; Tel.: (+992) 918-44-19-90.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Завадский Л.И. Механизми татбиқи ҳуқуқ. – М.: «Наука», 1992. – 288 с.
2. Гуров А.И. Ҷинояти касбӣ. – М.: «Статут», 1990. – 304 с.
3. Рябко Н.Ф. Асосҳои ҳуқуқи педагогӣ. – Ростов-на-Дону: «Нашриёти Донишгоҳи Ростов», 1973. – 157 с.
4. Татаринтсева Е.В. Тарбияи ҳуқуқӣ. – М.: «Высш.шк.», 1990. – 175 с.
5. Козюбра Н.И. Тарбияи ҳуқуқӣ ва фаъолнокии иҷтимоии аҳолӣ. – Киев: «Наукова думка», 1973. – 327 с.
6. Матузов Н.И. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – М.: «Норма», 1998. – 528 с.
7. Пишелько А.В. Асосҳои иҷтимоию педагогии аз нав тарбия намудани маҳкумшудагон. – М.: «Нашриёти Мос.», 1992. – 209 с.
8. Байдаков Г.П., Буданов А.В., Василев В.В. Педагогикаи ислоҳӣ (пенитенсиарӣ). – М.: «Нашриёти РВШ ВКД Федератсияи Россия», 1996. – 398 с.
9. Карелский В.М., Перевалов В.Д. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – М.: «Юрайт», 1999. – 616 с.
10. Касянов В.В., Нечипуренко В.Н. Сотсиологияи ҳуқуқ. – Ростов н/д: «Феникс», 2002. – 442 с.
11. Малеин Н.С. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва адолат. – М.: «Юрид. лит.», 1992. – 218 с.
12. Перевалов В.Д. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – М.: «Юрайт», 2005. – 341 с.
13. Малько А.В. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – М.: «Юристъ», 2006. – 528 с.
14. Баранов П.П. Дониши ҳуқуқӣ ва таҳсилоти ҳуқуқӣ // Назарияи умумии ҳуқуқ. – Новгород: «Юрид. лит.», 1993. – 528 с.
15. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, №574 // [Захираи электронӣ]. Сомонаи расми Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Манбаи дастрасӣ: http : // mmk .tj. (санаи муроҷиат: 06.10.2025).

**Список литературы:**

1. Завадский Л.И. Механизм реализации права. – М.: «Наука», 1992. – 288 с.
2. Гуров А.И. Профессиональное преступление. – М.: «Статут», 1990. – 304 с.
3. Рябко Н.Ф. Основы педагогического права. – Ростов-на-Дону: «Изд-во Ростовского ун-та», 1973. – 157 с.
4. Татаринцева Е.В. Правовое воспитание. – М.: «Высш.шк.», 1990. – 175 с.
5. Козюбра Н.И. Правовое воспитание и социальная активность населения. – Киев: «Наукова думка», 1973. – 327 с.

6. Матузов Н.И. Теория государства и права. – М.: «Норма», 1998. – 528 с.

7. Пищелько А.В. Социально-педагогические основы нравственного перевоспитания осужденных. – М.: «Мос. издание», 1992. – 209 с.

8. Байдаков Г.П., Буданов А.В., Васильев В.В. Исправительная (пенитенциарная) педагогика. – М.: «Изд-во РВШ МВД РФ», 1996. – 398 с.

9. Карельский В.М., Перевалов В.Д. Теория государства и права. – М.: «Юрайт», 1999. – 616 с.

10. Касьянов В.В., Нечипуренко В.Н. Социология права. – Ростов н/д: «Феникс», 2002. – 442 с.

11. Малеин Н.С. Юридическая ответственность и справедливость. – М.: «Юрид. лит.», 1992. – 218 с.

12. Перевалов В.Д. Теория государства и права. – М.: «Юрайт», 2005. – 341 с.

13. Малько А.В. Теория государства и права. – М.: «Юристъ», 2006. – 528 с.

14. Баранов П.П. Правовое знание и юридическое образование // Общая теория права. – Новгород: «Юрид. лит.», 1993. – 528 с.

15. Уголовный кодекс Республики Таджикистан от 21 мая 1998 года, №574 // [Электронный ресурс]. Официальный сайт Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Режим доступа: http://mmk.tj (дата обращения: 06.10.2025).

**List of literature:**

1 Zavadsky L.I. Mechanism of the implementation of law. – M.: «Nauka», 1992. – 288 p.

2. Gurov A.I. Professional crime. – M.: «Statut», 1990. – 304 p.

3. Ryabko N.F. Foundations of pedagogical law. – Rostov-on-Don: «Publishing House of Rostov University», 1973. – 157 p.

4. Tatarintseva E.V. Legal education. – M.: «Vyssh. shkol.», 1990. – 175 p.

5. Kozyubra N.I. Legal Education and social activity of the population. – Kyiv: «Naukova Dumka», 1973. – 327 p.

6. Matuzov N.I. Theory of state and law. – M.: «Norma», 1998. – 528 p.

7. Pishchelko A.V. Socio-pedagogical foundations of the moral re-education of convicts. – M.: «Mos. Izdanie», 1992. – 209 p.

8. Baidakov G.P., Budanov A.V., Vasilyev V.V. correctional (penitentiary) pedagogy. – M.: «Publishing House of the Higher School of the Ministry of Internal Affairs of the Russian Federation», 1996. – 398 p.

9. Karelsky V.M., Perevalov V.D. Theory of state and law. – M.: «Yurait», 1999. – 616 p.

10. Kasyanov V.V., Nechipurenko V.N. Sociology of law. – Rostov-on-Don: «Phoenix», 2002. – 442 p.

11. Malein N.S. Legal responsibility and justice. – M.: «Yurid. lit.», 1992. – 218 p.

12. Perevalov V.D. Theory of state and law. – M.: «Yurait», 2005. – 341 p.

13. Malko A.V. Theory of state and law. – M.: «Yurist», 2006. – 528 p.

14. Baranov P.P. Legal knowledge and legal education // General theory of law. – Novgorod: «Yurid. lit.», 1993. – 528 p.

15. Criminal Code of the Republic of Tajikistan of May 21, 1998, No. 574 // [Electronic resource]. Official website of the National center of legislation under the President of the Republic of Tajikistan. Access mode: http://mmk.tj (date of access: 06.10.2025).



**ТДУ:** 343.352.4
**Арабҷонов Шодимурод Арабҷонович,**
сармутахассиси шуъбаи қонунгузории гражданӣ, соҳибкорӣ ва оилавии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
E-mail: farajon0199@gmail.com
Тел.:(+992) 929-66-16-99.

# КОРРУПСИЯ – ОМИЛИ ТАҲДИДКУНАНДА ВА СУСТКУНАНДАИ ПОЯҲОИ ДАВЛАТ

**Калидвожаҳо**: коррупсия, қонун, ҷавобгарӣ, ҷиноят, ришвагирӣ, гирифтани пора, муқовимат ба коррупсия.

**Аннотатсия.** Дар мақолаи мазкур мушкилоти глобалии ҷаҳони имрӯза коррупсия ва омилҳои коррупсионӣ таваҷҷуҳи олимони зиёди ҷаҳонро ба миён овардааст. Аз ҷониби олимон сабабҳои зуҳури он дар ҷомеаи имрӯза таҳқиқ гардидааст. Муаллиф қайд менамояд, ки яке аз заминаҳои асосии муқовимат бо ин зуҳуроти номатлуб пешгирӣ кардани кирдорҳои коррупсионӣ аз ҷониби ҳар як шаҳрванди кишвар ба роҳ монда шавад.

**«Коррупсия зуҳуроти номатлуб ва барои ҷомеа хатарнок ба ҳисоб рафта, мубориза бар зидди он вазифаи асосии мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як сокини кишвар мебошад. Аз ин лиҳоз, барои пешгирӣ кардани кирдорҳои коррупсионӣ, фароҳам овардани фазои оштинопазир ба он ва ба ин раванд ҷалб намудани тамоми мақомоти давлатӣ, воситаҳои ахбори омма ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷониби субъектҳои мубориза бар зидди коррупсия бояд чораҷӯӣ карда шавад».**

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.**

Дар ҷаҳони муосир дар қатори дигар зуҳуроти хавфнок, аз қабили терроризм, экстремизм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, инчунин масъалаи дигари мубрам ва доғи рӯз ин фасод ё худ коррупсия мебошад. Коррупсия ва дигар амалҳои дорои хусусияти коррупсионӣ барои рушди иқтисодиёт ва некӯаҳволии мардум, амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, суботу оромии ҳар як кишвар монеа эҷод намуда, хавфи аз ҳама калон – нобоварии мардумро нисбат ба мақомоти давлатӣ ба бор меорад.

Коррупсия ҳамчун як падидаи манфӣ ва хатарнок, ки дар тамоми ҷаҳон паҳн шудааст, ба муқобила бо таҳкими принсипҳои демократӣ, адолат, ва амният дар ҳар як давлат монеа эҷод мекунад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои таърихи кӯтоҳ ва баъзе мушкилот дар роҳи рушди иҷтимоии ва иқтисодӣ мебошад, коррупсия як омили хатарнок ва таҳдидкунандаи асосии таъмини устувории давлат ва иҷтимоаи ҷомеа мебошад. Коррупсия дар кишвар метавонад ба фаъолияти муназзам ва ба роҳ мондани аъзои давлат ва институтҳои давлатӣ халал расонад, инчунин пояҳои асосии давлати ҳуқуқбунёд ва демократиро заиф созад.

Ба андешаи Б.В. Воложенкин «коррупсия – ин аз ҷониби субъекти идоракунӣ истифода намудани ваколатҳои мақомии худ бар хилофи манфиатҳои хизматӣ бо мақсади манфиатҳои шахсӣ мебошад» [1, с. 5-6].

Тибқи ақидаи Г.Н. Борзенков «коррупсия ҳамчун падидаи иҷтимоӣ – ин фарсудашавии дастгоҳи идоракунист, ки дар истифодаи мақоми хизматии худ бо мақсадҳои ғаразнок аз ҷониби мансабдорон асос ёфтааст» [2, с. 31].

Коррупсия дар асоси тамоми таърифҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, амали нодуруст ва ғайриқонунии ё шахсони мансабдор ва кормандони давлатӣ мебошад, ки ба манфиатҳои шахсӣ ва ё гурӯҳӣ хидмат мекунанд, ки аз натиҷаи онҳо манфиати ҷамъият ва давлат зарар мебинанд. Ин амал метавонад шаклҳои гуногун дошта бошад, аз ҷумла ришвахорӣ, истифодаи мақом барои манфиатҳои хусусӣ, нақзи қонун ва дигар амалҳои номатлуб.

Коррупсия ба шароити иҷтимоии, иқтисодӣ ва сиёсӣ таъсири манфӣ мерасонад. Он метавонад ба эътимоди мардум ба ҳукумат, иваз кардани ҷойҳои хуб бо ришва ва мансабдорони фасодӣ ва ба пастравии мизони адолат дар кишвар таъсир расонад. Коррупсия, дар сурати нокифоя пешгирӣ шудан, метавонад ба маъзарат ва нобудшавии расмии институтҳои давлатӣ ва низоми ҳуқуқии кишвар оварда расонад.

Мафҳуми коррупсия дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо коррупсия» дар чунин шакл муқаррар шудааст: «коррупсия – кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки аз ҷониби шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба он баробаркардашуда бо истифода аз мақоми хизматии худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахси дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар содир карда мешавад, инчунин ба ин шахс бевосита ё бавосита додани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар ба субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд бо мақсади моил кардан ё мукофотонидани онҳо барои содир намудани чунин ҳаракатҳо ба манфиати шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ» [3].

Мафҳуми монанди дигаре низ мавҷуд аст, ки коррупсияро «...шакли ниҳонии мубодилаи иҷтимоӣ буда, тавассути шахси соҳиби мақомбуда (сиёсӣ ё маъмурӣ), манфиати шахсиро соҳиб мешавад, ё ин ки яке аз навъҳои таъсиррасониро, ки ба туфайли вазифа ё мавқеи худ соҳиб гардидааст, имкони амалисозӣ доранд» [4, с. 87] фаҳмида мешавад.

Коррупсия кирдори номатлубест, ки пояҳои давлатдориро заиф гардонида, боиси паст гаштани сатҳи зиндагии мардум мегардад. Дар натиҷаи содир гардидани кирдорҳои коррупсионӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ вайрон гардида, тавозуни он низ аз байн меравад. Дар натиҷа коррупсия сарчашмаи дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ аз қабили терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ба монанди ин дигар ҷиноятҳое мегардад, ки боиси аз байн рафтани истиқлолияти комили давлат мегардад.

Н. Макиавелли қайд менамояд, ки: «Мисли корҳои давлат: агар сари вақт ошкор намудани бемории тавлидшудаи мазкур, ки қобилияти ҳокимони мумтоз бошад, пас халосӣ аз он кори душвор нест, аммо агар вай чунон беназорат гузошта шуда бошад, ки барои ҳама фаҳмо бошад, пас аллакай ягон намуд даво фоида надорад» [5, с. 14].

Ҳамин аст, ки барои пешгирӣ аз ҳама ҷинояту ҷинояткорӣ ва мубориза бо коррупсия 31 октябри соли 2003 «Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия» қабул шуда, санаи 9 декабри соли 2003 дар конфронси байналмилалӣ шаҳри Меридаи кишвари Мексика дар Конфронси сиёсии сатҳи баланд бо иштироки намояндагони зиёда аз 100 давлати дунё ин конвенсияи байналмилалиро ба имзо расониданд. Ҳамин тариқ, санаи 9-уми декабр ҳамчун «Рӯзи байналмилалии мубориза бо коррупсия» пазируфта шуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи мазкур 25-уми сентябри соли 2006 имзо гузошт ва он аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии кишвар 16-уми апрели соли 2008 тасдиқ гардид. Инчунин, бо мақсади муттаҳид сохтани саъю кӯшишҳои зиддикоррупсионии давлат ва муборизаи бевосита бо коррупсия, ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ, намояндагони бахши хусусӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ба раванди муқовимат ба он дар заминаи Конвенсияи зикршуда бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми январи соли 2007 мақомоти махсусгардонидашуда – Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Вазифаҳои асосии Агентиро пеш аз ҳама назорати давлатии молиявӣ, пешгирӣ, барҳам додан ва ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, таҳқиқи ибтидоӣ, тафтиши ҷиноятҳои коррупсионӣ ва амалӣ намудани маҷмӯи тадбирҳои сиёсати зиддикоррупсионии давлатӣ ташкил медиҳанд.

Мақсадҳои асосии Конвенсияи мазкур аз инҳо иборатанд:

а) мусоидат ба қабул ва таҳкими чораҳое, ки ба дасстгирии судманд ва таъсирноки коррупсия ва мубориза бар зидди он нигаронида шудаанд;

б) хавасмандсозӣ, сабук намудан, дастгирии хамкории байналмилалӣ ва ёрии техникӣ дар пешгирии коррупсия ва мубориза бар зидди он аз ҷумла андешидани чораҳо баҳри баргардонидани дороӣ;

в) ҳавасмандсозии поквиҷдонӣ, садоқат ва масъулиятшиносӣ, инчунин идораи дахлдори корҳои оммавӣ ва амволи оммавӣ [6].

Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Кофи Анан дар Конфронси зикргардида қайд намудааст, ки: «Коррупсия як вабои мудҳишест, ки ба зиёд шудани камбизоатӣ дар бисёр кишварҳо мусоидат мекунад ва ба ҳамаи мо таъсири манфӣ мерасонад. Ҳеҷ як кишвар – на сарватманд ва на камбағал аз ин падидаи манфӣ эмин нест. Коррупсия метавонад ҳам дар бахши давлатӣ ва ҳам дар бахши хусусӣ таъсири худро расонад, ки дар он як тараф ҳамеша зарар мебинад – ҷамъият» [7]. Имзо шудани Конвенсияи мазкур ғалабаи калони мо дар мубориза ба муқобили ин бадӣ мебошад. Ин рӯз ҳамасола ҳамчун «Рӯзи Созмони Милали Муттаҳид бахшида ба мубориза бар зидди коррупсия» таҷлил карда мешавад.

Замони 34 соли соҳибистиқлолии кишвар дар сиёсати зиддикоррупсионии Роҳбарияти олии мамлакат, як қатор қонунҳо ва санадҳои меъёрии

ҳуқуқӣ, баҳри пешгирии коррупсия ва мубориза бар зидди он қабул гардидаанд. Аз рузи аввали соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва махсусан Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои паст намудани чунин падидаи номатлуб ва мубориза бо коррупсия муборизаи беамони худро бурда истода ва нисбати ин масоил диққати махсус додаанд. Бо шарофати ташаббусҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат ҳамаи заминаҳо дар ҷумҳурии мо фароҳам оварда шуда, иштироки фаъоли тамоми шохаҳои ҳокимият ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мубориза бо ин зуҳуроти номатлуб таъмин карда шудааст.

Ҳамзамон, дар партави ин иқдом, ба тасвиб расидани фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми июли соли 1999, «Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришвахӯрӣ)», қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 10-уми декабри соли 1999 заминаи марҳилаи сифатан нави мубориза ба ин падидаи номатлуб ибтидо гузошт.

Дар амалияи кишвари мо масъалаи мубориза ва муқовимат бо ин зуҳуроти номатлуб сараввал бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25-уми июли соли 2005, №100 мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор гирифта буд. Баъдан бо таъсисёбии Агентии давлатии назорати молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии давлатии назорати молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20-уми марти соли 2008, №374 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7-уми августи соли 2020, №1714 [3] фазои зиддикоррупсионии кишвар ва заминаҳои ташкилию ҳуқуқии он мустаҳкам карда шуд.

Бо иқдоми бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, бартараф намудани такроркунии функсия ва ваколатҳои мақомоти идоракунии давлатӣ, таъмини шаффофият ва такмили фаъолияти назоратӣ 10 январи 2007 Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми махсус гардонида шуда таъсис дода шуд.

Ҷиҳати ба танзим даровардани фаъолияти Агентӣ ва мансубияти ҷиноятҳои дорои хусусияти коррупсионидошта 20 марти соли 2008 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, ба як қатор санадҳои қонунгузории соҳавӣ бо мақсади мутобиқ гардонидани онҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи муқовимат ба коррупсия тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26-уми январи соли 2021 қайд намуданд, ки «коррупсия зуҳуроти номатлуб ва барои ҷомеа хатарнок ба ҳисоб рафта, мубориза бар зидди он вазифаи асосии мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як сокини кишавар мебошад. Аз ин лиҳоз, барои пешгирӣ кардани кирдорҳои коррупсионӣ, фароҳам овардани фазои оштинопазир ба он ва ба ин раванд ҷалб намудани тамоми мақомоти давлатӣ, воситаҳои ахбори омма ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷониби субъектҳои мубориза бар зидди коррупсия бояд чораҷӯйӣ карда шавад» [8].

Дар ин росто пай дар пай қабул гардидани санадҳои дигари умумидавлатӣ ба монанди «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012» аз 26-уми январи соли 2008, №34; «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» аз 30-юми августи соли 2013, №1504 ва «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» аз 3-юми августи соли 2021, №222 ба муборизаи беамон ва коҳиш додани сатҳи болоравии коррупсия дар кишвари азизамон заминаи воқеию ҳуқуқӣ гузоштанд.

Баҳри амалӣ гаштани мақсаду мароми Барномаҳои мазкур Агентӣ аз тамоми имкониятҳои мавҷуда истифода бурда, ҷиҳати татбиқи нақшаи чорабиниҳои онҳо дар ҳамбастагӣ бо вазорату идораҳо чораҳои таъхирнопазир ва муассирро андешид аистодааст. Дар назар аст, ки то ба анҷом расидани мӯҳлати пешбинишудаи санади барномавии миёнамуҳлати зиддикоррупсионӣ сатҳи коррупсия дар кишвар паст гардида, шароит барои рушди иқтисодӣ, инкишофи арзишҳои демократӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии мардум фароҳам оварда мешавад.

Чорабиниҳои дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» ва Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 амалигардида имкон доданд, ки мубориза бо

коррупсия ҷоннок гардида, яке аз самтҳои ҳаррӯзаи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гардад.

Мақсад ва вазифаи асосии амалисозии Стратегия аз баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионии аҳолӣ ва фароҳам овардани фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсия, бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда ва дар маҷмӯъ, паст намудани шиддати коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат буда, барои инкишофи арзишҳои демократӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум равона карда шудааст [9].

Коррупсия дар Тоҷикистон метавонад ба як қатор соҳаҳо ва паҳлӯҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир расонад. Асосан коррупсия ба ҷиҳатҳои муҳим ва раванди рушди кишвар таъсири манфӣ мерасонад:

1. Коррупсия ба эътимоди мардум ба ҳукумат, мақомоти давлатӣ ва созмонҳои ҷамъиятии дахлдор таъсири манфӣ мерасонад. Мардум вақте мебинанд, ки мансабдорон ва роҳбарон ба манфиатҳои шахсӣ ва гурӯҳӣ хидмат мекунанд, ба амалҳои қонунии давлат ва раванди демократия шубҳа мекунанд.

2. Коррупсия метавонад барои иқтисодиёт як заминаи харобиовар бошад. Вобаста ба фасод ва амалҳои ғайриқонунӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ, сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ кам мешаванд. Ин боиси пастравии истеҳсолот, афзоиши бекорӣ ва нокифоя таъмини захираҳои молиявӣ мегардад.

3. Амалҳои коррупсионӣ дар ташкилотҳои давлатӣ метавонанд ба пастравии сифати хизматрасониҳо ва хизматрасониҳои ҷамъиятӣ оварда расонанд. Ба мисол, дар соҳаи тандурустӣ, маориф, ва дигар соҳаҳои муҳим, мансабдорон ва кормандони давлатӣ метавонанд хизматҳои дурусти ба мардум расониданро бо манфиатҳои шахсии худ мубаддал созанд.

4. Коррупсия метавонад ба зоҳир ва амалҳои номақбул дар муносибатҳои давлат ва мардум таъсир расонад. Он метавонад эҷоди муноқишаву норозигии иҷтимоии кишварро ба вуҷуд оварад, ки ба суботи сиёсӣ ва амнияти кишвар зарар мерасонад.

Мубориза бо коррупсия ва заиф кардани таъсири он ба давлат вазифаи муҳими давлат ва ҷомеа мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба хотири коҳиш додани коррупсия, якчанд чораҳо андешида шудааст:

1. Тақвияти мақомоти назоратӣ ва таъсис додани системаҳои шаффоф барои пайгирӣ ва ошкор кардани амалҳои коррупсионӣ метавонад натиҷаҳои муҳим дар мубориза бо коррупсия дошта бошад.

2. Тавре ки маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва кормандони давлатӣ баланд гардад, имконияти гирифтани хабар дар бораи ҳолатҳое, ки коррупсия дар онҳо ба амал омада истодааст, зиёд мегардад. Ин боиси пешгирии рафтори фасодкорона мегардад.

3. Мухолифат бо коррупсия ва фасод тавассути ҳамкории кишварҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ метавонад натиҷаҳои мусбат диҳад. Асосан, мубодилаи таҷрибаҳо ва маълумот дар бораи чораҳои муқобила бо коррупсия барои кишварҳо кумак мекунад.

4. Қонунгузории соҳаи коррупсия бояд қатъӣ ва муассир бошад, ва маҷаллаҳои мансабдорон ва шаҳрвандон, ки ба фасод даст мезананд, бояд ҷавобгар бошанд.

Хулоса, коррупсия, ҳамчун як омили таҳдидкунанда ва заифкунандаи пояҳои асосии давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавонад ба раванди рушди кишвар ва устувории иҷтимоӣ ва иқтисодӣ зарар расонад. Барои муқобила бо ин падидаи манфӣ, бояд тамоми ҷомеа ва мақомоти давлатӣ кӯшиш кунанд, ки амалҳои коррупсионӣ бевосита маҳкум ва боздошт шаванд. Мубориза бо коррупсия як масъулият ва вазифаи умумии ҳамаи аъзои ҷомеа мебошад, ки барои рушди устувор ва ҳифзи манфиатҳои мардум зарур аст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки коррупсия таъсири худро бар тамоми соҳаҳои зиндагии инсонҳо гузошта, рушди солими иқтисодро фалаҷ мегардонад, фаъолияти самарбахши сиёсатро халалдор сохта, робитаи миёни ҳукумат ва мардумро ногувор месозад ва ҳатто маънавиёт ва бовар ба арзишҳоро аз ҷомеа мерабояд. Аз ин рӯ, мубориза бо фасод набояд кори сирфан як мақоми хос ва алоҳида бошад. Коррупсия зиндагии солиму амн дар ҷомеаро халалдор намуда, давлатдориро, ки олитарин навъи мавҷудияти як миллат аст, ба хатар меандозад. Ҳар яки мо уҳдадорем, ки дар коҳиши назарраси ин падидаи номатлуб саҳми худро бигузорем.

**Муқарриз:** н.и.ҳ., дотсент Бобокалон Ғ.М.

## КОРРУПЦИЯ – ФАКТОР, УГРОЖАЮЩИЙ И ОСЛАБЛЯЮЩИЙ ОСНОВЫ ГОСУДАРСТВА

**Ключевые слова:** коррупция, закон, ответственность, преступление, взяточничество, получение взятки, противодействие коррупции.

**Аннотация.** В этой статье глобальная проблема современного мира, коррупция и коррупциогенные факторы привлекли внимание многих учёных по всему миру. Учёные исследовали причины его появления в современном обществе. Автор отмечает, что одной из главных причин противодействия этому нежелательному явлению является предотвращение коррупционных деяний со стороны каждого гражданина страны.

**Арабджонов Шодимурод Арабджонович** – главный специалист отдела гражданского, предпринимательского и семейного законодательства Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: farajon0199@gmail.com; Тел.:(+992) 929-66-16-99.

## CORRUPTION – A FACTOR THAT THREATENS AND WEAKENS THE FOUNDATIONS OF THE STATE

**Keywords**: corruption, law, responsibility, crime, bribery, receiving a bribe, anti-corruption.

**Abstract**. In this article, the global problem of the modern world, corruption and corruption factors have attracted the attention of many scientists around the world. In this verse, Allah Almighty revealed that on the Day of Judgment he will come to the people with clear signs and irrefutable arguments. The author notes that one of the main reasons for countering this undesirable phenomenon is to prevent acts of corruption on the part of every citizen of the country.

**Arabjonov Shodimurod Arabjanovich** – chief specialist of the department of civil, business and family legislation of the National center of legislation under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: farajon0199@gmail.com; Tel.:(+992) 929-66-16-99.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Воложенкин Б.В. Коррупсия. – СПб.: «Нашриёти ДДСПб», 1998. – 230 с.
2. Борзенков Г. Н. Тадбирҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ барои мубориза бо коррупсия // Донишгоҳи давлатии Москва. – 1999. – №11. – С. 30-35.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020 № 1714 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http//www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.03.2025).
4. Олимпиева И.Б., Паченков О.В. Мубориза бо тирҳои бодӣ? Ҷанбаҳои иҷтимоӣ-антропологии таҳқиқоти коррупсия. – СПб.: «Алетея», 2007. – 290 с.
5. Макиавелли Н. Подшоҳ. – М.: «АСТ», 2017. – 256 с.
6. Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди корупсия бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2008с., №952 ратификатсия карда шуд // [Захираи электронӣ]. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. Манбаи дастрасӣ: URL: http//www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03.03.2025).
7. Азнавсозмондиҳии миллатҳои муттаҳид. Кофи Аннан мехоҳад СММ-ро наҷот диҳад // [Захираи электронӣ]. Сомонаи расмии СММ. Манбаи дастрасӣ: https://www.kommersant.ru/doc/556543 (санаи муроҷиат: 03.03.2025).
8. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2021 // [Захираи электронӣ]. Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/node/25005 (санаи муроҷиат: 13.03.2025).
9. Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба фармони ПрезидентиҶумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 тасдиқ карда шудааст // [Захираи электронӣ]. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. Манбаи дастрасӣ: URL: http//www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 12.03.2025).

**Список литературы**:

1. Воложенкин Б.В. Коррупсия. – СПб.: «Издание СпбГУ», 1998. – 230 с.
2. Борзенков Г.Н. Уголовноправовые меры борьбы с коррупцией // Вестник Московского государственного университета. – 1999. – №11. – С. 28-35.
3. Закон Республики Таджикистан «О противодействии коррупции» от 7 августа 2020 года, №1714 // [Электронный ресурс]. Централизованная информационно-правовая база данных РТ «Адлия». Версия 7.0. Режим доступа: URL: http//www.adlia.tj (дата обращения: 15.03.2025).
4. Олимпиева И.Б., Паченков О.В. Борьба с ветряными мельницами? Социально-антропологический подход к исследованию коррупции. – СПб.: «Алтейя», 2007. – 290 с.
5. Макиавелли Н. Государь. – М.: «АСТ», 2017. – 256 с.
6. Конвенция Организации Объединенных Наций против корупции постановлением Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 16.04.2008 г., № 952 ратифицирована // Централизованная информационно-правовая база данных РТ «Адлия». Версия 7.0. [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: http//www.adlia.tj (дата обращения: 03.03.2025).
7. Возрождение Объединенных Наций. Кофи Аннан хочет спасти ООН [Электронный ресурс]. Официальный сайт ООН. Режим доступа: https://www.un.org/ru/sg/annan_messages/2004/harvard04.shtml (дата обращения: 03.03.2025).
8. Послание Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 26.01.2021 // [Электронный ресурс]. Официальный сайт Президента Республики Таджикистан. Режим доступа: https://www.president.tj/node/25005 (дата обращения: 13.03.2025).
9. Государственная стратегия противодействия коррупции в Республике Таджикистан на период до 2030 года, утвержденная указом Президента Республики Таджикистан от 3 августа 2021 года, №222 // [Электронный ресурс]. Централизованная информационно-правовая база данных РТ «Адлия». Версия 7.0. Режим доступа: URL: http//www.adlia.tj (дата обращения: 12.03.2025).

**List of literature:**

1. Volozhenkin, B.V. Corruption. – St. Petersburg: «Publishing House of St. Petersburg State University», 1998. – 230 p.
2. Borzenkov, G.N. Criminal Law Measures to Combat Corruption // Bulletin of Moscow State University. – 1999. – №11. – P. 28-35.
3. Law of the Republic of Tajikistan «On Combating Corruption» dated August 7, 2020, №1714 // Centralized Legal Information Database of the Republic of Tajikistan «Adlia». Version 7.0. [Electronic resource]. Access mode: http://www.adlia.tj (date of access: 15.03.2025).
4. Olimpieva, I.B., Pachenkov, O.V. Fighting Windmills? A Socio-Anthropological Approach to the Study of Corruption. – St. Petersburg: «Alteya», 2007. – 290 p.
5. Machiavelli, N. The Prince. – M.: «AST», 2017. – 256 p.
6. United Nations Convention against Corruption, ratified by Resolution of the Assembly of Representatives of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan dated April 16, 2008, №952 // [Electronic resource]. Centralized Legal Information Database of the Republic of Tajikistan «Adlia». Version 7.0. Access mode: http://www.adlia.tj (date of access: 03.03.2025).
7. Revitalizing the United Nations. Kofi Annan Wants to Save the UN [Electronic resource]. Official website of the United Nations. Access mode: https://www.un.org/ru/sg/annan_messages/2004/harvard04.shtml (date of access: 03.03.2025).
8. Address of the Founder of Peace and National Unity – Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, Emomali Rahmon, to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan from 26 January 2021 // [Electronic resource]. Official website of the President of the Republic of Tajikistan. Access mode: https://www.president.tj/node/25005 (date of access: 13.03.2025).
9. State Anti-Corruption Strategy in the Republic of Tajikistan for the Period until 2030, approved by the Decree of the President of the Republic of Tajikistan dated August 3, 2021, №222 // [Electronic resource]. Centralized Legal Information Database of the Republic of Tajikistan «Adlia». Version 7.0. Access mode: http://www.adlia.tj (date of access: 12.03.2025).



**ТДУ:** 342.22

**Холиқзода Ислом Абдумаҷит,**
муаллими калони кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Тел.: (+992) 777-02-02-77
E-mail: blade.1995.95@gmail.com.

# ҒОЯҲОИ ТАШАККУЛИ МОДЕЛИ ДАВЛАТИ ДУНЯВӢ ДАР ТОҶИКИСТОН: МАСОИЛИ НАЗАРӢ ВА ТАТБИҚИ ҲУҚУҚӢ

**Калидвожаҳо:** давлат, ташаккул, давлати дунявӣ, заминаҳои таърихи-ҳуқуқӣ, принсип, модели миллии дунявият, нишонаҳои дунявият, танзими давлатии муносибатҳо, дунявият дар замони муосир, Конститутсия, рукнҳои дунявият, низоми идоракунӣ, тамаддун, сиёсат.

**Аннотатсия.** Дар мақола принсипҳои ташаккул ва рушди модели давлати дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, заминаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии он таҳлил мешаванд. Муаллиф бо такя ба меъёрҳои Конститутсия ва қонунгузории соҳавӣ, хусусиятҳои миллии дунявият, муносибати давлат ва иттиҳодияҳои диниро дар шароити муосир нишон медиҳад. Ҳамчунин, таҷрибаи таърихӣ ва андешаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба моҳияти дунявият мавриди таҳлил қарор гирифта, зарурати ҳамоҳангии арзишҳои дунявӣ ва динӣ дар доираи манфиатҳои миллӣ асоснок карда мешавад.

Принсипи дунявият ҳамчун яке аз рукнҳои асосии сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври возеҳ инъикос ёфтааст. Дар он зикр мегардад, ки Тоҷикистон давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад [1]. Ин меъёри конститутсионӣ баёнгари он аст, ки дунявият яке аз хусусиятҳои таркибии шакли ҳукумати давлатӣ мебошад ва на танҳо изҳори воқеият, балки низоми арзишии ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мебошад, ки самт ва муҳтавои сиёсати ҳуқуқии давлатро муайян месозад.

Дар асоси принсипи мазкур, давлат аз дин ҷудо аст, ягон дин наметавонад ҳамчун дин ё эътиқоди давлатӣ муқаррар шавад ва ҳеҷ гуна иттиҳодияи динӣ наметавонад дар фаъолияти мақомоти давлатӣ дахолат кунад. Баробарии ҳамаи шаҳрвандон новобаста аз муносибаташон ба дин ва ё мазҳаб таъмин мегардад, чунки тибқи моддаи 26 Конститутсия, ҳар шахс ҳуқуқ ба озодии виҷдон, озодии пайравӣ кардан ба дин ё надоштани он дорад. Ин меъёр дар робита бо моддаҳои 5, 14 ва 16 Конститутсия, ки ҳуқуқу озодиҳои инсонро ҳамчун арзиши олӣ эътироф менамоянд, таҳким меёбад [1].

Принсипи дунявияти давлат дар санадҳои соҳавӣ низ рушд дода шудааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» татбиқи амалии ин принсипро таъмин намуда, муайян менамояд, ки фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ бояд аз фаъолияти мақомоти давлатӣ ҷудо бошад, онҳо вазифаҳои давлатро иҷро накунанд, дар фаъолияти сиёсӣ иштирок наварзида, дар ҳудуди қонун амал намоянд. Дар он зикр мегардад, ки таълим дар муассисаҳои давлатии таҳсилотӣ бояд характери дунявӣ дошта, мазмуни он аз таъсири ақидаҳои динӣ озод бошад [2].

Мафҳуми «давлати дунявӣ» дар қонунгузории Тоҷикистон ҳанӯз аз солҳои аввали истиқлолият, махсусан дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон» (соли 1994) ҷой дошт. Он қонун низ таълимоти дунявиро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ талаб мекард ва бетарафии давлатро дар муносибат ба дин ва дигар эътиқодҳо таъйид менамуд. Ҳарчанд дар он давра ибораи «дунявият» на ба таври густурда, балки ҳамчун маҷмӯи меъёрҳои ҷудоӣ ва баробарӣ истифода мешуд, аммо заминаи ҳуқуқии ташаккули модели дунявии давлатро фароҳам овард.

Асосгузори мактаби дунявии Фаронса, Ж. Феррӣ, беш аз сад сол пеш сухане гуфта буд, ки дар ҷомеаи фаронсавӣ ба рамзи мазмуни мафҳуми «дунявият» («la laïcité») табдил ёфт: «Дунявият – ин поёни беғалатии ҳар гуна дин ва поёни беғалатии давлат аст» [3, с. 259], яъне, пеш аз ҳама, манъ кардани муқаррар кардани ягон дин ё идеологияи ғайридинӣ ҳамчун меъёри ҳатмии иҷтимоӣ.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мазмунан чунин меъёр ҷой дорад. Мувофиқи моддаи 1 ва моддаи 8 Конститутсия, Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ мебошад; ягон дин ё идеология наметавонад сифати идиалогияи давлатӣ ё ҳатмӣ муқаррар гардад. Моҳияти ин меъёр дар он аст, ки давлат уҳдадор аст ҳар гуна маҷбуркуниро барои

пазируфтани ҷаҳонбинӣ, эътиқоди динӣ ё ғайридиниро манъ намуда, озодии интихоби инсонро дар соҳаи эътиқод ва виҷдон таъмин намояд.

Принсипи дунявияти давлат яке аз пояҳои асосии сохт ва фаъолияти давлати ҳуқуқбунёди муосир ба шумор меравад. Ин ғоя, ки садсолаҳо қабл пайдо шуда, дар асарҳои файласуфони Шарқ ва Ғарб, аз ҷумла дар андешаҳои Фома Аквинский, Мартин Лютер ва мутафаккирони рус ва аврупоӣ рушд ёфтааст, имрӯз асоси моделҳои гуногуни муносибати давлат ва иттиҳодияҳои диниро ташкил медиҳад.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» (2009, бо тағйиру иловаҳои минбаъда), Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати дунявӣ мебошад; ҳеҷ як дин ҳамчун давлатӣ эътироф намешавад ва иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо мебошанд. Ин меъёр асоси ҳуқуқии принсипи дунявиятро дар низоми ҳуқуқии миллӣ муқаррар менамояд.

А.М. Диноршоев аз нуқтаи назари ғарб иброз менамояд, ки «принсипи давлати дунявӣ яке аз принсипҳои низомсози бунёди давлат ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебошад. Таъиноти асосии он ҷудо кардани ду институти муҳимтарин – дин, дар симои ташкилотҳои динӣ ва ҳокимият, дар симои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Ин ду институт бояд мустақилона аз ҳамдигар фаъолият намуда, ба фаъолияти якдигар таъсир ва мудохила нанамоянд. Дар ин ҳол, бояд махсус қайд намуд, ки эътирофи принсипи дунявият маънои дар давлат инкор намудани динро надорад. Он танҳо ба имконнопазирии дахолат ба корҳои давлатӣ аз тарафи ташкилотҳои динӣ ишора менамояд. Дар навбати худ, давлат ба сифати кафили таъмини баамалбарории андешаҳои динии шаҳрвандони кишвари худ баромад менамояд, ки тавассути амалисозии озодии эътиқоди динӣ таъмин мегардад. Бо вуҷуди ин, принсипи дунявият бояд ба таври дақиқ дар Конститутсия ва қонунгузории амалкунандаи кишвар қайд карда шавад» [4, с. 25-33].

Х.Қ. Сафарализода иброз менамояд, ки дар заминаи принсипи интихобшудаи дунявият, ҳеҷ дине рад карда намешавад ва ҳеҷ дине наметавонад афзалият дошта бошад. Дар чунин шароит, пайравӣ кардан ё пайравӣ накардан аз дин ё мазҳаб ҳамчун ҳуқуқи истисноии инсон муқаррар карда мешавад ва чунин озодӣ аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад. Дар маркази ин идеология шахс, шаъну шараф, ҳуқуқ ва озодиҳои истисноии ӯ қарор дорад. Ин навъи тафаккур натиҷаи таҳаввули афкори илмӣ, рушди тафаккури мантиқӣ ва болоравии ақлу хирад ба сатҳи баландтар аст [5, с. 115].

Дар амал, мафҳуми «дунявият» нисбат ба давлат ва низоми маориф баъзан нодуруст ё бо маънои васеъ истифода мешавад, ки метавонад боиси нофаҳмии мафҳумҳои ҳуқуқӣ гардад. Барои муқоиса метавон ба таҷрибаи таърихии давлатҳои дигар назар намуд. Масалан, дар Декрети Мексика оид ба милликунонии амволи калисо аз 12 июли соли 1859 мафҳуми «дунявии рӯҳониён» истифода шудааст, ки зери тасарруфи давлат гузаштани тамоми амволи калисо ва муассисаҳои динӣ, новобаста аз шакли моликият ва мақсади истифодаи он, пешбинӣ мекард [6, с. 273].

Тибқи пажӯҳиши доктор Ж. Боберо, истилоҳи «дунявият» ҳамчун исм бори аввал дар «Луғати педагогӣ»-и Ф. Бюиссон (1887) истифода шудааст. Пеш аз ин, он бештар дар шакли сифати «мактаби дунявӣ», «ахлоқи дунявӣ» ё «давлати дунявӣ» ба кор мерафт [7]. Муҳаққиқи дигар, Эмил Литтре, дар «Луғати забони фаронсавӣ» (1973) дунявиятро чунин муайян кардааст: давлате, ки нисбат ба ҳамаи динҳо бетараф буда, аз рӯҳониён мустақил ва аз ҳар гуна мафҳуми теологӣ озод мебошад.

Дар асрҳои XVII-XVIII, «шахси дунявӣ» будан маънои аз назари иҷтимоӣ ва фикрӣ муқобил гузоштани худро ба калисо ва рӯҳониёнро дошт. Имрӯз бошад, ин мафҳум маънои бетарафии давлат, озодии виҷдон, ва истиқлоли сиёсат аз таъсири динро ифода мекунад, ки асоси муносибатҳои муосири давлат ва иттиҳодияҳои динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мебошад. Аммо, масъалаи илман собитшуда он аст, ки на дар таърих ва на дар замони муосир иртиботи арзишҳои дунявӣ ва динӣ аз ҳам комилан гусаста ва мустақил набуданд. Онҳо дар ҳадди муайян ба якдигар ҳамеша эҳтиёҷ доштанд. Муҳаққиқи ватанӣ К. Абдухалилзода бо дифои рисолаи докторӣ дар фазои илми ватанӣ собит, сохт ки дар ниҳоди ҳар дин, аз ҷумла, дар ислом вуҷуди арзишҳои дунявӣ дар сатҳи муайян аз ибтидо ногузир буд [8, с. 119-137]. Муаллиф ҳаллу фасли масъалаҳои мақоми дунё ва ҳаёти дунявӣ; мақоми мол ва зану фарзанд; масъалаи мундариҷаи амал; баҳраварӣ аз дунё; зиндагонии пурфараҳ ва лаззатбахш; накӯкорӣ; муносибат бо адёни дигар; сифати таҳаммулпазирӣ дар Қуръонро аз зумраи нуктаҳои калидии вуҷуди дунявият дар ислом шарҳу тафсир кардааст [8, с. 123]. Имрӯз, нодида гирифтани ин воқеият ва таблиғи ғайриилмии мухолифати арзишҳои миллӣ ва динӣ на танҳо ба рушди дурусти илм мусоидат намекунад, балки бадтар аз ҳама, метавонад дониши моро ба самти нодуруст ва гумроҳкунанда равона кунад. Ин як

роҳи бархӯрди манфиатҳои ягонаи мо аз роҳҳои гуногун буда, моро аз мақсади аслӣ, беҳбудии хонаи ягонаи тоҷикони мусулмон дур менамояд. Ҷаҳони баъдазсекулярӣ, ки пас аз 11 сентябри соли 2001 ба қавли муҳаққиқи ғарбӣ (Ю. Хабермас) оғоз шуд, ҷанги илму дин, давлату иттиҳоди динӣ ва ақлу эътиқодро ба қафо партофта, пулҳои ҳамкории онҳоро масъалагузорӣ намудааст. Мо бояд ин ду навъи ҷаҳонбинии худро дар доираи манфиатҳои миллӣ ва давлатиамон ба созиши оқилона орем, онҳо якдигарро дуруст шунаванд ва донанд. Зеро тобеияти динӣ ва миллии мо бояд барои якдигар хизмат намоянд. Муқобилгузории мо ба нафъи давлати тозаистиқлол нест [9, с. 448].

Бо гузашти вақт, муносибат ба мафҳуми дунявият тадриҷан тағйир ёфта, мазмуни он дар тафаккури илмӣ ва сиёсӣ такмил ёфт.

Мо аз нуқтаи назари илмӣ бо назардошти дастоварди миллии дунявият дар Тоҷикистон таҳлил намудем. Ҳангоми таҳлил мо фикру ақидаҳои олимони даврони гузашта ва муосирро бо амалияи модели миллии дунявият дар Тоҷикистони муосир муқоиса намуда ба хулосае омадем, ки ғояҳои асосии ташаккули миллии дунявият баҳри таъмини амнияти давлатӣ, ҳимояи асосҳои сохтори Конститутсионӣ, якпорчагӣ ва дахлнопазирии ҳудуди Тоҷикистон ва кафолати озодии виҷдон равона гардидааст. Ғояҳои номбурда имконият медиҳад, ки бо назардошти меъёрҳои конститутсионӣ Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ муаррифи намояд ва ҷиҳати корҳои ободониву созандагӣ заминаи хубе гузорад.

**Муқарриз:** н.и.ҳ., дотсент Кенҷазода С.Ю.

## ИДЕИ СОЗДАНИЯ МОДЕЛИ СВЕТСКОГО ГОСУДАРСТВА В ТАДЖИКИСТАНЕ: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ И ПРАВОВАЯ РЕАЛИЗАЦИЯ

**Ключевые слова:** государство, формирование, светское государство, историко-правовые основы, принцип, национальная модель секуляризма, характеристики секуляризма, государственное регулирование отношений, секуляризм в современную эпоху, Конституция, основы секуляризма, система управления, цивилизация, политика.

**Аннотация.** В статье анализируются принципы формирования и развития модели светского государства в Республике Таджикистан, рассматриваются ее теоретические и правовые основы. Автор, опираясь на положения Конституции и отраслевого законодательства, выделяет национальные особенности секуляризма и взаимоотношений между государством и религиозными организациями в современных условиях. Кроме того, анализируется исторический опыт и мнения отечественных и зарубежных ученых о сущности секуляризма, обосновывается необходимость гармонизации светских и религиозных ценностей в рамках национальных интересов.

**Холикзода Ислом Абдумаджит** – старший преподаватель кафедры теории и истории государства и права Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. E-mail: blade.1995.95@gmail.com; Тел: (+992) 777-02-02-77.

## IDEAS FOR THE FORMATION OF A SECULAR STATE MODEL IN TAJIKISTAN: THEORETICAL ISSUES AND LEGAL IMPLEMENTATION

**Keywords:** state, formation, secular state, historical-legal foundations, principle, national model of secularism, characteristics of secularism, state regulation of relations, secularism in the modern era, Constitution, pillars of secularism, system of governance, civilization, politics.

**Abstract.** The article analyzes the principles of the formation and development of the secular state model in the Republic of Tajikistan, examining its theoretical and legal foundations. The author, relying on the provisions of the Constitution and sectoral legislation, highlights the national characteristics of secularism and the relationship between the state and religious associations in the contemporary context. Additionally, the historical experience and the views of domestic and foreign scholars on the essence of secularism are analyzed, and the necessity of harmonizing secular and religious values within the framework of national interests is justified.

**Holiqzoda Islom Abdumajit** – senior lecturer of the department of theory and history of state and law of the Tajik state University of law, business and politics. E-mail: blade.1995.95@gmail.com; Tel.: (+992) 777-02-02-77.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. – Душанбе: «Нашриёти Ганҷ», 2016. – 160 с.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» аз 26 марти соли 2009, №489 // [Захираи электронӣ]. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. Манбаи дастрасӣ: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 02.03.2026).

3. Ферри Ж. Суханрониҳо ва андешаҳои Жюл Ферри. Ҷилди IV: Қонунҳои мактабӣ (идома ва анҷом). – Париж: «Пол Робике», 1896. – 325 с.

4. Диноршоев А.М Мафҳум ва нишонаҳои принсипи дунявият ва давлати дунявӣ ва инъикоси онҳо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2015. – №3. – С. 25-33.

5. Сафарализода Х.Қ. Таҳдидҳои замони муосир ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дисс. ... док. илм. сиёсӣ. – Душанде, 2025. – 312 с.

6. Садиков В.Н. Хрестоматия оид ба таърихи умумии давлат ва ҳуқуқ: дастури таълимӣ. – М.: «Гардарика», 1996. – 273 с.

7. Боберо Ж. Дунёвият: истисноияти фаронсавӣ ё арзиши умумибашарӣ? Тарҷума аз фаронсавӣ: Т. Голиченко // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.zerkalo-nedeli.com/nn/show/403/35532 (санаи муроҷиат: 02.03.2026).

8. Абдухалилзода К.А. Арзишҳои дунявӣ дар ислом. (Монография). –Душанбе: «ЭР-граф», 2023. – 290 с.

9. Холиқзода А.Ғ. Давлати миллии демократӣ: андешаҳо доир ба табиати давлати миллии демократӣ. Китоби 2. Нашри дуюм бо тағйиру илова ва таҳрирҳо. – Душанбе: «ЭР-граф», 2025. – 448 с.

**Список литературы:**

1. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года с изменениями и дополнениями от 26 сентября 1999 года, 22 июня 2003 года и 22 мая 2016 года. – Душанбе: «Издательство Гандж», 2016 год. – 160 с.

2. Закон Республики Таджикистан «О свободе совести и религиозных объединениях» от 26 марта 2009 года, №489 // [Электронный ресурс]. Централизованный информационно-правовой банк данных Республики Таджикистан «Адлия». Версия 7.0. Режим доступа: http://www.adlia.tj (дата обращения: 02.03.2026).

3. Ферри Ж. Речи и мнения Жюля Ферри. Том IV: Школьные законы (продолжение и окончание). – Париж: «Поль Робике», 1896. – 325 с.

4. Диноршоев А.М. Понятие и особенности принципа секуляризма и светского государства и их отражение в законодательстве Республики Таджикистан // Правовая жизнь. – 2015. – № 3. – С. 25-33.

5. Сафарализода Х.К. Угрозы современности и их влияние на политическую стабильность Республики Таджикистан: дис. … док. Полит. наук. – Душанбе, 2025. – 312 с.

6. Садиков В.Н. Хрестоматия по всеобщей истории государства и права: учебн. пособие. – М.: «Гардарика», 1996. – 273 с.

7. Боберо Ж. Светскость: французская исключительность или универсальная ценность? / Пер. с французского Т. Голиченко // [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.zerkalo-nedeli.com/nn/show/403/35532 (дата обращения: 02.03.2026).

8. Абдухалилзода К.А. Светские ценности в исламе. (Монография). –Душанбе: «Эр-граф», 2023. – 290 с.

9. Холикзода А.Г. Демократическое национальное государство: размышления о природе демократического национального государства. Книга 2. Второе издание, исправленное и дополненное. – Душанбе: «ЭР-граф», 2025. – 448 с.

**List of literature:**

1. Constitution of the Republic of Tajikistan of 6 November 1994 with amendments and additions of 26 September 1999, 22 June 2003 and 22 May 2016. – Dushanbe: «Ganj Publishing House», 2016. – 160 p.

2. Law of the Republic of Tajikistan «On Freedom of Conscience and Religious Associations» of 26 March 2009, №489 // [Electronic resource]. Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan «Adlia». Version 7.0. Access mode: http://www.adlia.tj (date of access: 02.03.2026).

3. Ferry J. Speeches and opinions of jules ferry. Volume IV: school laws (continuation and conclusion). – Paris: «Paul Robiquet», 1896. – 325 p.

4. Dinorshoev A.M. The Concept and features of the principle of secularism and the secular state and their reflection in the legislation of the Republic of Tajikistan // Legal Life. – 2015. – №3. – P. 25-33.

5. Safaralizoda Kh.K. Threats of modernity and their influence on the political stability of the Republic of Tajikistan: diss. … doctor of political sciences. – Dushanbe, 2025. – 312 p.

6. Sadikov V.N. Anthology on the general history of state and law: textbook. – M.: «Gardarika», 1996. – 273 p.

7. Baubérot J. Secularism: French exceptionalism or universal value? / Translated from French by T. Golichenko // [Electronic resource]. Access mode: http://www.zerkalo-nedeli.com/nn/show/403/35532 (date of access: 02.03.2026).

8. Abdukhalilzoda K.A. Secular values in Islam (monograph). – Dushanbe: «Er-graf», 2023. – 290 p.

9. Kholikzoda A.G. Democratic national state: reflections on the nature of the democratic national state. Book 2. Second edition, revised and supplemented. – Dushanbe: «ER-graf», 2025. – 448 p.

**5.5.2 – ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ, МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ҲОКИМИЯТИ МАҲАЛЛӢ**
**5.5.2 – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ ПРОЦЕСС; ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ МЕСТНОЙ ВЛАСТИ**
**5.5.2 – CONSTITUTIONAL LAW; CONSTITUTIONAL PROCESS; LEGAL REGULATION OF LOCAL GOVERNMENT**



**ТДУ:** 342.5
**Ализода Зариф**,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон



**Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел: (+992) 985-11-66-99
E-mail: zayniddin.soibov.92@mail.ru.

## ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ: БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛӢ

**Калидвожаҳо:** ҳокимияти давлатӣ, тартибот, ҳуқуқ, монарх, парламент, субъект, салоҳият, Президент, функсия, қонуният, кратология, давлат.

**Аннотатсия.** Мақолаи мазкур ба таҳлил ва баррасии масъалаҳои назариявӣ ва амалии падидаи ҳокимияти давлатӣ бахшида шудааст. Дар доираи он андешаҳои илмӣ роҷеъ ба мазмун ва хусусиятҳои ҳокимияти давлатӣ баён гардидааст. Аз мазмуни таҳлили масъалаи мазкур меояд, ки падидаи ҳокимияти давлатӣ дар тамоми давру замон барои нигаҳдории давлат муҳим буда, ба амалисозии вазифа ва ҳадафҳои барои он муайянгардида мусоидат менамояд.

Ҳокимият ҷузъи муҳим, ногузир ва зарурии ҳама гуна ҷомеаи инсонӣ мебошад. Ба воситаи он одамон муттаҳид гашта, якҷо зиндагӣ ва фаъолият мекунанд.

Тавассути ҳокимият коллективи (иттиҳоди) одамон (оила, авлод, қабила, ҳизб, иттиҳодияҳои дигари ҷамъиятӣ ва давлат) идора ва муттаҳид карда мешавад. Чунин зарурат аз манфиати умумии одамон бармеояд ва барои амалӣ кардани корҳои умумӣ (ҳифзи ҳудуд, молу мулк, ҳуқуқу озодиҳои инсон, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирӣ ва мубориза бо ҳуқуқвайронкуниҳо (ҷиноят ва дигарҳо) равона мегардад.

Оид ба мафҳум ва моҳияти ҳокимият андешаҳои гуногун вуҷуд дорад. Вобаста ба омӯзиши ҳокимият самти нави илмӣ – кратология (kratos – калимаи лотинӣ буда, ҳокимиятро ифода мекунад) пайдо гаштааст [4]. Яке ҳокимиятро функсия, дигаре ҳамчун фаъолият ва саввуми ҳамчун ирода эътироф мекунанд [3. с. 8].

Дар давраи шуравӣ оид ба мафҳуми ҳокимият се андеша мавҷуд буд: якум, ҳокимият ҳамчун функсияи ногузири ҳама гуна коллектив (иттиҳоди одамон) оид ба роҳбарии аъзои онҳо барои тиашкили фаъолияти якҷоя; дуюм, ҳокимият ҳамчун имконияти воқеии амалӣ кардани иродаи худ, онро ба дигарон бор кардан ё ҳамчун муносибати иҷтимоӣ фаҳмида мешавад, ки моҳияти он ба иродаи ҳукмрони як тараф нисбат ба тарафи дигари муносибати ҷамъиятӣ тавассути истифодаи воситаҳои махсуси ҳокимиятӣ (консепсияи «иродавӣ»-и ҳокимият) алоқаманд аст; сеюм, ҳокимият ҳамчун қувваи муташаккил ҳисобида мешавад, ки ягонагии амал ва тартиботи усутворро дар муносибатҳои ҷамъиятӣ таъмин менамояд [1. с. 13-14].

Мафҳуми калидии ҳокимиятро, ки он асоси фаҳмиши муосири политологӣ ва сотсиологии ҳокимият мебошад, сотсиологи немис Макс Вебер додааст. Тибқи он «ҳокимият имконият фарди А мебошад, ки ӯ аз фарди Б содир кардани рафтори дахлдор ё худдорӣ намудан аз чунин рафторро талаб мекунад ва ба он ноил мешавад, гарчанде ин бархилофи иродаи Б аст, аммо он мувофиқи

иродаи А (қонеъкунандаи талаботи ӯ) мебошад» [2. с. 418].

Хизмати калидии М. Вебер дар он аст, ки ӯ мафҳуми ҳокимиятро ҳамчун муносибати ҷамъиятӣ – муносибати байни одамон муайян кард, ки он заминаи асосии муосири тафсири ин мафҳум мебошад. Дар чунин муносибатҳои ҷамъиятӣ иродаи як тараф (шахси алоҳида, гурӯҳ, табақа, синф, аксарияти ҷомеа) ҳалкунанда, ҳукмрон мебошад. Тарафи дигар бояд ин иродаро эътироф, эҳтиром ва иҷро намояд. Дар ҷомеаҳои ибтидоӣ (тодавлатӣ) иродаи ҳукмрон (иродаи сардори авлод, қабила, шурои куҳансолон, маҷлиси калонсолони авлод, қабила) ба воситаи одату анъанаҳо, меъёрҳои ахлоқӣ ва динӣ, инчунин тавассути нуфуз, обруву эҳтироми роҳбарони авлод (қабила) ва ба мисли инҳо амалӣ мегардид.

Дар ҷомеаҳои баъдидавлатӣ ин иродаи монарх (шоҳ, император), гурӯҳи одамон (аристократия, табақаҳо, сулолаҳо, синфҳо) аксарияти аъзои ҷомеа (ҷомеаҳои демократӣ) асосан тавассути ҳуқуқ (қонун, фармонҳои монарх ва санадҳои дигар мақомоту мансабдорон) ва аз тариқи боваркунонӣ ва маҷбуркунӣ амалӣ карда мешавад.

Иродаи ҳукмрон дар давлатҳои демократӣ – ин иродаи аксарияти аъзои ҷомеа мебошад. Аз ҷумла, иродаи мазкур тавассути интихоботҳо (интихоботи президент, аъзои парламент, губернаторон, мири шаҳр, ноҳия), овоздиҳии умумихалқӣ (қабули конститутсияҳо, қонунҳо, ҳалли дигар масъалаҳои муҳимми ҷомеа) ташаккул меёбад.

Баъд аз пайдоиши давлат, ки он тамоми ҷомеаро фаро мегирад, онро муттаҳид месозад ва аз номи ҷомеа баромад карда, барои ваҳдату оромӣ, қонунияту тартибот, ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон масъул мебошад, иродаи ҳукмрон тавассути давлат ташаккул меёбад ва амалӣ мешавад.

Ҷавҳари давлатро ҳокимияти давлатӣ ташкил медиҳад. Ҳокимияти давлатӣ – як намуди ҳокимияти иҷтимоӣ мебошад. Дар қатори ҳокимияти давлатӣ дар ҷомеаҳои баъдидавлатӣ, инчунин ҳокимият дар дигар иттиҳоди одамон – оила, дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (ҳизбу ҳаракатҳо, иттиҳодияҳои эҷодӣ, касбӣ ва ба мисли инҳо) мавҷуд аст, ки ба воситаи онҳо чунин иттиҳоди одамон ташкил мешаванд ва фаъолият мекунанд.

Дар ин низоми ҳокимиятҳо нақши асосиро ҳокимияти давлатӣ мебозад. Чунин воқеият аз моҳият, вазифа ва функсияҳои давлат бармеояд.

Ҳамон тавре дар боло қайд гардид, вақте ки давлат пайдо мешавад, он ҷомеаро дар марзи муайян муттаҳид месозад, ҳифзи марзу буми онро ба уҳда мегирад, масъули таъмини суботу оромӣ, қонунияту тартибот ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад. Ин вазифаҳо муайянкунандаи мазмун ва механизми амалӣ шудани ҳокимияти давлатӣ мебошанд.

Вазифаҳои зикргардида дар навбати худ барои муайян кардани нишонаҳои ҳокимияти давлат мусоидат менамоянд.

Дарвоқеъ, вазифаи ҷонии давлат таъмини қонуният ва тартибот, ҳифзи инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, таъмин ваҳдату субот ва ҳифзи марзу буми мамлакат аст. Вобаста ба дигар самтҳои ҷомеа давлат бояд шароит фароҳам оварад. Дар умум, ба ин самтҳо (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, шуғл, дастгирии гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа (маъюбон, кӯдакони ятим ва дигарон) давлат барои он машғул мешавад, ки онҳо ба ваҳдату субот ва қонунияту тартибот таъсир расонида метавонанд. Бо мурури замон, бо рушду тараққии ҷомеа нақши давлат дар ин соҳаҳо кам мегардад. Аз ҷумла, масъалаҳои иқтисодӣ оҳиста-оҳиста ба бахши хусусӣ мегузаранд. Дар ин ҷо давлат ба воситаи андозу пардохтҳо ин муносибатҳоро танзим мекунад ва ин маблағҳоро барои корҳои умумии ҷомеа (ҳифзи марзу бум, қонунияту тартибот, масоили иҷтимоӣ) равона месозад.

Мутахассисони соҳа ба ҳокимияти давлатӣ як қатор нишонаҳоро мансуб медонанд. Якум ҳокимияти давлатӣ як намуди ҳокимияти иҷтимоӣ мебошад, яъне дар дар ҷомеаи инсонӣ ҳокимияти давлатӣ дар қатори дигар намудҳои ҳокимияти иҷтимоӣ (оила, коллективи меҳнатӣ, ҳизбу ҳаракат ва дигар иттиҳодияҳои ҷамътиятӣ) ташкил мешавад ва амалӣ мегардад.

Дуюм, ҳокимияти давлатӣ як намуди ҳокимияти сиёсӣ-оммавӣ мебошад [5. с. 46-47]. Ҳокимияти давлатӣ ҳокимияти дигар воҳидҳои сиёсӣ-ҳудудӣ ва маъмуриро дар худ муттаҳид месозад (субъектҳои федератсия, воҳидҳои мухтори ҳудудӣ (вилоятҳои мухтор ва ба мисли инҳо), воҳидҳои ҳудудии маъмурӣ (вилоят, шаҳр, ноҳия).

Ҳокимияти давлатӣ ва ҳокимияти дигар воҳидҳои ҳудудии сиёсӣ ва маъмурӣ – ин ҳокимияти як типи иҷтимоӣ ва дорои хусусияти якхела буда, дар сатҳҳои гуногун амалӣ мегарданд.

Ҳокимияти субъектҳои федератсия ва дигар воҳидҳои сиёсӣ-ҳудудии давлатӣ – як қисми ҳокимияти давлатӣ мебошанд. Ҳокимияти ин субъектҳо дар доираи муайян вобаста ба масъалаҳои дар ихтиёри онҳо буда, ваколатҳои

онҳо, ки дар Конститутсияи давлат ва қонунҳои он муқаррар шудааст, амалӣ карда мешавад.

Дигар воҳидҳои ҳудудии маъмурӣ ҳокимияти давлатиро дар доираи ваколатҳои худ, ки дар қонунҳои давлат муқаррар шудааст, амалӣ менамоянд.

Сеюм, ҳокимияти давлатиро субъектони махсуси ваколатдор (Президент, парламент, вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, шахсони мансабдори ваколатдори давлатӣ) амалӣ менамоянд.

Мақомоти мазкур як низоми мураккабу ягонаро ташкил медиҳанд ва онҳо дар доираи салоҳияташон ҳокимияти давлатиро ба амал мебароранд.

Чорум, ҳокимияти давлатӣ мутобиқи қонунгузории амалкунанда ташкил карда мешавад ва амалӣ мегардад. Ташкил ва фаъолияти ҳокимияти давлатӣ дар қонунҳо ва санадҳои зериқонунӣ танзим гардидаанд. Бояд зикр намоем, ки мувофиқи мақсад аст, ки масъалаҳои ташкилёбӣ, сохтор, салоҳият ва фаъолияти мақомот ва шахсони мансабдори давлатӣ дар қонунҳо танзим гардад. Ин аз як тараф, мақоми онҳоро баланд мебардорад ва аз дигар тараф, масъулияти онҳоро бештар мекунад. Чунин ҳолат ба принсипи «ҳар он чӣ, ки раво нест, манъ аст» мутобиқ мегардад, зеро нисбат ба мақомот ва шахсони мансабдор принсипи номбурда татбиқ мегардад. Агар нисбат ба мақомот ва шахсони мансабдор принсипи ҳар он чӣ, ки раво аст, агар қонун манъ накарда бошад» татбиқ гардад, ин ҳолат метавонад ба баромадан аз ҳадди ваколат ва сӯистифода аз он мусоидат намояд.

Панҷум, ҳокимияти давлатӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро мегирад, зеро давлат масъули суботу оромӣ ва рушду тараққии ҷомеа мебошад. Асосан, идоракунии давлатиро ба се қисм тақсим мекунанд: 1. маъмурӣ-сиёсӣ; 2. иқтисодӣ; 3. иҷтимоӣ-фарҳангӣ. Албатта, соҳаҳои номбурда бо назардошти муҳиммият ва зарурияти онҳо барои суботу амният ва рушди ҷомеа, дастгирии қишрҳои осебпазир ва эҳтиёҷманди он ва ба мисли инҳо аз ҷониби давлат идора ва дастгирӣ карда мешавад. Бо рушди ҷомеа, баланд шудани некуаҳволии аъзои он, нақши давлат махсусан дар соҳаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ кам шудан мегирад. Чунин ҳолат яке аз қонунмандии рушди ҷомеа мебошад ва имкон медиҳад, ки давлат ба вазифаи «ҷонӣ»-и худ – таъмини қонунияту тартибот, ҳифзи марзу бум, ҳуқуқу озодиҳои инсон машғул шавад.

Шашум, ҳокимияти давлатӣ бо шаклҳои дахлдор (ҳуқуқэҷодкунӣ, иҷроиявӣ, ҳуқуқтатбиққкунӣ ва дигарҳо) амалӣ карда мешавад. Хусусияти ҳокимияти давлатӣ дар он ифода меёбад, ки амалишавии он дар шаклҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ сурат мегирад. Ин бевосита аз табиати ҳуқуқ бармеояд, ки тибқи талаботи он ҳуқуқ (санад) бояд расман муайян бошад. Чунин талабот ҳокимияти давлатиро қонунӣ мегардонад, яъне ҳокимияти давлатӣ бояд дар асоси қонун ташкил гардад ва тибқи тартиби дар он муқарраршуда амалӣ карда шавад.

Ҳафтум, ҳокимияти давлатӣ тавассути усулҳои (тарзу воситаҳои) дахлдор ба амал бароварда мешавад. Интихобу татбиқи онҳо аз моҳият (мавзуъ) ва хусусияти масъала, санаде, ки онро пешбинӣ кардааст, ваколати мақомот ва шахси мансабдори татбиқи ҳуқуқ, намуд ва хусусияти чораи маҷбуркунии давлатӣ вобаста аст. Қобили қайд аст, ки чораҳои маҷбуркунии давлатӣ ваколати истисноии давлат (мақомот ва шахсони мансабдори он) мебошад. Бояд қайд намоем, ки баъзе намуди чораҳои маҷбурӣ аз ҷониби иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (ҳизбу ҳаракатҳо, иттифоққҳои эҷодӣ, касаба) низ татбиқ мешаванд. Ба мисли танбеҳ, танбеҳи сахт, аз узвият хориҷ кардан. Аммо ин чораҳо аз чораҳои маҷбуркунии давлатӣ бо моҳият ва хусусиятҳои худ фарқ мекунанд. Пеш аз ҳама, онҳо на аз номи давлат, балки аз номи иттиҳодияи ҷамъиятӣ татбиқ карда мешаванд. Дуввум, онҳо мазмунан назар ба чораҳои маҷбурии давлатӣ нисбатан сабук буда, маҳрумиятҳоро (аз озодӣ маҳрум кардан, мусодираи молу мулк ва ба мисли инҳо) нисбат ба шахс татбиқ карда наметавонанд.

Ҳаштум, мақсади амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ таъмини амнияту субот, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои ҷомеа, давлат ва ташкилоту муассисаҳо мебошад. Самаранок амалӣ шудани ҳокимияти давлатӣ боиси рушди ҷомеа ва тадриҷан баланд шудани некуаҳволии одамон мегардад.

Нуҳум, ҳокимияти давлатӣ ба ҳамаи ҳудуди давлат паҳн мегардад, салоҳияти давлат нисбат ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки дар ин ҳудуд қарор доранд, татбиқ мегардад.

Даҳум, ҳокимияти давлатӣ дар низоми ҳокимиятҳо соҳибихтиёр ва олӣ мебошад, аз ягон намуди онҳо вобаста нест ва ҳокимияти давлатӣ дар доираи қонун ба субъектони низоми сиёсӣ (ҳазбу ҳаракатҳо ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигарҳо) татбиқ мегардад. Масалан, давлат дар ҳолатҳои пешбинишуда метавонад фаъолияти ҳизбро манъ кунад, онро барҳам диҳад ва ба мисли инҳо. Ҳизбу иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ чунин ваколатҳоро дошта наметавонанд.

Ҳамин тариқ, ҳокимияти давлатӣ – иродаи ҳукмронии аксарияти ҷомеа буда, барои таъмини ваҳдату оромӣ, қонунияту тартибот, ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва баланд бардоштани некуаҳволии халқ бо истифода аз шаклу воситаҳои қонунӣ (ҳавасмандгардонӣ, иҷозатдиҳӣ, ҳифз, талаб ва манъ кардан) амалӣ карда мешавад.

## ГОСУДАРСТВЕННАЯ ВЛАСТЬ: НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И ПРАКТИЧЕСКОЕ ВОПРОСЫ

**Ключевые слова:** государственная власть, порядок, права, монарх, парламент, субъект, компетенция, Президент, функция, законность, кратология, государство.

**Аннотация.** Данная статья посвящена анализу и рассмотрению теоретического и практического вопросов института государственной власти. В её рамках изложены научные мнения относительно содержания и особенностей государственной власти. Из содержания анализа данного вопроса исходит, что институт государственной власти во все времена играл важную роль в сохранении государства и содействует реализации задач и цели, которые определены для него.

**Ализода Зариф –** доктор юридических наук, профессор, Помощник Президента Республики Таджикистан по правовым вопросам – Полномочный представитель Президента Республики Таджикистан в Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан.

**Соибов Зайниддин Махмадшарифович** – доктор юридических наук, профессор кафедры конституционного и административного права юридического факультета Таджикского национального университета. E-mail: zayniddin.soibov.92@mail.ru; Тел.: (+992) 985-11-66-99.

## STATE POWER: SOME THEORETICAL AND PRACTICAL ISSUES

**Keywords:** state power, order, rights, monarch, parliament, subject, competence, President, function, legality, cratology, state.

**Abstract.** This article analyzes and examines theoretical and practical issues surrounding the institution of state power. It presents scholarly opinions regarding the content and characteristics of state power. From the content of the analysis of this issue it follows that the institution of state power has at all times played an important role in the preservation of the state and contributes to the implementation of the tasks and goals that are defined for it.

**Alizoda Zarif –** doctor of legal sciences, professor, Assistant to the President of the Republic of Tajikistan on legal affairs – Plenipotentiary Representative of the President of the Republic of Tajikistan in the Majlisi Milli and Majlisi Namoyandagon of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan.

**Soībov Zayniddin Mahmadsharifovich –** doctor of law, professor of the department of constitutional and administrative law, faculty of law, Tajik national University. E-mail: zayniddin.soibov.92@mail.ru; Тел.: (+992) 985-11-66-99.

**Руйхати адабиёт:**

1. Ледяев О.М. Ҳокимият дар ҷомеаи сотсиалистӣ: назария, таърих ва дурнамо. – М.: «Энсиклопедияи сиёсии Россия», 1989. – 384 с.
2. Энсиклопедияи нави фалсафӣ. Дар 4 ҷилд. Ҷ. 1. – М.: «Мысль», 2000. – 605 с.
3. Романовский Г.Б. Дар бораи мафҳуми ҳокимияти давлатӣ (дар таълимоти Г.Ф. Шершеневич) // Илм. Ҷомеа. Давлат. – 2015. – №2 (10). – С. 1-11.
4. Халипов В.Ф. Кратология: наука о власти: учеб. пособие. – М.: «Статут»,1989. – 305 с.
5. Чиркин В.Е. Моделҳои муосири ҳокимияти оммавӣ // Осори Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Россия. – 2013. – №3. – С. 46-47.

**Список литературы:**

1. Ледяев О.М. Власть в социалистическом обществе: теория, история и перспективы. – М.: «Российская политическая энциклопедия», 1989. – 384 с.
2. Новая философская энциклопедия. В 4 томах. Т. 1. – М.: «Мысль», 2000. – 605 с.
3. Романовский Г.Б. О понятии государственной власти (в традициях Г.Ф. Шершеневича) // Наука. Общество. Государство. – 2015. –№2 (10). – С. 1-11.

4. Халипов В.Ф. Кратология: наука о власти: учеб. пособие. – М.: «Статут»,1989. – 305 с.
5. Чиркин В.Е. Современные модели публичной власти // Труды Института государства и права Российской академии наук. – 2013. – №3. – С. 46-47.

**List of literature:**

1. Ledyaev, O.M. Power in Socialist Society: Theory, History and Prospects. – M.: «Russian Political Encyclopedia», 1989. – 384 p.
2. New Philosophical Encyclopedia. In 4 volumes. Vol. 1. – M.: «Mysl», 2000. – 605 p.
3. Romanovsky, G.B. On the Concept of State Power (in the Traditions of G.F. Shershenevich) // Science. Society. State. – 2015. – №2 (10). – P. 1-11.
4. Khalipov, V.F. Kratology: The Science of Power: Textbook. – M.: «Statut», 1989. – 305 p.
5. Chirkin, V.E. Modern Models of Public Power // Proceedings of the Institute of State and Law of the Russian Academy of Sciences. – 2013. – №3. – P. 46-47.

**ТДУ:** 342.761



**Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ**,
доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 904-23-88-88
E-mail: sulaymonzoda.m@gmail.com.



**Неъматова Мосафар Абдуллоевна,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститусионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 879-85-07-07
E-mail: mosafar@bk.ru.

# АСОСҲОИ КОНСТИТУТСИОНИИ ИНКИШОФИ ҲУҚУҚ БА ҲАЁТ ДАР ЗАМОНИ ШУРАВӢ

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқи инсон, Конститутсия, давраи шуравӣ, давлатдории шуравӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҷазои қатл, репрессияҳои сиёсӣ, ҳуқуқи табиӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Аннотатсия.** Дар мақола масъалаи ташаккул ва инкишофи ҳуқуқ ба ҳаёт дар низоми конститутсионии давраи шуравӣ таҳлил мегардад. Муаллифон хусусиятҳои назариявӣ ва меъёрии фаҳмиши ҳуқуқ ба ҳаётро дар доираи идеологияи марксизм-ленинизм баррасӣ намуда, мавқеи давлатро ҳамчун манбаи асосии ҳуқуқу озодиҳои шахсият нишон медиҳанд. Дар асоси таҳлили конститутсияҳои ИҶШС ва Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон солҳои 1931 ва 1937 хулоса карда мешавад, ки ҳуқуқ ба ҳаёт ҳамчун меъёри мустақили конститутсионӣ муқаррар нагардида, бештар хусусияти шартӣ ва инструменталӣ доштааст. Инчунин, робитаи байни меъёрҳои эъломиявии конститутсионӣ ва амалияи воқеии сиёсӣ, аз ҷумла татбиқи ҷазои қатл ва репрессияҳои сиёсӣ, ошкор мегардад. Дар натиҷа, мақола аҳамияти таҷрибаи шуравиро ҳамчун заминаи гузариш ба консепсияи ҳуқуқи табиӣ ва эътирофи инсон ҳамчун арзиши олӣ дар қонунгузории пасошуравӣ асоснок менамояд.

Ҳуқуқи инсон пояи асосии мақоми ҳуқуқии шахсро ташкил дода, дар конститутсияҳои аксари давлатҳои муосир ҳамчун арзиши олии иҷтимоӣ ва умумибашарӣ эътироф гардидааст. Дар миёни маҷмӯи гуногуни ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳуқуқ ба ҳаёт ҷойгоҳи калидӣ ва бунёдӣ дорад, зеро маҳз он ҳамчун шарти ибтидоӣ ва ҳатмии амалӣ гардидани ҳамаи дигар ҳуқуқу озодиҳо хизмат мекунад. Дар сурати аз байн рафтани ҳаёт, татбиқ ва истифодаи дигар ҳуқуқҳо аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ маънои худро гум менамояд.

Гарчанде мафҳуми «ҳуқуқ ба ҳаёт» дар назари аввал сода менамояд, муҳтавои он дорои хусусияти мураккаб ва бисёрҷабҳа мебошад. Ин ҳуқуқ маҷмӯи унсурҳои гуногунро дар бар мегирад, аз ҷумла ҷанбаҳои тиббӣ (оғози ҳаёт, ҳифзи саломатӣ, дахолати тиббӣ), фалсафӣ (арзиши ҳаёт ҳамчун неъмати олӣ), биологӣ (ҳаёт ҳамчун раванд ва ҳолати табиӣ), динӣ (муқаддас будани ҳаёт) ва ҳуқуқӣ (эътироф, кафолат ва ҳифзи меъёрии он). Маҳз ҳамин гуногунҷабҳагӣ боис мегардад, ки ҳуқуқ ба ҳаёт на танҳо ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ, балки ҳамчун падидаи муҳими иҷтимоӣ ва тамаддунӣ арзёбӣ гардад.

Қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ ба ҳаёт хусусияти динамикӣ дошта, пайваста дар ҳолати рушд қарор дорад. Ин раванд зери таъсири тағйироти ҷаҳонӣ ва пайдоиши хатарҳои нави муосир ташаккул меёбад. Падидаҳое чун терроризми байналмилалӣ, низоъҳои мусаллаҳонаи байнидавлатӣ, генотсид, фашизм ва дигар шаклҳои зӯроварии муташаккил гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳатто дар шароити эътирофи умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон, ҳуқуқ ба ҳаёт ҳамоно осебпазир боқӣ мемонад. Дар чунин шароит, зарурати таҳкими кафолатҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳаёт ва такмили механизмҳои миллӣ ва байналмилалии ҳимояи он беш аз пеш аҳаммияти муҳим касб мекунад.

Аз нуқтаи назари илмӣ, баррасии раванди таърихии ташаккул ва рушди танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба ҳаёт дорои аҳамияти махсус мебошад.

Таҳқиқи таҷрибаи байналмилалӣ ва омӯзиши марҳилаҳои инкишофи меъёрҳои дахлдор дар низоми ҳуқуқии миллӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, имкон фароҳам меорад, то қоидаву қонуниятҳои асосии шаклгирии ин ҳуқуқ, самтҳои асосии таҳаввулоти он ва мушкилоти вобаста ба татбиқи амалии он муайян карда шаванд. Чунин равиш заминаи зарурӣ барои такмили минбаъдаи меъёрҳои конститутсионӣ, таҳкими кафолатҳои ҳифзи судӣ ва баланд бардоштани сатҳи таъмини воқеии ҳуқуқ ба ҳаёт ба ҳисоб меравад.

Дар ҳамин замина, таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии ҳуқуқ ба ҳаёт на танҳо воситаи дарки амиқи мазмун ва моҳияти он маҳсуб мешавад, балки ҳамчун пояи муҳими рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқи инсон ва такмили сиёсати ҳуқуқии давлат дар самти ҳифзи арзиши олитарини ҷомеа – ҳаёти инсон хизмат мекунад.

Ҳуқуқ ба ҳаёт ҳамчун яке аз арзишҳои бунёдии ҳуқуқи инсон дар низоми ҳуқуқи байналмилалӣ пас аз анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳон шакл гирифта, мавқеи устувор касб намуд. Маҳз дар ҳамин давра ҷомеаи байналмилалӣ ба зарурати эътирофи умумӣ ва кафолати меъёрии ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ба ҳаёт, таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуд. Дар миёни санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқие, ки пояҳои консепсияи муосири ҳуқуқи инсонро ташаккул додаанд, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз соли 1948 мақоми махсус дошта, ҳамчун санади ибтидоӣ ва арзишмеҳвари байналмилалӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳаёт баромад мекунад.

Ин санадро аксаран «Хартияи озодиҳо барои тамоми инсоният» [1, с. 122] меноманд. Моддаи 3-и ин санад муқаррар менамояд, ки ҳар як шахс ба ҳаёт, озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ ҳуқуқ дорад [2]. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ҳамчун ҳадафи умумибашарӣ қабул гардида, татбиқи он вазифаи муштараки ҳамаи халқҳо ва давлатҳо эътироф шудааст. Қабули ин санад барои ташаккули пояҳои меъёрӣ ва арзишии низоми муосири ҳифзи ҳуқуқи инсон замина гузошта, қоидаҳо ва меъёрҳои умумибунёдиро дар ин соҳа муайян намуд.

Дар ҳамин замина, ташаккули Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ дар таърихи халқи тоҷик ҳамчун як марҳилаи муҳим ва сарнавиштсоз дар роҳи барқарорсозии давлатдорӣ ва рушди ҳамаҷонибаи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ арзёбӣ мегардад. Дар моҳи апрели соли 1929 Съезди дуюми Шуроҳои Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон баргузор шуда, яке аз масъалаҳои асосии баррасишуда дар он қабули қарор оид ба ворид намудани округи Хуҷанд, аз ҷумла ноҳияҳои Исфара, Конибодом, Нов ва Ашт, аз ҳайати Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Узбекистон ба таркиби Тоҷикистон буд.

Минбаъд, дар моҳи майи ҳамон сол Съезди сеюми Шуроҳои Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Узбекистон ин қарорро ҷонибдорӣ намуда, интиқоли округи Хуҷанд ба Ҷумҳурии Тоҷикистонро расман тасдиқ кард. Дар натиҷа, моҳи сентябри соли 1929 округи мазкур ба ҳайати Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дохил гардид. Ҳамроҳ шудани ин минтақа, ки аксарияти аҳолии онро тоҷикон ташкил медоданд, ба анҷом расидани раванди муттаҳидсозии сарзаминҳои тоҷикнишин дар доираи як давлати миллии ягона мусоидат намуд.

Бо ин замина, тибқи қарори Кумитаи Иҷроияи Марказии Иттиҳоди Шуравӣ аз 5 декабри соли 1929 Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии иттифоқӣ таъсис дода шуд. Ин рӯйдод оғози марҳилаи нави рушди давлатдории тоҷиконро ифода намуда, барои ташаккули минбаъдаи институтҳои давлатӣ ва ҳуқуқии кишвар заминаи устувор фароҳам овард. Б.А. Антоненко ба таври асоснок қайд менамояд, ки «ворид гардидани округи Хуҷанд, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ ва фарҳангӣ нисбатан пешрафта буд, ба ҳайати ҶШСМ Тоҷикистон барои рушди минбаъдаи ҷумҳурӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ аҳамияти бузург дошт» [3, с. 222].

Пас аз таъсиси Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии иттифоқӣ, доираи фаъолияти давлатӣ ва ҳуқуқии он ба таври назаррас густариш ёфт. ҶШС Тоҷикистон ҳамчун шакли олии давлатдории миллии халқи тоҷик дорои қобилияти васеи ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ, татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва таъмини мақоми ҳуқуқии шахсият гардид. Дар доираи низоми федеративии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Советии Сотсиалистӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти иттиҳод дорои нишонаҳои муайяни соҳибихтиёрӣ буда, дар асоси санадҳои меъёрии умумииттифоқӣ мустақилона масъалаҳои дорои аҳамияти дохилидавлатиро ҳал менамуд.

Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон 25 феврали соли 1931 аз ҷониби Съезди чоруми умумиҷумҳурии Шуроҳои Тоҷикистон, ки бар пояи Конститутсияи ИҶШС-и соли 1924 таҳия гардида буд, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ таъсиси ҷумҳурии иттифоқии тоҷикон ва воридшавии мустақими онро ба ҳайати ИҶШС мустаҳкам намуд. Конститутсияи мазкур ҳамчун Қонуни асосии ҷумҳурӣ на танҳо сохтори давлатдорӣ ва низоми ҳокимияти давлатиро

муайян кард, балки барои ташаккул ва рушди минбаъдаи мақоми ҳуқуқии шахсият низ заминаи меъёрӣ фароҳам овард.

Дар Конститутсияи соли 1931 тавассути муқаррар намудани маҷмӯи муайяни ҳуқуқҳо, озодиҳо ва уҳдадориҳои шаҳрвандон асосҳои ҳуқуқии ниҳоди мақоми ҳуқуқии шахсият гузошта шуданд. Ин санад ҳамчун марҳилаи муҳими инкишофи конститутсионии Тоҷикистон дар шароити давлати шуравӣ, нақши калидӣ дар ташаккули низоми ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон ва танзими муносибатҳои байни давлат ва шахсият иҷро намуд.

Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1931 [4, с. 334-336] муқаррароти барномавиро дар бораи вазифаи асосии худ – таъмини диктатураи пролетариат «бо мақсади пурра саркӯб намудани буржуазия, барҳам додани истисмори инсон аз ҷониби инсон ва татбиқи коммунизм, ки дар он на синфҳо хоҳанд буд ва на ҳокимияти давлатӣ» пешбинӣ намуд. Тибқи Конститутсия, тамоми ҳокимият дар қаламрави ҶШС Тоҷикистон ба Шуроҳои вакилони коргарон, деҳқонон ва сурхаскарон тааллуқ дошта, маҳз тавассути онҳо пролетариат диктатураи худро амалӣ менамуд [5, с. 45].

Конститутсияи соли 1931, ба монанди Конститутсияи РСФСР соли 1918 [6], Конститутсияҳои ҶШСМ Туркистон (солҳои 1918 ва 1920) [6], Конститутсияи БНСР соли 1920 [6], Конститутсияи ИҶШС соли 1924 ва Конститутсияи ҶШСМ Тоҷикистон соли 1929 [6], аз муқаррароти асосии Эъломияи ҳуқуқи меҳнаткашон ва халқи истисморшаванда бармеомад. Дар ин замина Г. Сатторов қайд мекунад, ки Конститутсияи соли 1931 ба меҳнаткашони Тоҷикистон маҷмӯи пурраи ҳуқуқу имкониятҳоро дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ фароҳам оварда, ҳамзамон ҳамаи тарафдорони сохти кӯҳнаро аз ҳуқуқи иштирок дар идоракунии давлат маҳрум менамуд [5, с. 46].

Конститутсияи соли 1931 дар бисёр мавридҳо Конститутсияи аввалини ҷумҳуриявиро такрор намуд. Он озодии сухан (моддаи 7), озодии виҷдон (моддаи 8), ҳуқуқ ба иттиҳодияҳо (моддаи 9), ҳуқуқ ба маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо ва раҳпаймоиҳо (моддаи 10), ҳуқуқ ба таҳсил (моддаи 11), инчунин ҳуқуқ ба истифодаи озоди забони модариро дар ҳаёти давлатӣ, ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ (моддаи 18) кафолат дод. Меҳнат уҳдадории ҳамаи шаҳрвандон эътироф гардид (моддаи 12), ҳуқуқи хизмат дар қисмҳои миллии Артиши Сурх танҳо ба меҳнаткашон тааллуқ дошт (моддаи 14). Ҳуқуқ ба истифодаи замин ва об барои пешбурди хоҷагии қишлоқ барои ҳамаи шаҳрвандон ва иттиҳодияҳое, ки онро бо меҳнати худ коркард менамуданд, муқаррар карда шуд (моддаи 24).

Тибқи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон аз соли 1931, барои меҳнаткашони Тоҷикистони Шуравӣ имкониятҳои нисбатан васеи иштирок дар идоракунии корҳои давлатӣ ва татбиқи ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ фароҳам оварда шуданд. Аз ҷумла, ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шудан ба мақомоти намояндагӣ, яъне Шуроҳо ба шаҳрвандони ҳарду ҷинс, новобаста аз мансубияти миллӣ, эътиқоди динӣ ва тарзи зиндагӣ, аз синни 18-солагӣ эътироф мегардид. Ин меъёр аз ҷиҳати расмӣ принсипи баробарии сиёсиро дар доираи низоми шуравӣ ифода менамуд.

Бо вуҷуди ин, Конститутсияи мазкур маҳдудиятҳои ҷиддиро пешбинӣ намуда, як қатор гурӯҳҳои аҳолиро аз ҳуқуқи интихоботӣ маҳрум месохт. Ба чунин гурӯҳҳо намояндагони синфҳои истисморгар, тоҷирони хусусӣ, рӯҳониён, шахсони мансуб ба маъмурияти пешина, аъзои сулолаҳои ҳукмрон ва дигар категорияҳои «ғайримеҳнаткаш» дохил мешуданд. Ин маҳдудиятҳо хусусияти идеологӣ дошта, ба табиати синфии давлатдории шуравӣ мутобиқ буданд ва дар амал боиси танг гардидани доираи универсалии ҳуқуқҳои сиёсӣ мегаштанд.

Тағйиру иловаҳое, ки соли 1935 ба Конститутсияи соли 1931 ворид карда шуда, аз ҷониби Съезди панҷуми Шуроҳои Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон тасдиқ гардиданд, ба мазмун ва сохтори мақоми ҳуқуқии шахсият тағйироти ҷиддӣ ворид накарданд. Моҳияти асосии онҳо ба муқаррар намудани уҳдадории умумии ҳарбӣ равона шуда буд, ки ин ба шароити сиёсӣ ва ҳарбии он давра мувофиқат мекард.

Марҳилаи нави инкишофи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули Конститутсияи нави ҶШС Тоҷикистон 1 марти соли 1937 оғоз ёфт. Конститутсияи мазкур, ки аз ҷиҳати мазмун ва сохтор ба Конститутсияи Иттиҳоди ҶШС аз соли 1936 мутобиқ буд, бар пояи ғояи пирӯзии сохти сотсиалистӣ таҳия гардид. Дар он принсипҳои низоми сотсиалистии хоҷагидорӣ, моликияти ҷамъиятӣ ба воситаҳои истеҳсолот, барҳамхӯрии синфҳои истисморгар ва демократикунонии минбаъдаи низоми интихоботӣ мустаҳкам карда шуданд. Ҳамзамон, ин санад ба рушди минбаъдаи институти мақоми ҳуқуқии шахсият дар шароити давлатдории шуравӣ заминаи меъёрӣ фароҳам овард.

Боби маркази Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1937 ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои

шаҳрвандон бахшида шуда буд [7, с. 279]. Ин ҳолат нишонаи равшани таҳаввули мақоми ҳуқуқии шахсият дар Тоҷикистон маҳсуб мeёбад, зеро конститутсияҳои қаблӣ чунин боби мустақил надоштанд. Конститутсияи соли 1937 ҳамаи шаҳрвандонро, бидуни ҷудокунии синфӣ, соҳибҳуқуқ эътироф намуд.

Ҳамин тариқ, Конститутсияи соли 1937 на танҳо заминаи ҳуқуқии васеи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро фароҳам овард, балки кафолатҳои татбиқи онҳоро низ тақвият бахшид. Қабули боби махсус оид ба «Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои асосии шаҳрвандон» нишондиҳандаи муҳими рушди институтҳои ҳуқуқи шахсият дар қаламрави Тоҷикистон дар давраи шуравӣ ба ҳисоб меравад.

Инкишофи ҳуқуқ ба ҳаёт дар даврони шуравӣ раванди мураккаб ва зиддиятнокро инъикос менамояд, ки дар он меъёрҳои эъломиявии конститутсионӣ бо амалияи воқеии сиёсӣ ва ҷиноятӣ на ҳамеша мувофиқат доштанд. Дар низоми ҳуқуқии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ ҳуқуқ ба ҳаёт ҳамчун ҳуқуқи табиӣ ва бебозгашти инсон эътироф нашуда, бештар дар доираи манфиатҳои давлат ва ҷомеаи сотсиалистӣ арзёбӣ мегардид.

Аз нуқтаи назари назарияи ҳуқуқи шуравӣ, ҳуқуқу озодиҳои шахс на аз табиати фитрии инсон, балки аз иродаи давлат сарчашма мегирифтанд. Ин равиш ба асосҳои фалсафии марксизм-ленинизм такя намуда, ҳуқуқро ҳамчун ҷузъи болосохтори сиёсӣ маънидод мекард, ки вобаста ба пояи иқтисодӣ ва сохтори синфии ҷомеа ташаккул мeёбад. Дар чунин фаҳмиш, ҳуқуқ падидаи универсалӣ набуда, дорои характери таърихӣ ва синфӣ эътироф мешуд.

Дар низоми ҳуқуқии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ давлат субъекти марказӣ ва манбаи бевоситаи ҳуқуқҳо ба ҳисоб мерафт. Ҳаҷм, мазмун ва ҳудуди татбиқи ҳуқуқу озодиҳои шахсият аз ҷониби давлат муайян гардида, онҳо вобаста ба манфиатҳои ҷомеаи сотсиалистӣ метавонанд маҳдуд ё тағйир дода шаванд. Дар ин замина, ҳуқуқҳо хусусияти шартӣ ва хизматӣ касб намуда, вазифаи асосии онҳо на ҳифзи манфиатҳои инфиродии инсон, балки таъмини суботи сиёсӣ ва рушди сохти сотсиалистӣ маҳсуб мешуд.

Дар таълимоти ҳуқуқии шуравӣ, махсусан дар осори А.Я. Вишинский, ҳуқуқ пеш аз ҳама ҳамчун воситаи сиёсати давлатӣ ва муборизаи синфӣ арзёбӣ мегардид. Қонуният ва адолат на ҳамчун арзишҳои мустақил, балки ҳамчун категорияҳое баррасӣ мешуданд, ки бояд ба ҳадафҳои ҳокимияти сиёсӣ хизмат намоянд. Ин равиш боис гардид, ки инсон дар муқобили давлат мавқеи дуюмдараҷа ишғол намояд ва ҳуқуқҳои бунёдӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба ҳаёт, хусусияти мустақил надошта бошанд.

Таҳлили санадҳои конститутсионии шуравӣ нишон медиҳад, ки ҳуқуқ ба ҳаёт ҳамчун меъёри мустақили конститутсионӣ муқаррар нагардидааст. Конститутсияҳои солҳои 1936 ва 1977, сарфи назар аз таҳкими як қатор ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва шахсӣ, ҳаёти инсонро ҳамчун арзиши олӣ ва мутлақ эътироф накардаанд. Ҳифзи ҳаёт бештар ба таври ғайримустақим тавассути кафолатҳои амният, тартиботи ҷамъиятӣ ва дахлнопазирии шахс таъмин мегардид, ки чунин ҳифз хусусияти функсионалӣ дошт, на арзишӣ.

Амалияи ҳуқуқӣ, аз ҷумла мавҷудият ва татбиқи ҷазои қатл дар қонунгузории ҷиноятии шуравӣ, далели равшани нисбӣ будани ҳуқуқ ба ҳаёт ба шумор меравад. Давлат ҳуқуқ ба ҳаётро мутлақ намешуморид ва метавонист онро вобаста ба манфиатҳои сиёсӣ маҳдуд созад. Хусусан дар солҳои репрессияҳои сиёсӣ (1930-1950) маҳрумсозии судӣ ва ғайрисудии ҳаёт хусусияти системавӣ касб намуда, ҳамчун воситаи муборизаи сиёсӣ ва назорати иҷтимоӣ истифода мешуд.

Таҳлилҳои муҳаққиқони муосир нишон медиҳанд, ки репрессияҳои оммавӣ падидаи тасодуфӣ набуда, балки унсури сохтории низоми сиёсӣ буданд. Қатлҳои оммавӣ, қарорҳои ғайрисудӣ ва нодида гирифтани принсипи адолати судӣ гувоҳи онанд, ки афзалияти манфиатҳои давлатӣ ва идеологӣ бар арзиши ҳаёти инсон ҳукмфармо буд. Дар чунин шароит, ҳуқуқ ба ҳаёт хусусияти декларативӣ ва инструменталӣ пайдо намуда, танҳо то ҷое ҳифз мешуд, ки бо манфиатҳои давлат мувофиқат мекард.

Аз нуқтаи назари илми муосири ҳуқуқи инсон, чунин консепсия бо меъёрҳои умумибашарӣ мутобиқат надорад. Эътирофи давлат ҳамчун манбаи ягонаи ҳуқуқҳо ба нисбиятнок гардидани ҳуқуқ ба ҳаёт оварда, имкони васеи поймолшавии онро дар амал фароҳам сохт. Маҳз таҷрибаи назариявӣ ва амалии ҳуқуқи шуравӣ, сарфи назар аз баъзе унсурҳои ҳифзи иҷтимоӣ, заминаи зарурати гузариш ба консепсияи ҳуқуқи табиӣ, эътирофи инсон ҳамчун арзиши олӣ ва таҳкими ҳуқуқ ба ҳаёт ҳамчун ҳуқуқи бунёдӣ дар қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид.

Таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии асосҳои конститутсионии инкишофи ҳуқуқ ба ҳаёт дар замони шуравӣ нишон медиҳад, ки ташаккули ин ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ дорои хусусияти мураккаб, зиддиятнок ва маҳдуд буд. Ҳарчанд конститутсияҳои шуравӣ як қатор ҳуқуқу озодиҳои

иҷтимоӣ, сиёсӣ ва шахсиро эълон менамуданд, ҳуқуқ ба ҳаёт дар онҳо ҳамчун арзиши олӣ ва меъёри мустақили конститутсионӣ муқаррар нагардида буд.

Модели конститутсионии шуравӣ ба назарияи марксизм-ленинизм такя намуда, ҳуқуқро ҳамчун падидаи таърихӣ ва синфӣ маънидод мекард. Дар чунин равиш, давлат на танҳо кафили ҳуқуқҳо, балки манбаи бевоситаи онҳо эътироф мешуд. Ҳаҷм, мазмун ва ҳудуди татбиқи ҳуқуқу озодиҳои шахсият пурра аз ирода ва манфиатҳои давлат вобаста гардида, ҳуқуқҳо хусусияти шартӣ ва хизматӣ касб мекарданд. Ин ҳолат боис гардид, ки инсон дар низоми ҳуқуқӣ мавқеи дуюмдараҷа ишғол намояд.

Таҳлили конститутсияҳои солҳои 1931 ва 1937 Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки гарчанде дар онҳо маҷмӯи васеи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, аз ҷумла ҳуқуқҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ, муқаррар гардида буданд, ҳуқуқ ба ҳаёт мустақиман ҳамчун ҳуқуқи бунёдӣ эътироф нашудааст. Ҳифзи ҳаёт бештар ба таври ғайримустақим тавассути кафолатҳои амният, тартиботи ҷамъиятӣ ва дахлнопазирии шахс таъмин мегардид, ки чунин ҳифз хусусияти функсионалӣ дошт, на арзишӣ.

Амалияи ҳуқуқии давраи шуравӣ, аз ҷумла мавҷудият ва татбиқи ҷазои қатл, инчунин маҳрумсозии судӣ ва ғайрисудии ҳаёт дар солҳои репрессияҳои сиёсӣ, далели равшани нисбӣ ва шартӣ будани ҳуқуқ ба ҳаёт ба шумор меравад. Афзалияти манфиатҳои давлатӣ ва идеологӣ бар арзиши ҳаёти инсон боиси номувофиқии ҷиддӣ байни меъёрҳои эъломиявии конститутсионӣ ва воқеияти сиёсӣ ва ҷиноятӣ гардид.

Дар маҷмӯъ, метавон хулоса намуд, ки ҳуқуқ ба ҳаёт дар давраи шуравӣ ҳамчун ҳуқуқи табиӣ, фитрӣ ва бебозгашти инсон эътироф нашуда, бештар дар доираи манфиатҳои давлат ва ҷомеаи сотсиалистӣ арзёбӣ мегардид. Маҳз таҷрибаи зиддиятноки назариявӣ ва амалии ҳуқуқи шуравӣ зарурати бознигарии консепсияи ҳуқуқи инсонро ба миён оварда, заминаи гузариш ба эътирофи инсон ҳамчун арзиши олӣ ва таҳкими ҳуқуқ ба ҳаёт ҳамчун ҳуқуқи бунёдӣ дар қонунгузории пасошуравӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, фароҳам сохт.

**Муқарриз:** н.и.ҳ., дотсент Саидзода И.Ҳ.

## КОНСТИТУЦИОННЫЕ ОСНОВЫ РАЗВИТИЯ ПРАВА НА ЖИЗНЬ В СОВЕТСКИЙ ПЕРИОД

**Ключевые слова:** право на жизнь, права человека, Конституция, советский период, советская государственность, конституционное право, смертная казнь, политические репрессии, естественное право, Республика Таджикистан.

**Аннотация.** В статье анализируются особенности формирования и развития права на жизнь в конституционно-правовой системе советского периода. Рассматриваются теоретические и нормативные основы понимания права на жизнь в контексте марксистско-ленинской идеологии, а также роль государства как основного источника прав и свобод личности. На основе анализа конституций СССР и Таджикской Советской Социалистической Республики 1931 и 1937 годов делается вывод о том, что право на жизнь не закреплялось в качестве самостоятельного конституционного права и носило условный, инструментальный характер. Особое внимание уделяется противоречию между декларативными конституционными нормами и реальной политико-правовой практикой, включая применение смертной казни и массовые политические репрессии. Обосновывается значение советского опыта как предпосылки перехода к концепции естественных прав и признания человека высшей ценностью в постсоветском конституционном праве.

**Сулаймонзода Манучехр Субхонали –** доктор юридических наук, доцент, заведующий кафедрой конституционного и административного права юридического факультета Таджикского национального университета. Тел.: (+992) 904-23-88-88; E-mail: sulaymonzoda.m@gmail.com.

**Неъматова Мосафар Абдуллоевна** – ассистент кафедры конституционного и административного права юридического факультета Таджикского национального университета. Тел.: (+992) 879-85-07-07; E-mail: mosafar@bk.ru.

## CONSTITUTIONAL FOUNDATIONS OF THE DEVELOPMENT OF THE RIGHT TO LIFE IN THE SOVIET PERIOD

**Keywords:** right to life; human rights; Constitution; Soviet period; Soviet statehood; constitutional law; death penalty; political repression; natural law; Republic of Tajikistan.

**Abstract.** The article examines the constitutional foundations of the development of the right to life during the Soviet period. It analyzes the theoretical and normative understanding of the right to life within the framework of Marxist-Leninist ideology, emphasizing the role of the state as the primary source of individual rights and freedoms. Based on an analysis of the Constitutions of the USSR and the Tajik Soviet Socialist Republic of 1931 and 1937, the study concludes that the right to life was not recognized as an independent constitutional right and had a conditional and instrumental character. Particular attention is paid to the contradiction between declarative constitutional provisions and actual political and legal practices, including the application of the death penalty and mass political repression. The article substantiates the importance of the Soviet legal experience as a prerequisite for the transition to the concept of natural rights and the recognition of human life as the highest value in post-Soviet constitutional law.

**Sulaimonzoda Manuchehr Subhonali –** doctor of legal sciences, associate professor, head of the department of constitutional and administrative law of the faculty of law of the Tajik national University. Тел.: (+992) 904-23-88-88; E-mail: sulaymonzoda.m@gmail.com.

**Ne'matova Mosafar Abdulloevna –** assistant of the department of constitutional and administrative law, faculty of law, Tajik national University. Tel.: (+992) 879-85-07-07; E-mail: mosafar@bk.ru.

**Руйхати адабиёт:**

1. Бекяшев К.А. Ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ: китоби дарсӣ. – М.: «Проспект», 1998. – 784 с.
2. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948 // [Захираи электронӣ]. Сомонаи расмии Созмони Милали Муттаҳид. Манбаи дастрасӣ: http://www.un.org/ru/universal-declaration-human-rights. (санаи муроҷиат: 18.01.2025).
3. Антоненко Б.А. Таърихи ҶШС Тоҷикистон. – Душанбе: «Маориф», 1983. – 256 с.
4. Имомов А. Таҳкими давлатдорӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе: «Деваштич», 2003. – 363 с.
5. Сатторов Г. Рушди Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон: дисс. … ном. Илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 1989. – 220 с.
6. Съездҳои Шуроҳои Иттиҳоди ҶШС, ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва ҷумҳуриҳои мухтори сотсиалистии шуравӣ. 1917-1936: Маҷ. ҳуҷҷатҳо: Дар 3 ҷилд. – М.: «Госюриздат», 1959. – 559 с.
7. Конститутсия (Қонуни асосии ИҶШС), Конститутсияҳо (қонунҳои асосӣ)-и Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ. – М.: «Нашриёти давлатии адабиёти ҳуқуқӣ»,1937. – 487 с.

**Список литературы:**

1. Бекяшев К.А. Международное публичное право: учебник. – М.: «Проспект», 1998. – 784 с.
2. Всеобщая декларация прав человека от 10 декабря 1948 года // [Электронный ресурс]. Официальный сайт Организации Объединенных Наций. Режим доступа: http://www.un.org/ru/universal-declaration-human-rights. (дата обращения: 18.01.2025).
3. Антоненко Б.А. История Таджикской ССР. – Душанбе: «Маориф», 1983. – 256 с.
4. Имомов А. Укрепление государственности и создание гражданского общества в Таджикистане. – Душанбе: «Деваштич», 2003. – 363 с.
5. Сатторов Г. Развитие Конституции Таджикской ССР: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 1989. – 220 с.
6. Съезды Советов Союза ССР, Союзных и Автономных Советских Социалистических Республик. 1917-1936 гг.: Сб. документов: В 3 т. – М.: «Госюриздат», 1959. – 559 с.
7. Конституция (основной закон СССР), Конституции (основные законы) Союзных Советских Социалистических Республик. – М.: «Государственное издательство юридической литературы»,1937. – 487 с.

**List of literature:**

1. Bekyashev K.A. International Public Law: textbook. – M.: «Prospekt», 1998. – 784 p.
2. Universal Declaration of Human Rights of 10 December 1948 // [Electronic resource]. Official website of the United Nations. Access mode: http://www.un.org/ru/universal-declaration-human-rights (date of access: 18.01.2025).
3. Antonenko B.A. History of the Tajik SSR. – Dushanbe: «Maorif», 1983. – 256 p.
4. Imomov A. Strengthening of Statehood and the Creation of Civil Society in Tajikistan. – Dushanbe: «Devashtich», 2003. – 363 p.

5. Sattorov G. Development of the Constitution of the Tajik SSR: dis. … cand. of legal sciences. – Dushanbe, 1989. – 220 p.

6. Congresses of Soviets of the USSR, Union and Autonomous Soviet Socialist Republics. 1917–1936: Collection of documents: In 3 vols. – M.: «Gosyurizdat», 1959. – 559 p.

7. Constitution (Basic Law of the USSR), Constitutions (Basic Laws) of the Union of Soviet Socialist Republics. – M.: «State publishing house of legal literature», 1937. – 487 p.

**5.5.3 – ҲУҚУҚИ МАДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ**
**5.5.3 – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО**
**5.5.3 – CIVIL LAW; BUSINESS LAW; FAMILY LAW; INTERNATIONAL PRIVATE LAW**

**ТДУ:** 346.11



**Сангинзода Дониёр Шомаҳмад**,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 980-85-07-07
Email: doniyor_sanginov@mail.ru.



**Абдусамадзода Сорбон**,
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, сармутахассиси раёсати қонунгузорӣ оид ба асосҳои сохтори конститутсионӣ, мудофиа ва амниятии сарраёсати қонунгузории Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 987-56-66-66
Email: sorbon.99@mail.ru.

# ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ САЙЁҲӢ

**Калидвожаҳо:** қонунгузории сайёҳӣ, ҳимояи истеъмолкунандагон, суғуртаи масъулият, масъулияти шахсони сеюм, стандартҳои экологӣ, сайёҳии устувор, туроператор, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ислоҳоти ҳуқуқӣ, таҷрибаи байналмилалӣ.

**Аннотация.** Мақола ба таҳлили ҳолати кунунии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ, муайян кардани камбудиҳои асосӣ ва пешниҳодҳои мушаххас барои такмили он бахшида шудааст. Муаллифон норасоиҳои ҷиддии мавҷударо, аз ҷумла набудани суғуртаи ҳатмии масъулият, норавшании масъулияти шахсони сеюм, заъфи механизмҳои ҳимояи истеъмолкунандагон ва нокифоягии танзими масъалаҳои экологӣ ва устуворӣ баррасӣ намудаанд. Таъсири ин камбудиҳо ба рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ, коҳиши эътимод ва маҳдуд шудани сармоягузорӣ нишон дода шудааст. Дар асоси таҷрибаи байналмилалӣ (Фаронса, Италия, ИМА, Кения, Бразилия ва ғ.) панҷ пешниҳоди мушаххас барои ислоҳоти қонунгузорӣ пешниҳод гардидааст: ҷорӣ кардани суғуртаи ҳатмӣ, мушаххас кардани масъулияти туроператор, содда гардонидани исботи зарар, мустаҳкам кардани стандартҳои экологӣ ва таъсиси Фонди кафолати миллӣ. Татбиқи ин пешниҳодҳо метавонад дар 5 соли оянда низоми ҳуқуқии соҳаро ба сатҳи муосир бардорад, эътимоди дохиливу хориҷиро афзоиш диҳад ва ба рушди устувори сайёҳӣ дар Тоҷикистон мусоидат намояд.

Қонунгузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ яке аз унсурҳои муҳими таъмини фаъолияти устувори ин соҳа ба ҳисоб меравад. Он на танҳо муносибатҳои байни субъектони хизматрасонии сайёҳӣ (агентӣ, туроператор, роҳбалад, меҳмонхона ва ғайра) ва истеъмолкунандагонро танзим менамояд, балки заминаи ҳуқуқии амалиётҳои тиҷоратӣ, ҳифзи муҳити зист, бехатарии сайёҳон ва ҳатто ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии аҳолии минтақаҳои сайёҳиро низ таъмин мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузории асосӣ дар ин соҳа аз ду санади меъёрии ҳуқуқии зерин иборат аст:

- Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2022);
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» аз 7 августи 2020, № 1718 (бо тағйироти минбаъда, аз ҷумла тағйироти соли 2024).

Ин ду санади асосӣ ҳамчун чаҳорчӯбаи умумии ҳуқуқӣ барои фаъолияти субъектҳои сайёҳӣ хидмат мекунанд. Онҳо имкон медиҳанд, ки:

- шартномаҳои хизматрасонии сайёҳӣ баста шаванд;

- ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафҳо муайян гарданд;

- тартиби ҷуброни зарар пешбинӣ шавад.

Аммо ҳарчанд ин ҳуҷҷатҳо заминаи муайян фароҳам меоранд, онҳо дар як қатор самтҳои муҳим норасоиҳои ҷиддӣ доранд, ки ба рушди босуботи соҳа монеа эҷод мекунанд.

1. Набудани институти суғуртаи масъулияти шаҳрвандӣ (профессионалӣ) барои туроператорҳо ва агентҳои сайёҳӣ. Кодекси мадании ҶТ ӯҳдадории ҷуброни зарарро муқаррар мекунад, аммо ягон талаботи ҳатмӣ нисбат ба вуҷуди шартномаи суғуртаи масъулият пешбинӣ нашудааст. Дар натиҷа, ҳангоми муфлисшавии ширкат, бекор шудани сафарҳои гурӯҳӣ ё ҳодисаҳои фавқулодда (масалан, офатҳои табиӣ, бемориҳои сироятӣ ва ғ.) аксари муштариён бе ягон кафолати молиявӣ мемонанд.

2. Норавошании масъулияти шахсони сеюм (меҳмонхонаҳо, интиқолдиҳандагон, роҳбаладон, таъминкунандагони хизматрасониҳои иловагӣ). Кодекси мадании ҶТ имкони ҷалби иҷрокунандагони сеюмро пешбинӣ мекунад, аммо тартиби дақиқи тақсимоти масъулият ва ҳуқуқи регрессро (ҳуқуқи ширкат барои баргардонидани маблағ аз иҷрокунандаи сеюм) ба таври қонеъкунанда танзим накардааст. Ин боиси баҳсҳои тӯлонӣ ва аксар вақт беҳосил дар судҳо мегардад.

3. Заъфи механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар соҳаи сайёҳӣ. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» (соли 2004) умуман истифода мешавад, аммо дар он тартиби махсуси исботи зарар, муҳлатҳои зуд ҷуброн кардан ва стандартҳои далелҳо барои соҳаи сайёҳӣ пешбинӣ нашудааст. Дар натиҷа исботи зарар (махсусан зарари ғайримоддӣ – стресс, аз даст додани вақт, вайрон шудани нақшаҳои таътил) барои истеъмолкунанда хеле мушкил мегардад.

4. Нокифоягии танзими масъалаҳои экологӣ ва устуворӣ. Ҳарчанд дар солҳои охир тағйироте ба Қонуни «Дар бораи сайёҳӣ» ворид карда шудааст, ки талаботи риояи меъёрҳои экологӣ ва ҳифзи захираҳои табииро зикр мекунад, аммо:

- ҷазоҳои мушаххас барои вайронкунӣ муқаррар нашудаанд;

- механизми назорат ва сабти вайронкуниҳо заиф аст;

- ӯҳдадории ширкатҳо оид ба барқарорсозии зарари экологӣ пешбинӣ нашудааст.

Ин ҳолат боиси он мегардад, ки дар минтақаҳои ҳассоси экологӣ фишори антропогенӣ афзоиш ёфта истодааст.

Қонунгузории кунунии Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ ҳанӯз дар марҳилаи ташаккул қарор дорад ва аз ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, таъмини масъулияти молиявии субъектони соҳа ва ҳифзи муҳити зист ба талаботҳои байналмилалии муосир ҷавобгӯ нест. Ин норасоиҳо на танҳо эътимоди дохилӣ ва хориҷиро ба соҳа коҳиш медиҳанд, балки имкониятҳои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳои кӯҳистониро низ маҳдуд месозанд.

Камбудиҳои қонунгузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ на танҳо ба муносибатҳои ҳуқуқӣ байни тарафҳо таъсир мерасонад, балки ба рушди умумии ин соҳа низ монеаҳои ҷиддӣ эҷод мекунад. Дар шароити Тоҷикистон, ки дорои захираҳои бойи табиӣ ва фарҳангӣ аст, ин камбудиҳо боиси коҳиши эътимод ба субъектҳои сайёҳӣ, маҳдуд шудани имкониятҳои сармоягузорӣ ва паст шудани рақобатпазирӣ дар бозори байналмилалӣ мегарданд. Масалан, набудани суғуртаи масъулият ва норавшании масъулияти шахсони сеюм боиси он мегардад, ки муштариён аз хизматрасониҳо худдорӣ мекунанд, зеро аз талафотҳои молиявӣ метарсанд. Ин ҳолат дар ҳолатҳои ахир дар пойтахт ва минтақаҳои кӯҳӣ мушоҳида шуда, талаботро коҳиш додааст.

Барои ширкатҳои сайёҳӣ ин камбудиҳо ба обрӯ ва фаъолияти тиҷоратӣ зарар мерасонад. Норавшании масъулият ва нокифоягии стандартҳои экологӣ боиси баҳсҳои ҳуқуқӣ ва хароҷотҳои иловагӣ мегардад, ки рақобатро суст мегардонад. Ин вазъ сармоягузорони хориҷиро аз ҳамкорӣ бозмедорад, зеро онҳо ба заминаи устувори ҳуқуқӣ ниёз доранд. Дар натиҷа, рушди инфрасохтори сайёҳӣ (меҳмонхонаҳо, роҳҳо, хизматрасониҳои иловагӣ) суст мешавад ва имкониятҳои иқтисодии минтақаҳои дурдаст маҳдуд мегарданд [1, с. 120].

Оқибатҳои иқтисодии ин камбудиҳо дар коҳиши даромадҳо ва ҷойҳои кор зоҳир мешаванд. Агар муштариён аз сафарҳо даст кашанд, ширкатҳо даромади худро аз даст медиҳанд, ки ба иқтисоди маҳаллӣ зарар мерасонад. Дар ҳолатҳои ахир дар минтақаҳо ширкатҳо даромади худро талаф додаанд, ки ба коҳиши ҷойҳои кор оварда расондааст. Инчунин, набудани сармоягузорӣ ба иқтисод зарар мерасонад, зеро хавфҳои ҳуқуқӣ зиёданд. Аз ҷиҳати иҷтимоӣ, камбудиҳо ба эътимод ва сатҳи хизматрасонӣ таъсир мерасонанд. Муштариёне, ки ҷуброн намегиранд, эҳсоси ноадолатӣ мекунанд. Нокифоягии

стандартҳо ба муҳити зист таҳдид мекунад, ки барои наслҳо оқибатҳои манфӣ дорад [2, с. 85].

Андешаҳои олимон дар бораи ин масъалаҳо гуногунанд, аммо аксари онҳо ба зарурати такмили қонунгузорӣ таъкид мекунанд. Баъзе олимон масъулияти ширкатҳоро барои сифати хизматрасонӣ муҳим медонанд ва пешниҳод мекунанд, ки суғуртаи масъулият ҳатмӣ шавад. Ин андешаҳо ба вазъи Тоҷикистон мувофиқанд, зеро набудани механизмҳои ҳимоя эътимодро коҳиш медиҳад. Дигарон ба танзими экологӣ таваҷҷӯҳ доранд ва мегӯянд, ки стандартҳои экологӣ барои нигоҳ доштани захираҳо муҳиманд [3, с. 140].

Баъзе олимон шаффофияти шартномаҳоро талаб мекунанд, то муштариён маълумоти пурра дошта бошанд. Ин андешаҳо барои Тоҷикистон муҳиманд, чунки норавшании муқаррарот баҳсҳоро афзоиш медиҳад. Дигарон масъулияти шахсони сеюмро муҳим мешуморанд ва пешниҳод мекунанд, ки қонунҳо онро мушаххас кунанд [4, с. 200].

Андешаҳо ба такмил таъсири мусбат мерасонанд. Ҷорӣ кардани суғурта эътимодро афзоиш медиҳад. Танзими масъулият баҳсҳоро кам мекунад. Стандартҳои экологӣ захираҳоро ҳифз мекунанд. Шаффофият сармояро афзоиш медиҳад. Ин таъсирҳо ба рушди устувори соҳа мусоидат мекунанд [5, с. 160].

Таҷрибаи байналмилалӣ дар танзими соҳаи сайёҳӣ нишон медиҳад, ки кишварҳои пешрафта ва ҳатто баъзе давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ қонунгузории худро ба таври мукаммал ва мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ сохтаанд. Ин таҷрибаҳо метавонанд ҳамчун намуна барои такмили низоми ҳуқуқии Тоҷикистон хидмат кунанд, хусусан дар самтҳои суғуртаи масъулият, ҳимояи муштариён, масъулияти шахсони сеюм ва ҳифзи муҳити зист.

1. Суғуртаи ҳатмии масъулияти касбӣ (профессионалӣ). Дар аксари кишварҳои Иттиҳоди Аврупо (Франсия, Италия, Испания, Олмон), инчунин дар ИМА, Канада, Австралия ва Ҷопон суғуртаи масъулияти касбии туроператорҳо ва агентҳои сайёҳӣ ҳатмӣ аст. Масалан:

- дар Фаронса (Code du Tourisme) ҳадди ақали маблағи суғурта барои як ҳодиса муайян карда шудааст ва ҳангоми муфлисшавӣ ё иҷро накардани ӯҳдадориҳо Фонди кафолати миллии сайёҳӣ (Fonds de Garantie) фавран ҷуброн мекунад;
- дар ИМА аксари иёлотҳо (аз ҷумла Калифорния, Флорида, Ню-Йорк) талаб мекунанд, ки туроператорҳо суғуртаи масъулият дошта бошанд ва ин маълумот дар шартнома зикр шавад.

Метавон моддаи нав ба Қонуни «Дар бораи сайёҳӣ» илова кард, ки:

- суғуртаи масъулияти касбиро барои ҳама туроператорҳо ва агентҳои расмӣ ҳатмӣ эълон кунад;
- ҳадди ақали маблағи суғурта (масалан, 100 000-300 000 сомонӣ барои як ҳодиса) муқаррар намояд;
- тартиби дастрас кардани маълумот дар бораи суғурта дар шартнома ва веб-сайти ширкатро ҳатмӣ гардонад.

Ин тағйирот эътимоди дохилӣ ва хориҷиро ба ширкатҳои тоҷик ба таври назаррас баланд мебардорад.

2. Масъулияти мушаххаси шахсони сеюм ва фондҳои кафолатӣ. Дар аксари давлатҳои Аврупо (аз ҷумла Италия – Codice del Turismo, Португалия, Испания) туроператор барои ҳама хизматрасониҳои дохили пакет (ҳатто агар онҳоро шахсони сеюм иҷро кунанд) масъулияти пурра дорад. Дар ҳолати вайронкунӣ аз ҷониби меҳмонхона, интиқолдиҳанда ё роҳбалад, муштарӣ ҳуқуқ дорад мустақиман аз туроператор талаб кунад.

Илова кардани муқаррароти зерин ба Қонуни ҶТ «Дар бораи сайёҳӣ» ба мақсад мувофиқ аст: «Туроператор (ё агенти сайёҳӣ) барои иҷрои ҳама хизматрасониҳои дохили пакети сайёҳӣ, новобаста аз он ки онҳоро шахсан ё тавассути шахсони сеюм иҷро мекунад, масъулияти пурра дорад, агар дар шартнома чизи дигар пешбинӣ нашуда бошад». Ин муқаррарот баҳсҳои зиёдеро, ки ҳоло дар судҳо ба вуҷуд меоянд, коҳиш медиҳад.

3. Содда гардонидани исботи зарар ва ҳимояи истеъмолкунанда. Дар Бразилия (Código de Defesa do Consumidor), Ҳиндустон (Consumer Protection Act 2019) ва баъзе иёлотҳои ИМА исботи зарар дар соҳаи хизматрасониҳо (аз ҷумла сайёҳӣ) ба таври назаррас содда карда шудааст:

- кофӣ аст, ки муштарӣ далелҳои ибтидоӣ (сурат, видео, шоҳид, вексел) пешниҳод кунад;
- бор барои исботи набуди гуноҳ ба ширкат гузошта мешавад (принсипи баръакс);
- мӯҳлатҳои кӯтоҳи ҷуброн (7-14 рӯз) муқаррар шудаанд.

Такмили Қонуни «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» бо иловаи боби махсус «Хусусиятҳои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар соҳаи сайёҳӣ», ки дар он:

- принсипи баръаксро (burden of proof reversed) муқаррар кунад;
- рӯйхати далелҳои қобили қабулро (сурат, видео, скриншотҳои чат, вексел, шоҳид) муайян намояд;
- мӯҳлати ҳатмии баррасии шикоятро 10-14 рӯз муқаррар кунад.

4. Танзими масъалаҳои экологӣ ва устуворӣ. Дар Кения, Коста-Рика, Непал ва баъзе иёлотҳои ИМА (аз ҷумла Колорадо, Юта) стандартҳои экологӣ барои фаъолияти сайёҳӣ дар ҳудудҳои табиии ҳифзшаванда ҳатмӣ буда, ҷазоҳои молиявӣ ва маъмурӣ барои вайронкунӣ муқаррар шудаанд [6, с. 102]. Дар баъзе ҳолатҳо ширкатҳо уҳдадоранд, ки қисми даромадро ба барқарорсозии муҳит сарф кунанд (экологӣ-levy).

Такмили Қонуни «Дар бораи сайёҳӣ» ва қонунҳои марбут ба ҳифзи муҳити зист бо илова кардани қоидаҳои зерин:

- ҳатмӣ будани сертификати экологӣ барои ширкатҳое, ки дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда фаъолият мекунанд;
- муқаррар кардани андозаи ҷаримаҳои мушаххас барои вайронкунии қоидаҳои экологӣ (масалан, 5 000-50 000 сомонӣ вобаста ба ҷиддияти вайронкунӣ);
- ӯҳдадории ширкатҳо оид ба гузаронидани «экологӣ-брифинг» барои сайёҳон пеш аз сафар.

Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки муваффақияти соҳаи сайёҳӣ дар ҳолатҳое ба даст меояд, ки қонунгузорӣ:

- ҳимояи қавии молиявии муштариёнро таъмин мекунад (суғурта + фондҳои кафолатӣ);
- масъулияти туроператорро барои тамоми занҷираи хизматрасонӣ мушаххас месозад;
- исботи зарарро барои истеъмолкунанда содда мегардонад;
- стандартҳои экологӣ ва устувориро бо ҷазоҳои воқеӣ мустаҳкам менамояд.

Ин унсурҳо дар Тоҷикистон ҳанӯз вуҷуд надоранд, аммо мутобиқсозии онҳо комилан имконпазир ва зарур аст.

Барои бартараф намудани камбудиҳои мавҷуда ва мутобиқ гардонидани низоми ҳуқуқии Тоҷикистон ба стандартҳои муосири байналмилалӣ, зерин пешниҳодҳои мушаххас ва воқеӣ пешниҳод мегарданд. Ҳамаи онҳо дар асоси таҳлили қисмҳои қаблӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ таҳия шудаанд.

1. Ҷорӣ кардани суғуртаи ҳатмии масъулияти касбӣ барои туроператорҳо ва агентҳои сайёҳӣ. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» моддаи нав илова карда шавад, ки:

- ҳама субъектони фаъолияти сайёҳӣ (туроператорҳо ва агентҳо)-ро вазифадор кунад, ки шартномаи суғуртаи масъулияти касбиро дошта бошанд;
- ҳадди ақали маблағи суғурта барои як ҳодиса 100 000-300 000 сомонӣ муқаррар гардад (бо имкони такмил дар оянда);
- маълумот дар бораи суғурта (ширкати суғуртавӣ, рақами шартнома, ҳадди масъулият) дар ҳама шартномаҳо ва веб-сайтҳои расмӣ ошкоро зикр шавад.

Ин пешниҳод аз таҷрибаи Фаронса, Италия ва ИМА гирифта шуда, эътимоди муштариёнро ба таври назаррас баланд мебардорад.

2. Мушаххас кардани масъулияти пурраи туроператор барои тамоми занҷираи хизматрасонӣ [7, с. 96]. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иловаи қисми зерин такмил ёбад:

«Туроператор (ё агенти сайёҳӣ) барои иҷрои ҳама хизматрасониҳои дохили пакети сайёҳӣ (нақлиёт, истиқомат, хизматрасониҳои роҳбаладӣ ва ғ.) масъулияти пурра дорад, новобаста аз он ки ин хизматрасониҳоро шахсан ё тавассути шахсони сеюм иҷро мекунад.»

Ин қоида баҳсҳои зиёди ҳозираро (ки дар вилояти Суғд ва Бадахшон мушоҳида мешаванд) коҳиш дода, ҳимояи муштариро қавӣ мегардонад.

3. Содда гардонидани тартиби исботи зарар ва муқаррар кардани муҳлатҳои зуд ҷуброн. Ба Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» боби махсус «Хусусиятҳои ҳимояи ҳуқуқ дар соҳаи сайёҳӣ» илова карда шавад, ки:

- принсипи баръаксро (burden of proof reversed) муқаррар кунад – яъне ширкат бояд исбот кунад, ки гуноҳ надорад [8, с. 56];
- рӯйхати далелҳои қобили қабулро (сурат, видео, скриншот, вексел, шоҳид) муайян намояд;
- муҳлати ҳатмии баррасии шикоят ва пардохти ҷубронро 10-14 рӯз муқаррар кунад.

Ин тағйирот аз таҷрибаи Бразилия ва Ҳиндустон гирифта шуда, барои муштариёни тоҷик ҳимояро воқеӣ мегардонад.

4. Мустаҳкам кардани стандартҳои экологӣ ва ҷорӣ кардани ҷазоҳои воқеӣ. Қонуни ҶТ «Дар бораи сайёҳӣ» бо моддаҳои нав такмил ёбад, ки:

- сертификати экологӣ барои фаъолият дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаро ҳатмӣ эълон кунад;
- андозаи ҷаримаҳои мушаххасро барои вайронкунии қоидаҳои экологӣ муқаррар намояд (масалан, 5 000-50 000 сомонӣ);
- уҳдадории ширкатҳоро оид ба гузаронидани брифинги экологӣ барои сайёҳон пеш аз сафар муқаррар кунад.

Ин пешниҳод аз таҷрибаи Кения ва Костаррика гирифта шуда, ҳифзи минтақаҳои ҳассосро таъмин мекунад.

5. Таъсиси Фонди кафолати миллӣ барои ҳимояи муштариён. Бо қарори Ҳукумати ҶТ Фонди махсуси кафолати сайёҳӣ таъсис дода

шавад, ки аз саҳми ҳатмии ширкатҳои сайёҳӣ (масалан, 0,5–1% аз даромади солона) ташкил меёбад. Фонд барои ҳолатҳои муфлисшавӣ, бекоркунии сафарҳои гурӯҳӣ ва ҳодисаҳои фавқулодда ҷуброн мекунад. Ин механизм дар Фаронса, Италия ва Испания бомуваффақият амал мекунад ва метавонад дар Тоҷикистон низ зуд татбиқ гардад.

Қонунгузории кунунии Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ ҳанӯз дар марҳилаи ташаккул қарор дорад ва аз ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, таъмини масъулияти молиявӣ ва ҳифзи муҳити зист ба талаботҳои муосири байналмилалӣ ҷавобгӯ нест. Норасоии суғуртаи масъулият, норавшании масъулияти шахсони сеюм, заъфи механизмҳои ҳимоя ва нокифоягии танзими экологӣ боиси коҳиши эътимод, маҳдуд шудани сармоягузорӣ ва суст гардидани рушди соҳа мегарданд.

Пешниҳодҳои зикршуда, аз ҷумла ҷорӣ кардани суғуртаи ҳатмӣ, мушаххас кардани масъулият, содда гардонидани исботи зарар, мустаҳкам кардани стандартҳои экологӣ ва таъсиси фонди кафолатӣ имкон медиҳанд, ки дар давоми 5 соли оянда низоми ҳуқуқии соҳа ба сатҳи нав баромада, Тоҷикистонро ҳамчун макони бехатар ва ҷолиби сайёҳӣ муаррифӣ намояд. Татбиқи ин ислоҳот на танҳо эътимоди дохилиро баланд мебардорад, балки ҷалби сайёҳони хориҷӣ ва сармоягузориро афзоиш дода, ба рушди устувори иқтисодии минтақаҳои кӯҳистонӣ мусоидат хоҳад кард.

**Муқарриз:** н.и.ҳ., дотсент Шерзода Б.С.

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В СФЕРЕ ТУРИЗМА

**Ключевые слова:** законодательство о туризме, защита прав потребителей, страхование ответственности, ответственность третьих лиц, экологические стандарты, устойчивый туризм, туроператор, Республика Таджикистан, правовая реформа, международный опыт.

**Аннотация.** Статья посвящена анализу современного состояния законодательства Республики Таджикистан в сфере туризма, выявлению основных недостатков и выработке конкретных предложений по его совершенствованию. Авторы подробно рассматривают серьёзные пробелы, в частности отсутствие обязательного страхования ответственности, нечёткость ответственности третьих лиц, слабость механизмов защиты прав потребителей и недостаточную регламентацию вопросов экологии и устойчивого развития. Показывается негативное влияние этих недостатков на экономическое, социальное и экологическое развитие отрасли, снижение доверия и ограничение инвестиционных возможностей. На основе международного опыта (Франция, Италия, США, Кения, Бразилия и др.) предлагается пять конкретных мер законодательного реформирования: введение обязательного страхования ответственности, уточнение ответственности туроператора, упрощение доказывания ущерба, усиление экологических стандартов и создание Национального гарантийного фонда. Реализация данных предложений позволит в течение ближайших 5 лет вывести правовую систему отрасли на современный уровень, повысить внутреннее и внешнее доверие и способствовать устойчивому развитию туризма в Таджикистане.

**Сангинзода Дониёр Шомахмад** – доктор юридических наук, профессор кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета. Email: doniyor_sanginov@mail.ru; Тел.: (+992) 980-85-07-07.

**Абдусамадзода Сорбон** – соискатель кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета, главный специалист управления законодательства об основах конституционного строя, обороны и безопасности главного управления законодательства Министерства юстиции Республики Таджикистан. Email: sorbon.99@mail.ru; Тел.: (+992) 987-56-66-66.

## IMPROVEMENT OF LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE FIELD OF TOURISM

**Keywords**: tourism legislation, consumer protection, liability insurance, third-party liability, environmental standards, sustainable tourism, tour operator, Republic of Tajikistan, legal reform, international experience.

**Abstract**: The article is devoted to the analysis of the current state of legislation of the Republic of Tajikistan in the field of tourism, identification of main shortcomings and development of specific proposals for its improvement. The authors examine in detail the serious gaps, including the absence of compulsory liability insurance, lack of clarity in the liability of third parties, weakness of consumer protection mechanisms, and insufficient regulation of environmental and sustainability issues. The negative impact of these shortcomings on economic, social and environmental development of the sector, decline in trust and limitation of investment opportunities is demonstrated. Based on international experience (France, Italy, USA, Kenya, Brazil, etc.), five specific legislative reform measures are proposed: introduction of compulsory liability insurance, clarification of tour operator liability, simplification of proof of damage, strengthening of environmental standards, and establishment of a National Guarantee Fund. Implementation of these proposals can bring the legal framework of the sector to a modern level within the next 5 years, increase domestic and international trust, and contribute to the sustainable development of tourism in Tajikistan.

**Sanginzoda Doniyor Shomahmad** – doctor of legal sciences, professor of the department of entrepreneurial and commercial law of the faculty of law of the Tajik national University. Email: doniyor_sanginov@mail.ru; Tel.: (+992) 980-85-07-07.

**Abdusamadzoda Sorbon** – applicant of the department of entrepreneurial and commercial law of the faculty of law of the Tajik national University, chief specialist of the department of legislation on the foundations of constitutional order, defense, and security of the main directorate of legislation of the Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan. Email: sorbon.99@mail.ru; Tel.: (+992) 987-56-66-66.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Сангинов Д.Ш. Танзими ҳуқуқии фаъолияти туристӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо. – Душанбе: «Эр-граф», 2010. – 180 с.
2. Сангинов Д.Ш. Танзими ҳуқуқии фаъолияти сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: автореферат барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2010. – 24 с.
3. Сангинов Д.Ш. Танзими ҳуқуқии фаъолияти сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис... барои дарёфти дараҷаи ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2010. – 193 с.
4. Сангинов Д.Ш. Ҳолати ҳуқуқии сайёҳ дар фаъолияти сайёҳӣ: воситаи таълимӣ. – Душанбе.: «Маориф ва фарҳанг», 2011. – 268 с.
5. Ҳуқуқи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ. Васоити таълимию амалӣ // Мураттиб Д.Ш. Сангинов. –Душанбе.: «Эр-граф». 2012. – 320 с.
6. Амирхонова Е.А. Танзими маъмурӣ ва ҳуқуқӣ дар соҳаи сайёҳӣ: дис. ... номзади илмҳои ҳуқуқ. – Челябинск, 2014. – 218 с.
7. Ган Н.А. Танзими ҳуқуқии фаъолият оид ба расонидани хизматрасонии сайёҳӣ дар Федератсияи Русия: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – М., 2008. – 199 с.
8. Стригунова Д.П. Танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Федератсияи Россия: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – М., 2009. – 225 с.

**Список литературы:**

1. Сангинов Д.Ш. Правовое регулирование туристской деятельности в Республике Таджикистан: проблемы и пути их решения. – Душанбе «Эр-граф», 2010. – 180 с.
2. Сангинов Д.Ш. Правовое регулирование туристской деятельности в Республике Таджикистан: автореферат на соискание ученой степени кандидата юридических наук. – Душанбе, 2010. – 24 с.
3. Сангинов Д.Ш. Правовое регулирование туристской деятельности в Республике Таджикистан: диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук. – Душанбе, 2010. – 193 с.
4. Сангинов Д.Ш. Правовое положение туриста в туристской деятелности: учебное пособие. – Душанбе: «Просвещение и культура», 2011. – 268 с.
5. Туристское право Республики Таджикистан. Нормативные правовые акты. Учебно-практическое пособие // Составитель Д.Ш. Сангинов. – Душанбе.: «Эр-граф». 2012. – 320 с.
6. Амирханова Е.А. Административно-правовое регулирование в сфере туризма: дис. ... кан. юрид. наук. – Челябинск, 2014. – 218 с.
7. Ган Н.А. Правовое регулирование деятельности по оказанию туристских услуг в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2008. – 199 с.
8. Стригунова Д.П. Правовое регулирование международного туризма в РФ: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2009. – 225 с.

**List of literature:**

1. Sanginov D.Sh. legal regulation of tourism activities in the Republic of Tajikistan: problems and ways of their solution. – Dushanbe: «Er-Graf», 2010. – 180 p.
2. Sanginov D.Sh. Legal regulation of tourism activities in the Republic of Tajikistan: abstract of the dissertation for the degree of candidate of legal sciences. – Dushanbe, 2010. – 24 p.
3. Sanginov D.Sh. Legal regulation of tourism activities in the Republic of Tajikistan: dissertation for the degree of cand. of legal sciences. – Dushanbe, 2010. – 193 p.
4. Sanginov D.Sh. Legal status of the tourist in tourism activities: textbook. – Dushanbe: «Education and culture», 2011. – 268 p.
5. Tourism law of the Republic of Tajikistan. Normative Legal Acts. educational and practical manual / Compiled by D.Sh. Sanginov. – Dushanbe: «Er-Graf», 2012. – 320 p.
6. Amirkhanova E.A. Administrative and legal regulation in the sphere of tourism: dis. ... cand. legal sciences. – Chelyabinsk, 2014. – 218 p.
7. Gan N.A. Legal regulation of activities for the provision of tourist services in the Russian Federation: dis. ... cand. of legal sciences. – M., 2008. – 199 p.
8. Strigunova D.P. Legal regulation of international tourism in the Russian Federation: dis. ... cand. of legal sciences. – M., 2009. – 225 p.



**УДК:** 347.961.413.8
**Давлатмандзода Эрадж Давламанд,**
кандидат юридических наук, доцент, заведующий кафедрой предпринимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета
Тел: (+992) 900-87-59-59
E-mail: kabutzoda86@mail.ru.

# НАРУШЕНИЕ ПРАВИЛ ПРОВЕДЕНИЯ ТОРГОВ КАК ОСНОВАНИЕ НЕДЕЙСТВИТЕЛЬНОСТИ ТОРГОВ

**Ключевые слова:** торги, аукцион, конкурс, недействительность торгов, нарушение порядка проведения торгов, заинтересованное лицо, судебная практика, извещение о торгах, публичные интересы, гражданское законодательство Республики Таджикистан, антимонопольное право, реституция.

**Аннотация.** В статье исследуются правовые основания признания торгов недействительными в связи с нарушением установленного порядка их проведения.

Обосновывается позиция, согласно которой не всякое формальное отступление от правил проведения торгов может служить основанием для их недействительности, а лишь такое нарушение, которое находится в причинной связи с ущемлением прав и законных интересов заинтересованного лица и повлияло на определение победителя. Особое внимание уделяется вопросам ненадлежащего извещения о торгах, изменению условий торгов по сравнению с заранее объявленными, определению круга лиц, обладающих правом на оспаривание торгов, а также процессуальному статусу участников спора. Рассматриваются положения законодательства Республики Таджикистан, практика антимонопольных органов и судов, а также отдельные элементы зарубежного правового регулирования.

Основанием для признания торгов недействительными может служить не всякое формальное нарушение, а лишь имеющее существенное влияние на результат торгов. Судебная практика отличается отсутствием единообразия и в вопросе о том, насколько серьёзным должно быть нарушение порядка проведения торгов. Известно множество примеров того, как торги, проведённые с нарушением установленных правил всё же, не были признаны судами недействительными. Так, например, по одному делу были установлены следующие факты нарушения порядка проведения торгов – непредоставление истцу информации о конкурсе, заключение договора спустя 5 месяцев после дня проведения конкурса и по иной цене, чем была заявлена на конкурсе, дата протокола заседания конкурсной комиссии не совпадала с датой проведения конкурса. Тем не менее суд счёл, что данные обстоятельства не влияют на действительность торгов и сделки [1].

Чаще всего суды придерживаются правил о том, что основанием для признания торгов недействительными может служить не всякое формальное нарушение, а лишь имеющее существенное влияние на результат торгов и находящееся в причинной связи с ущемлением прав и законных интересов истца. Представляется, что подобная практика основана на положении ст. 2 Экономического процессуального Кодекса Республики Таджикистан, в соответствии с которым задачи экономического судопроизводства состоят из правильного и своевременного рассмотрения и разрешения экономических дел в целях защиты нарушенных или оспариваемых прав, свобод и законных интересов физических (индивидуальных предпринимателей) и юридических лиц, а также прав и законных интересов Республики Таджикистан, органов государственной власти, органов самоуправления посёлков и сёл, других лиц, являющихся субъектами гражданских, предпринимательских, коммерческих, земельных, экологических и других правовых отношений. Поэтому в тех случаях, когда признание торгов недействительными по формальным основаниям не направлено на защиту прав и законных интересов истца, суды отказывают в иске, несмотря на установленные нарушения.

Нарушением правил проведения торгов считаются:

1) незаконный отказ от участия в конкурсе (аукционе);

2) необоснованное исключение из числа участников торгов, признаваемых покупателями в соответствии с законом;

3) нарушения порядка проведения торгов, которые могли привести к неправильному определению победителя.

Однако, все три основания вызывают определённые затруднения. Во-первых, представляется, что отказ от участия в конкурсе может быть совершён лишь участником торгов, и, учитывая, что участие в торгах всегда является правом и никогда не является обязанностью, неясно, как может быть незаконным свободно принятое решение об участии или неучастии в торгах. Возможно, имеется в виду ситуация, когда организатор торгов незаконно кому-то отказывает в участии в торгах, но тогда формулировка должна быть иной. Например, незаконный отказ в допуске к участию в торгах. Во-вторых, неясно, в какой момент проведения торгов может последовать «исключение из числа участников» – практика вполне справедливо признаёт участниками торгов, тех, кто участвует в торгах, чьи предложения сравниваются, сопоставляются, оцениваются. Если же чье-то предложение не подвергается оценке и сопоставлению – это означает, что ему отказано в участии в торгах. То есть дублируется первое основание. В-третьих, остается неясным, какие именно нарушения могут привести к неправильному определению победителя.

Так, согласно статье 7 Закону Республики Таджикистан «О государственном социальном заказе», государственный социальный заказчик осуществляет меры по отбору исполнителей государственного социального заказа, заключению сторонами договора и вносит предложения по включению его финансирования в проект государственного бюджета на последующий год. Исполнитель государственного социального заказа определяется на основе конкурса. Условия и порядок проведения конкурса определяются государственным социальным заказчиком и публикуются в средствах массовой информации. В состав жюри конкурса входят представители государственных органов и их структур, непосредственно связанных с исполнением социальных программ и проектов. Также в состав жюри могут быть включены специалисты, эксперты, представители негосударственных организаций. Победитель конкурса считается исполнителем государственного социального заказа и заключает договор с государственным социальным заказчиком. Закон не предусматривает оснований для признания конкурса недействительными в случае государственного социального заказа. При этом ч. 2 ст. 8 указанного Закона устанавливает, что споры, возникшие между исполнителем социального заказа и государственным социальным заказчиком при заключении, исполнении, внесении в текст изменений и дополнений или расторжении договора о выполнении государственного социального заказа, а также при возмещении материального или морального ущерба, рассматриваются в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

При этом согласно ч. 2 ст. 38 Закона Республики Таджикистан «О государственных закупках», закупающая организация может по согласованию с государственным уполномоченным органом отменить процедуру закупок после вскрытия конкурсных предложений или заявок, если:

- товары, работы или услуги в соответствии с обоснованным заявлением закупающей организации больше не требуются и, следовательно, продолжение процедуры закупок не отвечает общественным интересам;
- в конкурсных документах обнаружен серьезный пробел или ошибка, что это делает невозможным продолжение процедуры закупок;
- возникла необходимость в переносе закупки товара, работы или услуги на более поздний срок, обоснованная закупающей организацией.

Согласно ч. 1 ст. 17 Закона Республики Таджикистан «О защите конкуренции», при проведении конкурса для размещения заказов на поставку товаров, выполнения работ, оказания услуг для государственных нужд, не разрешаются следующие действия:

- предоставление преимущественных условий участия в конкурсе, в том числе, получение секретной информации, снижение суммы платежа для отдельных участников конкурса;
- участие в конкурсе организаторов (заказчиков) и сотрудников-организаторов конкурсов или лиц, которые входят в одну группу лиц с сотрудниками-организаторами конкурса, а также юридических лиц, у которых сотрудник-организатор конкурса имеет право владеть более двадцатью процентами общего количества голосов, полученных от голосующих акций или распоряжаться уставным (складочным) капиталом юридических лиц;

- осуществление организаторами конкурса координации деятельности его участников, в результате чего имеет место или может иметь место ограничение конкуренции среди участников конкурса или ограничение интересов его участников;

- повышение, снижение или поддержание цен на аукционах и торгах;

- нарушение порядка определения победителя (победителей);

- безосновательное ограничение доступности возможности участия в конкурсе.

Проведение конкурсов и аукционов для размещения заявок на поставку товаров, выполнение работ и услуг для государственных нужд в целях предотвращения действий, предусмотренных выше, осуществляются по согласованию с государственным антимонопольным органом. Соответственно, нарушение этих требований может стать основанием для признания судом недействительным конкурса и аукциона, в том числе по иску государственного антимонопольного органа.

Важно обратить внимание и на то, что сделки, совершённые с нарушением порядка, установленного Закона РТ «О защите конкуренции» и приводящие к возникновению или усилению доминирующего положения, ограничению конкуренции, в случае неисполнения участником сделки требований государственного антимонопольного органа по восстановлению необходимых условий конкуренции в установленные им сроки, признаются недействительными. При этом спорным является ч. 4 ст. 22 Закона Республики Таджикистан «О защите конкуренции», которая предусматривает, что государственный антимонопольный орган выдаёт государственным органам, местным исполнительным органам государственной власти, органам самоуправления поселков и сел, а также их должностным лицам предписания, связанные с нижеследующими задачами и обязательные для исполнения, в частности о признании торгов (конкурсов) недействительными, что противоречит ст. 515 Гражданского кодекса Республики Таджикистан (далее – ГК РТ). Так, согласно ГК РТ торги, проведенные с нарушением правил, предусмотренных законом, по иску заинтересованного лица могут быть признаны только судом недействительными.

Следует отметить, что в некоторых странах, в частности в Англии действует Закон честной торговли от 1986 года, ст. 9 которого устанавливает запрет на обман и введение в заблуждение. Отказавшись заключить договор с лицом, предложившим наибольшую цену, организатор продал выставленное на торги имущество другому участнику торгов, с которым существовала предварительная договоренность. Налицо, по мнению суда, нарушение ст. 9 Закона о честной торговле. Кроме того, английская практика по ведению торгов также подтверждает тезис о том, что предъявление участником торгов к организаторам требований, основанных на законе, не исключает одновременно предъявления договорных требований [2, с. 80].

Рассмотрим типичные основания признания торгов недействительными. Анализ судебной практики позволяет выделить следующие типичные основания признания торгов недействительными:

1. Ненадлежащее оповещение о торгах. Абсолютное большинство нарушений при проведении торгов связаны с ненадлежащим извещением о торгах. При этом специальные нормы права о торгах в большей или меньшей доле конкретности устанавливают порядок извещения о предстоящих торгах. Очевидно, что количество участников торгов, а в конечном счёте и экономический эффект от торгов, на который рассчитывает добросовестный организатор торгов, напрямую зависят от соблюдения порядка извещения о торгах. Тем не менее, судебная практика в некоторых случаях относит ненадлежащее извещение о торгах к основаниям признания торгов недействительными, а в других случаях не считает это достаточным нарушением для недействительности торгов.

Как показывают материалы одного судебного дела, содержание опубликованного извещения не соответствовало требованиям ч. 4 и 5 ст. 513 ГК РТ, поскольку не содержало сведений о форме проведения торгов и о порядке оформления участия в них, указывает, что такое нарушение требований к процедуре торгов является обстоятельством, достаточным для признания торгов недействительными по иску заинтересованного в надлежащем проведении публичных торгов для обеспечения конкуренции покупателей и получения наибольшей цены за продаваемое имущество. По мнению суда, отсутствие таких сведений в информации о проведении торгов лишает потенциальных покупателей возможности принять участие в торгах, препятствуя реализации цели выставления имущества на публичную продажу [3].

По другому делу суд посчитал достаточным основанием для признания торгов недействительными то, что информация о

В действующем законодательстве Республики Таджикистан, включая Закон «О финансовой аренде (лизинге)» от 22 апреля 2003 год а, отсутствует чёткое и системное регулирование сроков договора лизинга недвижимости как самостоятельного вида обязательств. Такая неопределённость в нормативной базе порождает целый ряд правовых затруднений. Прежде всего, на практике не выработан единый подход к установлению минимальной продолжительности лизингового обязательства, что затрудняет оценку его экономической целесообразности и правовой устойчивости [18, с. 139]. Кроме того, действующие нормы не содержат прямых требований о том, чтобы порядок продления договора был чётко и однозначно закреплён в письменной форме, что нередко приводит к спорам о правомерности продолжения или прекращения отношений между сторонами. Не менее значимой проблемой является отсутствие ясного правового регулирования последствий досрочного прекращения договора, включая вопросы перерасчёта платежей, компенсации убытков и возврата объекта.

В целях устранения указанных пробелов и повышения правовой определённости лизинговых отношений представляется обоснованным внесение в Закон Республики Таджикистан «О финансовой аренде (лизинге)» специальной

нормы, посвящённой срокам договора лизинга недвижимости, с установлением минимального предельного срока, например, не менее трёх лет. Также целесообразно закрепить в законе обязанность сторон прямо указывать в договоре механизм продления, сроки уведомления и правовые последствия истечения установленного срока. Особое внимание следует уделить введению обязательного условия о порядке расчёта амортизации и определении остаточной стоимости объекта в случае досрочного расторжения соглашения, что позволит снизить риск финансовых споров [19, с. 85]. Дополнительно стоит разработать и утвердить типовые формы договоров лизинга недвижимости, включающие унифицированные временные параметры, что будет способствовать единообразию правоприменительной практики и укреплению правовой стабильности в сфере финансовой аренды.

Результаты проведённого исследования позволяют заключить, что сроки договора финансовой аренды недвижимости представляют собой не только формально-технический параметр сделки, но и важный правовой инструмент, от которого напрямую зависит устойчивость, предсказуемость и экономическая целесообразность лизинговых отношений. Именно временные рамки договора во многом определяют степень защиты интересов участников, баланс их прав и обязанностей, а также обеспечивают реализацию инвестиционного потенциала сделки в долгосрочной перспективе.

Качественная юридическая проработка сроков способствует минимизации правовых рисков, предотвращению возможных споров и созданию условий для стабильного исполнения обязательств. В этой связи совершенствование регулирования временных параметров лизинговых договоров должно рассматриваться как приоритетное направление развития законодательства и правоприменительной практики. Достижение этой цели возможно посредством внесения целевых поправок в нормативно-правовые акты, уточняющих порядок установления, изменения и продления сроков, а также через формирование единообразных подходов в судебной и договорной практике, выработку стандартов оформления и толкования временных условий сделок. Такой комплексный подход позволит укрепить правовую определённость и повысить эффективность лизинговых отношений в сфере недвижимости.

**Рецензент:** д.ю.н., профессор Мирзозода П.З.

## МУҲЛАТИ ШАРТНОМА ҲАМЧУН УНСУРИ ШАРТНОМАИ ИҶОРАИ МОЛИЯВӢ (ЛИЗИНГ) - И АМВОЛИ ҒАЙРИМАНҚУЛ

**Калидвожаҳо:** лизинги молу мулки ғайриманқул, иҷораи молиявӣ, муҳлати шартнома, уҳдадориҳои дарозмуддат, муносибатҳои иҷоравӣ, хусусиятҳои сармоягузорӣ, қатъ кардан пеш аз муҳлат, лизингдиҳанда, лизинггиринда.

**Аннотатсия.** Дар мақола муҳлати шартнома ҳамчун унсури танзими ҳуқуқии шартномаи иҷораи молиявии (лизингии) молу мулки ғайриманқул мавриди баррасӣ қарор меширад. Таҳқиқот ба муайян кардани табиати ҳуқуқии муҳлатҳо дар сохтори уҳдадории лизингӣ, инчунин ба таҳлили нақши функсионалии онҳо дар таъмини манфиатҳои иҷорадеҳ (лизингдеҳ) ва иҷорагир (лизинггиранда) равона шудааст. Таваҷҷуҳи махсус ба муайянсозии ҳуқуқии лизинги молу мулки ғайриманқул ҳамчун уҳдадории дарозмуддат равона шудааст, ки дорои унсурҳои сармоягузорӣ ва қарзӣ мебошад. Ин хусусият зарурати мавҷудияти равиши махсуси ҳуқуқиро дар мувофиқсозӣ ва таъвили муҳлатҳо ба миён меорад. Муаллиф қонунгузорӣ ва равишҳои хориҷиро таҳлил менамояд, ки ба оқибатҳои ҳуқуқии дароз кардан ё пеш аз муҳлат қатъ гардидани муҳлати лизинг бахшуда шудаанд. Хулоса карда мешавад, ки танзими ҳуқуқии дақиқи муҳлатҳо дар муносибатҳои лизингӣ бо дарназардошти хусусиятҳои молу мулки ғайриманқул ва табиати иқтисодии муомила зарур мебошад.

**Назирзода Нигора Назир** – докторант PhD-и курси 3-уми кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. E-mail: nigoranazir@gmail.com; Тел.: (+992) 917-33-75-79.

## TERMS OF THE CONTRACT AS AN ELEMENT OF THE FINANCIAL LEASE AGREEMENT REAL ESTATE

**Keywords:** real estate leasing, financial rent, contract term, long-term obligations, lease relations, investment nature, lessor, lessee.

**Abstract.** The article examines the duration (terms) of a contract as an element of the legal regulation of real estate financial leasing agreements. The study aims to identify the legal nature of timeframes within the structure of leasing obligations, as well as their functional significance in establishing a balance of interests between the lessor (leasing provider) and the lessee (leasing recipient). Special attention is given to the classification of real estate leasing as a long-term obligation with investment and credit-related features, which necessitates a specific legal approach to the coordination and interpretation of contractual terms. The author analyzes national legislation and foreign approaches concerning the legal consequences of expiration, extension, or early termination of the lease term. The conclusion emphasizes the need for more precise normative regulation of terms in leasing relationships, taking into account the specifics of real estate as an object and the economic nature of the transaction.

**Nazirzoda Nigora Nazir –** 3rd year PhD student at the department of business and commercial law, faculty of law, Tajik national University. E-mail: nigoranazir@gmail.com; Tel.: (+992) 917-33-75-79.

**Список литературы:**

1. Осипов А.С. Российское законодательство в области лизинга недвижимости // Исследовано в России, 2004. – 195 с.

2. Демешко А.С. Правовое регулирование договора финансовой аренды (лизинга) // Декабрьские правовые чтения. Альманах лектория: Материалы региональных (межвузовских) научно-практических конференций, Красноярск, 01–08 декабря 2020 года. Том Выпуск 2. – Красноярск: Красноярский государственный аграрный университет, 2020. – С. 33-45.

3. Бутенина Т. Лизинг недвижимости: спорные вопросы // Лизинг ревю. – 2005. – № 4. – С. 22-34.

4. Закон Республики Таджикистан «О финансовой аренде (лизинге)» от 22 апреля 2003 года, №9 // Электронный ресурс: Адлия: Централизованный банк правовой банк информации Республики Таджикистан. Версия 7.0. (дата обращения: 14.05.2025).

5. Зокирзода З.Х. Гражданское право Республики Таджикистан. Первая часть [Текст]: учебное пособие: первое издание. – Душанбе: «Ашуриён», 2022. – 152 с.

6. Арсентьева Е.В. Договор лизинга в современном гражданском праве России и зарубежных стран: дис. ... канд. юрид. наук. – Казань, 2003. – 245 с.

7. Кравченко О.А. Лизинг как гражданско-правовое средство развития рыночных отношений: Автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Краснодар, 2005. – 32 с.

8. Харитонова Ю.С. Договор лизинга. – М.: «Юрайт», 2002. – 300 с.

9. Газман В. Д. Лизинг. Теория, практика, комментарии. – М.: «Правовая культура», 1997. – 416 с.

10. Кабанова И.Е. Правовое регулирование лизинга недвижимого имущества в Российской Федерации: монография. – М.: «Юстицинформ», 2013. – 228 с.

11. Гаюров Ш.К. Финансовое право Республики Таджикистан: учебное пособие. – Душанбе: «Сино», 2005. – 216 с.

12. Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Кн. 1: Общие положения. – М.: «Статут», 2002. – 476 с.

13. Ковынев С. Особенности финансовой аренды (лизинга) недвижимого имущества // Лизинг-Курьер. – 2001. – № 1 (13). – С. 20-23.

14. Витрянский В.В. Договор аренды и его виды: прокат, фрахтование на время, аренда зданий, сооружений и предприятия, лизинг. 3-е изд. – М.: «Статут», 2001. – 299 с.

15. Кумок С.И. Предприниматель и право. – М: «Московское финансовое объединение», 1996. – С. 149.

16. Лапыгин Ю.Н., Сокольских Е.В. Лизинг. – М.: «КНОРУС», 2004. – 350 с.

17. Вайтман Дж. Современное право лизинга. – Кембридж: «Издание университета Кембриджа», 2010. – 240 с.

18. Хакимов Я.Б. Предмет договора финансовой аренды (лизинга) // Государствоведение и права человека. – 2023. – №4(32). – С.130-146.

19. Махмудов М.А., Менглиев Ш.М. Римское частное право. – Душанбе: «ЭР-граф», 2013. – 176 с.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Осипов А.С. Қонунгузории Русия дар соҳаи иҷораи амволи ғайриманқул // Таҳқиқшуда дар Россия, 2004. – 195 с.

2. Демешко А.С. Танзими ҳуқуқии шартномаҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) // Мутолиаҳои ҳуқуқии декабр. Алманахи лексия: Маҷмӯаи мақолаҳои конфронсҳои илмӣ ва амалии минтақавӣ (байнидонишгоҳӣ), Красноярск, 1-8 декабри соли 2020. Ҷилд, Шумора 2. – Красноярск: Донишгоҳи аграрии давлатии Красноярск, 2020. – С. 33–45.

3. Бутенина Т. Иҷораи амволи ғайриманқул: Масъалаҳои баҳсбарангез // Шарҳи иҷора. – 2005. – № 4. – С. 22-34.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» аз 22 апрели соли 2003, № 9 // [Захираи электронӣ]. Адлия: Бонки марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0. (санаи муроҷиат: 14.05.2025).

5. Зокирзода З.Х. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми якум [Матн]: дастури таълимӣ: нашри аввал. – Душанбе: «Ашуриён», 2022. – 152 с.

6. Арсентева Е.В. Шартномаи лизинг дар ҳуқуқи мадании муосири Россия ва кишварҳои хориҷӣ: дисс. ... ном. илм. ҳуқуқ – Қазон, 2003. – 245 с.

7. Кравченко О.А. Лизинг ҳамчун воситаи ҳуқуқии шаҳрвандӣ барои рушди муносибатҳои бозорӣ: автореф. ном. илм. Ҳуқуқ. – Краснодар, 2005. – 32 с.

8. Харитонова Ю.С. Шартномаи лизинг. – М.: «Юрайт», 2002. – 300 с.

9. Газман В.Д. Лизинг. Назария, амалия, тафсир. – М.: «Фарҳанги ҳуқуқ», 1997. – 416 с.

10. Кабанова И.Е. Танзими ҳуқуқии иҷораи молу мулки ғайриманқул дар Федератсияи Россия: Монография. М.: «Юстицинформ», 2013. – 228 с.

11. Ғаюров Ш.Қ. Ҳуқуқи молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ. – Душанбе: «Сино», 2005. – 216 с.

12. Брагинский М.И., Витрянский В.В. Ҳуқуқи шартнома. Китоби 1: Муқаррароти умумӣ. М.: «Статут», 2002. – 476 с.

13. Ковинев С. Хусусиятҳои иҷораи молияи (лизинг) молу мулки ғайриманқул // Лизинг-Курьер. – 2001. – №1 (13). – С. 20-23.

14. Витрянский В.В. Шартномаи иҷора ва намудҳои он: иҷора, иҷораи бино, иншоот ва корхонаҳо, лизинг. Нашри 3. – М.: «Статут», 2001. – 299 с.

15. Кумок С.И. Соҳибкор ва ҳуқуқ. – М: «Ассотсиатсияи молиявии Москва», 1996. – С. 149.

16. Лапигин Ю.Н., Соколских Е.В. Лизинг. – М.: «КНОРУС», 2004. – 350 с.

17. Уайтман Ҷ. Қонуни муосири лизинг. – Кембридж: «Кембридж Пресс», 2010. – 240 с.

18. Ҳакимов Я.Б. Мавзӯи шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – № 4 (32). – С. 130-146.

19. Маҳмудов М.А., Менглиев Ш.М. Ҳуқуқи хусусӣ римӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2013. – 176 с.

**List of literature:**

1. Osipov A.S. Russian legislation in the field of real estate leasing // Researched in Russia, 2004. – 195 p.

2. Demeshko A.S. Legal regulation of the financial lease (leasing) agreement // December legal readings. Almanac of lectures: Materials of regional (interuniversity) scientific and practical conferences, Krasnoyarsk, December 1–8, 2020. Volume Issue 2. – Krasnoyarsk: Krasnoyarsk State Agrarian University, 2020. – P. 33-45.

3. Butenina T. Real Estate Leasing: Controversial Issues // Leasing Review. – 2005. – No. 4. – P. 22-34.

4. Law of the Republic of Tajikistan «On Financial Lease (Leasing)» from 22 April 2003, №9 // [Electronic resource]. Adliya: Centralized Bank of Legal Information of the Republic of Tajikistan. Version 7.0. (date of access: 05.14.2025).

5. Zokirzoda Z.H. Civil law of the Republic of Tajikistan. The first part [Text]: textbook: first edition. – Dushanbe: «Ashurien», 2022. – 152 p.

6. Arsentieva E.V. Leasing agreement in modern civil law of Russia and foreign countries: dissertation of the cand. legal sciences. – Kazan, 2003. – 245 p.

7. Kravchenko O.A. Leasing as a civil law means of developing market relations: Abstract of the dissertation of the cand. legal sciences. – Krasnodar, 2005. – 32 p.

8. Kharitonova Yu.S. Lease agreement. – M.: «Yurayt», 2002. – 300 p.

9. Gazman V. D. Leasing. Theory, practice, comments. – M.: «Legal culture», 1997. – 416 p.

10. Kabanova I.E. Legal Regulation of Leasing of Immovable Property in the Russian Federation: Monograph. – M.: «Yustitsinform», 2013. – 228 p.

11. Gayurov Sh.K. Financial Law of the Republic of Tajikistan: Textbook. – Dushanbe: «Sino», 2005. – 216 p.

12. Braginsky M.I., Vitryansky V.V. Contract Law. Book 1: General Provisions. – M.: «Statut», 2002. – 476 p.

13. Kovynev S. Specific Features of Financial Lease (Leasing) of Immovable Property // Leasing-Courier. – 2001. – №1 (13). – P. 20-23.

14. Vitryansky V.V. Lease Agreement and Its Types: Rental, Time Charter, Lease of Buildings, Structures and Enterprises, Leasing. 3rd ed. – M.: «Statut», 2001. – 299 p.

15. Kumok S.I. Entrepreneur and Law. – M.: «Moscow Financial Association», 1996. – P. 149.

16. Lapygin Yu.N., Sokolskikh E.V. Leasing. – M.: «KNORUS», 2004. – 350 p.

17. Whiteman J. The Modern Law of Leasing. – Cambridge: «Cambridge University Press», 2010. – 240 p.

18. Hakimov Ya.B. The Subject Matter of a Financial Lease (Leasing) Agreement // State Studies and Human Rights. – 2023. – №4 (32). – P. 130-146.

19. Mahmudov M.A., Mengliev Sh.M. Roman Private Law. – Dushanbe: «ER-graf», 2013. – 176 p.



**ТДУ:** 347.440
**Асадуллозода Абдулазиз Асадулло,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 105-77-77-00
E-mail: asadullozoda.a.1998@gmail.com.

# ТАНОСУБИ ШАРТНОМАИ ЭСКРОУ (БА АМОНАТГУЗОРИИ ШАРТӢ) БО ДИГАР ШАРТНОМАҲОИ ҲУҚУҚИ МАДАНӢ

**Калидвожаҳо:** шартномаи эскроу, суратҳисоби эскроу, шартномаи нигаҳдорӣ, аккредитив, ҳиссобаробаркунӣ, тарафҳои шартнома, амонатгузории шартӣ, таносуби шартнома.

**Аннотатсия.** Дар мақолаи масъалаи ҳуқуқии таносуби шартномаи эскроу (ба амонатгузории шартӣ) бо дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ, ки ба шартномаи эскроу монанди ё худ наздики доранд, мавриди таҳлилу тадқиқоти илмӣ қарор гарифта, мавриди барраси қарор дода шудааст. Мақолаи таълифшуда ҳам аз нуқтаи назари адабиётҳои ҳуқуқии ватаниву хориҷӣ ва ҳам дар доираи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ омода карда шудааст. Воқеан муайян намудани фарқиятҳо ва монандии ин шартномаи бо дигар созишномаҳои маданӣ, аз ҷумла бо шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу, шартномаи нигаҳдорӣ ва ҳиссобаробаркунии аккредитив масъалаи мубрам махсуб меёбад, зеро дар адабиёти ҳуқуқӣ вобаста ба ҳолати мазкур баҳсҳои зиёде ҷой доранд. Зери таҳқиқоти илмӣ қарор додани мақолаи мазкур низ саривақтӣ ба шумор рафта, метавонад барои рушди муносибатҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи мадании кишвар замина гузорад.

Шартномаи эскроу дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ мавқеи махсус дошта, ҳамзамон зарурати таҳлилу баррасии ягонагӣ ва тафовути он аз дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ масъалаи мубрам ба шумор меравад. Дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ шартномаҳои дигар ба монанди шартномаи суратҳисоби бонкӣ, шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу, шартномаи нигаҳдорӣ ва монанди инҳо ба шартномаи эскроу алоқамандии зич дошта бо доштани хусусияту аломатҳои муайян аз ҳамдигар фарқ менамоянд.

Ибораи эскроу англисӣ буда, ба маънои «феҳрист, рӯйхат, мавод» фаҳмида мешуд [1, с. 67-69]. Ба маънои ҳуқуқи бошад он нигоҳдории шартиро ифода мекард, яъне супоридани ашё ба шахси сеюм ба номи шахси дигар бо шарте, ки он танҳо пас аз ба иҷро расидани шартҳои муайян ба ӯ дода шавад [2, с. 3-5]. Лозим ба ёдоварист, ки истилоҳи «амонатгузорӣ» дар ҳуқуқи маданию байналмилалӣ истифода мешавад ва маънoҳои гуногун дорад, аз ҷумла нигоҳдории умумӣ, нигоҳдории бонкӣ, гарав, аккредитив ва ғ. васеъ истифода карда мешавад. Аз ин рӯ имрӯз зарурияти таҳлил намудани шартномаи эскроу (ба амонатгузории шартӣ) ва таносуби он бо дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ рӯи кор омадааст.

Ба ақидаи олими рус Ю.В. Романетс барои кушодани мавқеъи шартнома дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ ва муайян намудани фарқият ва ҷудо намудани онҳо ба чор унсури асосӣ ҷой дорад: объект, субъект, мақсаднокӣ ва мазмун [3, с. 495].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 дар соҳаи қонунгузории мадании кишвар ислоҳоти нав амалӣ карда шуд, ки бо қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, институти нави ҳуқуқи маданӣ эскроу ё худ ба амонатгузории шартӣ ба вуҷуд омада, он бо мақсади аз байн бурдани хавфҳои шартномавӣ, иҷрои ӯҳдадориҳои мақсаднок ва кам намудани сатҳи таваккалнокӣ амалӣ карда мешавад.

Ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари шартномаи эскроу ҳамчунин шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу низ ворид карда шудааст. Барои таҳлили пурра ва сифатноки табиат ва моҳияти ҳуқуқии шартномаи эскроу ин категорияҳои ҳуқуқиро ба ҳамдигар дар таносуб дидан лозим аст. Дар бораи муносибати байни шартномаи эскроу ва шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу сухан ронда, бояд қайд кард, ки дар қонунгузории хориҷӣ ин категорияҳо ҳамчун умумӣ ва хусусӣ алоқаманданд.

Оид ба масъалаи муносибати байни шартномаи эскроу ва шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу дар илмӣ маданӣ якчанд равишҳо таҳлил карда шудаанд. Қалб аз ҳама шартномаи суратҳисоби бонкии эскроуро ҳамчун як намуди алоҳидаи шартномаи эскроу медонанд. Ба ақидаи Б.М. Гонгало ва П.В. Крашенинников муносибати

байни чунин сохторҳои ҳуқуқӣ ба монанди шартномаи ҳисоби эскроу ва шартномаи эскроу метавонад бо «навъ» ва «асл» тавсиф карда шавад, яъне дар ин ҷо асли шартномаи эскроу ва мушаххаси шартномаи ҳисоби эскроу мебошад. Моҳияти ҳуқуқӣ ва моҳияти муносибатҳои ҳуқуқие, ки аз ин шартномаҳо бармеоянд, якхелаанд [4, с. 380]. Н.Г. Соломина иброз медорад, ки агар агенти эскроу бон бошад, дар ин сурат ду шартномаи мустақил (шартномаи сурутҳисоби бонкии эскроу ва эскроу) бояд баста шаванд [5, с. 21].

Ба андешаи Л.Г. Ефимова, эскроу ҳамчун усули махсуси шахсии номнависнашудаи таъмини иҷрои уҳдадорӣ ба вуҷуд меояд, ки на танҳо қарздиҳанда, балки бенефитсиарро бо уҳдадориҳои агенти эскроу ҳимоя мекунад [6, с. 369].

А.Г. Карапетов бар ин назар аст, ки иқтидори кафолати сохтори ҳисоби эскроу маҳдуд аст, зеро қарздоре, ки ба ҳисоби эскроу пул гузоштааст, уҳдадории худро иҷро кардааст ва бенефитсиар дигар наметавонад пардохти қарзро аз депонент талаб кунад [7, с. 1282]. Яъне, иваз кардани қарздор аз депонент ба агенти эскроу, ки вазифадор аст маблағҳои пулиро ба фоидаи бенефитсиар ҳангоми пайдо шудани асосҳои дахлдор интиқол диҳад, сурат мегирад. Ҳамин тариқ, ҳисоби эскроу аз бенефитсиар қарздори иловагӣ ба вуҷуд намеорад ва уҳдадории аксессорӣ ташкил намекунад, ки ин барои аксари усулҳои таъминот хос аст. Аз ин рӯ, нуқтаи Назари М.Е. Моргачева асосноктар аст, ки чунин мешуморад, ки ҳисоби эскроу яке аз усулҳои самараноки ҳисобҳо мебошад, ки вазифаи кафолатдиҳанда (таъминкунанда)-ро боэътимод иҷро мекунад [8, с. 20-25].

Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 953 мафҳуми шартномаи суратҳисоби бонкии эскроуро чунин муайян кардааст, ки мувофиқи он шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу бонк (агенти эскроу) барои баҳисобгирӣ ва манъ кардани маблағҳои пулӣ, ки он аз соҳиби суратҳисоб (амонатгузор) барои додани онҳо ба дигар шахс (бенефитсиар) ҳангоми ба вуҷуд омадани асосҳои пешбининамудаи шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу, суратҳисоби бонкии эскроу мекушояд [9].

Тавре маълум аст дар моддаи 953 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта мешавад, ки эскроу агенти ин шартнома бонк мебошад, дар ҳоле ки моддаи 1031 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба шартномаи эскроу бахшида шудааст, ягон муқаррароти муайяни марбут ба эскроу-агентро пешбинӣ накардааст. Объектҳои амонатии ин ду шартнома гуногун мебошанд ва аз ҳамдигар фарқ менамояд. Ҳамин тариқ, тибқи моддаи 1032 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, объекти шартномаи эскроу метавонад молу мулки манқул (ҳамчунин пулҳои нақд, коғазҳои қиматноки ҳуҷҷатӣ ва ҳуҷҷатҳо), маблағҳои пулии ғайринақдӣ ва коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат бошад.

Объект тибқи шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу танҳо маблағҳои пулӣ тибқи моддаи 953 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Реҷаи ҳуқуқии молу мулки ба амонат гузошташавандаи ду сохтори шартномавии баррасишаванда якхела аст. Шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу манъи якхелаи ихтиёрдории маблағ дар суратҳисоби эскроуро пешбинӣ мекунад, ба истиснои ҳолатҳои ихтиёрдории марбут ба иҷрои шартнома.

Танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу аз муқаррароти шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу мутобиқи банди 3 моддаи 1035 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон фарқ мекунад, ки тибқи он агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, агенти эскроу ҳуқуқ надорад, ки амволи баамонатгузошташударо истифода барад ва ихтиёрдорӣ намояд ва дар танзими ҳуқуқии шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу бо истифода аз шартнома имконияти тағйир додани режими ҳуқуқии молу мулк вуҷуд надорад.

Унсури муҳими низоми ҳуқуқии молу мулки ба амонат гузошташуда тибқи шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу имконнопазирии ситонидани чунин молу мулк аз рӯи қарзи амонатгузор ё бенефитсиар мебошад. Ҳамин тариқ, тибқи банди 4 моддаи 954 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бовдоштани амлиётҳо бо суратҳисоби бонкии эскроу, ҳабс ё аз ҳисоб баровардани маблағҳои пулии даронбуда мувофиқи уҳдадориҳои амонатгузор дар назди шахсони сеюм ва тибқи уҳдадориҳои бенефитсиар роҳ дода намешавад. Муқаррароти шабеҳ дар танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу мутобиқи банди 1 моддаи 1038 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронидани рӯёниш ба молу мулки баамонатгузошташуда, ҳабси ин молу мулк ё андешидани тадбирҳои таъминоти пешакӣ вобаста ба қарздории агент ё амонатгузор роҳ дода намешаванд. Аммо ин маънои онро надорад, ки ҳарду шартнома як таъинотро дорост. Зерро асоси ба вуҷуд омадани ӯҳдадориҳо дар шартномаи суратҳисоби бонии эскроу мумкин аст аз дигар шартнома ба миён омада бошад. Масалан дар моддаи 953 банди 2 омаддаст, ки ӯҳдадорӣ мувофиқӣ шартномаи суратҳисоби бонии эскроу

дар баробари шартномаи зикршуда, мумкин аст дар шартномаи дигар зикр шуда бошад, ки тибқи он агенти эскроу бонк мебошад.

Бо назардошти таҳлили дар боло зикршуда танзими ҳуқуқии ду сохтори шартномавӣ хулоса баровардан мумкин аст, ки шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу ва шартномаи эскроу аз ҳам фақит доранд.

Якум аз рӯи мафҳум ва мақсад аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Яъне тибқи шартномаи эскроу агент (шахси сеюм) молу мулк, қоғазҳои қимматноки беҳуҷҷат ё маблағҳоро аз амонатгузор қабул намуда, то иҷрои шартҳо яъне асосҳои ба миён омадан нигоҳ медорад дар сурати ба миён омадани асос ба бенефитсиар месупорад. Дар инҷо ҳадаф таъмини иҷрои ӯҳдадори аст. Аммо шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу бошад, як намуди шартномаи махсуси бонкӣ аст, ки агент (бонк) ҳисоби эскроуро барои нигоҳдории маблағи амонатгузор мекушояд ва онҳоро ҳангоми ба миён омадани асосҳо ба бенефитсиар медиҳад.

Дуюм объекти шартномаҳо. Объекти шартномаи эскроу васеъ буда, тибқи муқ. моддаи 1032 молу мулки манқул (ҳамчунин пулҳои нақд, қоғазҳои қимматноки ҳуҷҷатӣ ва ҳуҷҷатҳо), маблағҳои пулии ғайринақдӣ ва қоғазҳои қимматноки беҳуҷҷат шуда метавонад. Аммо объекти шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу фақат маблағҳои пулӣ (ғайринақдӣ) дар ҳисоби бонкбуда дохил мешавад.

Сеюм тарафҳои шартнома. Шартномаи эскроу сетарафа буда, байни амонатгузор (қарздор), эскроу агент ва бенефитсиар баста мешавад. Шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу бошад дутарафа аст. Тарафҳо дар шартномаи мазкур бошад амонатгузор ва бонк мебошад, аммо бенефитсиар бошад ҳамчун шахси сеюм фоидагиранда иштирок мекунанд ва ҳамчун тарафи комил нест.

Шартномаи эскроу инчунин бо дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ умумияти зиёд дошта, муайян намудани фарқияти он аз падидаи шартномаи нигаҳдорӣ аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад. Бояд қайд намуд, ки дар кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди боби шартномаи нигаҳдорӣ ҷойгир намудани боби шартномаи эскроу маънои онро надорад, ки эскроу як намуди нигаҳдорӣ аст.

Умумияти шартномаи эскроу бо шартномаи нигаҳдорӣ дар он аст, ки дар шартномаи эскроу низ функсияи нигоҳдори дида мешавад, яъне агент уҳдадор аст, молу мулки пешниҳоднамудаи амонатгузорро то лаҳзаи ба вуҷуд омадани асоси ба бенефитсиар додани молу мулк онро нигаҳдорӣ намояд.

Зимнан, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баъзе ҳолатҳо танзими Ҷанбаҳои алоҳидаи шартномаи эскроуро тавассути меёрҳои ба шартномаи нигаҳдорӣ алоқаманд анҶом дода мешавад. Мувофиқи қисми 3 моддаи 1037 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон «агар агент бонк набошад, маблағҳои пулии ғайринақдӣ дар суратҳисоби номиналии он ба амонат гузошта мешавад. То рӯзи ба вуҶуд омадани асосҳои супоридани молу мулк ба бенефитсиар мувофиқи шартномаи эскроу бенефитсиари суратҳисоби бонкии номиналии дар агент кушода амонатгузор мебошад, баъди рӯзи ишорашуда бошад, бенефитсиари суратҳисоби бонкии номиналӣ бенефитсиар тибқи шартнома мебошад».

Тибқи шартномаи нигаҳдорӣ як тараф (нигаҳдоранда) уҳдадор мешавад ашёи супоридани тарафи дигар (молсупор)-ро нигаҳдорӣ намуда, онро беосеб баргардонад [8]. Аммо, аз рӯи мақсаду моҳият шартномаи эскроу ва шартномаи нигаҳдорӣ фарқ менамоянд. Мақсади асосии шартномаи эскроу ин ба агент додани молу мулк чиҳати таъмини иҷрои уҳдадории худ дар назди бенефитсиар барои дар ҳолати ба миён омадани асоси дар шартнома пешбинишуда додани он ба бенефитсиар мебошад.

Н. Соломина қайд намудааст, ки мақсади қабули молу мулк ба амонат дар шартномаи эскроу маънои конститутивӣ дорад ва ин имкон медиҳад, ки сохтори шартномавии мазкур аз шартномаи нигоҳдорӣ фарқ карда шавад [5, с. 21]. К.Г. Сварчевский ва Д.А. Ромм ақидаи болозикрро идома дода иброз медоранд, ки мақоми ҳуқуқии агент маънои санчишро надошта балки иҷрои шартҳои уҳдадорӣ ҳангоми ба вуҷуд омадани асосҳо (масалан: пешниҳоди ҳуҷҷатҳо) мебошад [10, с. 181].

Мақсади асосии шартномаи шартномаи нигаҳдорӣ, нигаҳдорӣ намудани молу мулки муайян ва баъди ба итмом расидани муҳлат баргардонидани он аст [7, с. 448]. Шартномаи эскроу бошад мақсади дигар дорад: яъне ҳангомаи ба миён омадани асосҳои дар шартнома нишондода ба бенефитсиар додани молу мулк бо ҳамин иҷрои гардидани ӯҳдадории асоси байни амонатгузор ва бенефитсиар вуҷуддошта. Объекти шартномаи эскроу молу мулки ғайриманқул буда наметавонад ва дар айни замон объектҳо ба монанди маблағҳои ғайринақдӣ ва коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат ба сифати объекти нигаҳдорӣ баромад карда наметавонанд. Шартномаи эскроу аз ҷониби қонунгузор ҳамчун консенсуалӣ тартиб дода шудаас, шартномаи нигоҳдорӣ бошад, чун қоида, реалӣ аст. Молу мулки ба амонат гузошташуда аз рӯёниш ҳифз карда мешавад,

чунин тарзи ҳифз ба ашёи дар ихтиёри нигаҳбон қарордошта татбиқ намегардад. Ҳамзамон, шартномаи эскроу шартномаи сетарафа мебошад. Шартномаи нигаҳдорӣ дутарафа буда, байни нигаҳдоранда ва молсупор баста мешавад.

Дар асоси таҳлилҳои дар боло анҷомдода мо метавонем якчанд тафовути шартномаи эскроуро аз шартномаи нигоҳдори нишон диҳем.

Авалан, мақсади шартномаҳо гуногун аст. Масалан дар шартномаи нигоҳдорӣ баъди ба анҷом расидани муҳлат молу мулк ба амонатгузор баргардонида мешавад. Аммо дар шартномаи эскроу бошад баъди иҷрои шартҳо он ба бенефитсиар супорида мешавад.

Дигар, аз таҳлили боби 51 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки танҳо ашё барои нигаҳдорӣ супорида мешавад.

Сеюм, вобаста аз тараф. Шартномаи эскроу сетарафа буда, шартномаи нигаҳдорӣ дутарафа аст.

Чорум шартномаи эскроу консенсуалӣ буда, шартномаи нигаҳдорӣ бошад реалӣ аст.

Дар баъзе адабиётҳо шартномаи эскроуро бо ҳисоббаробаркунӣ тибқи аккредитив, ки дар моддаи 968 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ ёфтааст, муқоиса менамоянд.

Тибқи моддаи зикршуда, ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ тибқи аккредитив бонке, ки бо супориши пардохткунанда дар бораи кушодани аккредитив ва мутобиқи дастури он амал мекунад (бонки эмитент), ухдадор мешавад пардохтҳоро ба маблағгиранда гузаронад ё пардохт намояд, аксепт кунад ё векселиро интиқолиро ба инобат гирад ё ваколати гузарондани пардохтҳоро ба маблағгиранда ё пардохт намудан, аксепт кардан ё ба инобат гирифтани векселиро интиқолиро ба зиммаи бонки дигар (бонки иҷрокунанда) гузорад [8].

П.З. Мирзоев нишонаҳои зерини аккредитивро ҷудо намудааст: 1. Аккредитив ӯҳдадории пулӣ буда, танҳо ҳангоми пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ иҷро карда мешавад; 2. Бонк пулдиҳиро аз рӯи аккредитив аз ҳисоби маблағҳои худ ё маблағҳои муштарӣ анҷом медиҳад; 3. Бонк пардохтро аз рӯи аккредитив аз номи худ, вале бо супориши муштарӣ анҷом медиҳад; 4. Аккредитив аҳдест, ки аз шартномаи ҳиссобаробаркунии аккредитивиро пешбиникунанда ҷудо буда, бонк дар иҷро намудани шартнома иштирок намекунад [11, с. 74].

Ба андешаи А.Н. Латиев низоми эскроу ба аккредитив комилан монанд аст, танҳо гардиши ҳуҷҷатҳо байни ҳам фарқ мекунанд [12, с. 144]. Ҳангоми кушодани аккредитив бенефитсиар дар шартномаи асосӣ иштирок намекунад ва кушодани аккредитив яктарафа буда, бо супориши яктарафаи супоришдиҳанда сурат мегирад. Шартномаи эскроу бошад, шартномаи сетрафа аст, ки дар он иродаи амонатгузор ва бенефитсиар пешакӣ дар шартнома нишон дода шуда асосҳо пешбини гардидаанд [13, с. 11]. Мувофиқи қоидаи умумӣ аккредитив бозхостнашаванда аст ниг. моддаи 970 қисми 1 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Танҳо дар ҳолатҳои махсус, вақте ки дар шартҳои аккредитив ошкор зикр шудааст, он бозхостшаванда мешавад ниг. моддаи 969 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон.

А. Бичков ибрози ақида намудааст, ки доираи татбиқи аккредитив аз доираи татбиқи суратҳисоби эскроу аз сабаби ҳолатҳои зерин хеле васеътар аст: доираи муносибатҳое, ки бонк метавонад бо мақсади иҷрои аккредитив анҷом диҳад, нисбат ба интиқоли маблағ ба гиранда хеле васеъ аст [14, с. 99]. Аммо доираи татбиқи шартномаи эскроу бошад аз тарафи дигар васеътар аст. Масалан, ҳама гуна молу мулк (на танҳо маблағҳои ғайринақдӣ), ки аз рӯи аккредитив ба гиранда дода намешавад, тибқи шартномаи эскроу метавонад ба пасандоз гузошта шавад.

М.А. Токмаков ба сифати яке аз хусусиятҳои фарқ кардани шартномаи эскроу аз аккредитивро таҳлил намудааст, ки татбиқи он аккредитив танҳо бо он муносибатҳое вобаста аст, ки истифодаи маблағҳои пулиро дар бар мегиранд, объекти эскроус бошад молу мулки дигар буда метавонад [15, с. 65].

Аз таҳлилҳои дар боло анҷомдода метавон чунин хулосабарори намуд:

Аввалан фарқиятҳои асосии байни шартномаи эскроу ва аккредитивро қайд менамоем. Тавре ки маълум аст, ду намуди аккредитив вуҷуд дорад: аккредитивҳои пӯшонидашуда (ба амонат гузошда шуда) ва пушониданашуда (кафолатнок). Азбаски шартномаи эскроу аз ҷониби се тараф баста мешавад, эҳтимолияти рафтори бевиҷдонона аз ҷониби дилхоҳ тараф кам карда мешавад. Дар муқоиса, агар аккредитив истифода шавад, амонатгузор метавонад онро дар вақти дилхоҳ маҳкам кунад ва агар аккредитиви бозхондашаванда истифода шавад, ҳатто бонк метавонад онро бидуни огоҳии пешакӣ ба гирандаи маблағ баста кунад. Дар айни замон шартномаи эскроу танҳо бо ифодаи шахсии якҷояи иродаи хамаи тарафҳои муомила бекор карда мешавад. Илова бар ин, шартномаи эскроу ҳамчун механизми нисбатан фасеҳтари ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи муомилот пешниҳод карда мешавад, ки дар он тамоми озодии шартнома дар муқоиса бо аккредитив, ки танзими

қонунгузории сахттар дорад, зоҳир мегардад. Масалан, хангоми бастани шартномаи эскроу тарафҳо ҳуқуқ доранд мустақилона шартҳоеро муайян намоянд, ки бенефитсиар дар асоси он ба молу мулки ба амонат гузошташуда дастрасиро мегирад.

Дуюм, аккредитив як намуди ҳиссобаробаркуни буда онро ҳамеша танҳо бонк амалӣ менамояд. Аммо нисбати эскроу ягон намуд маҳдудият дар қонунгузорӣ дида намешавад, онро ҳар як субъекти ҳуқуқи маданӣ амалӣ карда метавонад. Агар бонк агенти эскроуи маблағҳои ғайринақдӣ бошад, пас шартномаи ҳисоби эскроу баста мешавад. Дар ин ҳолат, зарур аст, ки аккредитив ва шартомаи суратҳисоби бонкии эскроу муқоиса карда шаванд, на шартномаи эскроу.

Дигар, уҳдадории бонк оид ба аккредитив дар асоси амалиёти яктарафа – супориши пардохткунанда, муштарии бонк оид ба шартномаи суратҳисоби бонкӣ ба миён меояд. Гирандаи пули нақд дар пайдоиши ин ӯҳдадорӣ иштирок намекунад ва ҳатто метавонад муштарии ин бонк набошад. Шартномаи эскроу шартномаи сетарафаи ҳуқуқии маданӣ мебошад, ки аз ҷониби ҳарсетараф имзо гузошта мешавад.

Чорум, шартҳои шартномаи эскроу метавонад пешбинӣ карда шавад, ки ба ӯҳдадориҳои агенти эскроу на танҳо санҷиши ҳуҷҷатҳо, балки амалҳои дигар вобаста ба зарурати тасдиқи асосҳо барои додани объекти амонат ба бенефитсиар (қисми 2 моддаи 1034 Кодекси Мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон) дохил мешаванд, бонк бошад, танҳо ҳуҷҷатҳои заруриро бо аккредитив месанҷад.

С.Ю. Филиппова ва Шиткина И.С. низ қайд намудаанд, ки агенти эскроу метавонад вазифадор бошад, ки иҷрои воқеии шартҳои шартномаи асосиро аз ҷониби тарафҳо санҷад, ба афзалиятҳои шартномавии шартномаи эскроу нисбат ба шакли аккредитивии ҳисобҳо нисбат дода мешавад [13, с. 378].

Панҷум, дар асоси шартномаи эскроу уҳдадориҳои амонатгузор оид ба бенефитсиар супоридани молу мулк аз лаҳзаи супоридани ин молу мулк ба агнети эскроу иҷрошуда ба ҳисоб меравад. (қисми 3, моддаи 1032 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон). Мутобиқи шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу ҳуқуқ ба маблағҳои пулие, кидар суратҳисоби бонкии эскроу нигоҳ дошта мешавад, то рӯзи ба миён омадани асосҳои гузаронидани онҳо ба бенефитсиар, ба амонатгузор, баъди рӯзи зикршуда бошад, ба бенефитсиар таалуқ дорад. (қисми 1 моддаи 953 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон). Дар ҳоле, ки ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои асосӣ ҳангоми анҷом додани пардохтҳо аз рӯи аккредитив қоидаи умумии моддаи 365 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мешавад: аз рӯйи ӯҳдадории пулӣ оид ба пардохти маблағҳои пулии ғайринақдӣ – дар маҳалли ҷойгиршавии бонк (воҳидҳои сохтории он), ки дар он барои кредитор суратҳисоби бонкӣ кушода шудааст, ҳисобида мешавад.

Масъалаи мазкур, пурра асоснок карда нашудааст, зеро сарфи назар аз он, ки шакли аккредитивии ҳисоббаробаркунӣ аз ҷониби тарафҳои шартнома муқаррар карда шудааст, супориши кушодани аккредитив аз ҷониби пардохткунанда дода мешавад ва барои интихоб ва амал ё беамалии бонк маҳз ӯ бояд ҷавобгар бошад. Уҳдадориҳои ҳисоббаробаркуни аз руи аккредитив ҳангоми додани супоришномаи пардохткунанда ва қабули чунин супориш иҷрошуда аз ҷониби бонкӣ эмитент ҳисоб карда намешаванд. Дар шартномаи эскроу сеҷониба ҳам амонатгузор ва ҳам бенефитсиар агенти эскроуро интихоб ва мувофиқа мекунанд, бинобар ин бенефитсиар аз вақти иҷрои ӯҳдадории асосӣ ва хавфҳои, ки вобаста ба он ба вуҷуд меоянд, огоҳ аст.

Меъёрҳои дигари фарқ кардани эскроу аз аккредитив, ки дар адабиётҳои илмии ватаниву хориҷӣ муайян шудаанд, ба назари мо, пурра асоснок карда нашудаанд.

Аз ҷумла, қайд карда мешавад, ки тибқи аккредитиви гузаранда иҷро метавонад аз нав равона карда шавад: аккредитив на аз ҷониби гиранда, балки аз ҷониби шахси сеюми муайянкардаи ӯ - гирандаи дуюм (моддаи 972 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон) иҷро карда мешавад, аммо дар қонунгузорӣ нисбати агент чунин имконият пешбинӣ нашудааст: вазифадор аст, ки объекти ба амонат гузошташударо танҳо баъди иҷрои шартҳои шартнома ба бенефитсиар диҳад [11, с. 100; 160].

Ҳамчунин қайд карда мешавад, ки эскроу-агент ҳангоми тафтиши ҳуҷҷатҳои бенефитсиар нисбат ба бонк ҳангоми тафтиши ҳуҷҷатҳои қабулкунанда бояд бештар эҳтиёткорӣ ва салоҳиятнок бошад: бонк танҳо ба тафтиши расмии ҳуҷҷатҳое, ки асоси пардохт аз рӯи аккредитив мебошанд, машғул аст; ба вазифахои он тафтиши мазмуни ин ҳуҷҷатҳо дохил намешавад. Баръакси аккредитив, шартномаи эскроу метавонад шартеро, ки дар он қаблан нишон дода шудааст, пешбинӣ намояд, ки дар асоси он эскроу агент уҳдадор мешавад санҷиши пурра ва ҳамаҷонибаи ҳуҷҷатҳоро, агар онҳо барои ба бенефитсиар додани объекти ба амонат гузошташуда асос бошанд. Дар табиати

шартномаи эскроу «чек пурра» бояд ҳамчун арзёбии касбии маълумоти дар ҳуҷҷатҳо мавҷудбуда барои эътимоднокӣ, мукаммалӣ ва дигар сифатҳои он фаҳмида шавад [16, с. 65]. Аммо ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ба вуҷуд омадани асосҳои пардохт (интиқоли молу мулк) бояд аз ҷониби эскроу-агент ва бонк дар ӯҳдадории аккредитив тафтиш карда шаванд.

Мувофиқи моддаи 973 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои аккредитив бо шарте анҷом дода мешавад, ки ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда аз рӯи аломатҳои беруна ба шартҳои аккредитив мувофиқат кунанд. Агар бонк ҳуҷҷатҳои ихтилофро ошкор кунад, яъне номувофиқатии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо аз рӯи аломатҳои беруна ба шартҳои аккредитив муқаррар кунад, пас ӯ ҳуқуқ дорад иҷрои аккредитивро рад кунад, дар ин бора ба гирандаи маблағ хабар диҳад ва ҳамаи ихтилофотро, ки сабаби радкунӣ мебошанд, нишон диҳад.

Тибқи шартномаи эскроу, агар асосҳои асоснок барои боваринок будани ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда мавҷуд бошанд, агенти эскроу бояд аз додани молу мулк, агар дар шартнома тартиби дигаре пешбини нагардида бошад.

А.Бичков чунин мешуморад, ки агар аккредитиви бозхондашаванда ҳамчун усули ҳисоббаробаркунӣ байни тарафҳои муомила истифода шавад, дар ин ҳолат қонун ба пардохткунанда имкон медиҳад, ки бе огоҳии гиранда аз маблағҳои нияти худ чунин аккредитиврo тағйир диҳад ё бекор кунад. Дар баробари ин, вазъи ҳуқуқии пасандозгузор дар шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу ваколати шабеҳро дар бар намегирад [14, с. 100].

Хамин тариқ, онҳо аз рӯи меъёрҳои зерин фарқ мекунанд: 1) шахсе, ки предмети ӯҳдадориро бевосита амалӣ менамояд; 2) асоси ба амал омадан (созишномаи сетарафа, аммо муомилоти яктарафа (супориши пардохткунанда)); 3) (мавҷудият: надоштани ухдадорӣ оид ба тафтиши асос барои гузаронидани маблағҳо, иҷрои воқеии ӯҳдадории асосӣ (агенти эскроу вуҷуд дорад; дар бонки эмитент вуҷуд надорад); 4) дараҷаи дахлнопазирии молу мулк (ситонидан, ҳабс кардан, аз ҳисоб баровардан, андешидани чораҳои бехатарӣ нисбат ба он иҷозат дода намешавад); 6) вақти иҷрои ухдадории асосӣ (супоридани молу мулк ба агенти эскроу/ лаҳзаи ба суратҳисоби бонкии гиранда ворид кардани он).

**Муқарриз:** д.и.ҳ., профессор Мирзозода П.З.

## СООТНОШЕНИЕ ДОГОВОРА ЭСКРОУ (УСЛОВНОГО ДЕПОНИРОВАНИЯ) С ДРУГИМИ ГРАЖДАНСКО-ПРАВОВЫМИ ДОГОВОРАМИ

**Ключевые слова:** договор эскроу, счёт эскроу, договор хранения, аккредитив, расчёты, стороны договора, условное депонирование, соотношение договоров.

**Аннотация.** В статье рассматривается правовая проблема соотношения договора эскроу (условного депонирования) с другими гражданско-правовыми договорами, имеющими сходство или близость к договору эскроу. Данная проблема подвергнута научному анализу и исследованию. Подготовленная статья составлена как с учетом отечественной и зарубежной правовой литературы, так и в рамках требований действующего законодательства Республики Таджикистан и иностранных государств. Определение реальных различий и сходств данного договора с другими гражданско-правовыми соглашениями, в том числе с договором банковского счета эскроу, договором хранения и расчетами по аккредитиву, является актуальной задачей, поскольку в юридической литературе по этому вопросу существует множество дискуссий и споров. Научное исследование данной статьи также считается своевременным и актуальным, поскольку оно может заложить основу для развития договорных отношений в гражданском праве страны.

**Асадуллозода Абдулазиз Асадулло –** ассистент кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета. E-mail: asadullozoda.a.1998@gmail.com; Тел.: (+992) 105-77-77-00.

## THE RELATIONSHIP OF THE ESCROW AGREEMENT (CONDITIONAL DEPOSIT / ESCROW) WITH OTHER CIVIL LAW CONTRACTS

**Keywords:** escrow contract, escrow account, storage contract, letter of credit, settlements, parties to the contract, conditional deposit, correlation of contracts.

**Abstract.** The article examines the legal issue of the relationship (correlation) between the escrow agreement (conditional deposit) and other civil law contracts that bear similarity or proximity to the escrow

agreement. This issue is subjected to scientific analysis and research. The prepared article is compiled taking into account both domestic and foreign legal literature, as well as within the framework of the requirements of the current legislation of the Republic of Tajikistan and foreign states. Determining the actual differences and similarities of this contract with other civil law agreements, including the bank escrow account agreement, the storage (custody) agreement, and settlements via letter of credit, constitutes a pressing task, as there are numerous debates and discussions on this matter in the legal literature. The scientific study of the present article is also considered timely and relevant, as it can lay the foundation for the development of contractual relations in the civil law of the country.

**Asadullozoda Abdulaziz Asadullo –** assistant at the department of entrepreneurial and commercial law, faculty of law, Tajik national University. E-mail: asadullozoda.a.1998@gmail.com; Тел.: (+992) 105-77-77-00.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Батин В. В. Шартномаи амонатгузории шартӣ (эскроу) ва шартномаи суратҳисоби эскроу: таносуби уҳдадориҳо ва умумияти онҳо // Илми ҳуқуқшиносӣ. – 2014. – № 2. – С. 65-72.

2. Шенникова Л. В. Дар бораи шартномаи нави ҳатман нотариалӣ тасдиқшаванда бо номи «эскроу» // Нотариус. –2018. – № 2. – С. 2-8.

3. Романетс Ю.В. Низоми шартномаҳо дар ҳуқуқи мадании Россия: монография. – М.: «ИНФРА-М», 2013. – 495 с.

4. Крашенинников П.В. Кодекси мадании Федератсияи Россия. Аҳдҳои молиявӣ. Тафсири моддавӣ ба бобҳои 42-46 ва 47.1. –М.: «Статут». – С. 380.

5. Соломина Н.Г. Оид ба масъалаи шартномаи амонатгузории шартӣ // Ҳуқуқ ва иқтисод. – 2019. – № 10. – С. 18-26.

6. Ефимова Л. Г. Шартномаҳои пасандоз ва суратҳисоби бонкӣ. Силсила: амалиёти бонкӣ. Монография. – М.: «Проспект», 2018. – 369 с.

7. Карапетов А.Г. Қарз, кредит, факторинг, пасандоз ва суратҳисоб: тафсири модда ба моддаҳои 807-860.15 Кодекси мадании Федератсияи Россия. – М.: «М-Логос», 2019. – 1282 с.

8. Моргачева М.Е. Истифодаи шартномаи эскроу дар Россия ва кишварҳои хориҷӣ. – М.: «Статут», 2019. – 309 с.

9. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2023 // [Захираи электронӣ]. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.09.2025).

10. Сварчевский К.Г., Ромм Д.А. Таҳлили ҳуқуқӣ ва дурнамои рушди шартномаи суратҳисоби эскроу: хусусӣ ва оммавӣ дар ҳуқуқи ашёӣ: маҷмӯаи мақолаҳо. – СПб.: ИД «Петрополис», 2016. – С. 179-185.

11. Мирзоев П.З. Ҳуқуқи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон: васоити таълимӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2014. – 74 с.

12. Латиев А.Н. Чӣ гуна хона харидан: маслиҳатҳои ҳуқуқшинос. – М.: «Рӯзномаи Россия», 2017. – 144 с.

13. Филиппова С.Ю., Шиткина И.С. Фурӯш ё хариди тиҷорат: роҳнамои ҳуқуқии шартнома. – М.: «Статут», 2019. – 191 с.

14. Бичков А. Тафовути Суратҳисоби эскроу аз аккредитив // Маълумоти бонкӣ. – 2018. – № 2. – С. 96-105.

15. Токмаков М.А. Амонатгузории шартӣ (эскроу) дар ҳуқуқи Россия ва ИМА: дис. … ном. илм. ҳуқуқ. – Самара, 2017. – 239 с.

**Список литературы:**

1. Батин В.В. Договор условного депонирования (эскроу) и договор счета эскроу: соотношение обязательств и перспективы сосуществования // Юридическая наука. – 2014. – № 2. – С. 65-72.

2. Щенникова Л.В. О новом договоре, подлежащем обязательному нотариальному удостоверению, с загадочным названием «эскроу» // Нотариус. – 2018. – № 2. – С. 2-8.

3. Романец Ю.В. Система договоров в гражданском праве России: монография. – М.: «ИНФРА-М», 2013. – 495 с.

4. Крашенинников П.В. Гражданский кодекс Российской Федерации. Финансовые сделки. Постатейный комментарий к главам 42–46 и 47.1. – М.: «Статут». – С. 380.

5. Соломина Н.Г. К вопросу о договоре условного депонирования // Право и экономика. – 2019. –

№ 10. – С. 18-26.

6. Ефимова Л.Г. Договоры банковского вклада и банковского счета. Серия: Банковские сделки. монография. – М.: «Проспект», 2018. – 369 с.

7. Карапетов А.Г. Заем, кредит, факторинг, вклад и счет: постатейный комментарий к статьям 807-860.15 Гражданского кодекса Российской Федерации. – М.: «М-Логос», 2019. – 1282 с.

8. Моргачева М.Е. Применение договора эскроу в России и зарубежных странах. – М.: «Статут», 2019. – 309 с.

9. Гражданский кодекс Республики Таджикистан (в редакции от 1 июля 2023 г.) // [Электронный ресурс]. Централизованный информационно-правовой банк данных Республики Таджикистан «Адлия». Версия 7.0. Режим доступа: http://www.adlia.tj (дата обращения: 20.09.2025).

10. Сварчевский К.Г., Ромм Д.А. Правовой анализ и перспективы развития договора счета эскроу: частное и публичное в вещном праве. – СПб.: ИД «Петрополис», 2016. – С. 179-185.

11. Мирзоев П.З. Банковское право Республики Таджикистан: учебное пособие. – Душанбе: «ЭР-граф», 2014. – 312 с.

12. Латыев А.Н. Как купить жилье: советы юриста. – М.: «Российской газеты», 2017. – 144 с.

13. Филиппова С.Ю., Шиткина И.С. Продажа или приобретение бизнеса: правовое сопровождение сделки. – М.: «Статут», 2019. – 191 с.

14. Бычков А. Отличие счета эскроу от аккредитива // Банковское обозрение. – 2018. – № 2. – С. 96-105.

15. Токмаков М.А. Условное депонирование (эскроу) в праве Росии и США: дис. … канд. юрид. наук. – Самара, 2017. – 239 с.

**List of literature:**

1. Batin V.V. The conditional deposit agreement (escrow) and the escrow account agreement: correlation of obligations and prospects for coexistence // Legal Science. – 2014. – №2. – P. 65-72.

2. Shchennikova L.V. On a new contract subject to mandatory notarial certification with the mysterious name «escrow» // Notary. – 2018. – №2. – P. 2-8.

3. Romanets Yu.V. The system of contracts in the civil law of Russia: monograph. – M.: «INFRA-M», 2013. – 495 p.

4. Krasheninnikov P.V. Civil code of the Russian Federation. Financial transactions. article-by-article commentary to chapters 42-46 and 47.1. – M.: «Statut». –380 p.

5. Solomina N.G. On the issue of the conditional deposit (escrow) agreement // Law and Economics. – 2019. – №10. – P. 18-26.

6. Efimova L.G. Bank deposit and bank account agreements. series: banking transactions. monograph. – M.: «Prospekt», 2018. – 369 p.

7. Karapetov A.G. Loan, credit, factoring, deposit and account: article-by-article commentary to articles 807-860.15 of the Civil Code of the Russian Federation. – M.: «M-Logos», 2019. – 1282 p.

8. Morgacheva M.E. Application of the escrow agreement in Russia and foreign countries. – M.: «Statut», 2019. – 309 p.

9. Civil Code of the Republic of Tajikistan (as amended on July 1, 2023) // [Electronic resource]. Centralized legal information database of the Republic of Tajikistan «Adlia». Version 7.0. Access mode: http://www.adlia.tj (date of access: 20.09.2025).

10. Svarchevsky K.G., Romm D.A. Legal analysis and prospects for the development of the escrow account agreement: private and public aspects in property law. – St. Petersburg: PH «Petropolis», 2016. – P. 179-185.

11. Mirzoev P.Z. Banking law of the Republic of Tajikistan: study guide. – Dushanbe: «ER-Graf», 2014. – 312 p.

12. Latyev A.N. How to buy housing: advice from a lawyer. – M.: «Rossiyskaya Gazeta», 2017. – 144 p.

13. Filippova S.Yu., Shitkina I.S. Sale or acquisition of a business: legal support of the transaction. – M.: «Statut», 2019. – 191 p.

14. Bychkov A. The difference between an escrow account and a letter of credit // Banking Review. – 2018. – №2. – P. 96-105.

15. Tokmakov M.A. Conditional deposit (escrow) in the law of Russia and the USA: dis…. cand. of legal sciences. – Samara, 2017. – 239 p.



**ТДУ:** 347.451.41
**Вализода Манучеҳр Раҳмоналӣ,**
унвонҷӯи Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 926-48-60-60
E-mail: bolayoqat@gmail.com.

# ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲОИ ШАРТНОМАИ ХАРИДУ ФУРӮШИ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқ, уҳдадорӣ, иҷрои уҳдадорӣ, шартнома, тарафҳои шартнома, харидор, фурӯшанда, супоридани молу мулк, қабули молу мулк.

**Аннотатсия.** Дар мақолаи мазкур аз ҷониби муаллиф масъалаҳои ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳои шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода шудааст. Дар асоси баррасии мавзуи мазкур метавон ба хулосае омад, ки тибқи шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул тарафҳои он соҳиби ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайян мебошанд. Дар натиҷаи таҳлили қонунгузорӣ ва адабиётҳои илмӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои зерини тарафҳои шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқулро ҷудо намудан мумкин аст: 1) Ҳуқуқҳои фурӯшанда: талаб намудани қабули мол, талаб намудани пардохти маблағи муайяни пулӣ; 2) Уҳдадориҳои фурӯшанда: уҳдадории супоридани бино, иншоот, хона ё молу мулки дигари ғайриманқул ба моликияти харидор, супоридани ҳуҷҷатҳои вобаста ба молу мулк, огоҳ намудани харидор дар бораи сифати молу мулки ғайриманқул, камбудиҳо ва нуқсонҳои мавҷудаи он; 3) Ҳуқуқҳои харидор: талаб намудан аз харидор ба моликияти ӯ супоридани мол, ҳуқуқи истифодаи он қисмати қитъаи замине, ки дар он ин молу мулки ғайриманқул ҷойгиранд ва барои истифодаи онҳо зарур мебошад; 4) Уҳдадориҳои харидор: қабул кардани молу мулки ғайриманқул, пардохт намудани маблағи муайяни пулӣ барои молу мулки ғайриманқул.

Ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳои шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул дар зербоби 3 боби 35 Кодекси мадании Ҷумҳури Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст [1].

Мазмуни шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул аз ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳое, ки онро имзо кардаанд, яъне фурӯшанда ва харидор иборат аст.

Шартномаи мазкур аз лаҳзаи дар идораи нотариалии давлатӣ тасдиқ шудан басташуда эътироф мешавад ва барои тарафҳо ҳуқуқу уҳдадориҳои муайянро ба вуҷуд меорад. Танҳо ҳуқуқи моликияти харидор ба мавзуи шартнома аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ пайдо шуда, ҳуқуқи моликияти фурӯшанда қатъ мегардад [2, с. 92].

Дар асоси қ. 1 м. 606 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул фурӯшанда уҳдадор мешавад ба моликияти харидор бино, иншоот, хона ё молу мулки дигари ғайриманқулро супорад.

Дар асоси муқаррароти мазкур яке аз уҳдадориҳои асосии фурӯшанда супоридани бино, иншоот, хона ё молу мулки дигари ғайриманқул ба моликияти харидор мебошад.

Тибқи мафҳуми умумии шартномаи хариду фурӯш мутобиқи он як тараф (фурӯшанда) уҳдадор мешавад, ки молро ба моликияти тарафи дигар (харидор) диҳад ва харидор уҳдадор мешавад ин молро қабул карда, бар ивазаш маблағи муайяни пулӣ супорад (моддаи 521 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Ҳамзамон, дар асоси муқаррароти болозикр пайхас намудан мумкин аст, ки фурӯшанда уҳдадор мешавад, ки молро ба моликияти харидор диҳад ва харидор уҳдадор мешавад ин молро қабул карда, бар ивазаш маблағи муайяни пулӣ супорад.

Истилоҳи «супоридан» ба маънои васеи худ маҷмуи амалҳои муайян ва мувофиқашудаеро ифода менамояд, ки ба он равона шудаанд, то як объекти муайян (молу мулки ғайриманқул) аз як субъекти ҳуқуқӣ ба субъекти дигар гузарад. Дар натиҷаи супоридан, соҳиби аввалини молу мулк (фурӯшанда) ҳуқуқи соҳибиятро нисбат ба он аз даст медиҳад, дар ҳоле ки субъекти дигар (харидор) онро ба даст меорад [3, с. 62].

Мутобиқи моддаи 612 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон супоридани молу мулки ғайриманқул аз ҷониби фурӯшанда ва қабули он аз ҷониби харидор тибқи санади супоридан бо имзои тарафҳо ё дигар ҳуҷҷат оид ба супоридан анҷом дода мешавад.

Агар дар қонунгузорӣ ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, уҳдадории фурӯшанда оид ба супоридани молу мулки ғайриманқул ба харидор пас аз супоридани ин молу мулк ба харидор ва аз ҷониби тарафҳо имзо

намудани санади дахлдор оид ба супоридани молу мулк иҷрогардида ба ҳисоб меравад.

Аз имзои санади супоридани молу мулки ғайриманқул тибқи шартҳои пешбининамудаи шартнома саркашӣ кардани яке аз тарафҳо мувофиқан ҳамчун аз ҷониби фурӯшанда рад кардани иҷрои уҳдадории супоридани молу мулк ва аз ҷониби харидор уҳдадории қабули молу мулк ҳисобида мешавад.

Аз ҷониби харидор қабул намудани молу мулки ғайриманқуле, ки ба шартҳои шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул мувофиқ намебошанд, аз ҷумла дар ҳолатҳое, ки чунин номутобиқатӣ дар санади супоридани молу мулк қайду шарт гардидааст, барои фурӯшандаро аз ҷавобгарӣ озод кардан асос шуда наметавонад.

Ҳамин тавр, уҳдадории фурӯшанда оид ба супоридани молу мулки ғайриманқул мутобиқ ба уҳдадории харидор барои қабули молу мулки мазкур мебошад. «Барои он ки тарафҳо ба натиҷаи ниҳоӣ расанд, бояд амалҳои мутақобил, яъне амалҳои ҷавобӣ оид ба иҷрои уҳдадориҳо анҷом дода шаванд» [4, с. 28].

Уҳдадории асосии фурӯшанда супоридани молу мулки ғайриманқул дар муҳлати муайян мебошад.

Тибқи муқаррароти моддаи 525 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳлати аз ҷониби фурӯшанда иҷро кардани уҳдадории ба харидор супоридани мол тибқи шартномаи хариду фурӯш муайян карда мешавад. Дар ҳолатҳое, ки аз шартномаи мазкур муайян кардани муҳлат имконнопазир бошад, муҳлат тибқи қоидаҳои пешбининамудаи моддаи 361 ҳамин Кодекс муқаррар карда мешавад.

Муҳлати иҷрои уҳдадорӣ оид ба супоридани молу мулк дар шартнома муқаррар карда мешавад, агар дар шартномаи хариду фурӯш чунин муҳлат муайян нашуда бошад, он мутобиқи қоидаи моддаи 361 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Дар ҳолатҳое, ки уҳдадорӣ муҳлати иҷроро пешбинӣ накунад ва шартҳои муайян кардани чунин муҳлатро надошта бошад, он бояд дар муҳлати оқилонаи баъди ба вуҷуд омадани уҳдадорӣ иҷро карда шавад.

Уҳдадорие, ки дар муҳлати оқилона иҷро карда нашудааст, ҳамчунин уҳдадориеро, ки муҳлати иҷрои он бо лаҳзаи пешниҳоди талабот муайян шудааст, қарздор уҳдадор аст дар давоми ҳафт рӯз аз рӯзи талаб кардани кредитор иҷро намояд, агар дар муҳлати дигар иҷро кардани уҳдадорӣ аз қонунгузорӣ, шарти уҳдадорӣ, одатҳои муомилоти корӣ ё моҳияти уҳдадорӣ барнаояд [1].

Муайян намудани муҳлати супоридани молу мулк аҳамияти дуҷониба дорад ва вобаста ба ин, вайрон кардани он боиси оқибатҳои гуногуни ҳуқуқӣ мегардад. Аввалан, иҷрои уҳдадорӣ дар муҳлати муқарраршуда, чуноне ки Г. Дернбург иброз менамояд, метавонад ҳамчун уҳдадории оддӣ баррасӣ гардад [5, с. 95].

Мувофиқи моддаи 466 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати муқарраршуда аз ҷониби қарздор иҷро накардани уҳдадорӣ муҳлатгузаронии қарздор эътироф карда мешавад. Агар дар натиҷаи гузарондани муҳлат аз ҷониби қарздор иҷрои уҳдадорӣ барои кредитор аҳамияташро гум карда бошад, он метавонад аз қабули иҷрои уҳдадорӣ даст кашад ва ҷуброни зиёнро талаб намояд. То замоне, ки иҷрои уҳдадорӣ бо сабаби муҳлатро гузарондани кредитор имконнопазир аст, қарздор муҳлатро гузаронида ҳисоб намешавад.

Шартномаи хариду фурӯш ба шарти иҷрои он дар муҳлати қатъӣ муайянгардида басташуда эътироф мегардад, агар аз шартнома баръало маълум бошад, ки ҳангоми вайрон кардани ин муҳлат харидор нисбат ба иҷрои шартнома манфиатдории худро гум мекунад.

Аз ҳамаи усулҳои супоридани молу мулк, ки дар муқаррароти моддаи 295 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, нисбат ба молу мулки ғайриманқул танҳо «супоридани ашё ба бадастдоранда» қобили қабул мебошад.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 295 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ашё аз лаҳзаи воқеан ворид шудан ба соҳибии бадасторанда ё шахси таъинкардаи он ба бадасторанда супоридашуда ҳисоб меёбад.

Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома ва ё ҳолатҳое, ки аз моҳияти муносибатҳои байни тарафаҳо бармеоянд, ашё аз лаҳзаи додани рамзӣ (додани калид, нишонаҳо, ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунанда ва ғайра) ба бадасторанда додашуда ҳисобида мешавад. Тавре ки дар боло зикр намудем, супоридани молу мулки ғайриманқул аз ҷониби фурӯшанда ва қабули он аз ҷониби харидор тибқи санади супоридан бо имзои тарафҳо ё дигар ҳуҷҷат оид ба супоридан анҷом дода мешавад. Ҳамин тариқ, супоридани молу мулки ғайриманқул маънои ба таври воқеан супоридани он ва имзои санади супориданро дорад.

Қонунгузорӣ нисбат ба санади супоридан ё дигар ҳуҷҷати марбут ба супоридани молу мулк, ба истисноии он ки бояд дар шакли хаттӣ таҳия гардида, дорои имзои тарафҳо ва санаи тартибдиҳӣ бошад, ягон талаботи махсусро муқаррар

накардааст. Санади супоридани молу мулк ҳамчун далели иҷрои уҳдадориҳои тарафҳо оид ба супоридан ва қабул намудани молу мулк хизмат намуда, бинобар ин бо супоридани молу мулки ғайриманқул ё бевосита пас аз чунин супоридан тартиб дода мешавад.

Ба андешаи Б.Л. Хаскелберг «истилоҳи - «пас аз супоридан ва аз ҷониби тарафҳо имзо намудани санади дахлдор оид ба супоридани молу мулк» ҳамчун муайян намудани пайдарпайии иҷрои ин амалҳо, яъне аввал супоридани молу мулк ва баъдан имзои санад, тафсир карда шавад. Барои чунин тафсир асосҳои бештар мавҷуданд, ки ҳар ду амал ҳамчун унсурҳои таркибӣ ва дар айни замон ҳатмии як уҳдадории ягона баррасӣ мегарданд, дар ҳоле ки пайдарпайии онҳо аҳамияти принсипиалӣ надорад [6, с. 15].

Ба уҳдадориҳои асосии фурӯшанда на танҳо супоридани мол ба соҳибии воқеии харидор, балки таъмин намудани супоридани он ба моликияти харидор дохил мешавад [5, с. 257].

Ба уҳдадориҳои иловагии фурӯшанда, ки иҷрои уҳдадориҳои асосиро таъмин менамоянд, инҳо мансубанд: супоридани лавозимот ва ҳуҷҷатҳои вобаста ба молу мулк, ки тибқи қонунгузорӣ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва шартнома пешбинӣ гардидаанд; огоҳ намудани харидор дар бораи сифати молу мулки ғайриманқул, камбудиҳо ва нуқсонҳои мавҷудаи он; инчунин иттилоъ додани харидор дар бораи ҳуқуқҳои шахсони сеюм нисбат ба молу мулки фурӯхташаванда [7, с. 155].

Муқаррароти мазкур ифодаи худро дар қисми 2 моддаи 524 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо намудааст, ки тибқи он агар дар шартномаи хариду фурӯш тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, фурӯшанда уҳдадор аст, ки ҳамзамон бо супоридани мол ба харидор ашёи мансуби он, инчунин ҳуҷҷатҳои ба он таалluқдошта (шиносномаи техникӣ, гувоҳномаи сифат ва ғайра)-ро, ки қонунгузорӣ ё шартнома пешбинӣ намудааст, супорад.

Тавре ки маълум аст, ҳар як тарафи шартнома дар баробари уҳдадориҳои худ дар назди тарафи дигар соҳиби ҳуқуқ мебошанд.

Яке аз ҳуқуқҳои фурӯшанда ин талаб намудан аз харидор қабули мол ва пардохт намудани маблағи муайяни пулӣ мебошад.

Агар харидор саривақт барои моли тибқи шартномаи хариду фурӯш супоридашуда маблағ пардохт накунад, фурӯшанда ҳуқуқ дорад бо салоҳдиди худ пардохт барои мол ва пардохти фоизҳоро мутобиқи моддаи 456 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намояд.

Агар харидор хилофи шартномаи хариду фурӯш аз қабули мол ва пардохти он даст кашад, фурӯшанда ҳуқуқ дорад бо салоҳдиди худ пардохт барои молро талаб кунад ё аз иҷрои шартнома даст кашад.

Тавре ки дар боло зикр намудем, ба уҳдадориҳои асосии харидор қабул кардан ва пардохт намудани маблағи муайяни пулӣ дохил мешаванд. Уҳдадориҳои фурӯшанда оид ба супоридани молу мулки ғайриманқул ва уҳдадориҳои харидор оид ба қабул кардани молу мулк шартгузории мутақобила доранд: фурӯшанда амалҳои зарурӣ барои супоридани молу мулкро анҷом медиҳад, ки барои иҷрои уҳдадориҳои харидор оид ба қабул кардани мол низ заруранд. Ҳамзамон, харидор ва фурӯшанда ҳуқуқҳои мувофиқ доранд: ҳуқуқи талаб кардани супоридан ва ҳуқуқи талаб кардани қабули молу мулк тибқи шартҳои шартнома. Ин ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои мувофиқ аз лаҳзаи бастани шартнома ба вуҷуд меоянд.

Уҳдадории харидор оид ба қабул кардани бор дар қисми 1 моддаи 521, моддаи 552 ва қисми 1 моддаи 612 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст. Тибқи асосҳои умумии шартномаи хариду фурӯш яке аз уҳдадориҳои асосии харидор қабул кардани мол ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи моддаи 552 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон харидор уҳдадор аст моли ба ӯ супоридашударо, ба истиснои ҳолатҳое, ки ӯ ҳуқуқ дорад иваз намудани молро талаб кунад ё аз иҷрои шартномаи хариду фурӯш даст кашад, қабул кунад. Дар ҳолатҳое, ки харидор бо вайрон кардани қонунгузорӣ ё шартномаи хариду фурӯш молро қабул намекунад ё қабули онро рад менамояд, фурӯшанда ҳуқуқ дорад аз харидор қабули молро талаб кунад ё аз иҷрои шартнома даст кашад.

Агар бо қонунгузорӣ ва ё шартномаи хариду фурӯш тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, харидор уҳдадор аст амалҳоеро иҷро намояд, ки мутобиқи талаботи одатан пешниҳодшаванда бояд аз ҷониби ӯ барои таъмини супоридан ва қабули моли дахлдор иҷро карда шаванд [1].

Тибқи қисми 1 моддаи 612 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули мол аз ҷониби харидор тибқи санади супоридан бо имзои тарафҳо ё дигар ҳуҷҷат оид ба супоридан анҷом дода мешавад.

Уҳдадории дигари харидор тибқи шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул супоридани маблағи муайяни пулӣ барои мол қабулнамуда мебошад. Уҳдадории

мазкури харидор низ аз мафҳуми умумии шартномаи хариду фурӯш ба миён меояд.

Тибқи моддаи 553 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон харидор уҳдадор аст арзиши молро тибқи нархе, ки бо шартномаи хариду фурӯш пешбинӣ шудааст, пардохт намояд ва агар нарх бо шартнома пешбинӣ нашуда бошад ва аз шартҳои шартнома муайян кардани он ғайриимкон бошад, бо нархе, ки мувофиқи моддаи 486 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад, пардохт намояд, инчунин аз ҳисоби худ амалҳоеро анҷом диҳад, ки тибқи қонунгузорӣ, шартнома ё талаботи одатан пешниҳодшаванда барои пардохт зарур мебошанд.

Дар асоси қисми 1 моддаи 486 Кодекси болозикр нарх дар шартнома бо созиши тарафҳо озодона муқаррар ва тағйир дода мешавад, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун нархҳои муқаррар ё танзимнамудаи мақомоти ваколатдори давлатӣ истифода мешаванд. Мавриди зикр аст, ки муқарраротиқ. 3 моддаи болозикр нисбати шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул татбиқ намегардад.

Уҳдадории мазкур аз лаҳзаи супоридани маблағи пулӣ ба фурӯшанда, ки дар шартнома муайян шудааст, иҷрошуда ҳисобида мешавад. Мазмуни ин уҳдадорӣ на танҳо анҷом додани пардохти мустақимро дар бар мегирад, балки дар баъзе ҳолатҳо инчунин андешидани чораҳои муайяни омодагӣ, ки барои анҷом додани пардохт заруранд (кушодани ҳисоби махсуси бонкӣ, додани чек ба маблағи шартнома ва ғайра) [7, с. 178].

Вобаста ба пайдарпайии анҷом додани амалҳое, ки иҷрои уҳдадориҳои харидор ва фурӯшандаро таъмин менамоянд саволе ба миён меояд. Дар худи шартнома одатан муқаррар карда мешавад, ки яке аз тарафҳо бояд уҳдадории худро пештар аз тарафи дигар иҷро намояд (масалан, пардохт пас аз супоридани мол анҷом дода мешавад ё баръакс). Дар ИМА, масалан, агар пайдарпайии иҷрои уҳдадориҳо дар худи шартнома муайян нашуда бошад, чунин пайдарпайӣ метавонад вобаста ба ҳолат муайян карда шавад [8, с. 109].

Ба андешаи Д.И. Мейер «дар асл, пардохти нарх одатан пас аз супоридани мол сурат мегирад, аммо фосилаи вақт байни ин ду амал чунон кӯтоҳ аст, ки ҳар ду амалро метавон ҳамзамон ҳисобид, зеро аз моҳияти шартнома чунин бармеоянд» [9, с. 237].

Дар асоси муқаррароти моддаи 554 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон агар аз шартҳои шартнома ва қонунгузорӣ уҳдадории дар муҳлати муайян пардохт барои мол барнаояд, харидор уҳдадор аст онро баъди супоридани мол аз ҷониби фурӯшанда ё додани ҳуҷҷатҳои ихтиёрдорӣ ба ин мол бетаъхир пардохт намояд.

Агар дар шартномаи хариду фурӯш пардохти давра ба давраи моли супоридашуда пешбинӣ нагардида бошад, харидор уҳдадор аст ба фурӯшанда маблағро вобаста ба ҳаҷми пурраи нархи моли супоридашуда пардохт намояд.

Агар харидор саривақт барои моли тибқи шартномаи хариду фурӯш супоридашуда маблағ пардохт накунад, фурӯшанда ҳуқуқ дорад бо салоҳдиди худ пардохт барои мол ва пардохти фоизҳоро мутобиқи моддаи 456 ҳамин Кодекс талаб намояд.

Агар харидор хилофи шартномаи хариду фурӯш аз қабули мол ва пардохти он даст кашад, фурӯшанда ҳуқуқ дорад бо салоҳдиди худ пардохт барои молро талаб кунад ё аз иҷрои шартнома даст кашад.

Нарх дар шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул дар моддаи 613 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври возеҳ пешбинӣ гардидааст. Тибқи муқаррароти моддаи мазкур шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул бояд нархи ин молу мулкро пешбинӣ намояд.

Аз муқарроти мазкур бармеояд, ки дар шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул нарх бояд ба таври ҳатмӣ пешбинӣ карда шавад.

Ҳангоми дар шартнома мавҷуд набудани нархи молу мулки ғайриманқуле, ки аз ҷониби тарафҳо дар шакли хаттӣ мувофиқа шудааст, шартномаи хариду фурӯши он басташуда ҳисоб намеёбад.

Ҳамзамон, моддаи мазкур муқарраротеро пешбинӣ намудааст, ки татбиқи он нисбати шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул паҳн намегардад. Мутобиқи қисми 3 моддаи болозикр қоидаҳои муайян намудани нархе, ки қисми 3 моддаи 486 ҳамин Кодекс пешбинӣ намудааст, татбиқ намегарданд.

Тавре ки дар боло зикр намудем, агар аз шартҳои шартнома ва қонунгузорӣ уҳдадории дар муҳлати муайян пардохт барои мол барнаояд, харидор уҳдадор аст онро баъди супоридани мол аз ҷониби фурӯшанда ё додани ҳуҷҷатҳои ихтиёрдорӣ ба ин мол бетаъхир пардохт намояд.

Дар мавриди шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул қонунгузорӣ аз қоидаи зикршуда ягон истисноро муқаррар намекунанд. Агар дар шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул шарти пешпардохт пешбинӣ шуда бошад, пас дар уҳдадории аз чунин шартнома

бармеомада супоридани молу мулк хусусияти уҳдадории мутақобиларо хоҳад дошт.

Дар ҳолатҳое, ки агар дар шартномаи хариду фурӯш уҳдадории харидор дар мавриди то аз ҷониби фурӯшанда супоридани мол пурра ё қисман пардохти мол (пешпардохт) пешбинӣ гардида бошад, харидор уҳдадор аст дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи шартнома ва агар дар шартнома чунин муҳлат муқаррар нагардида бошад, дар муҳлатҳои тибқи моддаи 361 ҳамин Кодекс муайянгардида онро пардохт намояд.

Дар ҳолате, ки тибқи шартномаи хариду фурӯш пардохт барои мол пас аз муддати муайяни баъди супоридани он ба харидор (фурӯши мол ба қарз) пешбинӣ шудааст, харидор бояд пардохтро дар муҳлати дар шартнома пешбинигардида ва агар чунин муҳлат дар шартнома пешбинӣ нагардида бошад, дар муҳлатҳои мутобиқи моддаи 361 ҳамин Кодекс муайяншуда пардохт намояд.

Ҳамин тавр, агар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул уҳдадории харидорро оид ба анҷом додани пардохт то лаҳзаи супоридани молу мулк пешбинӣ накарда бошанд ё чунин уҳдадорӣ аз моҳияти уҳдадорӣ барнаояд, пас фурӯшандае, ки уҳдадории худро оид ба супоридани мол иҷро накардааст, ҳуқуқ надорад аз харидор пардохти маблағро талаб намояд. Ҳангоми бастани шартнома зарур аст, ки шартҳо ва тартиби пардохти нархи харид ба таври дақиқ муайян карда шаванд.

Харидори бино, иншоот ё дигар молу мулки ғайриманқул ҳамзамон бо ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба объектҳои зикршуда, ҳуқуқ ба қитъаи замине, ки молу мулки ғайриманқул ҷойгир гардидааст ва барои истифодаи он зарур мебошад соҳиб мегардад. Табиат ва хусусияти ҳуқуқи мазкур аз он вобаста аст, ки оё фурӯшандаи молу мулки ғайриманқул соҳиби қитъаи замини мутобиқ мебошад ё не. Дар ин ҳолат, ҳуқуқе, ки ба харидор нисбат ба қитъаи замин дода мешавад, тибқи шартнома муайян мегардад (ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи иҷора ва ғайра).

Агар дар шартнома шарт дар бораи ҳуқуқе, ки ба харидор нисбат ба қитъаи замин интиқол дода мешавад, пешбинӣ нашуда бошад, харидор соҳиби он қисми қитъаи замин мегардад, ки аз ҷониби молу мулки ғайриманқули ба ӯ фурӯхташуда ҷойгир аст ва барои истифодаи он зарур мебошад.

Масъалаи дигар ҳуқуқҳои харидор тибқи шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул ба ҳисоб меравад. Аз мафҳуми худи шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул бармеояд, ки яке аз ҳуқуқҳои асосии харидор талаб намудани супоридани молу мулк мебошад. Харидор ҳуқуқ дорад аз фурӯшанда супоридани молу мулки ғайриманқулро бо ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунанда талаб намояд.

Ҳуқуқи дигари харидор тибқи шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул истифодаи қитъаи замин ҳангоми фурӯши бино, иншоот ё дигар молу мулки ғайриманқули дар он ҷойгиршуда ба ҳисоб меравад.

Тибқи моддаи 609 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи шартномаи хариду фурӯши бино, иншоот ё дигар молу мулки ғайриманқул ба харидор ҳамзамон бо додани ҳуқуқи моликият ба чунин молу мулки ғайриманқул, инчунин ҳуқуқи истифодаи он қисмати қитъаи замине, ки дар он ин молу мулки ғайриманқул ҷойгиранд ва барои истифодаи онҳо зарур мебошад, мегузарад.

Аз муқарраироти мазкур метавон гуфт, ки харидор дар баробари ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба бино, иншоот ё дигар молу мулки ғайриманқул, инчунин ҳуқуқи истифодаи он қисмати қитъаи замине, ки дар он ин молу мулки ғайриманқул ҷойгиранд ва барои истифодаи онҳо зарур мебошад, ба даст меоварад.

Харидори бино, иншоот ё дигар молу мулки ғайриманқул бо гузаштани ҳуқуқи моликият ба ин объектҳо, инчунин ҳуқуқ ба он қисмати қитъаи замине, ки дар он молу мулки ғайриманқул ҷойгиранд ва барои истифодаи онҳо зарур мебошад, ба даст меоварад. Табиати ин ҳуқуқҳо вобаста ба он аст, ки оё фурӯшандаи молу мулки ғайриманқул соҳиби қитъаи замини дахлдор мебошад ё не. Дар ин ҳолат, ҳуқуқе, ки ба харидор нисбат ба қитъаи замин мегузарад, тибқи шартнома муайян мегардад (ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи иҷора ва ғайра). Агар дар шартнома шарт дар бораи ҳуқуқе, ки ба харидор нисбат ба қитъаи замин мегузарад, мавҷуд набошад, харидор соҳиби он қисмати қитъаи замин мегардад, ки дар он ин молу мулки ғайриманқул ҷойгиранд ва барои истифодаи онҳо зарур мебошад.

Ҳамин тавр метавон ба хулосае омад, ки тибқи шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул тарафҳои он соҳиби ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайян мебошанд. Дар натиҷаи таҳлили қонунгузорӣ ва адабиётҳои илмӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои зерини тарафҳои шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқулро ҷудо намудан мумкин аст:

Ҳуқуқҳои фурӯшанда:

- талаб намудани қабули мол аз харидор;
- талаб намудан аз харидор пардохти маблағи муайяни пулӣ;

- ҳуқуқи бо салоҳдиди худ пардохтро барои мол талаб кунад ё аз иҷрои шартнома даст кашад.

Ухдадориҳои фурӯшанда:

- уҳдадории супоридани бино, иншоот, хона ё молу мулки дигари ғайриманқул ба моликияти харидор;

- супоридани ҳуҷҷатҳои вобаста ба молу мулк, ки тибқи қонунгузорӣ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва шартнома пешбинӣ шудаанд;

- огоҳ намудани харидор дар бораи сифати молу мулки ғайриманқул, камбудиҳо ва нуқсонҳои мавҷудаи он;

- иттилоъ додани харидор дар бораи ҳуқуқҳои шахсони сеюм нисбат ба молу мулки фурӯхташаванда.

Ҳуқуқҳои харидор:

- талаб намудан аз харидор ба моликияти ӯ супоридани мол;

- ҳуқуқи истифодаи он қисмати қитъаи замине, ки дар он ин молу мулки ғайриманқул ҷойгиранд ва барои истифодаи онҳо зарур мебошад;

- талаби супоридани ҳуҷҷатҳои вобаста ба молу мулки ғайриманқул, ки тибқи қонунгузорӣ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва шартнома пешбинӣ шудаанд.

Уҳдадориҳои харидор:

- қабул кардани молу мулки ғайриманқул;

- пардохт намудани маблағи муайяни пулӣ барои молу мулки ғайриманқул.

**Муқарриз:** н.и.ҳ., дотсент Шерзода Б.С.

## ПРАВА И ОБЯЗАННОСТИ СТОРОН ДОГОВОРА КУПЛИ-ПРОДАЖИ НЕДВИЖИМОСТИ

**Ключевые слова:** право, обязанность, исполнение обязанности, договор, стороны договора, покупатель, продавец, передача имущества, принятие имущества.

**Аннотация.** В настоящей статье автором исследуются и анализируются вопросы прав и обязанностей сторон договора купли-продажи недвижимого имущества. По результатам рассмотрения данной темы можно сделать вывод о том, что в соответствии с договором купли-продажи недвижимого имущества его стороны обладают определёнными правами и несут соответствующие обязанности. На основании анализа действующего законодательства и научной литературы представляется возможным выделить следующие права и обязанности сторон договора купли-продажи недвижимого имущества: 1) Права продавца: требовать принятия недвижимого имущества покупателем; требовать уплаты обусловленной договором денежной суммы (цены объекта недвижимости) 2) Обязанности продавца: обязанность передать здание, сооружение, жилое помещение либо иное недвижимое имущество в собственность покупателя; передать документы, относящиеся к недвижимому имуществу; уведомить покупателя о качественных характеристиках недвижимого имущества, а также о имеющихся недостатках и дефектах. 3) Права покупателя: требовать передачи недвижимого имущества в его собственность; право пользования той частью земельного участка, на которой расположено соответствующее недвижимое имущество и которая необходима для его эксплуатации. 4) Обязанности покупателя: принять недвижимое имущество в установленном порядке; уплатить определённую договором денежную сумму за приобретаемое недвижимое имущество.

**Вализода Манучехр Рахмонали –** соискатель Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: bolayoqat@gmail.com; Tel.: (+992) 926-48-60-60.

## RIGHTS AND OBLIGATIONS OF THE PARTIES TO A REAL ESTATE SALE AND PURCHASE AGREEMENT

**Keywords:** right; obligation; performance of an obligation; contract; parties to a contract; buyer; seller; transfer of property; acceptance of property.

**Abstract.** In the present article, the author examines and analyzes issues relating to the rights and obligations of the parties to a real estate sale and purchase agreement. Based on the consideration of this subject matter, it may be concluded that, pursuant to a real estate sale and purchase agreement, the parties thereto possess certain rights and assume corresponding obligations. On the basis of an analysis of the applicable legislation and academic legal literature, the following rights and obligations of the parties to a real estate sale and purchase agreement may be identified: 1) Rights of the Seller: to demand that the Buyer accept the real estate property; to demand payment of the monetary amount stipulated in the agreement (the purchase price of the real estate property); 2) Obligations of the Seller: to transfer ownership of the building, structure, residential premises, or other immovable property to the Buyer; to deliver documents relating to the real estate property; to

inform the Buyer of the qualitative characteristics of the real estate property, as well as of any existing deficiencies or defects: 3) Rights of the Buyer: to demand transfer of ownership of the real estate property; the right to use that portion of the land plot on which the relevant real estate property is situated and which is necessary for its proper use and operation: 4) Obligations of the Buyer: to accept the real estate property in accordance with the established procedure; to pay the monetary amount specified in the agreement for the acquired real estate property.

**Valizoda Manuchehr Rahmonali** – applicant of the Academy of public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: bolayoqat@gmail.com; Tel.: (+992) 926-48-60-60.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918 // [Захираи электронӣ]. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 18.01.2026).

2. Шерзода Б.С. Реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқи маданӣ: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2024. – 219 с.

3. Бекиев Р.Я. Категорияи «гузариш» дар ҳуқуқи маданӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Москва. Силсилаи 9. Ҳуқуқ. –1978. – №2. – С. 62-68.

4. Раҳимов М.З. Иҷрои уҳдадориҳои хоҷагидорӣ: Иҷрои муқобил: воситаи таълимӣ. – Душанбе: «Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон», 1990. – 126 с.

5. Дернбург Г. Пандектҳо. Ҷ. 2. Ҳуқуқи уҳдадориҳо. – М.: «Чопхонаи А. И. Снегирёва», 1911. – 490 с.

6. Ҳаскелберг Б.Л. Иҷрои шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул ва гузариши ҳуқуқи моликият // Мушкилоти рушд ва такмили қонунгузории Русия: Маҷмӯаи мақолаҳо. Қисми 2 / Таҳти таҳрири В.Ф. Волович. – Томск, 1999. – С. 10–16.

7. Болтанова Е.С. Шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул (муқарраротиумумӣ): дисс. … ном. илм. ҳуқуқ. – Томск, 2001. – 248 с.

8. Мозолин В.П., Фарнсворт Е.А. Ҳуқуқи шартномавӣ дар ИМА ва ИҶШС. Таърих ва консепсияҳои умумӣ. – М.: «Наука», 1987. – 312 с.

9. Мейер Д.И. Ҳуқуқи мадании Россия. Қисми 2. – М.: «Статут», 1997. – 290 с.

**Список литературы:**

1.Гражданский кодекс Республики Таджикистан от 24 декабря 2022 г., №1918 // Централизованная база данных правовой информации Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 18.01.2026).

2. Шерзода Б.С. Правовой режим недвижимости согласно законодательству Республики Таджикистан: исследование гражданского права: дис. ... канд. юрид. Наук. – Душанбе, 2024. – 219 с.

3. Бекиев Р.Я. Категория «передача» в гражданском праве // Вестник Московского ун-та. Серия 9. Право. –1978. – №2. – С. 62-68.

4. Рахимов М.З. Исполнение хозяйственных обязательств: Встречное исполнение: учебное пособие. – Душанбе: «Таджикский государственный университет», 1990. – 126 с.

5. Дернбург Г. Пандекты. Т.2. Обязательственное право. – М.: «Печ. А. И. Снегиревой», 1911. – 490 с.

6. Хаскельберг Б.Л. Исполнение договора купли-продажи недвижимости и переход права собственности // Проблемы развития и совершенствования российского законодательства: Сб. статей. Часть 2 / Под ред. В.Ф. Воловича. – Томск, 1999. – С. 10-16.

7. Болтанова Е.С. Договор купли-продажи недвижимости (общие положения): дисс. … канд. юрид. наук. – Томск, 2001. – 248 с.

8. Мозолин В.П., Фарнсворт Е.А. Договорное право в США и СССР. История и общие концепции. – М.: «Наука», 1987. – 312 с.

9. Мейер Д.И. Русское гражданское право. Ч. 2. – М.: «Статут», 1997. – 290 с.

**List of literature:**

1. Civil Code of the Republic of Tajikistan from 24 December 2022, №1918 // Centralized database of legal information of the republic of tajikistan «Adlia». Form 7.0. [Electronic resource]. Access mode: URL: http://www.adlia.tj (date of access: 18.01.2026).

2. Sherzoda B.S. Legal regime of real estate according to the legislation of the Republic of Tajikistan: civil law research: dis… cand. of legal sciences. – Dushanbe, 2024. – 219 p.

3. Bekiev R.Ya. The Category of «transfer» in civil law // Bulletin of Moscow University. Series 9. Law. – 1978. – №2. – P. 62-68.

4.Rahimov M.Z. Performance of economic obligations: counter performance: workbook. – Dushanbe: «Tajik State University», 1990. – 126 p.

5. Dernburg G. Pandects. Vol. 2. Law of obligations. – M.: «Printing House of A. I. Snegireva», 1911. – 490 p.

6. Khaskelberg B.L. Performance of the contract of sale of real estate and transfer of ownership // Problems of development and improvement of russian legislation: collection of articles. Part 2 / Ed. by V.F. Volovich. – Tomsk, 1999. – P. 10-16.

7. Boltanova E.S. Contract of sale and purchase of real estate (general provisions): dis... cand. of legal sciences. – Tomsk, 2001. – 248 p.

8. Mozolin V.P., Farnsworth E.A. Contract law in the usa and the ussr. history and general concepts. – M.: «Nauka», 1987. – 312 p.

9. Meyer D.I. Russian civil law. Part 2. – M.: «Statut», 1997. – 290 p.



**ТДУ:** 347.84
**Давлатмандзода Эрач Давлатманд,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
Тел.: (+992) 900-99-96-23
E-mail: kabutzoda86@mail.ru.



**Исмонализода Сайвалӣ Исмоналӣ,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 900-99-96-23
E-mail: huquqshinos@mail.ru.

# ТАНОСУБИ ТАРЗҲОИ ТАЪМИНИ ИҶРОИ УҲДАДОРӢ ВА ТАРЗҲОИ (ВОСИТАҲОИ) ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ МАДАНӢ

**Калидвожаҳо:** қонунгузории маданӣ, таъмини иҷрои уҳдадорӣ, усулҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ, кредитор, қарздор, ноустуворона, гарав, нигоҳ доштани молу мулки қарздор, замонат, кафолати бонкӣ, байъона, беэътибории уҳдадорӣ, қатъи уҳдадорӣ.

**Аннотатсия:** Дар мақолаи мазкур мафҳум ва хусусиятҳои тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ ва тарзҳои (воситаҳои) ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ бо дарназардошти муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст. Инчунин, вазъи ҳуқуқии муайян кардани таносуби таъмини иҷрои уҳдадорӣ ва тарзҳои (воситаҳои) ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ ҳамчун падидаҳои ҳуқуқи маданӣ дар заминаи қонунгузории кишвар, қонунгузории кишварҳои ИДМ, адабиётҳои таърихӣ ва андешаву назарияҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ таҳлил карда шудааст.

Мавҷуд будани муносибатҳои ҳуқуқии уҳдадорӣ байни тарафҳо худ аз худ иҷрои дахлдори онҳоро таъмин намекунад. Бинобар ин, бо мақсади нигоҳдории манфиатҳои кредиторон ва пешгирӣ ё камкунии оқибатҳои манфӣ дар натиҷаи иҷро накардани уҳдадорӣ ё иҷрои номатлуби он аз ҷониби қарздор, воситаҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ, ки дорои хусусияти маҷбурӣ мебошанд, муқаррар карда мешавад.

Падидаи таъмини иҷрои уҳдадорӣ барои ҳавасмандгардонии қарздор ҷиҳати иҷрои матлуби уҳдадории (уҳдадориҳои) худ оид ба уҳдадории асосӣ таъин гардида, дар сурати аз ҷониби ӯ иҷро накардани уҳдадориҳои худ ҳамчун воситаи қонеъгардонии манфиатҳои кредитор хизмат мекунад.

Аз ҳама чораи муҳим ин маҷбур сохтани қарздор барои иҷрои уҳдадорӣ ба зиммааш гузоштани ҷуброни зарар мебошад. Вале чораи мазкур на ҳамеша дар амал татбиқ карда мешавад ва ё на ҳамеша самаранок буда метавонанд. Масалан, агар қарздор муфлис эълон шуда бошад. Иҷрои уҳдадорӣ ба воситаи ноустуворона, гарав, нигоҳ доштани молу мулки қарздор, замонат, кафолати бонкӣ, байъона ва дигар усулҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома таъмин карда шуданаш мумкин аст [1, с. 221; 2, с. 321].

Бо назардошти ин қонунгузории амалкунанда чораҳои махсуси таъмини манфиатҳои кредиторонро дар уҳдадориҳои муайян пешбинӣ менамояд. Чунин чораҳо барои иҷрои дахлдорӣ уҳдадориҳо ва ё имконияти иҷрои онҳо аз ҳисоби молу мулки қарздор шароит фароҳам меоранд.

Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМ ҶТ) чораҳои мазкурро ҳамчун тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ муайян менамояд (қ. 1, м. 380 КМ ҶТ).

Дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КГ ҶТ) чораҳои мазкур ҳамчун усулҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ пешбинӣ гардида буд (қ.1, м. 354 КГ ҶТ).

М.И. Брагинский ба он ишора мекунад, ки хусусияти асосии усулҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ ин хислати муштоқии (акссесории) доштани он аст [3, с. 683].

Л.А. Новосёлова муқаррар мекунад, ки иҷрои уҳдадорӣ ба воситаи ноустуворона, гарав,

нигоҳ доштани молу мулки қарздор, замонат, кафолати бонкӣ, байъона ва дигар усулҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома таъмин карда шуданаш мумкин аст [4, с. 56]. Чунин ҳолатро м. 354 КГ ҶТ низ муқаррар намудааст.

Беэътибории созишнома оид ба таъмини иҷрои уҳдадорӣ боиси беэътибор гардидани ин уҳдадорӣ (уҳдадории асосӣ) шуда наметавонад (қ. 2, м. 380 КМ ҶТ).

Беэътибории уҳдадории асосӣ боиси беэътибор гардидани уҳдадории таъминкунандаи он мегардад, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад (қ. 3, м. 380 КМ ҶТ).

Қатъи уҳдадории асосӣ боиси қатъ гардидани уҳдадории таъминкунандаи он мегардад, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад (қ. 3, м. 380 КМ ҶТ).

Дар адабиёти ҳуқуқӣ тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд:

а) умумӣ;

б) махсус [5, с. 44].

Муқаррар намудани дилхоҳ тарзи таъмини иҷрои уҳдадорӣ маънои эҳтимоли расидани оқибатҳои молу мулкиро дорад. Ин оқибатҳо танҳо ҳангоми иҷро накардан (иҷрои номатлуб)-и уҳдадорӣ аз ҷониби қарздор ба миён меоянд.

Аз ин рӯ, таъмини иҷрои уҳдадорӣ низоми чораҳои ҳавасмандгардонии қарздор ва кредитор ҷиҳати иҷрои дахлдори уҳдадориҳо мебошад ва ҳангоми иҷро накардан (иҷрои номатлуб)-и уҳдадорӣ аз ҷониби қарздор манфиатҳои кредиторро таъмин мекунад.

Таъмини уҳдадорӣ – институти муҳими ҳуқуқи гражданӣ мебошад. Чунин усулҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ ба монанди: ноустуворона, байъона, замонат, гарав ва м.и. ҳанӯз дар ҳуқуқи хусусии римӣ мавҷуд буданд.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва умуман дар илми ҳуқуқӣ усулҳои мувофиқи таъмини иҷрои уҳдадориро тасниф менамоянд. Дар зери мафҳуми таъмин, восита ва ё усулҳое фаҳмида мешаванд, ки ба устувор кардани уҳдадорӣ равона шуда, барои иҷро кардан ва ё ба таври дахлдор иҷро намудани уҳдадории мувофиқ тарафҳои онро мутеъ мегардонанд.

Муқарраротоид ба таъмини иҷрои уҳдадорӣ дар қонунгузории граждании бисёр давлатҳои низоми континенталӣ ва англо-америкоӣ низ ҷой дорад. Масалан, Кодекси якхелаи тиҷоратии ИМА фасли махсус оид ба масъалаи таъмини уҳдадориҳо, яъне фасли 9 «Таъмини аҳдҳо» муқаррар шудааст. Мувофиқи қ. 1, м. 380 КМ ҶТ иҷрои уҳдадорӣ мумкин аст таъмин карда шавад бо ноустуворона, гарав, нигоҳ доштани амволи қарздор, замонат, кафолати бонкӣ, байъона ва дигар тарзҳое, ки қонун ва ё шартнома муқаррар намудааст.

Интихоби усули таъмини уҳдадорӣ дар бештари вақт аз моҳияти уҳдадорӣ вобаста аст. Мисол, барои уҳдадориҳое, ки аз шартномаи қарз, кредит, ба вуҷуд меоянд, тарзи аз ҳама паҳнгардида чун гарав, кафолати бонкӣ, замонат, агар сухан оид ба уҳдадориҳо аз расонидани хизмат ва иҷрои кор равад, шартномаи пудрат, суратҳисоби бонкӣ, ва м.и. истифода мешавад. Ноустуворнона, мақсади тарафҳо на дар гирифтани маблағ аз қарздор, балки дар ба даст овардани натиҷаи муайян мебошад [6, с. 268].

Ин усулҳои таъмини уҳдадорӣ бо хусусияти асосӣ (аксессорӣ) ва ғайриасосӣ (ғайриаксессорӣ) доштанашон аз якдигар фарқ менамоянд. Вобаста ба ин хусусиятҳои чунин таснифоти онҳоро мебояд муайян кард:

Якум, беэътибории созишнома оид ба таъмини иҷрои уҳдадорӣ боиси беэътибор гардидани ин уҳдадорӣ (уҳдадории асосӣ) шуда наметавонад. Беэътибории уҳдадории асосӣ боиси беэътибор гардидани уҳдадории таъминкунандаи он мегардад, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад (қ.қ. 2 ва 3, м. 380 КМ ҶТ).

Дуввум, уҳдадории таъминшуда хусусияте дорад, ки уҳдадории асосӣ ҳангоми гузаронидани ҳуқуқи кредитор ба дигар шахс, мисол, ҳангоми гузашт кардани талабот аз рӯи уҳдадории асосӣ (м. 442).

Сеюм, қатъ гардидани уҳдадории асосӣ чун қоида сабаби қатъ гардидани таъмини он мегардад. (м. 406, 424 ва дигарҳо).

Аз ин қоида истисное ҳаст. Мисол, амволе, ки ба гарав гузошта шудааст, мумкин аст предмети гарави дигар қарор гирад бо таъмини дигар талабот (гарави минбаъда). Гарави минбаъда иҷозат дода мешавад, ба шарте ки он бо шартномаҳои ибтидоии гарави ҳамон молу мулк манъ нашуда бошад. Қоидаи асосиро тарзи таъмини уҳдадории кафолати бонкӣ ишғол менамояд: кафолати бонкӣ уҳдадории кафилро назди бенефитсиар новобаста аз муносибати онҳо аз уҳдадории асосӣ пешбинӣ менамояд (м. 427 КМ ҶТ).

Дар баробари ин, тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ дар КМ ҶТ дигар намудҳои усулҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ ҷой доранд, ки дар муқаррароти моддаи 380 КМ ҶТ сабт нагардидаанд, ба ҷумлаи усулҳои таъмини иҷрои уҳдадории иловагӣ дохил мешаванд. Муқаррарот оид ба ҷавобгарии иловагии иштирокчиёни ширкати комил (қ. 1 м 78); соҳибмулк – аз рӯи

уҳдадориҳои корхонаи казонӣ ва ё муасиссса (қ. 6 м. 127); ҳуқуқи кредитор – оид ба иҷрои аҳд, дар ҳолате ки дигар тараф аз тасдиқи натариалии он, эътиборнок онро ҳисоб менамуд даст кашидааст (қ. 2 м. 190); ҳуқуқи кредитор оид ба талаби бақайдгирии аҳд дар ҳолати даст кашидани тарафи дигар аз ин бақайдгирӣ (қ. 3 м. 190); ва дигар ҳолатҳо.

Қонунгузории граждании якчанд усули таъмини иҷрои уҳдадориҳоро бо мақсади ҳавасмандгардонии молумулкии қарздорро ҷиҳати иҷрои дахлдори шартнома пешбинӣ кардааст. Чунин усулҳо дар як вақт имкон медиҳанд, ки манфиати кредитор дар сурати иҷро нашудан ё ба таври дахлдор иҷро нашудани уҳдадориҳо аз ҷониби қарздор манфиати кредиторро ҳимоя намоянд.

Тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо гуфта чораҳои махсусе, ки бо қонунгузорӣ ё шартнома муқаррар карда мешаванд, барои иҷрои уҳдадорӣ ё ба таври дахлдор иҷро шудани уҳдадорӣ мусоидат мекунанд, фаҳмида мешаванд.

Қисмате аз усулҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ характери вобастагӣ аз уҳдадории асосӣ доранд (ғайриаксессорӣ) ва ҳангоми беэътибор донистани уҳдадории асосӣ ё қатъ гаштани он амалиёти таъмини иҷрои уҳдадорӣ ҳам қатъ мегардад. Аммо бо қонунгузорӣ намудҳои алоҳидаи усулҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ низ пешбинӣ шудааст, ки характери мустақил (аксессорӣ) дорад, яъне, кафолати бонкӣ. Усулҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ барои таъмини манфиати кредитор муайян карда шудаанд.

Ҳарчанде ки ҳамаи усулҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ характери ҷазодиҳӣ (муҷозотӣ) надоранд, аммо онҳо бевосита ё бавосита барои қарздор мушкилии иловагиро пеш меоваранд. Масалан, ҳангоми нигоҳ доштани молумулки қарздор дар сурати аз тарафи қарздор иҷро накардани уҳдадории худ кредитор барои гирифтани ҳаққи худ аз арзиши молумулкӣ нигоҳдошташаванда ҳуқуқ дорад (м. 417 КМ ҶТ). Аз ин гуфтаҳо чунин хислати муҳими усулҳои таъмин бармеояд, ки онҳо бештар шароити қарздорро барои иҷрои саривақтии уҳдадорӣ дучанд мегардонанд.

Тарзҳои таъмини иҷро уҳдадориҳоро вобаста ба унвонияташон ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

– усулҳои умумӣ, қи дар қонун махсус бо номи таъмини иҷрои уҳдадорӣ сабт гардидаанд. Ба ҷумлаи ин усулҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ ноустуворона, гарав, нигоҳ доштан, замонат, кафолати бонкӣ, байъона дохил мешаванд. Хусусияти онҳо дар он дида мешавад, ки бояд дар шакли хаттӣ пешбинӣ шуда бошанд, вале гарав ва ноустуворона мумкин аст дар қонун пешбинӣ шуда бошанд;

– тарзҳое, ки ба номгӯи тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо дар меъёри моддаи 380 КМ ҶТ пешбинӣ нашудаанд ва махсус дар қонун пешбинишуда мебошанд (масалан, ҷавобгарии иловагии соҳибмулк – аз рӯи уҳдадориҳои корхонаи казонӣ ва ё муасиссса (қ. 4 м. 123); ҳуқуқи кредитор – оид ба иҷрои аҳд, дар ҳолате ки дигар тараф аз тасдиқи натариалии он, эътиборнок онро ҳисоб менамуд даст кашидааст (қ. 2 м. 179); ҷавобгарии иловагии шарикон дар ширкати комил).

2. Усулҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳоро вобаста аз хислати алоқамандӣ бо уҳдадории асосӣ ва алоқаманд набудан ба ду намуд тасниф мебояд намуд:

а) Асосӣ (аксессорӣ) – бо уҳдадории асосӣ вобаста буда, ҳангоми беэътибор ҳисобидани уҳдадории асосӣ он низ беэътибор дониста мешавад, масалан, ноустуворона, байъона ва м.и.;

б) Иловагӣ (ғайриаксессорӣ) - бо уҳдадории асоси вобаста набуда, ҳангоми беэътибор ҳисобидани уҳдадории асосӣ он беэътибор дониста намешавад, масалан, кафолати бонкӣ.

Ҳуқуқ ба ҳимоя дар муносибатҳои ҳуқуқӣ вуҷуд дорад ва ба он уҳдадориҳои субъекти дигар мувофиқ меояд. Дар назарияи умумии ҳуқуқ дар зери ҳуқуқи субъективӣ ба субъекти мушаххас додани ҳуқуқ мувофиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба мақсади таъмин намудани манфиати он, ҳадди рафтори имконпазири он дар муносибатҳои ҳуқуқӣ, таъмини уҳдадории муқарраршудаи субъекти дигари муносибатҳои ҳуқуқӣ ва кафолатноки давлатро мефаҳманд.

Дар муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳимояи ҳуқуқ масалан, пас аз муроҷиат намудани субектони ҳуқуқи гражданӣ ба мақомоти амалисозандаи ҳимояи ҳуқуқ пас аз нисбати он татбиқ намудани санади ҳуқуқӣ, ки ҳуқуқи онҳоро ба ҳимоя маҳдуд мекунад, пас аз интишори санадҳои ғайримеъёрӣ нисбати онҳо ба вуҷуд меояд. Чун ҳама ҳуқуқҳои субъективӣ, ҳуқуқ ба ҳимоя мустақилона ҳимоя карда мешавад, баъзан ҳангоми шикоят намудани рад кардани судро дар баррасии парванда, ҳангоми шикоят кардани санадҳои меъёрию ғайримеъёрӣ, ки ҳуқуқи онҳоро маҳдуд мекунад.

Ҳуқуқдорӣ ин имконияти ҳуқуқӣ чун қисми таркибии ҳуқуқҳои субъективӣ мебошад. Аз ҳисоби ҳуқуқдорӣ ба ҳимояи ҳуқуқ имконияти истифодаи дастгоҳи маҷбуркунии давлатиро муқобили шахси уҳдадор дар ҳолати иҷро накардани уҳдадориҳо ё ҳимояи мустақилона ба миён меояд.

Дар баробари ҳуқуқ ба ҳимояи ҳуқуқ дар таркиби ҳуқуқи субъективӣ ҳуқуқ ба талабкунӣ дохил мешавад. Ба ҳуқуқҳои амволӣ ва истисно одатан ҳуқуқи амалҳои фаъол (яъне ҳуқуқи ба амал баровардани амалҳои мустақилона) дохил мешавад. Дар ҳама давлат уҳдадории таъмин намудани амалисозии ҳуқуқ ба ҳимоя аз тарафи субъектони гуногун мавҷуд аст. Бар замми ин уҳдадорӣ нисбати на танҳо шахси мушаххас, балки ба ҳама иштирокчиёни бомаҳорати муносибатҳои ҷамъиятӣ татбиқ карда мешавад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад: ҳуқуқи ҳар як шахс ба ҳимояи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои худ бо тамоми тарзҳо, ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ, ҳуқуқ ба ҷуброни зарари расондашуда, ба ҷуброни зарари давлат [7]. Тарзҳои ҳимояи ҳуқуқ – ин воситаҳои ҳуқуқии дар қонунгузорӣ пешбинигардидае мебошад, ки татбиқи он ба эътирофи ҳуқуқ асос меёбад, ба барқароркунии вазъияти то ҳуқуқвайронкунӣ ҷойдошта оварда мерасонад, инчунин пешгирии амалҳое, ки ҳуқуқро поймол мекунад ё ба татбиқ намудани он таҳдид мекунад таъмин мекунад. Предмети ҳимояи ин муносибат ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии поймолшуда ё мавриди баҳс қарор додашуда мебошад, ки муносибатҳои ба ин монандро ба амал мебарорад.

Ҳифзи ҳуқуқҳои гражданӣ ва манфиатҳои қонунӣ бо тартиби пешбинӣ намудаи қонун, яъне бо татбиқи шакл ва тарзҳои мувофиқи ҳимоя ба амал бароварда мешавад. Дар зери ҳифзи ҳуқуқ ин дар қонун мустаҳкам гардидани чораҳои моддию мурофиавии хислати маҷбуридошта мебошад, ки ба воситаи он барқарорсозии ҳуқуқи поймолшуда ба амал бароварда мешавад ва ба ҳуқуқвайронкунанда таъсир расонда мешавад. Асосҳои гуногуни тасниф ҷой дорад: вобаста аз мазмуни амали ҳуқуқӣ тарзҳои ҳимояро ба моддию ҳуқуқӣ ва ба мурофиавӣ ҷудо мекунанд.

Тарзҳои моддию ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқи гражданӣ ин тарзҳои амал оид ба ҳимояи ҳуқуқ мувофиқи меъёрҳои ҳифзкунандаи хуқуқи моддӣ мебошад. Тарзҳои моддию ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ вобаста аз шарт, хислат, мутааллиқии соҳавӣ, намудҳои ҳуқуқҳои ҳимояшаванда, таркиби субъективӣ фарқ карда мешавад. вобаста аз мақсад тарзҳои моддию ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ба пешгирикунанда, барқароркунанда ва ҷаримавӣ ҷудо мешавад. Тарзҳои мурофиавии ҳимоя - амалисозии ваколати мақомотҳои ваколатдор дар намудаи баровардани санад, ки мақсади муқаррар намудан, эътироф ё тасдиқи ҳуқуқ ва фактҳои аҳамияти ҳуқуқидошта, инчунин барқарор намудани манфиатҳои қонунии субъекти муносибатҳои ҳуқуқиро дошта бошад.

Тарзҳои мурофиавии ҳимоя вобаста аз мақсад, хислати амалҳои мурофиавӣ, санадҳои гуногуни ҳокимиятӣ ва шакли мақомотҳои ваколатдор фарқ мекунад. Тарзи мустақили ҳимояи ҳуқуқ ин худмуҳофизаткунӣ мебошад. Тарзҳои ҳимоя ҳуқуқ – категорияи ҳуқуқи моддӣ мебошад, дар зери шакли ҳимоя бошад фаъолияти дар қонун муайяншудаи мақомотро оид ба ҳимояи ҳуқуқ мефаҳманд. Қонун инчунин татбиқи чунин тарзҳоеро иҷозат медиҳад, ки дар м. 12 Кодекси гражданӣ пешбинӣ нашудааст [8], аммо дар дигар қонун пешбинӣ шудааст. Масалан ҳуқуқ ба муроҷиат намудан ба мақомотҳои ваколатдори давлатӣ оид ба талаб намудани татбиқи чораҳои хислати давлатию маҷбуридошта.

Илми ҳуқуқи гражданӣ ба ҳифзи ҳуқуқҳои гражданӣ диққати калон медиҳад. Аммо таърифи ҳифзи ҳуқуқҳои гражданӣ ҳанӯз хам мавриди мубоҳисаи тезу тунд қарор гирифтааст. Дар КМ ҶТ мафҳуми ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи гражданӣ муқаррар гардида, дар адабиётҳои ҳуқуқӣ бошад мафҳуми ҳуқуқии ҳимоя пешбинӣ шудааст. Дар баробари ин, худи мавҷудияти ҳуқуқи граждании субъективӣ бо мавчудияти ин категорияҳои ҳуқуқи вобаста аст, зеро ҳуқуқи субъективӣ меъёри имконпазир (иҷозат) мебошад, ки қонун пешбинӣ кардааст ва аз тарафи давлат таъмин карда мешавад.

Ҳифзи ҳуқуқи гражданӣ натиҷаи фаъолияти мақсаднок, амали шахсони ваколатдори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ эътироф карда мешавад. Зеро, маҳз барқарорсозии воқеии ҳуқуқи поймолшуда метавонад ҳимояро ташкил диҳад. Мутобиқи равиши дуюми фаҳмиши ҳифзи ҳуқуқҳои гражданӣ, ҳимоя ҷуз маҷмӯи чораҳои маҷбурии фармоишӣ дигар чизе нест. Бо вуҷуди ин, ба андешаи мо, ин фаҳмиш универсалӣ буда наметавонад, зеро ҷонибдорони ин бархӯрд аз он фаромӯш мекунанд, ки қонун чунин падидаеро ба мисли «низоми чораҳои маҷбурӣ» дар бар мегирад ва дигар ниёз ба ҳимоя вуҷуд надорад.

Дар баробари ин, худи мавҷудияти ҳуқуқи граждании субъективӣ бо мавҷудияти ин категорияҳои ҳуқуқӣ вобаста аст, зеро хукуки субъективи меъёри рафтори имконпазири (иҷозати) шахс мебошад, ки дар қонун пешбинӣ шудааст ва аз ҷониби давлат барои қонеъ гардонидани манфиатҳои қонунии ӯ пешбинӣ шудааст. Аз ин мафҳум бармеояд, ки шарти асосии мавҷудияти ҳуқуқи субъективӣ қобилияти ҳимояи ҳуқуқи поймолшуда ё мавриди баҳс қарордошта бо ёрии давлат, аз ҷониби суд, суди иқтисодӣ ё суди ҳакамӣ (минбаъд - суд) ба амал бароварда мешавад.

Дар сурати набудани ҳифзи давлат ҳуқуқ вуҷуд дошта наметавонад ва агар имконияти ҳифзи ҳуқуқи поймолшуда аз даст дода шавад, он аслан қатъ мегардад. Масалан, агар молик имконияти талаб карда гирифтани амволро аз моликияти каси дигар аз даст дода бошад, ваколати асосии молик – ҳуқуқи соҳибии амвол, ки боиси қатъ гардидани дигар ваколатҳои пешбининамудаи м. 279 КМ ҶТ (ҳуқуқи ихтиёрдорӣ ва истифодаи амвол) мегардад, маънои пура қатъ гардидани ҳуқуқи соҳибмулкӣ дар умумро дорад.

Қобили кайд аст, ки ин мавқеъро амалияи судӣ тасдиқ мекунад. Аммо бояд гуфт, ки мафҳуми ҳимояи ҳуқуқҳои гражданӣ аксар вакт дар муқоиса бо мафҳуми ҳифзи ҳуқуқи гражданӣ баррасӣ мешавад, ки ба ақидаи аксари муаллифон ба таҳлили амиқи моҳияти ҳифз, вобаста ба он мусоидат мекунад.

Баъзе муаллифон як қатор мафҳумҳоеро муайян мекунанд, ки ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои субъективии шаҳрвандонро бо роҳҳои гуногун муайян мекунанд.

Намояндагони консепсияи якум, ки ба онҳо А.П. Сергеевро дохил кардан мумкин аст, ба ҳайси меъёрҳои ҳуқуқии ҳимоя ҳамаи меъёрҳое, ки бо ёрии он рушди муносибатҳои гражданӣ дар ҳолати муътадил, поймолнашуда, мисол мустаҳкам шудани ҳуқуқ ва қобилияти амали субъектҳо, ухдадориҳо ва ба он монанд, инчунин барқароршавии ҳуқуқвайронкуниҳо ё мубоҳисаи ҳуқуқ ва ухдадориҳо таъмин мегардад, мебинанд [9, с. 235].

Ҳамзамон ҳимоя ба маънои маҳдуди калима ҳифз номида мешавад ва танҳо тадбирҳоеро дар бар мегирад, ки ба барқарор ё эътирофи ҳуқуқҳои гражданӣ ва ҳифзи манфиатҳо ҳангоми поймол кардан ё эътирози онҳо нигаронида шудаанд. Қайд кардан зарур аст, ки ҳимояи ҳуқуқҳои гржданӣ то вайрон гардидан ва ҳифзи ҳуқуқҳои гражданӣ бошад танҳо дар сурати баъд аз вайрон гардидан ё мавриди баҳс қарор гирифтани ҳуқуқу озодиҳо ба вуҷуд меояд.

Фикри монандро О.С. Иоффе дорад ва ӯ қайд менамояд, ки ҳимояи манфиатҳои шахсӣ котегорияи ҳаҷман калон назар ба як соҳаи мубориза бо ҳуқуқвайронкунии гражданӣ на танҳо дар амалия ва ҳатто дар муносибатҳои назариявӣ ҳамон меъёрҳои гражданӣ-ҳуқуқие, ки марҳилаи муътадили амалишавии ҳимояи манфиатҳои шахсӣ бисёр ҳам муҳим аст [10, с. 3-4].

Ҳамин тариқ, О.С. Иоффе ва А.П. Сергеев ба мафҳуми ҳимоя маънои васеътарин медиҳад, аз он ҷумла чораҳоеро, ки то вайрон кардани ҳуқуқ ба амал бароварда мешаванд, ки ба татбики муътадили субъекти манфиатҳои онҳо нигаронида шудаанд ва чораҳое, ки ба рафъи ҳодисаҳои «ғайриоддӣ»- и ҳуқуқ нигаронида шудаанд. Дар баробари ин О.С. Иоффе мафҳуми ҳифзро муайян накарда, онро ҳамчун синоними ҳимоя истифода мебарад.

Намояндагони мафҳуми дигар (аз ҷумла, Л.С. Явич, А.Ф. Чердантсев ва дигарон) бар хилофи муаллифони дар боло зикршуда, ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии граждaниро хеле маҳдуд мешуморанд. Он ҳамчун фаъолияти мақомоти давлатӣ, ки нисбат ба ҷинояткорон ҷазо татбиқ мекунад, муайян карда мешавад [11, с. 339; 12, с. 219]. Дар баробари ин ҳимояи ҳуқуқҳои гражданӣ танҳо баъди вайрон кардани меъёри ҳуқуқӣ имконпазир мегардад. Чунин ба назар мерасад, ки ин мавқеъ комилан муваффақ нест, зеро дар ин ҳолат муҳофизат вазифаҳои «пешгирикунанда»-ро дар бар намегирад. Воқеан, ин муаллифон ду мафҳумро муайян намуда, аломатҳои мафҳуми ҳимоя ба категорияи ҳифз кам мекунанд.

Тарафдорони назарияи сеюм мафҳумҳои ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои граждaниро равшан фарқ мекунанд. Дар ҳамин ҳол, нуқтаи назари онҳо дар бораи падидаҳои мавриди баррасӣ на ҳамеша комилан мувофиқат мекунанд.

Ҳамин тариқ А.И. Базилевич ба нуқтаи назари сивилисти австриягӣ Э. Месснер розӣ мешавад, ки тибқи он ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунӣ фақат фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятиро фаҳмидан лозим аст, ки тадбирхои пешгирикунандаро дар бар мегирад [13, с. 27].

Дар ҳолатҳое, ки вайронкунии ҳуқуқ аллакай ба вуқӯъ омадааст, ҳифз ба кор меояд. Ҳамин тариқ, бо мафҳуми ҳимоя А.И. Базилевич тадбирҳоеро, ки ба пешгирии вайронкунии ҳуқуқҳо нигаронида шудаанд, мепайвандад ва ҳадафи ҳифз барқарорсозии ҳуқуқҳоро муайян мекунад [14, с. 34].

Ҳамзамон ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро ӯ ҳамчун татбиқи муҷозоти ҳуқуқии меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдор ё бевосита шахси ваколатдор ё ухдадор дар муносибатҳои ҳуқуқӣ бо мақсади татбиқи ҳуқуқҳои субъективӣ ва қонунӣ муайян мекунад дар ҳолате, ки охирин аз ҷониби касе эътироз ё вайрон карда шавад.

11. Control and supervision in the sphere of public administration: problems and ways of improvement: Materials of the international conference dedicated to the year of youth, the 23rd anniversary of the constitution of the republic of tajikistan and the 25th anniversary of the XVI session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan (Dushanbe, 13–14 October). – Dushanbe, 2017. – P. 32-38.

12. Lima declaration of guidelines on auditing precepts. Adopted in Lima (Republic of Peru) on 17–26 October 1977 by the IX Congress of the International Organization of Supreme Audit Institutions (INTOSAI) // [Electronic resource]. Official website of the Accounts Chamber of the Republic of Tajikistan. Access mode: http://www.sai.tj (date of access: 07.01.2026).

13. Marifkhonov R.N. Administrative procedures in the control and supervisory activities of the executive authorities // Control and supervision in the sphere of public administration: problems and ways of

improvement: materials of the international scientific and practical conference dedicated to the year of youth, the 23rd anniversary of the Constitution of the Republic of Tajikistan and the 25th Anniversary of the XVI Session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan. – Dushanbe, 2017. – P. 195-200.

14. Nematov A.R. Lawmaking in the Republic of Tajikistan: current issues of theory and practice: diss. for the degree of doctor of law. – Dushanbe, 2013. – 334 p.

15. Law of the Republic of Tajikistan «On Auditing Activity» from 22 July 2013, №993 // [Electronic resource]. Official website of the National center of legislation under the President of the Republic of Tajikistan. Access mode: http://mmk.tj (date of access: 07.01.2026).

16. Rustamzoda J.Yu. Main directions for improving the mechanism of legal regulation of state financial control in the Republic of Tajikistan // Legal Life. – Dushanbe, 2022. – №2 (38). – P. 79-92.

17. Razzoqov B.H. Current legal problems of control and supervisory activity in the public administration of Tajikistan // Control and supervision in the sphere of public administration: problems and ways of improvement: collection of articles. Materials of the international conference dedicated to the year of Youth, the 23rd Anniversary of the Constitution of the Republic of Tajikistan and the 25th Anniversary of the XVI Session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan. – Dushanbe, 2017. – P. 240-246.

18. Rasulov F.M. Development of legislation on financial control activities in Tajikistan (1917-2014): dis. for the degree of candidate of legal sciences. – Dushanbe, 2015. – 189 p.

19. Rahimzoda M.Z. Russian-Tajik dictionary of legal terms. – Dushanbe: «Buhoro», 2015. – 328 p.

20. Rustamzoda J.Yu. State financial control in the sphere of budgetary relations of the Republic of Tajikistan: organizational and legal foundations: Monograph. – M.: «Prospekt», 2021. – 235 p.

21. Soibov Z.M. Public administration of customs activity in the Republic of Tajikistan: administrative-legal research: dis. for the degree of doctor of legal sciences. – Dushanbe, 2023. – 446 p.

22. Zelentsov A.B., Kasatkina N.M., Lafitsky V.I. Trends in the development of control over the activities of public administration in foreign states. – M.: «IZiSP, INFRA-M», 2015. – 446 p.

23. Hayrulloeva Z.M. Financial control in the sphere of investment activity carried out on the territory of the Russian Federation: dis. for the degree of candidate of legal sciences. – Samara, 2015. – 218 p.

24. Shohin S.O. Control, supervision and audit in the financial sphere // Financial Law. – 2018. – №12. – P. 6-11.



**УДК:** 34.096
**Халимханов Аминджон Алиджонович**,
соискатель кафедры административного и финансового права юридического факультета Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
Тел.: (+992) 987-98-19-77
E-mail: Tojik_ba4a@mail.ru.

# ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Ключевые слова:** банковская система, Национальный банк, банковская деятельность, банки, банковский сектор, финансовая система.

**Аннотация.** Данная статья посвящена анализу банковской системы Республики Таджикистан в целом, от её становления, развития и совершенствования до сегодняшних дней. Банковская система Республики Таджикистан считается ключевым звеном рыночной экономики, и опираясь на опыт развитых стран, сегодня сформирована образцовая законодательная база для этого сектора. Актуальность этого вопроса также обусловлена тем, что банковская система выступает ключевым объектом государственного регулирования. Вместе с тем, следует отметить, что банковская система Таджикистана на сегодняшний день является недостаточно развитой. Несмотря на завершение этапа становления, она остаётся «молодой» и её формирование продолжает оставаться актуальной стратегической задачей.

Финансовая система государства является одним из важнейших факторов, определяющих стабильность и эффективность экономики. Во многих странах наиболее важным и эффективным участником финансовых отношений, выполняющим посредническую функцию в финансовой системе, является именно банковский сектор. Именно в банковском секторе государство осуществляет наиболее интенсивное регулирование. Главная причина этого – системная важность банков для национальной экономики. Учитывая все эти факторы, финансово-правовое регулирование банковской системы стало приоритетной задачей государства. Достичь желаемых результатов возможно с помощью нормативных актов, разработанных таким образом, чтобы сбалансировать интересы всех сторон, учитывая общественные интересы, макроэкономические цели экономики страны и интересы банков.

Следует отметить, что несмотря на существование глобального общего финансового рынка, каждая страна имеет свою собственную банковскую систему, формирующуюся в соответствии с её внутренней динамикой.

Формирование современной банковской системы Таджикистана уходит корнями в эпоху позднего Советского Союза, когда во второй половине 1980-х годов стартовала масштабная экономическая «перестройка». Важнейшими вехами на этом пути для Республики Таджикистан стали принятие 1990 года Декларации о государственном независимости [1, с. 107], согласно п. 13 которого «Республика Таджикистан образует специализированные банки, самостоятельно определяет финансовую, кредитную и ценовую политику» [2].

Ключевым правовым актом, официально положившим начало формирования независимой банковской системы Таджикистана, стал принятый в 1991 году Закон «О банках и банковской деятельности». Этот документ установил базовые принципы классической двухуровневой системы, четко разделив учреждения на верхний (центральный банк) и нижний (коммерческие банки) уровни и определив их функции. Таким образом, принятие данного закона и сопутствующих ему решений ознаменовало собой первый, институциональный этап банковской реформы, в ходе которого была официально ликвидирована прежняя структура советского Госбанка, а Национальный банк получил статус и полномочия центрального банка государства. Таким образом, жестко централизованная вертикаль управления была заменена классической двухуровневой моделью.

Создание двухуровневой системы стало важным политическим сигналом о переходе к рыночной экономике. Однако на момент обретения независимости правовая и

институциональная база Таджикистана ещё не была готова в полной мере поддерживать такую систему. Национальный банк, будучи недавно созданным, не обладал необходимым опытом и отработанными механизмами для эффективного выполнения своих функций.

С теоретической точки зрения, чёткое определение понятия «банковская система» позволяет обозначить внешнюю среду, в которой существует конкретный банк, понять степень его зависимости от этой среды и потенциальные возможности взаимного влияния. Слово «система» имеет греческое происхождение (systema) и переводится как целое, составленное из частей; множество закономерно связанных между собой элементов (предметов, явлений, взглядов, знаний и т.д.), образующих определённую целостность, единство [3, с. 470]. По своему содержанию это ёмкое и многогранное понятие. С одной стороны, это не просто порядок в расположении и связи частей, но и целостное образование, представляющее собой единство закономерно организованных и взаимосвязанных компонентов. С другой стороны, это совокупность организаций или учреждений, однородных по своим задачам и объединённых в единое целое [4, с. 717]. Таким образом, можно утверждать, что любая система характеризуется устойчивыми взаимосвязями между её элементами. Само понятие «система» подразумевает также относительно высокую степень интеграции выделенной группы элементов, наличие у них общих существенных признаков, отличающих данную группу от других. Кроме того, как отмечают исследователи, каждая система развивается в соответствии с общими для всех систем законами, что позволяет изучать её динамику и закономерности эволюции [5, с. 154].

Специфика и уникальность каждой банковской системы определяются, прежде всего, составом её элементов и характером взаимоотношений, которые складываются между ними. При этом на основе анализа мировой практики можно выделить несколько типов банковских систем:

Централизованная банковская система. Для неё характерно существование в стране, по сути, единственного государственного банка с разветвлённой сетью филиалов. Такая модель, основанная на исключительной государственной монополии в банковском деле, исторически сложилась в СССР и ряде других социалистических стран.

Банковская система рыночного типа. В противоположность централизованной, эта система строится на отсутствии государственной монополии. Право на создание банка имеют различные субъекты хозяйствования. В результате в экономике функционирует множество банков с децентрализованным управлением. Важным принципом является взаимная неответственность государства по обязательствам банков и банков – по обязательствам государства.

Банковская система переходного периода. Эта модель характерна для экономик, находящихся в процессе трансформации, как это было в Таджикистан.

Она сочетает в себе черты рыночной системы, будучи разделена на два уровня, но функционирует в условиях нестабильности и незавершённости институциональных реформ. Первый уровень представляет центральный банк, отвечающий за денежно-кредитную политику и надзор. Второй уровень состоит из коммерческих банков, обслуживающих потребности экономических агентов.

Модели банковских систем в разных странах исторически сложились по-разному, что отражает специфику их экономического развития. По своей структуре системы делятся на два основных типа: одноуровневые и двухуровневые. Одноуровневая система предполагает горизонтальные связи между универсальными банками, находящимися на одной иерархической ступени. Такая организация характерна либо для ранних этапов развития банковского дела при отсутствии центрального банка, либо для экономик с государственной банковской монополией.

В современной рыночной экономике преобладает двухуровневая система. Она основана на вертикальных и горизонтальных отношениях: по вертикали – это подчинение коммерческих банков центральному банку как регулирующему и надзорному органу; по горизонтали – партнёрство между самими кредитными организациями. Именно такое построение обеспечивает целостность и управляемость системы при разнообразии банков и их услуг.

Следует отметить, что в юридической литературе не существует единого общепринятого определения понятия «банковская система». С целью законодательного закрепления структуры банковской системы, в базовый закон о банковской деятельности было включено официальное понятие данной системы.

Согласно ст. 1. «Банковская система Республики Таджикистан – Национальный банк Таджикистана и кредитные организации, функционирующие в Республике Таджикистан» [6]. Таким образом согласно этому определению, её составляющими являются Национальный банк

Таджикистана и действующие кредитные учреждения, включая филиалы зарубежных банков.

Современное состояние банковской системы Таджикистана демонстрирует сохранение принципа двухуровневости, однако её структура не остаётся статичной и претерпевает заметные трансформации. Изменения касаются как конкретных участников, так и самой законодательной дефиниции. Более существенным является вопрос о том, что легальное определение банковской системы уже не в полной мере отражает современную экономическую реальность.

Оно не учитывает появление новых видов финансовых организаций и институтов, чья деятельность либо напрямую соприкасается с банковской сферой, либо оказывает влияние на её регулирование. Банковская система, как и любая динамичная структура, эволюционирует вместе со своими ключевыми элементами.

Эти объективные изменения требуют соответствующего закрепления в её официальном понятии, чтобы оно адекватно описывало фактическую архитектуру финансового сектора.

З. Холхуджаев и Ф. Абдуллоев определяют банковскую систему широко как «не только совокупность банков, действующих в данном государстве, но и небанковские финансовые учреждения, осуществляющие банковские операции» [7, с. 53] или же как «Банковская система – совокупность кредитных институтов внутри страны с внутренними взаимосвязями между ними» [8, с. 238].

Иногда понятие «банковская система» определяется как «совокупность банков, банковской инфраструктуры, банковского законодательства и банковского рынка, находящихся в тесном взаимодействии друг с другом и с внешней средой» [9, с. 51].

Следуя за законодателем, исследователи включают в банковскую систему Таджикистана: Первый уровень банковской системы РТ включает Национальный банк Таджикистана, который считается центральным банком; Второй уровень банковской системы РТ включает все остальные банки. Они были созданы в следующих формах:

а) государственный банк – банк, уставный капитал которого принадлежит исключительно Правительству Республики Таджикистан. Например, «Амонатбанк»;

б) негосударственный банк – банк, уставный капитал которого принадлежит юридическим и физическим лицам. Возможно, что часть акций этого банка также может принадлежать Правительству Республики Таджикистан. Например, ЗАО «Ориёнбанк»;

в) банк с иностранным капиталом – банк, часть акций которого принадлежит следующим лицам, в которых более пятидесяти процентов акций (капитала, внесенного учредителями) находятся в их распоряжении.

Банковская система Таджикистана, как и в большинстве развитых стран, является двухуровневой:

Первый уровень представлен Национальным банком Таджикистана, выполняющим функции эмиссионного центра, регулятора и «банка банков».

Второй уровень составляют коммерческие банки различных форм собственности, которые непосредственно обслуживают юридических и физических лиц. Подобная модель характерна и для других постсоветских государств. Важно заметить, что банковская система Таджикистана не существует изолированно – она является частью национальной экономики.

Следует отметить, что за годы независимости развития банковская система Республики Таджикистан достигла ряда значимых положительных результатов. К ним можно отнести: обеспечение стабильности национальной валюты (сомони), преодоление гиперинфляции, накопление золотовалютных резервов, а также формирование национальной платёжной системы с внедрением современных технологий и международных стандартов отчётности.

Также были повышены требования к капиталу банков, создан отмечен рост объёмов кредитования реального сектора экономики и доверия населения к банковским вкладам [10].

Наравне с этим банковская система Таджикистана включает в себя как внутренние, так и внешние компоненты. К последним относятся зарубежные филиалы, дочерние организации и представительства таджикских кредитных учреждений, которые, с точки зрения порядка их создания и управления, являются частью системы.

Однако это теоретическое положение, не закреплено напрямую в банковском законодательстве.

Таким образом, банковская система Таджикистана представляет собой внутренне организованную часть финансовой системы страны, постоянно развивающаяся совокупность, объединенная общими целями и включающая в себя: кредитные организации, вспомогательные структуры, органы управления, организации банковской инфраструктуры, а также иные

организации, на регулярной основе выполняющие хотя бы одну банковскую операцию.

**Рецензент:** к.ю.н., доцент Рустамзода Дж.Ю.

## ХУСУСИЯТИ УМУМИИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Калидвожаҳо:** низоми бонкӣ, Бонки миллӣ, фаъолияти бонкӣ, бонкҳо, бахши бонкӣ, низоми молиявӣ.

**Аннотатсия.** Мақолаи мазкур ба таҳлили низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ, аз ташаккул, рушд ва такмили он то имруз бахшида шудааст. Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайванди калидии иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб меравад ва бо такя ба таҷрибаи кишварҳои пешрафта имруз барои ин бахш заминаи намунавии қонунгузорӣ ташкил карда шудааст. Аҳамияти ин масъала инчунин ба он вобаста аст, ки низоми бонкӣ объекти калидии танзими давлатӣ мебошад. Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки низоми бонкии Тоҷикистон то имруз ба қадри кофӣ рушд наёфтааст. Бо вуҷуди ба итмом расидани марҳилаи ташаккулёбӣ, он «ҷавон» боқӣ мемонад ва ташаккули он вазифаи муҳими стратегӣ боқӣ мемонад.

**Ҳалимханов Аминҷон Алиҷонович –** унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молияи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. E-mail: Tojik_ba4a@mail.ru; Тел.: (+992) 987-98-19-77.

## GENERAL CHARACTERISTICS OF THE BANKING SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Keywords:** banking system, the National bank, banking activities, banks, banking sector, the financial system.

**Abstract.** This article focuses on the analysis of the banking system of the Republic of Tajikistan as a whole, from its formation, development, and improvement to the present day. The banking system of the Republic of Tajikistan is considered a key element of the market economy, and based of the experience of developed countries, an exemplary legislative framework for this sector has been established. The relevance of this issue is also due to the fact that the banking system is a key object of state regulation. However, it should be noted that the banking system in Tajikistan is currently underdeveloped. Despite the completion of the formation stage, it remains «young» and its development continues to be an urgent strategic task.

**Khalimkhanov Amindzhon Alidzhonovich** – applicant of the department of administrative and financial law of the faculty of law of the Academy of public administration under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: Tojik_ba4a@mail.ru; Тел.: (+992) 987-98-19-77.

**Список литературы:**

1. Давлатов И.Х. Государственная независимость и новые функции Национального банка Таджикистана // Региональные проблемы преобразования экономики. – 2015. – № 6(56). – С. 107-115.
2. Декларация о суверенитете Таджикской Советской Социалистической Республики 24 августа 1990 года (в редакции постановления Верховного Совета РТ от 09.09.1991 г. №391) // [Электронный ресурс]. Информационный правовой интернет-портал Республики Таджикистан. Режим доступа: www.portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=658 (дата обращения: 07.10.2025).
3. Словарь иностранных слов. – изд-е 18-е, стереотипное. – М.: «Рус. яз.», 1989 – 624 с.
4. Ожегов С.И. Словарь русского языка /Под ред. Н.Ю. Шведовой, изд-е 23-е – М.: «Рус. яз.», 1991 – 846 с.
5. Аверьянов А.Н. Системное познание мира: методологические проблемы. – М.: «Политиздат», 1985. – 263 с.
6. Закон Республики Таджикистан «О банковской деятельности» от 19 мая 2009 года, №524 // [Электронный ресурс]. Централизованный банк правовой информации Республики Таджикистан «Адлия». Версия 7. Режим доступа: http//www.adlia.tj (дата обращения: 07.10.2025).
7. Холчучаев З., Абдуллоев З. Банковское право. Учебно-методическое пособие. – Душанбе: «Эр-граф», 2011. – 300 с.
8. Коробова Г.Г. Банковское дело. М.: «Экономистъ», 2008 – 766 с.

9. Российская банковская энциклопедия /под ред. О. И. Лаврушина - М.: «ЭТА», 1995. – 650 с.
10. Деятельность Национального банка Таджикистана за годы независимости // [Электронный ресурс]. Официальный сайт Национального банка Таджикистана. Режим доступа: http//www.nbt.tj (дата обращения: 07.10.2025).

**Руйхати адабиёт:**

1. Давлатов И.Х. Истиқлолияти давлатӣ ва вазифаҳои нави бонки миллии Тоҷикистон // Проблемаҳои минтақавии табдили иқтисодиёт. – 2015. - № 6(56). – С. 107-115.
2. Эъломия дар бораи соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон 24 августи соли 1990 (дар таҳрири қарори Шурои Олии ҶТ аз 09.09.1991 №391) // [Захираи электронӣ]. Портали интернетии иттилооти-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Манбаи дастрасӣ: www.portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=658
3. Луғати забонҳои хориҷӣ. – нашри 18-ум, қолабӣ. – М.: «Рус. яз.», 1989 – 624 с.
4. Ожегов С.И. Луғати забони русӣ /таҳрири Н. Ю. Шведова, нашри 23-юм – М.: «Рус. яз.», 1991. – 846 с.
5. Аверянов А.Н. Даркнамоии низомии ҷаҳон: мушкилоти методологӣ. – М.: «Политиздат», 1985. – 263 с.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи соли 2009, №524 // [Захираи электронӣ]. Бонки мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии тоҷикистон «Адлия», шакли 7. Манбаи дастрасӣ: http//www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 07.10.2025).
7. Холчуҷаев З., Абдуллоев Ф. Ҳуқуқи бонкӣ. Маҷмуаи таълими-методӣ. – Душанбе: «Эр-граф», 2011. – 300 с.
8. Коробова Г.Г. Фаъолияти бонкдорӣ. – М.: «Экономистъ», 2008 – 766 с.
9. Энсиклопедияи бонкии Россия / зери таҳр. О. И. Лаврушин. – М.: «ЭТА», 1995. – 650 с.
10. Фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият // [Захираи электронӣ]. Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон. Манбаи дастрасӣ: http//www.nbt.tj (санаи муроҷиат: 07.10.2025).

**List of literature:**

1. Davlatov I.H. State independence and new functions of the National Bank of Tajikistan // Regional problems of economic transformation. – 2015. – №6(56). – P. 107-115.
2. Declaration on the Sovereignty of the Tajik Soviet Socialist Republic of August 24, 1990 (as amended by the Resolution of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan dated September 9, 1991, №391) // [Electronic resource]. Legal information internet portal of the Republic of Tajikistan. Access mode: www.portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=658 (date of access: 07.10.2025).
3. Dictionary of foreign words. – 18th ed., stereotype edition. – M.: «Russian Language», 1989. – 624 p.
4. Ozhegov S.I. Dictionary of the Russian Language / Ed. by N. Yu. Shvedova, 23rd ed. – M.: «Russian Language», 1991. – 846 p.
5. Averyanov A.N. Systemic cognition of the world: methodological problems. – M.: «Politizdat», 1985. – 263 p.
6. Law of the Republic of Tajikistan «On Banking Activity» from 19 May of 2009, №524 // [Electronic resource]. Centralized bank of legal information of the Republic of Tajikistan «Adliya». Version 7. Access mode: http://www.adlia.tj (date of access: 07.10.2025).
7. Kholchuchaev Z., Abdulloev Z. Banking law. educational and methodological manual. – Dushanbe: «Er-graf», 2011. – 300 p.
8. Korobova G. G. Banking. – M.: «Ekonomist», 2008. – 766 p.
9. Russian banking encyclopedia / Ed. by O.I. Lavrushin. – M.: «ETA», 1995. – 650 p.
10. Activities of the National Bank of Tajikistan during the years of independence // [Electronic resource]. Official website of the National Bank of Tajikistan. Access mode: http://www.nbt.tj (date of access: 07.10.2025).



**ТДУ:** 346.543

**Шеров Шералӣ Зафарович**,
сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба молия, андозу гумрук ва фаъолияти бонкии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 935-99-98-58
E-mail: sherali-sherov@mail.ru.

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ИНДЕКСАТСИЯИ ДАРОМАДИ АҲОЛӢ БО НАЗАРДОШТИ НАРХҲОИ МОЛҲОИ ИСТЕЪМОЛӢ ВА ХИЗМАТРАСОНӢ

**Калидвожаҳо:** танзими ҳуқуқӣ, даромад, аҳолӣ, нарх, молҳои истеъмолӣ, хизматрасонӣ, индексатсия, индекс, қонун, таваррум, ҳифзи иҷтимоӣ, сиёсати иҷтимоии давлат.

**Аннотатсия.** Мақолаи мазкур ба таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии танзими ҳуқуқии индексатсияи даромади аҳолӣ дар шароити тағйирёбии сатҳи нархҳои молҳои истеъмолӣ ва хизматрасониҳо бахшида шудааст. Дар шароити рушди иқтисоди бозорӣ ва тағйирёбии мунтазами индекси нархҳои молҳои истеъмолӣ масъалаи ҳифзи қобилияти харидории аҳолӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Дар ин замина, индексатсияи даромад ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими сиёсати иҷтимоии давлат барои таъмини устувории иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон баррасӣ мегардад.

Муаллиф асосҳои ҳуқуқии индексатсияи даромад, механизмҳои танзими он дар низоми қонунгузорӣ, инчунин нақши давлат дар татбиқи сиёсати иҷтимоиро таҳлил карда, ҷиҳати такмили қонунгузорӣ пешниҳод манзур намудааст.

Танзими ҳуқуқӣ яке аз ҷузъҳои таркибии низоми умумии идоракунии ҳуқуқии ҷомеа ба ҳисоб рафта, ҳамчун раванди муназзами таъсири мақсадноки давлат тавассути воситаҳо ва усулҳои ҳуқуқӣ ба муносибатҳои иҷтимоӣ амалӣ мегардад.

Ҳадафи асосии он таъмини субот, низоммандӣ ва муътадилии равандҳои иҷтимоӣ буда, воситаи муассири ба тартиб даровардани фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад. Он заминаи муҳими ташаккули тартиботи ҳуқуқӣ ва волоияти қонунро дар ҷомеа фароҳам оварда, бе он фаъолияти самараноки механизмҳои давлатдорӣ ва рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ ғайриимкон мегардад. Маҳз танзими ҳуқуқӣ ҳамчун таъсиррасонии давлат ба муносибатҳои иҷтимоӣ, ташкили ҳамкории муассир байни субъектҳои ҳуқуқӣ ва таъмини иҷрои қонунгузорӣ хизмат мекунад.

Ба мавзуи танзими ҳуқуқӣ муносибатҳои устувори якхелаи ҷамъиятӣ дохил мешаванд, ки бо ёрии воситаҳо ва усулҳои махсуси ҳуқуқӣ ба тартиб дароварда мешаванд [1]. Яке аз муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ, ки мавзуи танзими ҳуқуқӣ мебошад, ин индексатсияи даромади аҳолӣ бо назардошти нархҳои молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ мебошад.

Индексатсия ҷузъи низоми умумидавлатии ҳимояи иҷтимоии шаҳрвандон буда, барои нигоҳ доштани қудрати харидории даромад ва пасандозҳои пулии онҳо, хусусан табақаҳои камбизоати аҳолӣ: нафақахӯрон, маъюбон ва оилаҳои серфарзанд, инчунин ҷавонони таҳсилкунанда нигаронида шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити иқтисоди муосир масъалаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Тағйирёбии доимии нархи молҳои истеъмолӣ ва хизматрасониҳо, инчунин таъсири равандҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ба иқтисоди миллӣ боиси тағйир ёфтани қобилияти харидории аҳолӣ мегардад. Дар чунин шароит яке аз механизмҳои самараноки ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ – индексатсияи даромади аҳолӣ мебошад.

Индексатсия ҳамчун воситаи муҳими танзими иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба нигоҳ доштани сатҳи воқеии даромади шаҳрвандон дар шароити таваррум равона шудааст. Он имкон медиҳад, ки музди меҳнат, нафақа, стипендия ва дигар намудҳои пардохтҳои иҷтимоӣ бо назардошти болоравии нархи молҳо ва хизматрасониҳо мутобиқ гардонида шаванд. Яъне, индексатсия – ин механизми афзоиши мутаносиби даромадҳои пулӣ бо дарназардошти сатҳи таваррум мебошад. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, он воситаи ҳифзи сатҳи воқеии даромад мебошад. Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, индексатсия маҷмӯи меъёрҳо ва тартиботест, ки тарзи афзоиши даромадҳоро муайян менамояд.

Танзими ҳуқуқии индексатсияи даромади аҳолӣ бо назардошти нархҳои молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси маҷмуи васеи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шудааст, ки онҳоро аз рӯи эътибори ҳуқуқиашон ба намудҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

1) Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) Кодекс;

3) Қонунҳо;

4) Санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими ҳуқуқии индексатсияи даромади аҳолӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд. Зеро, Конститутсия принсипҳои асосии сиёсати иҷтимоии давлатро муайян намуда, кафолати ҳуқуқи шаҳрвандонро ба ҳифзи иҷтимоӣ таъмин менамояд. Дар асоси Конститутсия давлат уҳдадор аст, ки шароити зиндагии арзанда барои шаҳрвандонро таъмин намуда, барои ҳифзи манфиатҳои иқтисодии онҳо чораҳои зарурӣ андешад. Яке аз чунин чораҳо истифодаи механизми индексатсияи даромади аҳолӣ мебошад.

Дар баробари Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки пояи асосии танзими ҳуқуқии индексатсияи даромади аҳолӣ бо назардошти нархҳои молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ мебошад, санадҳои қонунгузорӣ низ дар танзими ин муносибатҳо аҳамияти назаррас дорад. Аз ҷумла, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Кодекси мазкур тартиби муайян намудани музди меҳнат ва кафолатҳои иҷтимоии кормандонро танзим намуда, заминаи ҳуқуқиро барои татбиқи механизмҳои ҳифзи иҷтимоӣ, аз ҷумла индексатсияи даромади аҳолӣ дар шароити тағйирёбии нархи молҳои истеъмолӣ ва хизматрасониҳо фароҳам меорад. Аз ҷумла, дар моддаи 144 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки зиёд шудани музди меҳнат индексатсияи музди меҳнатро дар бар мегирад, ки аз ҷониби корфармо бо тартиби муқаррарнамудаи шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ ё санадҳои корфармо бо назардошти сатҳи таварруми давраи дахлдори муайяннамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад [2].

Дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими ҳуқуқии индексатсияи даромади аҳолӣ низ нақши муҳим доранд. Аз ҷумла, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи индексатсияи даромади аҳолӣ бо назардошти нархҳои молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ» [3], «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» [4], «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» [5], «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» [6], «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ» [7], «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ» [8] ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

Бояд қайд намуд, ки санади меъёрии ҳуқуқии махсус ва соҳавие, ки бевосита муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба индексатсияи даромади аҳолӣ бо назардошти нархҳои молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ танзим менамояд, ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи индексатсияи даромади аҳолӣ бо назардошти нархҳои молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ» мебошад.

Қонуни мазкур аз 3 фасл ва 12 модда иборат буда, асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва иқтисодии индексатсияи даромад ва пасандозҳои пулии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро бинобар болоравии нархҳои молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ муайян менамояд.

Мутобиқи моддаи 1 Қонуни мазкур – индексатсияи даромади аҳолӣ механизми зиёд кардани даромад ва пасандозҳои пулии шаҳрвандон буда, он барои қисман ё пурра ҷуброн намудани болоравии нархҳои молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ имкон медиҳад.

Индексатсия ҷузъи низоми умумидавлатии ҳимояи иҷтимоии шаҳрвандон буда, барои нигоҳ доштани қудрати харидории даромад ва пасандозҳои пулии онҳо, хусусан табақаҳои камбизоати аҳолӣ: нафақахӯрон, маъюбон ва оилаҳои серфарзанд, инчунин ҷавонони таҳсилкунанда нигаронида шудааст.

Индексатсия метавонад бо дигар усулҳои танзими давлатии даромади аҳолӣ (аз нав дида баромадани музди меҳнат, андозаи нафақа, ёрдампулиҳои иҷтимоӣ ва ғайра) татбиқ гардад ва дар баъзе мавридҳо онҳоро иваз намояд [3].

Қобили зикр аст, ки тибқи муқаррароти Қонуни мазкур ба объектҳои индексатсия он намуди даромадҳои пулии шаҳрвандон дохил мешаванд, ки дар ҳудуди кишвар бо пули миллӣ ба даст оварда шуда, хусусияти мунтазам доранд. Ба ин гурӯҳ, аз ҷумла, нафақаҳои давлатӣ, ёрдампулиҳои иҷтимоӣ (аз қабили пардохтҳо ба оилаҳои кӯдакдор, кӯмакпулӣ бинобар бекорӣ ё корношоямии муваққатӣ), стипендияҳо, музди меҳнат (маош ва дигар пардохтҳои марбут ба муносибатҳои меҳнатӣ), инчунин маблағҳои ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи маъюбӣ ё дигар осебҳои саломатӣ ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ расонида шудаанд, шомил мегарданд.

Ҳамзамон, Қонуни мазкур доираи муайяни даромадҳои пулиро аз раванди индексатсия

истисно менамояд. Аз ҷумла, даромадҳое, ки аз истифодаи моликият ба даст меоянд ба монанди даромад аз иҷораи амвол, дивидендҳо аз саҳмияҳо ва дигар коғазҳои қиматнок (ба истиснои коғазҳои қиматноки давлатӣ), инчунин даромад аз фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, соҳибкорӣ ё дигар шаклҳои фаъолияти иқтисодӣ, мавриди индексатсия қарор намегиранд.

Андозаи индексатсияи даромади пулӣ бо роҳи зарб задани ҳаҷми даромади мавриди индексатсия ва индекси нархҳои молҳои истеъмолӣ муайян карда мешавад. Дар минтақаҳое, ки ба музди меҳнат, нафақа ва ёрдампулӣ коэффисиентҳо муқаррар карда шудаанд, индексатсияи даромад бо назардошти ин коэффисиентҳо муайян карда мешавад.

Индекси нархҳои молҳои истеъмолӣ тибқи методологияи ягона ва бо риояи тартибе, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, ҳисоб карда мешавад. Асоси методологии ҳисобкунии мазкур интихоби маҷмӯи муайяни молҳо ва хизматрасониҳо мебошад, ки ба таркиби сабади истеъмолии барои муайян намудани ҳадди ақкали буҷети истеъмолӣ дар ҷумҳурӣ қабулшуда дохил карда шудаанд.

Бо ин тартиб, индекси нархҳо ҳамчун нишондиҳандаи расмии сатҳи тағйирёбии нархҳо барои молу хизматрасониҳои асосии истеъмолӣ баромад намуда, барои арзёбии сатҳи таваррум ва татбиқи механизмҳои индексатсияи даромадҳои аҳолӣ истифода мегардад.

Дар баробари Қонуни мазкур, инчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар танзими индексатсияи даромади аҳолӣ нақши хело калон дорад. Масалан, тибқи моддаи 114 Қонуни мазкур андозаи нафақаҳо бинобар индексатсияи даромади аҳолии бо назардошти нархҳои молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ мувофиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд карда мешаванд. Зимни аз нав ҳисоб кардани нафақа аз музди кор маош тибқи индекси афзоиши музди миёнаи моҳонаи ҷумҳурӣ барои давраe меафзояд, ки аз лаҳзаи ҳисоб кардани нафақа гузаштааст [4].

Илова бар ин, санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ низ дар танзими ҳуқуқии индексатсияи даромади аҳолӣ бо назардошти нархҳои молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ нақши назаррас доранд. Аз ҷумла: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2015, №588 «Дар бораи Тартиби индексатсияи нафақаҳо ва сармояи шартии нафақавӣ», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2025, №962 «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия», Дастурамал оид ба индексатсия (зиёд) намудани андозаи нафақаҳои нафақагирон тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, №113 «Дар бораи тадбирҳои амалисозии фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2025, №962» ва ғайра.

Маслан, тибқи Тартиби индексатсияи нафақаҳо ва сармояи шартии нафақавӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2015, №588 тасдиқ гардидааст, индексатсияи қисми суғуртавии нафақаҳои суғуртавӣ ва нафақаҳои меҳнатӣ ҳар сол як маротиба мутобиқи сатҳи индекси нархҳои истеъмолӣ дар ҷумҳурӣ дар соли молиявии гузашта амалӣ карда мешавад. Индексатсияи нафақаҳои меҳнатӣ аз соли 2018 шурӯъ карда мешавад. Индексатсияи қисми суғуртавии нафақаҳои суғуртавӣ ва нафақаҳои меҳнатӣ нисбати он нафақаҳое татбиқ карда мешавад, ки андозаи онҳо камтар аз 15 карати андозаи нафақаи заминавии муқарраршударо ташкил менамояд.

Ҳамин тариқ, индексатсияи даромади аҳолӣ яке аз воситаҳои муҳими сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳисоб рафта, танзими ҳуқуқии он бо доираи васеи санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ ба роҳ монда шудааст. Аммо, бо вуҷуди ин, зарурати такмили минбаъдаи механизмҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии татбиқи индексатсия зарур мебошад. Зеро, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки заминаи ҳуқуқии танзими индексатсияи даромади аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба такмил ниёз дорад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи индексатсияи даромади аҳолӣ бо назардошти нархҳои молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ», ки соли 1993 қабул гардидааст, дар шароити имрӯза на ҳамеша метавонад ҳамаи муносибатҳои ба миёномадаро пурра танзим намояд. Илова бар ин, баъзе ҷанбаҳои сохторӣ ва мазмунии он ба талаботи муосири техникаи қонунгузорӣ пурра мутобиқат намекунанд.

Дар ин замина, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқии индексатсияи даромади аҳолӣ зарур аст, ки Қонуни мазкур бо дарназардошти рушди муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва талаботи муосири техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ бознигарӣ гардида, дар таҳрири нав таҳия ва қабул карда шавад. Ин иқдом метавонад ба такмили низоми

ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва таъмини устувории сатҳи зиндагии шаҳрвандон мусоидат намояд.

**Муқарриз:** н.и.ҳ. Ҷамшедзода К.Ҷ.

## ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ИНДЕКСАЦИИ ДОХОДОВ НАСЕЛЕНИЯ С УЧЕТОМ РОСТА ЦЕН НА ПОТРЕБИТЕЛЬСКИЕ ТОВАРЫ И УСЛУГИ

**Ключевые слова:** правовое регулирование, доход, население, цена, потребительские товары, услуги, индексация, индекс, закон, инфляция, социальная защита, социальная политика государства.

**Аннотация.** Данная статья посвящена исследованию теоретических и правовых основ правового регулирования индексации доходов населения в условиях изменения уровня цен на потребительские товары и услуги. В условиях развития рыночной экономики и регулярного изменения индекса потребительских цен особую значимость приобретает вопрос сохранения покупательной способности населения. В этой связи индексация доходов рассматривается как один из важных инструментов социальной политики государства, направленный на обеспечение социальной стабильности и повышение уровня жизни граждан.

Автор анализирует правовые основы индексации доходов, механизмы ее регулирования в системе законодательства, а также роль государства в реализации социальной политики. Кроме того, с учетом развития социально-экономических отношений представлены предложения по совершенствованию действующего законодательства.

**Шеров Шерали Зафарович** – начальник отдела по финансовому, налоговому, таможенному законодательству и банковской деятельности Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: sherali-sherov@mail.ru; Тел.: (+992) 935-99-98-58.

## LEGAL REGULATION OF THE INDEXATION OF POPULATION INCOME CONSIDERING PRICES OF CONSUMER GOODS AND SERVICES

**Keywords:** legal regulation, income, population, price, consumer goods, services, indexation, index, law, inflation, social protection, state social policy.

**Abstract.** This article is devoted to the study of the theoretical and legal foundations of the legal regulation of population income indexation in the context of changes in the prices of consumer goods and services. In the conditions of a developing market economy and the regular fluctuation of the consumer price index, the issue of preserving the purchasing power of the population becomes particularly important. In this regard, income indexation is considered one of the important instruments of the state's social policy aimed at ensuring social stability and improving the living standards of citizens.

The author analyzes the legal foundations of income indexation, the mechanisms of its regulation within the system of legislation, as well as the role of the state in implementing social policy. In addition, taking into account the development of socio-economic relations, proposals for improving the current legislation are presented.

**Sherov Sherali Zafarovich** – head of the department for financial, tax, customs legislation and banking activities of the National center of legislation under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: sherali-sherov@mail.ru; Tel.: (+992) 935-99-98-58.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: «Сино», 2023. – 688 с.
2. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, №1329 // [Захираи электронӣ]. Сомонаи асосии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj. (санаи мурочиат: 21.02.2026).
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи индексатсияи даромади аҳолӣ бо назардошти нархҳои молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ» аз 27.12.1993, №891 // [Захираи электронӣ]. Сомонаи асосии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj. (санаи мурочиат: 21.02.2026).
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июни соли 1993, №796 // [Захираи электронӣ]. Сомонаи асосии Маркази миллии

қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj. (санаи муроҷиат: 21.02.2026).

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» аз 13 декабри соли 1997, №517 // [Захираи электронӣ]. Сомонаи асосии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj. (санаи муроҷиат: 21.02.2026).

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» аз 12 январи соли 2010, №595 // [Захираи электронӣ]. Сомонаи асосии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj. (санаи муроҷиат: 21.02.2026).

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ» аз 15 декабри соли 2011, №243 // [Захираи электронӣ]. Сомонаи асосии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj. (санаи муроҷиат: 21.02.2026).

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ» аз 28 феврали соли 2013, №479 // [Захираи электронӣ]. Сомонаи асосии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj. (санаи муроҷиат: 21.02.2026).

**Список литературы:**

1. Сотиволдиев Р.Ш. Теория государства и права: учебник для учреждений высшего профессионального образования. – Душанбе: «Сино», 2023. – 688 с.

2. Трудовой кодекс Республики Таджикистан от 23 июля 2016 года, №1329 // [Электронный ресурс]. Официальный сайт Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Режим доступа: http://mmk.tj. (дата обращения: 21.02.2026).

3. Закон Республики Таджикистан «Об индексации доходов населения с учетом роста цен на потребительские товары и услуги» от 27декабря 1993 года, №891 // [Электронный ресурс]. Официальный сайт Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Режим доступа: http://mmk.tj. (дата обращения: 21.02.2026).

4. Закон Республики Таджикистан «О пенсионном обеспечении граждан Республики Таджикистан» от 25 июня 1993 года, №796 // [Электронный ресурс]. Официальный сайт Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Режим доступа: http://mmk.tj. (дата обращения: 21.02.2026).

5. Закон Республики Таджикистан «О государственном социальном страховании» от 13 декабря 1997 года, №517 // [Электронный ресурс]. Официальный сайт Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Режим доступа: http://mmk.tj. (дата обращения: 21.02.2026).

6. Закон Республики Таджикистан «О страховых и государственных пенсиях» от 12 января 2010 года, №595 // [Электронный ресурс]. Официальный сайт Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Режим доступа: http://mmk.tj. (дата обращения: 21.02.2026).

7. Закон Республики Таджикистан «Об обязательном профессиональном пенсионном страховании» от 15 декабря 2011 года, №243 // [Электронный ресурс]. Официальный сайт Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Режим доступа: http://mmk.tj. (дата обращения: 21.02.2026).

8. Закон Республики Таджикистан «Об обязательном пенсионном страховании» от 28 февраля 2013 года, №479 // [Электронный ресурс]. Официальный сайт Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Режим доступа: http://mmk.tj. (дата обращения: 21.02.2026)..

**List of literature:**

1. Sotivoldiev R.Sh. Theory of state and law: textbook for institutions of higher professional education. – Dushanbe: «Sino», 2023. – 688 p.

2. Labor Code of the Republic of Tajikistan from 23 July 2016, №1329 // [Electronic resource]. Official website of the National center of legislation under the President of the Republic of Tajikistan. Access mode: http://mmk.tj (date of access: 21.02.2026).

3. Law of the Republic of Tajikistan «On indexation of population incomes taking into account the growth of prices for consumer goods and services» from 27 December 1993, №891 // [Electronic resource]. Official website of the National center of legislation under the President of the Republic of Tajikistan. Access mode: http://mmk.tj (date of access: 21.02.2026).

4. Law of the Republic of Tajikistan «On pension provision of citizens of the Republic of Tajikistan» from 25 June 1993, №796 // [Electronic resource]. Official website of the National center of legislation under the President of the Republic of Tajikistan. Access mode: http://mmk.tj (date of access: 21.02.2026).

5. Law of the Republic of Tajikistan «On state social insurance» from 13 December 1997, № 517 // [Electronic resource]. Official website of the National center of legislation under the President of the Republic of Tajikistan. Access mode: http://mmk.tj (date of access: 21.02.2026).

6. Law of the Republic of Tajikistan «On insurance and state pensions» from 12 January 2010, №595 // [Electronic resource]. Official website of the National center of legislation under the President of the Republic of Tajikistan. Access mode: http://mmk.tj (date of access: 21.02.2026).

7. Law of the Republic of Tajikistan «On mandatory professional pension insurance» from 15 December 2011, №243 // [Electronic resource]. Official website of the National center of legislation under the President of the Republic of Tajikistan. Access mode: http://mmk.tj (date of access: 21.02.2026).

8. Law of the Republic of Tajikistan «On mandatory pension insurance» from 28 February 2013, No. 479 // [Electronic resource]. Official website of the National center of legislation under the President of the Republic of Tajikistan. Access mode: http://mmk.tj (date of access: 21.02.2026).

**ТДУ:** 347.73



**Рустамзода Ҷумабек Юнус,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 939-27-10-10
E-mail: sirochiddin.rustamov@mail.ru.



**Зикирзода Қурбонали Хурсандқул,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 985-18-07-07
E-mail: z.qurbonali@mail.ru.

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ ХАРОҶОТИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Калидвожаҳо:** буҷети давлатӣ, хароҷоти буҷетӣ, ҳуқуқи молиявӣ, сиёсати молиявӣ, табиати ҳуқуқии буҷет, самаранокии хароҷот, шаффофият, Ҷумҳурии Тоҷикистон, идоракуни, хусусият, соҳа.

**Аннотатсия.** Дар мақолаи мазкур мафҳум, моҳият ва табиати ҳуқуқии хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлили ҳамаҷонибаи илмӣ қарор дода шудааст. Дар мақола буҷети давлатӣ ҳамчун воситаи танзими идоракунии молиявии давлат ва механизми татбиқи сиёсати иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва амниятӣ баррасӣ гардида, нақши он дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ нишон дода шудааст. Муаллифон ҷанбаҳои иқтисодӣ, моддӣ ва ҳуқуқии хароҷоти буҷетиро таҳлил намуда, асосҳои қонунгузории танзими хароҷоти буҷетиро бо истинод ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ менамоянд. Ҳамзамон, дар мақола мушкилоти мавҷудаи низоми буҷетӣ, аз ҷумла камбудиҳои механизми баҳодиҳии самаранокӣ, шаффофият ва назорат муайян гардида, роҳҳои такмили онҳо бо истифода аз таҷриба пешниҳод карда шудааст.

Буҷет ҳамчун воситаи идоракунии давлатӣ хизмат намуда, бо ёрии он давлат дар назди ҷомеа вазифаҳои ҳаррӯза, таъхирнопазир ва ҳам ояндадаи худро ҳал мекунад. Маҳз буҷет давлатро бо маблағҳои молиявӣ барои нигоҳдории дастгоҳи давлатӣ, артиш, татбиқи тадбирҳои иҷтимоӣ, иҷрои вазифаҳои иқтисодӣ таъмин менамояд.

Аҳамияти буҷети давлатӣ дар он зоҳир мегардад, ки он базаи моддии фаъолияти давлатро ташкил менамояд. Маблағҳои пулии дар буҷет ҷамъшуда барои амалӣ намудани сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии давлат пешбинӣ шудаанд. Бо кӯмаки буҷет барномаҳои давлатӣ ва маҳаллӣ оид ба инкишоф ва фаъолияти самараноки соҳаҳои иқтисодиёт, мустаҳкам намудани иқтидори илмӣ-техникӣ ва мадании мамлакат, баланд бардоштани сатҳи ҳаёти аҳолӣ татбиқ карда мешаванд. Буҷети давлатӣ барои таъмини рушди баробари соҳаҳои иқтисодиёт дар тамоми қаламрави мамлакат имкониятҳо фароҳам меорад ва механизми тавонои идоракунӣ дар ихтиёри давлат мебошад.

Дар ин замина, таҳлили мафҳум ва табиати ҳуқуқии хароҷоти буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти махсус пайдо мекунад. Пеш аз он ки ба таҳлили табиати ҳуқуқии хароҷоти буҷети давлатӣ бигузарем, зарур аст, ки аввал моҳияти худи истилоҳи «буҷет»-ро мавриди баррасии илмӣ қарор диҳем. Ин зарурат аз он вобаста аст, ки мафҳуми «буҷет» яке аз категорияҳои марказӣ ва бунёдии ҳуқуқи молиявӣ ба ҳисоб рафта, солҳои зиёд ҳамчун мавзуи баҳснок дар доираи илми ҳуқуқшиносӣ ва иқтисодиёт мебошад. Дар илми ҳуқуқи молиявӣ таҳлили истилоҳи мазкур на танҳо ҳамчун унсури асосии низоми молиявии давлатӣ, балки ҳамчун рукни калидии ташаккули сиёсати иқтисодиву иҷтимоии давлат дониста мешавад. Бинобар ин, фаҳмиши дақиқи мафҳум, сохтор ва хусусиятҳои ҳуқуқии буҷет заминаи устувор барои омӯзиши минбаъдаи табиати ҳуқуқии хароҷоти буҷетӣ фароҳам оварда, ба мо имконият медиҳад, ки моҳияти воқеӣ ва механизми ҳуқуқии истифодаи

захираҳои молиявии давлатро ба таври ҳамаҷониба дарк намояд.

Дар конспекти лексияҳои С.Ю. Витте дар бораи хоҷагии халқ ва давлат қайд мегардад, ки истилоҳи «буҷет» (budget) аз забони англисӣ гирифта шуда, ифодаи лотинии он маънои «ҳамён»-ро дорад [1, с. 89]. Дар кишвари Англия, канслери хазина ҳангоми баромад намудан дар парламент, сметаи даромад ва хароҷоти ояндаро муаррифӣ карда, портфели чармини худ ё халтаи пул ва ҳуҷҷатҳоро кушод, ки ин буҷет (budget) ном гирифт. Баъдан ба кишварҳои дигар паҳн шуда, сметаи давлатӣ ё рӯйхатро нишон медод. Ҳамин тавр, бо чунин ном ҷузвдонеро ном мебурданд, ки дар он вазири англис пул ва ҳисоботи худро мебурд. Бо он вазир мунтазам дар назди палатаи лордҳо баромад мекард. Бо гузашти вақт истилоҳи budget ифодагарӣ ҳисоботи вазири хазинадориро дар назди парламент гирифт [2, с. 14].

Т.А. Вершило қайд менамояд, ки «буҷет ҳуҷҷати асосии молиявии давлат буда, ҳамчун манбаи асосии иттилоотӣ дар бораи захираҳои молиявии кишвар хизмат мекунад, аммо дар айни замон он тавре баён карда мешавад, ки ҳатто аудиторҳо на ҳамеша самти ҳаракати маблағҳои пулиро муайян карда метавонанд» [2, с. 15].

Ҷ.Ю. Рустамзода буҷетро ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ баррасӣ намуда, иброз медорад, ки: «он нақшаи асосии молиявии ташаккул, тақсим ва истифодаи фонди мутамаркази пулии давлатӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомоти дахлдори намояндагии ҳокимияти давлатӣ ё худидоракунии маҳаллӣ тасдиқ карда мешавад. Ин нақшаи молиявӣ ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои қонунии иштирокчиёни муносибатҳои буҷетиро пешбинӣ мекунад» [3, с. 153].

Аз ҷиҳати моҳияти иқтисодӣ буҷет ҳамчун муносибатҳои пулӣ баррасӣ карда мешавад, ки байни давлат ва ҷомеа дар мавриди аз нав тақсим кардани қисми даромади миллӣ (қисман сарвати миллӣ) вобаста ба ташаккул ва истифодаи захираҳои буҷетӣ, ки барои маблағгузории иқтисодиёти миллӣ, соҳаи иҷтимоӣ, мудофиа ва идоракунии давлатӣ пешбинӣ шудаанд, ба миён меоянд [3, с. 154].

Ҳамин тавр, дар айни замон, моҳиятан истилоҳи буҷет ҳамчун категорияи иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ гардида, аз қисми даромад ва хароҷот иборат мебошад. Манбаи асосии даромади буҷети давлатӣ маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мебошад.

Масъалаи хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боби 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шудааст. Хароҷоти буҷет мувофиқи моддаи 2 Қонуни мазкур ифодаи хароҷоти буҷетҳои ҳама сатҳҳои низоми буҷетӣ, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фаъолияти соҳаҳо ва зинаҳои идоракунӣ муқаррар карда шудааст, фаҳмида мешавад [4]. Ҳадафи хароҷоти буҷет таъмини фаъолияти молиявии давлат оид ба иҷрои вазифаҳо ва функсияҳои ба зиммааш гирифташуда аз ҳисоби фонди мутамаркази пулӣ мебошад. Ҳамин тавр, хароҷот буҷетро дар адабиёти ҳуқуқӣ ба самтҳои зерин тасниф менамоянд:

1) маориф, масъалаҳои зеринро дар бар мегирад: таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, таҳсилоти ибтидоии касбӣ таҳсилоти миёнаи касбӣ, омодагии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос, таҳсилоти олӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, сиёсати ҷавонон ва солимгардонии кӯдакон, тадқиқоти амалӣ дар соҳаи маориф, масъалаҳои дигари соҳаи маориф.

2) мудофиаи миллӣ, хароҷоти вобаста ба таъмини мудофиаи миллиро таъмин мекунад, аз ҷумла: хароҷот барои нигоҳдорӣ ва дастгирии фаъолияти Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, сафарбаркунӣ ва тайёрии ғайринизомӣ, омӯзиш ва иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини амнияти дастаҷамъӣ ва сулҳ ва инчунин дигар масъалаҳои соҳаи мудофиаи миллӣ.

3) фаъолияти амнияти миллӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, хароҷоти марбут ба фаъолияти мақомоти прокуратура, мақомоти корҳои дохилӣ, нерӯҳои дохилӣ, мақомоти адлия; низоми иҷрои ҷазо, мақомоти амният, мақомоти марзбонӣ, мақомоти назорати гардиши воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ.

4) хоҷагии халқ, хароҷотҳои зеринро дар бар мегирад: масъалаҳои умумии иқтисодӣ, маҷмӯи сӯзишворию энергетикӣ, кишоварзӣ ва моҳидорӣ, идоракунии об, хоҷагии ҷангал, нақлиёт, иншооти роҳ, алоқа ва ғайра.

5) хоҷагии манзилию коммуналӣ, хароҷотҳои зеринро дар бар мегирад: манзил, хизматрасонии коммуналӣ, беҳтаршавӣ ва дигар масъалаҳои соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ.

6) ҳифзи муҳити зист, хароҷоти вобаста ба татбиқи назорати муҳити зистро пешбинӣ мекунад, ҷамъоварӣ, тоза кардани партовҳо ва тоза кардани обҳо аз партовҳо, ҳифзи объектҳои олами наботот ва ҳайвонот ва зисти онҳо ва дигар масъалаҳо дар соҳаи ҳифзи муҳити зист.

7) тандурустӣ, ёрии тиббии стансионарӣ, ёрии амбулаторӣ; ёрии тиббӣ дар беморхонаҳо, ҳолати фавқулодда, санатория ва тандурустӣ, харид, коркард, нигоҳдорӣ ва амнияти хуни донор

ва ҷузъҳои он, таъминоти санитарию эпидемиологӣ, тадқиқоти татбиқи саломатӣ ва дигари масъалаҳои саломатӣ.

8) сиёсати иҷтимоӣ, таъмини нафақа, хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ, таъминоти иҷтимоии аҳолӣ, ҳифзи оила ва кӯдак, тадқиқоти амалӣ дар сиёсати иҷтимоӣ, масъалаҳои дигари соҳаи сиёсати иҷтимоӣ.

9) тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, тарбияи ҷисмонӣ, варзишҳои оммавӣ, варзиш ва дигар масъалаҳо дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш.

10) воситаҳои ахбори омма, пахши телевизион ва радио, матбуоти даврӣ ва нашриётҳо, тадқиқоти амалӣ дар соҳаи ВАО, масъалаҳои дигари соҳаи ВАО [3, с. 155].

Хароҷоти буҷет дар навбати худ ҳамчун категорияи иқтисодӣ баррасӣ карда мешавад, ки дорои ҷанбаҳои моддӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Аз ҷиҳати моддӣ, хароҷоти буҷет дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ шудааст.

Хароҷоти буҷет аз ҷиҳати иқтисодӣ маҷмуи муносибатҳои пулии иқтисодӣ барои тақсим ва истифодаи маблағҳое мебошанд, ки аз буҷетҳо дар шакли маблағҳои буҷетӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти давлат ва маҳал ҷудо карда мешаванд. Қайд кардан муҳим аст, ки ин муносибатҳо тавассути намудҳои мушаххаси хароҷоти буҷет зоҳир мешаванд, ки гуногунии онҳо ба омилҳои гуногун вобаста аст: хусусият ва функсияҳои давлат ва худидоракунии маҳаллӣ, сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, усулҳои танзими буҷет, сохтори ҳудуди давлат ва ғайра.

Аз ҷиҳати ҳуқуқӣ, хароҷоти буҷет як қисми фаъолияти молиявии давлат мебошанд, ки бо қонун танзим гардида, дар раванди он фондҳои ҷамъшудаи воситаҳои пулӣ ва дигар захираҳои молиявӣ барои ҳалли мушкилот ва иҷрои вазифаҳои ба зиммаи мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вогузоргардида истифода бурда мешаванд [5, с. 103].

Ҳамин тавр, дар шароити зудтағийрёбанда ва пешгуийнашавандаии вазъи сиёсию иқтисодии ҷаҳони муосир, ки низоми иқтисодиёти миллӣ аз раванди глобализатсия, рақобати бозорӣ ва тағйирёбии манбаъҳои маблағгузорӣ таъсири ҷиддӣ мебинад, масъалаи мафҳум ва табиати ҳуқуқии хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз самтҳои муҳимтарини илми ҳуқуқи молиявӣ табдил ёфтааст. Зеро буҷети давлатӣ на танҳо ҳуҷҷати молиявӣ, балки омили асосии татбиқи вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии давлат мебошад. Маҳз тавассути буҷет давлат фаъолияти ниҳодҳои иҷтимоӣ, бахши маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, амният, мудофиа ва дигар сохторҳоро таъмин намуда, дар рушди иқтисоди миллӣ ва беҳтар намудани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ саҳми бузург мегузорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди ташаккул, банақшагирӣ ва иҷрои буҷети давлатӣ дар тӯли солҳои охир марҳилаи босуръати такмилёбӣ, рақамикунонӣ ва мутобиқсозӣ ба стандартҳои байналмилалиро таҷриба мекунад [6, с. 85]. Ин равандҳо, пеш аз ҳама, ислоҳоти низоми андозбандӣ, шаффофияти молиявӣ, баланд бардоштани самаранокии хароҷоти давлатӣ ва ҷорӣ намудани принсипҳои «арзиши воқеӣ» ва «самаранокии иҷтимоӣ»-ро дар бар мегиранд. Бо вуҷуди ин, ҳанӯз ҳам масъалаҳои ба таври илмӣ асоснок кардани тартиби тақсими захираҳои молиявии давлатӣ, таҳкими назорати дохилӣ ва беруна, таъмини самаранокии хароҷот, ҳамоҳангсозии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва мутобиқсозии онҳо ба талаботи замони муосир боқӣ мемонанд.

Хароҷоти буҷети давлатӣ анъанавӣ ҳамчун яке аз самтҳои асосии танзими ҳуқуқи молиявӣ шинохта мешаванд, аммо таҳлили мукаммали муносибатҳои вобаста ба истифодаи маблағҳои буҷетӣ нишон медиҳад, ки танзими ҳуқуқии онҳо танҳо ба доираи ҳуқуқи молиявӣ маҳдуд намегардад. Барои муайян кардани моҳият, мақом ва хусусиятҳои ин гурӯҳи муносибатҳо зарур аст моҳияти ҳуқуқии онҳо, таркиби иштирокчиён ва хусусияти ҳуқуқии ҳар як унсур мавриди баррасӣ гузошта шавад. Мутобиқи қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бахши бюдҷетӣ ва хароҷоти буҷете, ки аз ҳисоби буҷет дар асоси уҳдадориҳои пешбинишуда ҷудо карда мешаванд. Дар ҳамин замина, уҳдадориҳои хароҷотӣ ҳамчун уҳдадории мақомоти давлатӣ ё муассисаҳои давлатии амалкунанда аз номи давлат муайян мешаванд, ки бар пояи қонун, санади меъёрӣ, шартнома ё созишнома барои шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ё дигар воҳидҳои давлатӣ пардохти маблағҳои буҷетиро пешбинӣ мекунанд. Аз рӯи табиати худ чунин уҳдадориҳо характери муносибатҳои уҳдадорӣ доранд, зеро моҳияти онҳо интиқоли маблағ аз манбаи давлатӣ ба гиранда мебошад. Тарафи вазифадор дар ин муносибатҳо давлат ва мақомотҳои он буда, тарафи соҳибҳуқуқ метавонад шахси воқеӣ, ҳуқуқӣ ё субъекти дигари ҳуқуқи давлатӣ бошад, дар ҳоле ки объекти ин муносибатҳо маблағҳои буҷетӣ ба ҳисоб мераванд. Дар раванди фаъолияти молиявии давлатии Тоҷикистон фондҳои маблағҳои пулӣ сафарбар ва тақсим карда мешаванд ва ҳамчунин, фондҳои буҷетӣ, ғайрибуҷетӣ ва дигар фондҳои пулӣ таъсис

дода мешаванд. Ин хусусияти хеле муҳими фаъолияти молиявии давлат мебошад [7, с. 43].

Меъёрҳои бахши буҷетӣ, дар аксари ҳолатҳо, худ асоси мустақими ба вуҷуд омадани уҳдадориҳои хароҷотӣ нестанд. Онҳо, баръакс, шароит ва механизмҳои ҳуқуқию молиявиро барои иҷрои уҳдадориҳои пешбинишуда дар дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ фароҳам меоранд. Аз ин рӯ, ҳуқуқи буҷетӣ вазифаи асосии худро дар ташкили заминаҳои молиявӣ барои татбиқи сиёсати иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маориф, тандурустӣ ва дигар самтҳои давлатӣ амалӣ месозад. Ҳамин тартиб имконият медиҳад, ки уҳдадориҳое, ки дар қонунҳои соҳавӣ ё санадҳои меъёрии дигар пешбинӣ шудаанд, бо риояи тартиби муқарраргардидаи буҷетӣ иҷро гарданд. Хусусияти идоракунии фаъолияти молиявӣ дар он зоҳир мешавад, ки он дар асоси қарорҳои ҳуқуқии идоракунии мақомоти намояндагӣ ва мақомоти иҷроия амалӣ карда мешавад. Дар низоми чунин қарорҳо ҷои аввалро санадҳои мақомоти намояндагӣ, пеш аз ҳама қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра ишғол мекунанд. Қисми зиёди қарорҳои идоракунӣ дар соҳаи фаъолияти молиявии давлат санадҳои мақомоти иҷроия мебошанд. Ин табиист, зеро асосан ин мақомот фаъолияти молиявиро анҷом медиҳанд [5, с. 107]. Зеро, дар низоми қонунгузорӣ ва низоми ҳуқуқи ҳар як давлат, санадҳо ва меъёрҳои танзими муносибатҳо дар соҳаи фаъолияти молиявии давлат, шахсони ҳуқуқӣ ва муносибатҳои моликияти шаҳрвандон, аз ҷумла дар амалисозии назорати молиявӣ, муҳиманд [8, с. 22]. Дар таҷрибаи ҳуқуқии Тоҷикистон барои таъмин намудани низоми шаффоф ва мутамаркази хароҷот нигоҳ доштани реестри уҳдадориҳои хароҷотӣ, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ» пешбинӣ шудааст, аҳамияти муҳим дошта, гурӯҳбандии уҳдадориҳоро мувофиқи ин маблағҳои тасдиқшуда (қонунан муқарраршуда) ва класификатсияи ягонаи буҷетӣ таъмин менамояд. Ин амал зарурати мутобиқсозии ҳамаи уҳдадориҳои хароҷотиро бо сохтор ва талаботи буҷет таъмин мекунад, то онҳо ба шакли ин маблағҳои тасдиқшуда (қонунан муқарраршуда) буҷетӣ табдил ёбанд. Умуман ба фаъолияти идоракунии буҷети назар кунем равшан мегардад, ки назорати давлатии молиявӣ ин назорати қонунӣ ва мувофиқи мақсад будани амалҳо оид ба татбиқи раванди ҷамъоварӣ, тақсимот ва истифодаи маблағҳои давлатӣ мебошад [9, с. 152].

Бо мақсади иҷрои воқеии уҳдадориҳои хароҷотӣ, ҳуқуқи буҷетӣ мафҳумҳои «уҳдадории буҷетӣ» ва «уҳдадории пулӣ»-ро ҷудо менамояд [10, с. 109]. Уҳдадории буҷетӣ муносибатҳои нақшавиро ифода мекунад, ки барои иҷро дар соли молиявии муайян пешбинӣ шудаанд, дар ҳоле ки уҳдадориҳои пулӣ асоси воқеии пардохти маблағҳои буҷетӣ буда, ба воситаи онҳо маблағҳои буҷетӣ ба гирандагон интиқол дода мешаванд. Механизми иҷроиш тавассути Вазорати молия амалӣ мешавад, ки раванди тасдиқ, ҷудо ва пардохти маблағҳоро мувофиқи лимитҳо ва тартиби муқарраргардида назорат мекунад. Ҳамин тавр, ҳуқуқи буҷетӣ робитаҳои байни мақомоти давлатӣ, муассисаҳо ва барандагони маблағгузориро танзим намуда, ҳолатҳои зарурииро барои иҷрои уҳдадориҳои хароҷотӣ фароҳам меорад, аммо худи муносибатҳои ҳуқуқии байни гиранда ва пардохткунандаи маблағ (давлат) аз ҷониби қонунгузории соҳавӣ танзим карда мешаванд.

Дар натиҷа, хароҷоти буҷетӣ, ҳамчун уҳдадориҳои молиявии давлатӣ, табиати мураккаби ҳуқуқӣ доранд ва дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи хосро ишғол менамоянд. Ҳуқуқи буҷетӣ на уҳдадориҳоро ба вуҷуд меорад, балки онҳоро ба низоми молиявии давлатӣ ворид карда, шароитҳои ҳуқуқию молиявиро барои иҷрои саривақтӣ ва мақсадноки онҳо таъмин менамояд [5, с. 96]. Ин раванд имкон медиҳад, ки истифодаи маблағҳои буҷетӣ шаффоф, боасос ва мувофиқи талаботи қонунгузорӣ анҷом пазирад, ки барои таҳкими интизоми молиявӣ ва баланд бардоштани самаранокии хароҷоти давлатӣ муҳим мебошад.

Дар Тоҷикистон хароҷоти буҷетӣ ба самтҳои зерин равона мегарданд: таъмин намудани рушди иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ), дастгирии иқтисод (кишоварзӣ, саноат, инфрасохтор), амният ва мудофиа, идоракунии давлатӣ ва пардохтҳои қарз. Барои ҳар як самт меъёрҳои ҳуқуқӣ ва молиявӣ муқаррар карда шудаанд, ки тартиби маблағгузорӣ ва механизмҳои назоратро муайян менамоянд.

Бо вуҷуди ин, таҳлили илмӣ нишон медиҳад, ки як қатор мушкилот вуҷуд доранд:

- номувофиқии баъзе меъёрҳои ҳуқуқӣ ба тағйирёбии суръатноки талаботи иқтисод;
- кам будани таҳлилҳои пешакӣ оид ба самаранокии хароҷот;
- норасоии механизмҳои назорати дохилии муассир;

- набудани низоми муассири баҳодиҳии «арзиши иҷтимоӣ»;

- вобастагии бузург аз хароҷотҳои идоракунии давлатӣ;

- сатҳи нокифояи рақамикунонии равандҳои буҷетӣ.

Ин мушкилот зарурати таҳқиқи илмии мавзуро бештар мекунад. Зеро бе арзёбии илмӣ, такмили қонунгузорӣ ва пешниҳоди тавсияҳо амалияи буҷетӣ наметавонад пурра самаранок шавад.

Барои рафъи мушкилот бояд консепсияи такмили танзими молиявӣ-ҳуқуқӣ таҳия карда шавад, ки он дар бар гирад:

- таҳкими механизмҳои ҳуқуқии банақшагирии миёнамӯҳлат;

- такмил додани системаи баҳодиҳии хароҷот;

- ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии аудит;

- афзоиши шаффофияти иттилооти буҷетӣ;

- татбиқи моделҳои маблағгузории инноватсионӣ;

- беҳсозии идоракунии хавфҳои молиявӣ.

Тадқиқи илмӣ бо истифода аз таҷрибаи кишварҳои пешрафта метавонад ба такмили низоми миллӣ мусоидат кунад. Барои мисол, моделҳои «буҷети барномавӣ», «буҷети натиҷагир» ва «буҷети кушод» ҳамчун воситаҳои нав метавонанд самаранокии хароҷотро чандин маротиба баланд бардоранд.

Дар натиҷаи баррасӣ ва таҳлили масъалаи мафҳуми хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон хулоса кард, ки ин самт яке аз рукнҳои асосии идоракунии давлатӣ, сиёсати молиявӣ ва рушди устувори иқтисоди миллӣ маҳсуб мeёбад. Самаранокӣ, шаффофият ва асоснокии ҳуқуқии хароҷоти буҷетӣ на танҳо ба сатҳи рушди иқтисодӣ, балки ба сатҳи зиндагии аҳолӣ, устувории иҷтимоӣ ва эътимоди шаҳрвандон ба давлат таъсири бевосита мерасонад.

Таҳлили масъалаи мафҳум ва табиати ҳуқуқии хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки буҷет ҳамчун дастгоҳи асосии идоракунии молиявии давлат, мақоми калидиро дар ташаккул ва татбиқи сиёсати иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва амниятӣ ишғол мекунад. Хароҷоти буҷетӣ на танҳо воситаи маблағгузории ниҳодҳои давлатӣ, балки механизми амалии татбиқи ӯҳдадориҳои ҳуқуқии давлат мебошанд. Табии ҳуқуқии хароҷоти буҷетӣ дорои характери комплексӣ буда, ҳамзамон муносибатҳои иқтисодӣ, моддӣ ва ҳуқуқиро дар бар мегирад.

Бо вуҷуди рушди қадам ба қадами низоми буҷетӣ дар Тоҷикистон, мушкилоти марбут ба камбудиҳои қонунгузорӣ, норасоии механизми баҳодиҳии самаранокӣ, паст будани сатҳи рақамикунонӣ ва назорати нокифоя то ҳол боқӣ мондааст [9, с. 156]. Дар ин замина, такмил додани низоми танзими молиявӣ-ҳуқуқӣ, ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалӣ, рушди буҷети натиҷагир, таҳкими механизмҳои назорати дохилӣ ва беруна, баланд бардоштани шаффофият ва афзалияти арзиши иҷтимоӣ аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад. Тадқиқи илмӣ нишон медиҳад, ки танзими самараноки хароҷоти буҷетӣ заминаи устувори рушди иқтисодӣ, пешрафти иҷтимоӣ ва таҳкими институтҳои давлатдориро фароҳам меорад.

Таҳлили ҳамаҷонибаи мафҳум, моҳият ва табиати ҳуқуқии хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки хароҷоти буҷетӣ яке аз унсурҳои калидии низоми молиявии давлат ва механизми асосии татбиқи вазифаҳо ва ӯҳдадориҳои конститутсионии он маҳсуб мeёбанд [6, с. 203]. Буҷети давлатӣ на танҳо ҳуҷҷати молиявӣ, балки воситаи муҳими идоракунии давлатӣ буда, тавассути он сиёсати иҷтимоӣ, иқтисодӣ, амниятӣ ва рушди устувори кишвар амалӣ мегардад.

Дар ҷараёни таҳқиқ муайян гардид, ки хароҷоти буҷет дорои табиати комплексӣ буда, ҳамзамон ҷанбаҳои иқтисодӣ, моддӣ ва ҳуқуқиро дар бар мегиранд. Аз нигоҳи иқтисодӣ, онҳо ҳамчун маҷмуи муносибатҳои пулии тақсим ва истифодаи захираҳои молиявии давлатӣ баромад намуда, аз нигоҳи ҳуқуқӣ бошад, бо меъёрҳои қонунгузорӣ ба танзим даровардa мешаванд ва шакли амалии иҷрои ӯҳдадориҳои ҳуқуқии давлатро таҷассум мекунанд. Танзими ҳуқуқии хароҷоти буҷетӣ, ки асосан дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ шудааст, заминаи меъёрии фаъолияти молиявии давлатро муайян менамояд.

Таснифи хароҷоти буҷет аз рӯйи самтҳои асосӣ, аз ҷумла маориф, тандурустӣ, сиёсати иҷтимоӣ, мудофиа, амнияти миллӣ, хоҷагии халқ, ҳифзи муҳити зист ва дигар соҳаҳо, нишон медиҳад, ки буҷет нақши марказиро дар таъмини рушди мутавозини соҳаҳои иқтисод ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ иҷро мекунад. Ҳамзамон, таҳлил ошкор сохт, ки бо вуҷуди пешрафти марҳилавии низоми буҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, як қатор мушкилот, аз қабили норасоии механизмҳои баҳодиҳии самаранокӣ, рақамикунонии нокифоя ва назорати молиявии маҳдуд то ҳол боқӣ мемонанд.

Дар чунин шароит, такмили низоми танзими молиявӣ-ҳуқуқии хароҷоти буҷетӣ, ҷорӣ намудани моделҳои муосири идоракунии буҷет (буҷети барномавӣ, буҷети натиҷагир ва буҷети кушод), мутобиқсозии қонунгузорӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ва таҳкими механизмҳои назорати дохилӣ ва беруна аҳамияти хоса касб мекунад. Амалӣ намудани ин тадбирҳо метавонад ба баланд бардоштани самаранокӣ ва шаффофияти истифодаи маблағҳои давлатӣ, таҳкими эътимоди шаҳрвандон ба давлат ва фароҳам овардани заминаи устувор барои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

**Муқарриз:** н.и.ҳ., дотсент Каримов Х.М.

## НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИКО-ПРАВОВЫЕ ВОПРОСЫ РАСХОДОВ ГОСУДАРСТВЕННОГО БЮДЖЕТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Ключевые слова:** государственный бюджет, бюджетные расходы, финансовое право, финансовая политика, правовая природа бюджета, эффективность расходов, прозрачность, Республика Таджикистан, управление, особенности, отрасль.

**Аннотация.** В данной статье проводится всесторонний научный анализ понятия, сущности и правовой природы расходов государственного бюджета Республики Таджикистан. Государственный бюджет рассматривается как инструмент регулирования финансового управления государством и механизм реализации социальной, экономической и оборонной политики, а также раскрывается его роль в обеспечении устойчивого экономического развития и повышении уровня жизни населения. Авторы анализирует экономические, материальные и правовые аспекты бюджетных расходов, а также рассматривает правовые основы регулирования бюджетных расходов со ссылкой на Закон Республики Таджикистан «О государственных финансах Республики Таджикистан». Вместе с тем в статье выявляются существующие проблемы бюджетной системы, в том числе недостатки механизмов оценки эффективности, прозрачности и контроля, и предлагаются пути их совершенствования с использованием практического опыта.

**Рустамзода Джумабек Юнус** – кандидат юридических наук, доцент, заведующий кафедрой административного и финансового права юридического факультета Академии государственного управления при Президенте Республики. E-mail: sirochiddin.rustamov@mail.ru; Тел.: (+992) 939-27-10-10.

**Зикирзода Курбонали Хурсандкул** – соискатель кафедры административного и финансового права юридического факультета Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: z.qurbonali@mail.ru; Тел.: (+992) 985-18-07-07.

## SOME THEORETICAL AND LEGAL ISSUES OF STATE BUDGET EXPENDITURES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Keywords:** state budget, budget expenditures, financial law, financial policy, legal nature of the budget, expenditure efficiency, transparency, Republic of Tajikistan, management, characteristics, sector.

**Abstract.** This article provides a comprehensive scientific analysis of the concept, essence, and legal nature of state budget expenditures of the Republic of Tajikistan. The state budget is examined as a tool for regulating public financial management and as a mechanism for implementing social, economic, and security policies, and its role in ensuring sustainable economic development and improving the living standards of the population is highlighted. The authors analyze the economic, material, and legal aspects of budget expenditures and examines the legal framework governing budget expenditures with reference to the Law of the Republic of Tajikistan «On Public Finance of the Republic of Tajikistan». At the same time, the article identifies existing problems of the budgetary system, including shortcomings in mechanisms for efficiency assessment, transparency, and control, and proposes ways to improve them based on practical experience.

**Rustamzoda Jumabek Yunus** – candidate of legal sciences, associate professor, head of the department of administrative and financial law, faculty of law, Academy of public administration under the president of the Republic of Tajikistan. E-mail: sirochiddin.rustamov@mail.ru; Tel.: (+992) 939-27-10-10.

**Zikirzoda Qurbonali Khursandqul** – applicant of the administrative and financial law department, faculty of law Academy of public administration under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: z.qurbonali@mail.ru; Tel..: (+992) 985-18-07-07.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Витте С.Ю. Конспекти лексияҳо оид ба хоҷагии халқ ва хоҷагии давлатӣ, ки дар солҳои 1900-1902 ба император, князи бузург Михаил Александрович хонда шудаанд. – М.: «Юрайт», 2011. – 224 с.
2. Вершило Т.А. Оид ба масъалаи амалӣ намудани назорати буҷетии парламентӣ // Қонунҳои России: таҷриба, таҳлил, амалия. – 2017. – № 6. – С. 12-18.
3. Рустамзода Ҷ.Ю. Такмили самтҳои фаъолият ва таъмини ҳуқуқии мақомоти назорати буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе, 2023. – № 1 (37). – С. 149-160.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011, № 723 // [Захираи электронӣ]. Сомонаи расми Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Манбаи дастрасӣ: http : // mmk . tj . (санаи муроҷиат: 06.10.2025).
5. Рустамзода Д.Ю. Ҳуқуқи буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон: нақшаҳо бо шарҳҳо: воситаи таълимӣ. – Душанбе: «ДДТТ», 2020. – 208 с.
6. Ғафурзода, А.Д., Рустамзода, Ҷ.Ю. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ [Матн] / А.Д. Ғафурзода, Ҷ.Ю. Рустамзода. – Душанбе: «Матбааи АИДПҶТ», 2022. – 360 с.
7. Рустамзода Ҷ.Ю. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Қисми умумӣ: воситаи таълимӣ. – Душанбе: «Эр-граф», 2021. – 224 с.
8. Колесов Р.В., Юрченко А.В. Низоми назорати давлатии молиявии Федератсияи Россия: мушкилот ва дурнамо. – Ярославл: «ЯФ МФЮА», 2013. – 100 с.
9. Рустамзода Ҷ.Ю. Муаммоҳои муайян кардани намудҳо ва усулҳои назорати буҷети давлатӣ: танзими молиявӣ – ҳуқуқӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе, 2022. – № 1 (37). – С. 149 -160.
10. Лагутин И.Б. Назорати буҷетӣ ва аудити буҷетӣ дар Федератсияи Россия: мушкилоти низомнокӣ ва хусусиятҳои танзими ҳуқуқӣ. – М.: «Юрлитинформ», 2015. – 367 с.

**Список литературы:**

1. Витте С.Ю. Конспект лекций о народном и государственном хозяйстве, читанных его императорскому высочеству великому князю Михаилу Александровичу в 1900-1902 годах. – М.: «Юрайт», 2011. – 224 с.
2. Вершило Т.А. К вопросу об осуществлении парламентского бюджетного контроля // Законы России: опыт, анализ, практика. – 2017. – № 6. – С. 12-18.
3. Рустамзода Д.Ю. Совершенствование направлений деятельности и правового обеспечения органов государственного бюджетного контроля в Республике Таджикистан // Правовая жизнь. – Душанбе, 2023. – № 1 (37). – С. 149-160.
4. Закон Республики Таджикистан «О государственных финансах Республики Таджикистан» от 28 июня 2011 года, № 723 // [Электронный ресурс]. Официальный сайт Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Режим доступа: http://mmk.tj (дата обращения: 06.10.2025).
5. Рустамзода Д.Ю. Бюджетное право Республики Таджикистан: схемы с комментариями: учебное пособие. – Душанбе: «ТГУК», 2020. – 208 с.
6. Гафурзода А.Д., Рустамзода Д.Ю. Финансовое право Республики Таджикистан: учебник [Текст] / А.Д. Гафурзода, Дж.Ю. Рустамзода. – Душанбе: «Типография АИДПРТ», 2022. – 360 с.
7. Рустамзода Д.Ю. Финансовое право Республики Таджикистан: Общая часть: учебное пособие. – Душанбе: «Эр-граф», 2021. – 224 с.
8. Колесов Р.В., Юрченко А.В. Система государственного финансового контроля РФ: проблемы и перспективы. – Ярославль: «ЯФ МФЮА», 2013. – 100 с.
9. Рустамзода Д.Ю. Проблемы определения видов и методов государственного бюджетного контроля: финансово-правовое регулирование // Правовая жизнь. – Душанбе, 2022. – № 1 (37). – С. 149-160.
10. Лагутин И.Б. Бюджетный контроль и бюджетный аудит в Российской Федерации: проблемы системности и особенности правового регулирования. – М.: «Юрлитинформ», 2015. – 367 с.

**List of literature:**

1. Witte, S.Yu. Lecture notes on national and state economy delivered to his imperial highness grand duke Mikhail Alexandrovich in 1900-1902. – Moscow: «Yurait», 2011. – 224 p.
2. Vershilo, T.A. On the issue of exercising parliamentary budgetary control // Laws of Russia: Experience, Analysis, Practice. – 2017. – №6. – P. 12-18.

3. Rustamzoda D.Yu. Improving the directions of activity and legal support of state budgetary control bodies in the Republic of Tajikistan // Legal Life. – Dushanbe, 2023. – №1 (37). – P. 149-160.

4. Law of the Republic of Tajikistan «On Public Finances of the Republic of Tajikistan» from June 28, 2011, №723. [Electronic resource]. Official website of the National center of legislation under the President of the Republic of Tajikistan. Access mode: http://mmk.tj (date of access: 06.10.2025).

5. Rustamzoda, D.Yu. Budget law of the republic of tajikistan: schemes with commentaries: study guide. – Dushanbe: «TSUC», 2020. – 208 p.

6. Gafurzoda, A.D., Rustamzoda, D.Yu. Financial law of the Republic of Tajikistan: Textbook [Text]. – Dushanbe: «AIDPRT Printing House», 2022. – 360 p.

7. Rustamzoda D.Yu. Financial Law of the Republic of Tajikistan: General Part: Study Guide. – Dushanbe: «Er-Graf», 2021. – 224 p.

8. Kolesov, R.V., Yurchenko, A.V. The system of state financial control in the russian federation: problems and prospects. – Yaroslavl: «YAF MFUA», 2013. – 100 p.

9. Rustamzoda D.Yu. Problems of determining the types and methods of state budgetary control: financial and legal regulation // Legal Life. – Dushanbe, 2022. – №1 (37). – P. 149-160.

10. Lagutin I.B. Budgetary control and budgetary audit in the russian federation: problems of systemicity and features of legal regulation. – M.: «Yurlitinform», 2015. – 367 p.



**ТДУ** 339.9:351.713(575.3)

**Назарова Миҷгона Зоировна,**
докторанти Phd-и кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 932-22-22-07
E-mail: mija97@list.ru.

# МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ШАХСОНИ ҲУҚУҚИИ ХОРИҶӢ ҲАМЧУН СУБЪЕКТОНИ МУНОСИБАТҲОИ АНДОЗӢ

**Калидвожаҳо:** шахси ҳуқуқӣ, вазъи ҳуқуқӣ, андоз, муносибатҳои андозӣ, субъекти андозбандӣ, ғайрирезидент, андозбандӣ, филиал, намояндагӣ, муассисаи доимӣ.

**Аннотатсия.** Дар мақолаи мазкур мафҳум ва хусусиятҳои мақоми ҳуқуқии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар низоми муносибатҳои ҳуқуқии андозӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт баррасӣ шуда, моҳият ва хусусиятҳои фарқкунандаи он ошкор гардида, унсурҳои калидии он муайян мешаванд. Муаллиф асосҳои назариявӣ – ҳуқуқии иштироки шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии андозиро таҳлил намуда, хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии онҳо ҳамчун субъекти махсуси ҳуқуқи андозро муайян мекунад. Дар мақола мазмун ва доираи қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалисозии ҳуқуқу уҳдадориҳои андозии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, асосҳои ба миён омадани уҳдадории андозӣ, инчунин тартиби татбиқи меъёрҳои қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ баррасӣ мегардад.

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт, рушди сармоягузории хориҷӣ ва тавсеаи фаъолияти ширкатҳои фаромиллӣ нақши шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии андозӣ мунтазам меафзояд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули низоми муназзами муайянкунии мақоми ҳуқуқии чунин субъектҳо аҳамияти калидӣ дорад, зеро он ҳамзамон ба таъмини манфиатҳои фискалӣ ва бехатарсозии фазои сармоягузорӣ мусоидат менамояд. Дар ин замина масоили муайян намудани ҳаҷми ҳуқуқсубъектии андозии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, фарқгузории мақоми резидент ва ғайрирезидент, муайян кардани ҳудуди юрисдиксияи андозии давлат мубрамияти хосро пайдо менамояд.

Дар робита бо ин, таҳлили хусусиятҳои андозбандии субъектони хориҷӣ, пеш аз ҳама тақозо менамояд, ки мафҳуми шахсони ҳуқуқии хориҷӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардад. Зеро маҳз аз мустаҳкамкунии меъёрии мақоми мазкур, ҳаҷми ҳуқуқсубъектии андозии онҳо, хусусияти уҳдадориҳои андозие, ки ба миён меоянд, инчунин ҳудуди амалисозии юрисдиксияи андозии давлат, вобаста мебошад. Мавҷуд набудани фаҳмиши дақиқи доктриналӣ ва меъёрии категорияи "шахси ҳуқуқии хориҷӣ" метавонад боиси номуайянии ҳуқуқӣ, гуногунӣ дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ва баҳсҳои андозӣ эҳтимолӣ гардад. Ҳамин тавр, дуруст муайян намудани мафҳуми мазкур барои фарқгузории вазъи резидентҳо ва ғайрирезидентҳо, муайян намудани маҳакҳои бавуҷудоии намояндагии доимӣ, аз ҷумла, муайян намудани тартиби андозбандии даромадҳо аз манбаҳои дар ҳудуди Тоҷикистон қарордошта, аҳамияти бунёдиро доро мебошад.

Бояд қайд намуд, ки мафҳуми «шахси ҳуқуқии хориҷ» дар илми ҳуқуқ маънои якхела ва умумиэътирофшуда надошта, ин категория вобаста ба соҳаи танзим ва мақсадҳои ҳуқуқӣ аз нуқтаи назари гуногуни методологӣ шарҳ дода мешавад. Ба андешаи М.Н. Кобзар-Фролова вазъи андозӣ-ҳуқуқии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ на танҳо бо ҷойи бақайдгирӣ, балки бо фаъолияти воқеии иқтисодӣ дар кишвар муайян мегардад [1, с. 4-5]. Ҳамин тавр, вобаста ба предмети танзим ва вазифаҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ метавон равишҳои асосии муайян намудани мафҳуми шахси ҳуқуқии хориҷӣ, ба монанди равишҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, байналмилалии хусусӣ (коллизионӣ), функсионалӣ ва андозӣ-ҳуқуқиро ҷудо намуд.

Равиши маданӣ-ҳуқуқӣ шахси ҳуқуқии хориҷиро пеш аз ҳама бо назардошти маҳаки таъсисдиҳӣ ва ҳуқуқи шахсии субъекти ҳуқуқии хориҷӣ баррасӣ менамояд. Дар доираи ин равиш, шахси ҳуқуқии хориҷӣ, шахсе дониста мешавад, ки мутобиқи қонунгузории давлати хориҷӣ таъсис ёфта, қобилияти ҳуқуқии он ба меъёрҳои миллии (дохилидавлатии) худ асос меёбад. Маҳаки калидии чунин равиш ҷойи бақайдгирии шахси ҳуқуқии хориҷӣ дониста мешавад, ки аз он вазъи

ҳуқуқии ташкилот, ҳаҷми қобилияти амалкунии маданӣ-ҳуқуқӣ ва шартҳои эътирофнамоии он дар ҳудуди дигар кишвар бармеоянд. Ҳамин тавр, гарчанде Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми шахси ҳуқуқии хориҷиро муайян накарда бошад ҳам, моддаи 1321 он маҳаки муайянкунии вазъи шахсии он – ҷойи таъсисёбии шахси ҳуқуқиро муқаррар мекунад [3]. Маҳаки зикргардида дар моддаи 14 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муқаррар гардидааст [2]. Дар баробари ин чунин равиш хусусияти расмӣ-ҳуқуқӣ дошта, имкон намедиҳад, ки ҳудуди юрисдиксияи андозии кишвари қабулкунанда дар ҳаҷми пурра муайян карда шавад, зеро масоили уҳдадории андозӣ аз доираи танзими маданӣ-ҳуқуқӣ берун мебошанд.

Равиши байналмилалии ҳуқуқии хусусӣ (коллизионӣ) бештар ба масъалаи муайян намудани қонуни шахсии шахси ҳуқуқӣ ва интихоби ҳуқуқи татбиқшаванда диққат медиҳад. Дар заминаи ин равиш пайвандҳои гуногуни коллизионӣ истифода мешаванд: қонунгузорие, ки тавассути он шахси ҳуқуқӣ таъсис дода шудааст; ҷойи воқеии идоракунӣ; маркази асосии фаъолият ё маркази манфиатҳои иқтисодӣ. Масалан, мутобиқи мазмуни моддаи 4 Конвенсияи намунавии Созмони Милали Муттаҳид оид ба пешгирӣ кардани андозбандии дукарата байни кишварҳои мутараққӣ ва кишварҳои дар ҳоли рушд ҳангоме, ки субъекти андозбандишаванда на шахси воқеӣ, балки ҳуқуқӣ буда, дар як вақт резиденти ҳар ду давлати қарордодбаста дониста мешавад, мақомоти ваколатдори давлатҳои қарордодбаста кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки бо мувофиқаи тарафайн муайян намоянд, ки кадом давлат барои мақсадҳои ин Конвенсия чунин шахсро ҳамчун резидент эътироф мекунад. Мувофиқаи тарафайн бо дарназардошти макони воқеии идоракунии он, макони таъсисёбӣ ё ба тарзи дигар ташкил ёфтани он ва ҳар гуна омили дигари муносиб, сурат мегирад [4]. Ин равиш пеш аз ҳама ба ҳалли ҳолатҳои коллизионӣ (ихтилофи қонунгузориҳо) ва муқарраркунии тартиби ҳуқуқие равона шудааст, ки мақоми шахси ҳуқуқиро танзим менамояд. Бо вуҷуди аҳамияти он барои муносибатҳои фаромарзӣ, чунин равиш на ҳамеша имкон медиҳад, ки ҳаҷм ва хусусиятҳои уҳдадориҳои андозии субъект ба таври мушаххас муайян карда шаванд. Чунки интихоби ҳуқуқи татбиқшаванда бо муайян намудани юрисдиксияи андозӣ баробар нест.

Равиши функсионалӣ бошад, аз таҳлили фаъолияти воқеии иқтисодии шахси ҳуқуқии хориҷӣ дар ҳудуди давлати муайян бармеояд. Дар ин маврид аҳамияти ҳалкунанда на танҳо ба ҷойи таъсис, балки ба дараҷа ва хусусияти иштироки он дар муомилоти хоҷагидории дохилии кишвар дода мешавад. Мавҷудияти робитаи устувори иқтисодӣ муҳим дониста мешавад, ки пайдоиши уҳдадориҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла андозиро асоснок менамояд. Дар чаҳорчубаи ин равиш институти намояндагии доимӣ нақши калидӣ мебозад, зеро он ҳамчун воситаи муайян намудани робитаи кофии иқтисодӣ байни субъекти хориҷӣ ва давлате хизмат менамояд, ки дар он манбаи даромад ҷой дорад. Ҳамин тавр, равиши функсионалӣ заминаи моддӣ барои асоснок намудани юрисдиксияи андозиро ташаккул медиҳад.

Ниҳоят, равиши андозӣ-ҳуқуқӣ бошад, модели мустақили соҳавии фаҳмиши шахси ҳуқуқии хориҷиро ифода менамояд. Дар асоси он принсипҳои резидентӣ ва ҳудудият қарор доранд. Вобаста ба меъёрҳои муқаррарнамудаи қонун субъекти андозбандӣ метавонад резидент ё ғайрирезидент эътироф гардад, ки ин ҳолат ҳаҷми уҳдадории андозии ӯро муайян месозад. Дар ин замина мафҳуми шахси ҳуқуқии хориҷӣ бо категорияи резидентии андозӣ ва механизмҳои муайян намудани намояндагии доимӣ зич алоқаманд мебошад. Моддаи 17 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми муассисаи доимии ғайрирезидент (корхонаи хориҷӣ ё шахси ғайрирезидент) дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун маҳалли фаъолияти доимие мефаҳмад, ки тавассути он шахси хориҷӣ фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла фаъолияти тавассути шахси ваколатдор иҷрошавандаро пурра ё қисман анҷом медиҳад. Маҳалли фаъолияти доимии зикргардида ҳисобида мешаванд:

1) ҳар маҳалли идоракунӣ, филиал, шуъба, бюро, дафтари корӣ, ҳуҷраи корӣ, агентӣ, фабрика, корхона, коргоҳ, устохона, озмоишгоҳ;

2) маҳалли анҷом додани истеҳсол, коркард, насб, бастабандӣ ва борҷомакунии мол;

3) ҳар маҳалли фаъолият, аз ҷумла мағоза ва ё анборе, ки ба сифати нуқтаи савдо истифода бурда мешавад;

4) маҳаллҳое, ки барои сохтмон истифода мешаванд, майдонҳо барои корҳои сохтмонӣ, васлкунӣ ё ҷойҳои дигари марбут ба анҷом додани фаъолияти назоратӣ;

5) яке аз маҳалҳои зерин, ки дар он тавассути кормандон хизмат расонида мешавад:

а) маҳалле, ки дар он зиёда аз 90 рӯзи тақвимӣ дар тамоми давраи муттасили дувоздаҳмоҳае, ки дар ҳамин давраи андоз хотима меёбад, хизматрасонӣ бо ҷалби кормандон анҷом дода мешавад;

б) ҳама гуна маҳалҳое, ки насб, ба кор даровардан ва истифодаи мошинҳои бозӣ (аз ҷумла воситаҳои иловагии онҳо), шабакаҳои компютерӣ ва шабакаҳои алоқа, аттраксионҳо анҷом дода мешавад.

6) конҳо, чоҳҳои нафт ё газ ва ё маҳалҳои дигар барои анҷом додани фаъолияти иктишофи геологӣ ё истихроҷи захираҳои табиӣ, карерҳо ё майдонҳо барои коркард ва истихроҷи захираҳои табиӣ;

7) маҳалли насби таҷҳизот ё иншоот, ки барои омӯзиши геологӣ (иктишоф), коркард, истихроҷи захираҳои табиӣ истифода мешаванд, вале танҳо ба шарте, ки ин таҷҳизот ё иншоот дар давоми давраи зиёда аз 182 рӯз истифода ё барои истифода омода карда шаванд;

8) ҳар маҳалли анҷом додани фаъолият (аз ҷумла назорат ё мушоҳида) вобаста ба газлӯлаҳо ва дигар хатлӯлаҳо [2].

Дар доираи танзими андозӣ, мазмуни мустақили категорияи мавриди назар бо дарназардошти манфиатҳои фискалии давлат ва зарурати тақсими одилонаи юрисдиксияи андозӣ байни давлатҳо ташаккул меёбад. Баръакси фаҳмиши маданӣ-ҳуқуқӣ, ки дар он маҳаки асосӣ ҷойи таъсис ва қонуни шахсии шахси ҳуқуқӣ баромад менамояд, равиши андозӣ-ҳуқуқӣ бештар ба хусусият ва ҳудуди робитаи андозии он бо давлат диққат медиҳад. Ҳамин тавр, равиши андозӣ-ҳуқуқии фаҳмиши шахси ҳуқуқии хориҷӣ унсурҳои равишҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, коллизионӣ ва функсионалиро муттаҳид намуда, дар баробари ин хусусияти мустақили соҳавӣ мебошад [5, с. 103]. Дар шароити Тоҷикистон ин имкон медиҳад, ки:

- резидентҳо ва ғайрирезидентҳо дақиқ фарқгузорӣ карда шаванд;
- ҳаҷми уҳдадориҳои андозӣ вобаста ба манбаҳои даромад ва мавҷудияти муассисаи доимӣ муайян карда шавад;
- мувофиқат ба стандартҳои байналмилалӣ оид ба пешгирии андозбандии дукарата таъмин гардад;
- асоси ҳуқуқӣ барои назорат аз болои фаъолияти субъектони хориҷӣ ва татбиқи муносиби имтиёзҳо ва маҳдудиятҳои андозӣ ташаккул ёбад.

Бо ба инобат гирифтани ин нукта ва дар асоси таҳлили амалия ва қонунгузории байналмилалӣ метавон мафҳуми шахси ҳуқуқии хориҷиро чунин муайян намуд: шахси ҳуқуқии хориҷӣ ба маънои андозӣ-ҳуқуқӣ – ин ташкилоте мебошад, ки мутобиқи қонунгузории давлати дигар таъсис ёфта, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон резиденти андозӣ эътироф намегардад ва уҳдадориҳои андозии он дар ҳудуди Тоҷикистон танҳо нисбат ба даромадҳо ва (ё) амволе ба миён меоянд, ки манбаи онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад ё бо фаъолияти он тавассути намояндагии доимӣ алоқаманд мебошад.

Мафҳуми пешниҳодгардида имкон медиҳад, хусусиятҳои калидии зерин ҷудо карда шаванд:

1. Шахси ҳуқуқии хориҷӣ дар асоси қонунгузории давлати дигар таъсис дода шуда, фаъолият менамояд. Ин маънои онро дорад, ки қобилияти ҳуқуқдориву амалкунӣ ва тартиби идоракунии он тавассути меъёрҳои дохилидавлатии кишвари таъсисдиҳӣ, на ин ки давлати қабулкунанда ба танзим дароварда мешавад.

2. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси ҳуқуқии хориҷӣ, ки резиденти андозӣ нестанд, уҳдадориҳои андозиро танҳо нисбати даромад ва молу мулк, ки манбаъҳои онҳо дар ҳудуди кишвар қарор доранд, ё нисбати даромадҳое, ки ба фаъолияти муассисаи доимӣ алоқамананд, иҷро мекунанд.

3. Мавҷудияти муассисаи доимӣ ё фаъолияти воқеии иқтисодӣ дар ҳудуди давлат маҳаки асосии ба вуҷуд омадани уҳдадориҳои андозӣ мебошад. Бидуни чунин робита шахси ҳуқуқии хориҷӣ бо вазъи ғайрирезидент маҳдуд гардида, ба таври маҷмӯӣ андозбандӣ намегардад.

4. Шахси ҳуқуқии хориҷӣ метавонад ҳамзамон дар ду давлат ҳамчун резидент эътироф шавад. Созишномаҳои байналхалқӣ оид ба пешгирии андозбандии дукарата, инчунин механизмҳои дохилии мувофиқанамоӣ ин ихтилофро ҳал намуда, муайян мекунанд, ки дар кадом давлат субъект барои мақсадҳои андозӣ резидент эътироф мегардад.

5. Мақоми андозӣ-ҳуқуқии шахси ҳуқуқии хориҷӣ имкон медиҳад, ки ҳаҷми уҳдадориҳои андозӣ, ҳуқуқ ба имтиёзҳои андозӣ ва имконияти иштирок дар танзимнамоӣ ва ҳисоботдиҳандагии он ба таври муносиб муайян карда шаванд.

6. Реҷаи ҳуқуқии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ бо дарназардошти принсипҳои байналмилалӣ ташаккул меёбад, ки ин мутобиқати қонунгузории миллӣ ба таҷрибаи байналмилалиро таъмин намуда, баҳсҳои андозиро кам карда, шаффофияти фаъолиятро боло мебардорад.

Ҳамии тавр, шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқии андозӣ дорои маҷмӯи хусусиятҳои хос мебошад: эътирофи расмӣ ва қобилияти амалкунӣ бар асоси қонунгузории хориҷӣ; уҳдадориҳои андозии маҳдуд, вале дақиқ муайянгардида дар давлати қабулкунанда; зарурати вуҷуд доштани робитаи иқтисодӣ барои ба вуҷуд омадани уҳдадориҳои андозӣ; имконияти татбиқи меъёрҳои байналмилалӣ барои ҳал намудани ихтилофи

резидентӣ; ҳуқуқ ва уҳдадориҳои махсус дар доираи қонунгузории андоз; ҳамгироӣ бо стандартҳои байналмилалии андозбандӣ ва шаффофият.

Хусусиятҳои номбурда ба мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳанд, ки ҳаҷми ҳуқуқсубъектнокии шахсии ҳуқуқии хориҷиро муайян намуда, уҳдадориҳои мушаххаси андозиро муқаррар карда, риояи принсипҳои андозбандии одилона ва ҳавасмандгардонӣ ба фаъолнокии сармоягузориро таъмин намоянд.

**Муқарриз:** н.и.ҳ., дотсент Рустамзода Ҷ.Ю.

## ПОНЯТИЕ И ОСОБЕННОСТИ ПРАВОВОГО СТАТУСА ИНОСТРАННЫХ ЮРИДИЧЕСКИХ ЛИЦ КАК СУБЪЕКТОВ НАЛОГОВЫХ ОТНОШЕНИЙ

**Ключевые слова:** юридическое лицо, правовой статус, налоговые отношения, субъект налогообложения, нерезидент, налогообложение, филиал, представительство, постоянное учреждение.

**Аннотация.** В данной статье рассматривается понятие и особенности правового статуса иностранных юридических лиц в системе налогово-правовых отношений в контексте экономической глобализации, раскрывается его сущность и отличительные черты, а также определяются его ключевые элементы. Автор анализирует теоретические и правовые основы участия иностранных юридических лиц в налогово-правовых отношениях и определяет особенности их правового статуса как особого субъекта налогового права. В статье рассматриваются содержание и объем правоспособности и осуществления налоговых прав и обязанностей иностранных юридических лиц, основания для возникновения налоговых обязательств, а также порядок применения норм национального законодательства и международно-правовых актов.

**Назарова Миджгона Зоировна –** соискатель кафедры административного и финансового права юридического факультета Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: mija97@list.ru; Тел.: (+992) 932-22-22-07.

## CONCEPT AND FEATURES OF THE LEGAL STATUS OF FOREIGN LEGAL ENTITIES AS SUBJECTS OF TAX RELATIONSHIPS

**Keywords:** legal entity, legal status, tax relations, taxable entity, non-resident, taxation, branch, representative office, permanent establishment.

**Abstract.** This article examines the concept and characteristics of the legal status of foreign legal entities in the system of tax and legal relations in the context of economic globalization, reveals its essence and distinctive features, and identifies its key elements. The author analyses the theoretical and legal basis for the participation of foreign legal entities in tax and legal relations and defines the features of their legal status as a special subject of tax law. The article examines the content and scope of the legal capacity and exercise of tax rights and obligations of foreign legal entities, the grounds for the emergence of tax obligations, as well as the procedure for applying the norms of national legislation and international legal acts.

**Nazarova Mijgona Zoirovna –** applicant of the department of administrative and financial law of the faculty of law of the Academy of public administration under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: mija97@list.ru; Tel.: (+992) 932-22-22-07.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Кобраз-Фролова М.Н. Вазъи андозӣ-ҳуқуқии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ: дис…ном. илм. ҳуқ. – М., 2004. – 209 с.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, №1844 (бо тағйиру иловаҳо аз 11 феврали соли 2025, №2143) // [Захираи электронӣ]. Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 03.01.2026).
3. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918 (бо тағйиру иловаҳо 14 майи соли 2025, №2171) // [Захираи электронӣ]. Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 03.01.2026).
4. Конвенсияи намунавии Созмони Милали Муттаҳид оид ба пешгирӣ кардани андозбандии дукарата байни кишварҳои рушдёфта ва кишварҳои дар ҳоли рушд // [Захираи электронӣ]. Сомонаи расмии Созмони Милали Муттаҳид. Манбаи

электронӣ:https://www.un.org/development/desa/financing/sites/www.un.org.development.desa.financing/files/2017-07/un-model-tax-convention-2017.pdf (санаи мурочиат: 03.01.2026).
5. Крохина Ю.А. Ҳуқуқи андози Россия: китоби дарсӣ барои донишгоҳҳо. – М.: «Норма», 2023. – 503 с.

**Список литературы:**

1. Кобразь-Фролова М.Н. Налогово-правовой статус иностранных юридических лиц: дис…канд. юрид. наук. – М., 2004. – 209 с.
2. Налоговый кодекс Республики Таджикистан от 23 декабря 2021 года, №1844 (с изменениями и дополнениями от 11 февраля 2025 года, №2143) // [Электронный ресурс]. Официальный сайт Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Режим доступа: http://mmk.tj (дата обращения: 03.01.2026).
3. Гражданский кодекс Республики Таджикистан от 24 декабря 2022 года, №1918 (с изменениями и дополнениями от 14 мая 2025 года, №2171) // [Электронный ресурс]. Официальный сайт Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Режим доступа: http://mmk.tj (дата обращения: 03.01.2026).
4. Типовая конвенция Организации Объединенных Наций об избежании двойного налогообложения между развитыми и развивающимися странами // [Электронный ресурс]. Официальный сайт Организации Объединенных Наций. Режим доступа: https://www.un.org/development/desa/financing/sites/www.un.org.development.desa.financing/files/2017-07/un-model-tax-convention-2017.pdf (дата обращения: 03.01.2026).
5. Крохина Ю.А. Налоговое право России: учебник для вузов. – М.: «Норма», 2023. – 503 с.

**List of literature:**

1. Kobraz-Frolova M.N. Tax and legal status of foreign legal entities: dis…. cand. of legal sciences. – M., 2004. – 209 p.
2. Tax Code of the Republic of Tajikistan from 23 December 2021, №1844 (with amendments and additions of February 11, 2025 №2143) // [Electronic resource]. Official website of the National center of legislation under the President of the Republic of Tajikistan. Access mode: http://mmk.tj (date of access: 03.01.2026).
3. Civil Code of the Republic of Tajikistan from 24 December 2022, №1918 (with amendments and additions of May 14, 2025 No. 2171) // [Electronic resource]. Official website of the National center of legislation under the President of the Republic of Tajikistan. Access mode: http://mmk.tj (date of access: 03.01.2026).
4. United Nations Model Convention for the avoidance of double taxation between developed and developing countries // [Electronic resource]. Official website of the United Nations. Access mode: https://www.un.org/development/desa/financing/sites/www.un.org.development.desa.financing/files/2017-07/un-model-tax-convention-2017.pdf (date of access: 03.01.2026).
5. Krokhina Yu.A. Tax law of russia: textbook for universities. – M.: «Norma», 2023. – 503 p.

**5.5.5 – ҲУҚУҚИ МЕҲНАТ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ**
**5.5.5 – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ**
**5.5.5 – LABOR LAW; SOCIAL SECURITY LAW**

**ТДУ:** 349.2



**Раҳимзода Маҳмад Забир,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сарходими пешбари илмии шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, узви вобастаи АМИТ
Тел.: (+992) 904-08-54-45
E-mail: zabir@mail.ru.



**Бобокалон Ғоиб Мерган,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 907-94-87-73
E-mail: bgoib@mail.ru.

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТИИ ВАРЗИШГАРОН ВА МУРАББИЁН ДАР СОҲАИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Калидвожаҳо:** сиёсати давлатӣ, қонунгузорӣ, тарбияи ҷисмонӣ, асосҳои ҳуқуқӣ, варзишгари касбӣ, мураббии касбӣ, барномаи тайёрии варзишӣ, падидаи нави ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ.

**Аннотатсия.** Дар мақолаи мазкур оид ба баъзе аз масъалаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатии варзишгарон ва мураббиён дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифон дар мақолаи мазкур паҳлуи асосии ба мавзуъ рабтдошта, аз ҷумла, масоили масъалаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатии варзишгарон ва мураббиён дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор додаанд. Дар мақола, тавсияҳо оид ба такмили қонунгузорӣ оид ба меҳнат ва дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии он, пешниҳод карда мешавад.

Варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ дар Тоҷикистон яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва аз ҳама ҳаводортарин буда ва яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлату ҳукумат ба ҳисоб меравад. Албатта, нақш ва ҷойгоҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди варзиш, ки ҳамчун ифодакунандаи сиёсати мантиқии давлату ҳукумат ба таҳкими ҳаёти иҷтимоии ҷомеа, ки асоси онро тандурустии миллат, ташвиқу таблиғи тарзи ҳаёти солим, таҳкими дӯстӣ ва тарғиби идеяи миллати солим ташкил медиҳад, дар ин ҷода муҳим мебошад. Ӯ дар суханронииии хеш ҳангоми мулоқот бо варзишгарони мамлакат, 20 декабри соли 2010 изҳор намуданд, ки «Варзиш яке аз василаҳои муҳимми ҳифзу таҳкими саломатии аҳолӣ, қосиди сулҳу субот, омили ташаккулдиҳандаи нерӯву тавоноии инсон ва инъикоскунандаи симои халқу миллат дар арсаи ҷаҳон ба ҳисоб меравад» [1].

Дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат ҷиҳати танзими муносибатҳои меҳнатии кормандон ва варзишгарон дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои соҳавӣ давра ба давра таҳия

ва мавриди амал қарор гирифтаанд, ки ба рушди соҳаи варзиш заминаи мусоид гузоштанд. Аз ҷумла дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» аз 5 марти соли 2007 [2], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи варзиши кӯдакон ва наврасон» аз 1 августи соли 2003 [3], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёрии варзишӣ» аз 19 марти соли 2013 [4], ки баъд аз дар таҳрири нав қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1831«Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» [5] аз эътибор соқит дониста шудаанд, ба масъалаи зикршуда диққати ҷиддӣ дода шудааст.

Бояд ёдовар шуд, ки танзими муносибатҳои меҳнатии кормандон ва варзишгарон дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш на танҳо тавассути қонунҳо, инчунин тавассути санадҳои зериқонунӣ сурат мегирад, аз ҷумла, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шуруъ аз соли 2015 Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ғолибону ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ таъсис дода шуд. Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфароз гардонидани ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ бо Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 31-уми январи соли 2024, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2004 «Консепсияи миллии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва инчунин давра ба давра барномаҳо, аз ҷумлаи онҳо «Барномаи маҷмуии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» ва «Барномаи рушди футбол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» [6] ва ғайраҳо таҳия ва мавриди амал қарор гирифтанд.

Чи тавре дар боло қайд гардид, махсусан, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш», давра ба давра қабулу амалигардонии Барномаи дурнамои инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, «Консепсияи миллии инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш», барои мустаҳкам намудани заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳа нақши созгор гузоштанд.

Қонуни феълан амалкунанда «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, молиявӣ ва дигар асосҳои тайёрии варзиширо муайян менамояд.

Қонуни мазкур аз 10 боб ва 68 модда иборат буда, дар он принсипҳои қонунгузорӣ ва кафолати давлатии шаҳрвандон, субъктҳо, салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ ваколатҳои мақомоти иҷроияи, ваколатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, Кумитаи ва ташкилотҳои ваколатдори соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш муқаррар карда шудаанд. Инчунин, дар он масъалаҳои ташкили фаъолият, меъёрҳои ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо, таъмини рақобати бовиҷдонона ҳангоми ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо, ҳуқуқҳои шаҳрвандон, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои варзишгарон, намудҳои варзиши миллӣ, қоидаи намудҳои алоҳидаи варзиш, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар соҳаи маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мудофиа, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ташкилотҳо, хусусиятҳои танзими фаъолият дар соҳаи варзиши касбӣ, маҳрум кардани варзишгари касбӣ аз иштирок дар мусобиқаҳои варзишӣ, ҷавобгарӣ барои расондани зарар дар соҳаи варзиши касбӣ, фаъолияти меҳнатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ҳамзамон ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва ғайра мавриди танзими ҳуқуқи қарор дода шудаанд.

Ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатии кормандон ва варзишгарон дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш моддаи 58 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» бахшида шудааст. Моддаи мазкур аз меъёри ҳаволакунанда (бланкетӣ) иборат мебошад, ки тибқи он муносибатҳои меҳнатии кормандон ва варзишгарон дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд. Дар силсилаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими муносибатҳои меҳнатии кормандони ва варзишгарон дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, мавқеи марказиро Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМ ҶТ), ки 23 июли соли 2016 қабул ва аз 28 июли соли 2016 мавриди амал қарор дода шудааст, ишғол менамояд.

КМ ҶТ манбаи кодификатсияшудаи ҳуқуқи меҳнат маҳсуб шуда, мутобиқи Конститутсияи ҶТ, асосҳои сиёсати давлатиро дар бахши меҳнат муайян намуда, кафолатҳои давлатии ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандонро муқаррар менамояд ва баҳри таъмини риояи манфиатҳои қонунии кормандон, корфармоён ва давлат нигаронида шудааст. Он аз 6 фасл, 41 боб, 366 модда, ва 1 моддаи иловагӣ иборат мебошад. Фасли I «Муқаррароти умумӣ» ном гирифта, аз 14 модда, ки дар боби 1 гирд оварда шудаанд, иборат аст. Фасли II «Муносибатҳои меҳнатӣ» номгузорӣ гардида, бобҳои 2 – 14-ро, ки аз моддаҳои 15 – 206 иборатанд, дар бар мегирад. Фасли III «Хусусияти танзими меҳнати гурӯҳи алоҳидаи кормандон», аз бобҳои 15-28 иборат мебошад, ки моддаҳои 207 – 288-ро дар бар мегиранд. Фасли IV «Шарикии

иҷтимоӣ ва муносибатҳои коллективӣ дар соҳаи меҳнат» ном гирифта, бобҳои 29-33 (моддаҳои 289 – 326)-ро дар бар мегирад. Фасли V «Бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат» номгузорӣ шуда, бобҳои 34-38 (моддаҳои 327 – 358)-ро фаро мегирад. Фасли VI «Муқаррароти хотимавӣ» ном дошта, аз бобҳои 39-41 (моддаҳои 359 – 366) иборат аст.

Фасли III ба хусусияти танзими меҳнати гурӯҳи алоҳидаи кормандон бахшида шудааст, ки доир ба он ибрози ақида менамоем. Дар ин фасл чунин бобҳо ҷой дода шудаанд: хусусияти танзими меҳнати кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида (15); хусусияти танзими меҳнати занон ва шахсони ухдадориҳои оилавидошта (16); хусусияти танзими меҳнати кормандони дар ду (якчанд) ҷой коркунанда (17); хусусияти танзими меҳнати кормандони ки ба корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок машғуланд (18); хусусияти танзими меҳнати кормандоне, ки бо корҳои мавсимӣ машғуланд (19); хусусияти танзими меҳнати кормандони бо усули вахтавӣ коркунанда (20); хусусияти танзими меҳнати кормандони хонагӣ (21); хусусияти танзими меҳнати хонакор (22); хусусияти танзими меҳнати кормандони бо кори фосилавӣ (дистансионӣ) машғулбуда (23); хусусияти танзими меҳнати маъюбон (24); хусусияти танзими меҳнати ҳайати техникӣ ва хизматрасонии мақомоти давлатӣ (25); хусусияти танзими меҳнати соҳибкорони инфиродӣ (26) хусусияти танзими меҳнати роҳбар, аъзои мақомоти иҷроияи коллегиалии шахси ҳуқуқӣ ва кормандони ба кор таъйиннамудаи (интихобнамудаи) соҳибмулки шахси ҳуқуқӣ, шахси аз ҷониби он ваколатдоркардашуда (мақомот) ё мақомоти ваколатдори шахси ҳуқуқӣ (27); хусусияти танзими меҳнати вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, судяҳо, хизматчиёни давлатӣ, хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дипломатӣ, инчунин дигар кормандони ташкилотҳои давлатию ғайридавлатӣ (28).

Моддаи 288 боби 28 КМ ҶТ дар навбати худ, хусусияти танзими меҳнати кормандони дигар ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатиро муқаррар кардааст, ки меъёри зеринро дарбар мегирад: хусусияти меҳнати кормандони дигар ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ бо КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мегардад [7].

Агар ба сифати дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хусусияти меҳнати кормандони дигар ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ танзим гардад, муносибатҳои меҳнатии кормандон ва варзишгарон дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1831«Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» танзим мегардад, ки ҳамагӣ як моддаи он (моддаи 58) ҳамчун ба хусусияти меҳнати кормандони дигар ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, муносибатҳои меҳнатии кормандон ва варзишгарон дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро муқаррар намудааст. Чи тавре дар боло зикр карда шуд, танҳо моддаи 58 Қонуни мазкур ба муносибатҳои меҳнатии кормандон ва варзишгарон бахшида шуда, ва дар он омадааст, ки муносибатҳои меҳнатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд.

Вобаста ба ин, дар силсилаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати танзими муносибатҳои меҳнатии кормандон ва варзишгарон дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, мавқеи марказиро КМ ҶТ, ишғол менамояд. Аз меъёри муқарраргардида метавон ба чунин хулоса омад, ки дар муносибатҳои меҳнатии кормандон ва варзишгарон дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бо дигар кормандон ҳуқуқу ухдадориҳои баробар доранд ва тибқи қонунгузорӣ оид ба меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд.

Кодекси меҳнатӣ манбаи кодификатсияшудаи ҳуқуқи меҳнат маҳсуб шуда, мутобиқи Конститутсияи ҶТ, асосҳои сиёсати давлатиро дар бахши меҳнат муайян намуда, муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бевосита ба онҳо алоқамандро ба танзим даровarда, барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ, муқаррар намудани кафолатҳои камтарини ҳуқуқ ва озодиҳо дар соҳаи меҳнат равона карда шудааст.

Ҳадаф аз номбар намудани номи бобҳои фасли III КМ ҶТ, ки ба хусусияти танзими меҳнати гурӯҳи алоҳидаи кормандон бахшида шудааст дар он мебошад, ки дар байни онҳо мавзуи хусусияти танзими меҳнати варзишгарон, мураббиён, доварон ва мутахассисони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, муқаррар нашудааст.

Агар ба таҳлили муқоисавӣ байни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) назар андозем, боби 54,1 Кодекси меҳнати Федератсияи Россия «Хусусияти танзими варзишгарон ва мураббиён»-ро муқаррар намудааст [8], ки аз 14 модда иборат мебошад, ба ҳамин монанд, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Беларус, ки «Хусусиятҳои танзими меҳнати кормандоне, ки фаъолиятро дар соҳаи варзиши касбӣ анҷом медиҳанд» номгузорӣ шуда, 10 моддаро дар бар мегирад [9], аммо дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин меъёр танзим карда нашудааст.

Пайдоиши соҳаи нави муносибатҳои ҷамъиятӣ ё таҳкими аҳамияти онҳо, ташаккули қисматҳои нави институтҳои низоми ҳуқуқиро тақозо мекунад. Яке аз сабабҳои муҳиме, ки боиси бавуҷудоии падидаи нави ҳуқуқӣ мегардад, талаботи иҷтимоии ҷомеа мебошад, ки он бо хоҳиши қонунгузоре, ки аз номи давлат амал мекунад, дар шакли дахлдор дарҷ меёбад. Муносибатҳои варзишӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон институти нав бавуҷудомада мебошад, ки дар кишвари мо ҳамчун талаботи воқеии давлат вобаста ба рушди муносибатҳои ҷамъияти бавуҷуд омадааст.

Дар ин радиф, бояд ҳолати ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии соҳаи варзиши касбӣ, хусусан ҳар як субъекти ҳуқуқии соҳаи варзиши касбӣ, ки дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ дорои ҳуқуқ ва уҳдадории муайян мебошанд, тавассути меъёрҳои қонунгузорие, ки асосҳои сиёсати давлатиро дар бахши меҳнат муайян намуда, муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бевосита ба онҳо алоқамандро ба танзим дароварда, барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ, муқаррар намудани кафолатҳои камтарини ҳуқуқ ва озодиҳо дар соҳаи меҳнат равона карда шудааст, амалӣ намоянд.

Вобаста ба ин, ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки зимни заминаи дигаргун ва тағйир ёфтани муносибатҳои меҳнатӣ ва бо мақсади рушду такомули санадҳои қонунгузорӣ оид ба меҳнат, ки муносибатҳои ҷамъиятии меҳнатиро танзим менамоянд, зарурияти тағйиру иловаҳо ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии нави танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатии имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меояд. Аз ин лиҳоз, пешниҳод мегардад, ки дар фасли III КМ ҶТ боби нав, аз ҷумла:

«Боби 28(1) Хусусияти танзими меҳнати кормандоне, ки дар корҳои соҳаи варзиши касбӣ машғуланд» номгузорӣ шуда, бо меъёрҳои танзимкунанда муқаррар карда шавад. Аз ҷумла, моддаи 288(1). Муқаррароти умумӣ, Моддаи 288(2). Хусусиятҳои бастани шартномаҳои меҳнатӣ бо варзишгарон ва мураббиён. Моддаи 288(3). Муоинаи тиббии варзишгарон. Моддаи 288(4). Интиқоли муваққатии варзишгар ба корфармои дигар, Моддаи 288(5). Барканории варзишгар аз иштирок дар мусобиқаҳои варзишӣ, Моддаи 288(6). Гузаронидани варзишгарон ва мураббиён ба дастаҳои миллии варзишии ҷумҳурӣ, Моддаи 288(7). Хусусиятҳои кори варзишгарон ва мураббиёни дар ду (якчанд) ҷой кор кардан, Моддаи 288(8). Хусусиятҳои танзими меҳнати варзишгарони то синни ҳаждаҳсола, Моддаи 288(9). Хусусиятҳои танзими меҳнати занон-варзишгарон, Моддаи 288(10). Кафолат ва ҷубронпулиҳои иловагӣ барои варзишгарон ва мураббиён, моддаи 288(11). Асосҳои иловагии қатъ кардани шартномаи меҳнатӣ бо варзишгар, моддаи 288(12). Асосҳои иловагии қатъ кардани шартномаи меҳнатӣ бо мураббӣ, моддаи 288(13). Хусусиятҳои қатъ кардани шартномаи меҳнатӣ бо варзишгар ё мураббӣ, моддаи 288(14). Хусусиятҳои баррасии баҳсҳои меҳнатии инфиродии варзишгарон ва мураббиён дар намудҳои варзиши касбӣ ва дастовардҳои олии варзишӣ.

Қисми 3 моддаи 75 КМ ҶТ, ки сухан дар бораи варзишгарон, мураббиён мумкин аст давомнокии дигари вақти корӣ тибқи Кодекси мазкур, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ, санадҳои корфармо муқаррар карда шаванд, меравад хориҷ карда шуда, дар меъёрҳои боби мазкур ҷой дода шавад.

Сархати ҳаштуми қисми 2 моддаи 94 КМ ҶТ, ки сухан дар бораи рухсатии асосии ҳарсолаи дарозкардашуда ба варзишгарон-на камтар аз 30 рӯзи тақвимӣ муқаррар карда мешавад, меравад хориҷ карда шуда, дар меъёрҳои боби мазкур ҷой дода шавад.

Вобаста ба ин, бояд хотиррасон кард, ки ба қатори навгониҳое дар Кодекси меҳнати соли 2016 дохил шуда буданд маҳсуб донистани боби 26 зарур аст, тибқи он хусусияти танзими меҳнати соҳибкорони инфиродӣ, ки моддаҳои 273-279-ро фаро мегирад, хусусиятҳои меҳнати соҳибкорони инфиродӣ, муҳлати шартномаи меҳнатӣ байни соҳибкорони инфиродӣ ва кормандон, қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии соҳибкорони инфиродӣ, реҷаи кор, шартҳои пардохти музди меҳнати соҳибкорони инфиродӣ, иштироки соҳибкорони инфиродӣ дар шарикии иҷтимоӣ, хусусияти ташкили бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат аз тарафи соҳибкорони инфиродӣ танзим мегарданд.

Дар хусуси меъёрҳои дар боло зикргардида ва пешниҳодшуда ҳаминро бояд қайд кард, ки онҳо хусусияти шартномавӣ дошта, тавассути шартномаи меҳнатӣ, ҳуқуқи конститутсионии ба меҳнатдоштаи варзишгар ва мураббӣ амалӣ гашта, муносибатҳои меҳнатӣ ба вуҷуд меоянд ва мақоми корманд (корманд-варзишгар, корманд-мураббӣ), муайян карда мешавад.

Бояд зикр намуд, ки КМ ҶТ манбаи ягонаи танзими фаъолияти меҳнатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш буда наметавонад, зеро чунин муносибатҳо тавассути дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ ба танзим дароварда мешаванд.

Мутобиқи сархати панҷуми қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри

соли 2008, № 529 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.03.2013, №166; аз 1.08.2014, №499; аз 1.09.2015, №560) дар бораи «Қоидаҳои додани иҷозат барои кор ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатиро амалӣ менамоянд» [10] ба сафари хизматӣ, аз ҷумла варзишгароне, ки ба мусобиқаҳо, ҳунарпешагоне, ки барои фаъолияти ҳунарӣ бо таклифи расмии мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо омадаанд, аз гирифтани иҷозат барои кор озод карда мешаванд. Иҷозат барои кор ҳуҷҷате мебошад, ки ҳуқуқи шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро барои фаъолияти меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд. Иҷозат барои кор ба муҳлати то 1 сол дода мешавад.

Тибқи банди 49 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011, №121 Дар бораи «Номгӯи корҳои ҷамъиятӣ» хизматрасонӣ дар чорабиниҳои намоишҳои хусусияти фарҳангидошта, аз ҷумла фестивалҳо, мусобиқаҳои варзишӣ корҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад, намудҳои корҳои хонагӣ, ки кормандон дар хоҷагии корфармо – шахсони воқеӣ дар асоси шартнома анҷом медиҳанд, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2012, №159 [11] муайян шудаанд, мураббии варзиш ба корҳои хонагӣ дохил мешавад.

Тибқи сархати шашуми қисми 1 моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи индексатсияи даромади аҳолӣ бо назардошти нархҳои молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ» аз 27 декабри соли 1993, № 891 [12] оиди пардохти музди меҳнати (маоши, моҳонаи) кормандони муассисаҳои варзиш, тарбияи фарҳангӣ, ки дар тавозуни корхонаҳо, ташкилотҳо ва иттифоқҳои касаба мебошанд, аз ҳисоби маблағҳои корхонаҳо, ташкилотҳо ва иттифоқҳои касабаи дахлдор ва буҷети маҳаллӣ, - ҷудо кардани маблағи аз буҷетҳои дахлдор ҷудо кардашаванда, манбаи маблағ барои индексатсия маҳсуб меёбад.

Ҳаминро қайд намуд, ки қонунҳои зиргардида, манбаи танзими фаъолияти меҳнатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш набуда, чунин муносибатҳо тавассути дигар санадҳои ҳуқуқии байналмиллалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофшуда низ ба танзим дароварда мешаванд.

Мувофиқи Қарори Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои аъзои ИДМ аз 31 майи соли 2007 №28/8 «Дар бораи қонунҳои намунавӣ», «Дар бораи варзиши касбӣ», шартномаи меҳнатӣ дар соҳаи варзиши касбӣ ба таври хаттӣ баста мешавад.

Дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш амал мекунанд, аз ҷумлаи онҳо: 1) Оинномаи байналмилалии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш – 21 ноябри соли 1978 дар Париж дар иҷлосияи 20-уми Конфронси генералии ЮНЕСКО қабул шудааст; 2) Конвенсияи Аврупоии Шӯрои Аврупо аз 19 августи соли 1985 №120 «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ ва рафтори авбошонаи тамошобинон ҳангоми варзиш чорабиниҳо ва алахусус дар бозиҳои футбол; 3) Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи мубориза зидди допинг дар варзиш аз 19 октябри соли 2005; 4) Хартияи байналмилалии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ки он дар Конфронси генералии СММ дар Париж 21 ноябри соли 1978 қабул шудааст; 5) Хартияи варзишии Аврупо, ки аз ҷониби Конфронси 7-уми вазирони варзиши Аврупо дар Родос (Юнон) 15 майи соли 1992 қабул шудааст; 6) Манифести аврупоӣ оид ба ҷавонон ва варзиш, ки аз ҷониби Конфронси вазирони варзиши Аврупо дар Лиссабон 18 майи соли 1995 қабул шудааст; 7) Эъломияи иштирокчиёни Конфронси аврупоӣ «Варзиш ва идоракунии маҳаллӣ», ки 3 феврали соли 1996 дар Годоло (Маҷористон) қабул шудааст; 8) Қарори Конфронси 9-уми Аврупо оид ба вазирони варзиш, ки 31 майи соли 2000 дар Братислава қабул шудааст ва ғайра.

Хулоса, ҳадафи асосӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, пеш аз ҳама амалӣ кардани сиёсати давлат дар ин соҳа, муайян намудани асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва таъмину танзими ҳуқуқии фаъолиятро дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тарбия намудани насли худшиносу худогоҳ, донишманду созанда, соҳибмаълумоту соҳибкасб, аз лиҳози ҷисмониву маънавӣ обутобёфта ва бо ҳамин роҳ ба вуҷуд овардани заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ барои ҷомеаи тавонои Тоҷикистон мебошад.

## ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ТРУДОВЫХ ОТНОШЕНИЙ СПОРТСМЕНОВ И ТРЕНЕРОВ В СФЕРЕ ФИЗИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ И СПОРТА В СООТВЕТСТВИИ С ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Ключевые слова:** государственная политика, законодательство, физическое воспитание, правовые основы, профессиональный спортсмен, профессиональный тренер, программа спортивной подготовки, новое правовое явление, правовые нормы, международные правовые нормы.

**Аннотация.** В данной статье анализируются и рассматриваются некоторые вопросы правового регулирования трудовых отношений спортсменов и тренеров в сфере физического воспитания и спорта в соответствии с законодательством Республики Таджикистан. В статье проанализированы и научно рассмотрены основные аспекты, связанные с данной темой, включая вопросы правового регулирования трудовых отношений спортсменов и тренеров в сфере физического воспитания и спорта, установленные нормативными правовыми актами Республики Таджикистан. В статье представлены рекомендации по совершенствованию трудового законодательств, также в области физического воспитания и спорта с целью повышения его эффективности.

**Рахимзода Махмад Забир** – доктор юридических наук, профессор, главный научный сотрудник отдела частного права Национальной академии наук Таджикистана, член-корреспондент НАНТ. Тел.: (+992) 904-08-54-45; E-mail: zabir@mail.ru.

**Бобокалон Гоиб Мерган** – кандидат юридических наук, начальник отдела законодательства по труду, миграции и социальной защите Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан, доцент кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета. Тел.: (+992) 907-94-87-73; E-mail: bgoib@mail.ru.

## LEGAL REGULATION OF LABOR RELATIONS BETWEEN ATHLETES AND COACHES IN THE FIELD OF PHYSICAL EDUCATION AND SPORTS IN ACCORDANCE WITH THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Keywords:** public policy, legislation, physical education, legal framework, professional athlete, professional coach, sports training program, new legal phenomenon, legal norms, international legal norms.

**Abstract.** This article analyzes and examines certain issues related to the legal regulation of labor relations between athletes and coaches in the field of physical education and sports in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan. The article analyzes and scientifically examines the main aspects related to this topic, including the legal regulation of labor relations between athletes and coaches in the field of physical education and sports, established in the regulatory legal acts of the Republic of Tajikistan. The article presents recommendations for improving labor legislation and legislation in the field of physical education and sports to increase their effectiveness.

**Rahimzoda Mahmad Zabir –** doctor of legal sciences, professor, chief research fellow of the department of private law of the National academy of sciences of Tajikistan, corresponding member of the NAS of Tajikistan. Tel.: (+992) 904-08-54-45; E-mail: zabir@mail.ru.

**Bobokalon Goib Mergan –** candidate of legal sciences, head of the department of legislation on labor, migration and social protection of the National center of legislation under the President of the Republic of Tajikistan, associate professor of the department of entrepreneurial and commercial law, faculty of law, Tajik national university. Tel.: (+992) 907-94-87-73; E-mail: bgoib@mail.ru.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Эмомалӣ Раҳмон: варзиш воситаи беҳтарини муаррифии давлат ва миллат. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо варзишгарони мамлакат, 20 декабри соли 2010. // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://khovar.tj/2010/12/e-ra-1202-mon-varzish-vositai-be-1202-tarini-muarrifii-davlat-va-millat/ (санаи муроҷиат 19.02.2026).

2. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №3, мод. 176; с. 2012, №4, мод. 275.

3. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2003, №8, мод. 451; с. 2009, №3, мод. 95; с. 2013, №7, мод. 533.

4. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №3, мод. 196; с. 2016, №3, мод. 149

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» аз 23 декабри соли 2021, № 1831 // [Захираи электронӣ]. Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон. Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj (санаи муроҷиат 19.02.2026).

6. Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2026. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM) (санаи муроҷиат 21.02.2026).

7. Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2016 года, №7, ст.604. – С. 214-300.

8. Кодекси меҳнати Федератсияи Россия аз 30 декабри соли 2001, №197-ФЗ – Таҳрир аз 30.04.2021 бо тағйиротҳои охир // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://normativ.kontur.ru/document? moduleId=1&documentId=389763 (санаи муроҷиат 19.02.2026).

9. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Беларус // [Захираи электронӣ]. Портали интернетии миллии ҳуқуқии Ҷумҳурии Беларус. Манбаи дастрасӣ: https://pravo.by/document/?guid=3871&p0=hk9900296

10. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои додани иҷозат барои кор ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатиро амалӣ менамоянд» аз 31 октябри соли 2008, № 529 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.03.2013, №166; аз 1.08.2014, №499; аз 1.09.2015, №560). Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2026. – 1 электрон. опт. диск (CD - ROM) (санаи муроҷиат 21.02.2026).

11. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Номгӯи корҳои ҷамъиятӣ» аз 3 марти соли 2011, №121 // [Захираи электронӣ]. Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2026. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM) (санаи муроҷиат 21.02.2026).

12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи индексатсияи даромади аҳолӣ бо назардошти нархҳои молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ» аз 27 декабри соли 1993, № 891 // [Захираи электронӣ]. Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj (санаи муроҷиат 19.02.2026).

**Список литературы:**

1. Эмомали Рахмон: Спорт – лучшее средство представления государства и нации. Речь Президента Республики Таджикистана уважаемого Эмомали Рахмона, на встрече со спортсменами страны, 20 декабря 2010 г. // [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://khovar.tj/2010/12/e-ra-1202-mon-varzish-vositai-be-1202-tarini-muarrifii-davlat-va-millat/ (дата обращения: 19.02.2026).

2. Ахбор Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2007 г., №3, ст. 176; 2012 г., №4, ст. 275.

3. Ахбор Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2003 г., №8, ст. 451; 2009 г., №3, ст. 95; 2013 г., №7, ст. 533.

4. Ахбор Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2013 г., №3, ст. 196; 2016 г., №3, ст. 149

5. Закон Республики Таджикистан «О физическом воспитании и спорте» от 23 декабря 2021 года, № 1831 // [Электронный ресурс]. Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Источник доступа: http://www.mmk.tj (дата обращения: 19.02.2026).

6. [Электронный ресурс]. Централизованная база данных правовой информации Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0 / Министерство юстиции Республики Таджикистан. Душанбе, 2026. –1 электронный. опт. диск (CD-ROM) (дата обращения: 21.02.2026).

7. Ахбор Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2016 г., № 7, ст. 604. – С. 214-300.

8. Трудовой кодекс Российской Федерации от 30 декабря 2001 года, № 197-ФЗ - Редакция от 30.04.2021 г. - с последними изменениями // [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://normativ.kontur.ru/document? moduleId=1&documentId=389763 (дата обращения: 19.02.2026).

9. Трудовой кодекс Республики Беларусь // [Электронный ресурс]. Национальный правовой интернет-портал Республики Беларусь. Режим доступа: https://pravo.by/document/?guid=3871&p0=hk9900296 (дата обращения: 19.02.2026).

10. Постановление Правительства Республики Таджикистан «О Правилах выдачи разрешений на работу иностранным гражданам и лицам без гражданства, осуществляющим трудовую деятельность в Республике Таджикистан» от 31 октября 2008 года, № 529 (с изменениями, внесенными Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 марта 2013 г. № 166; от 1 августа 2014 г. № 499; от 1 сентября 2015 г. №560) // [Электронный ресурс]. Централизованная база данных правовой информации Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0 / Министерство юстиции Республики Таджикистан. Душанбе, 2026. –1 электронный. опт. диск (CD-ROM) (дата обращения: 21.02.2026).

11. Постановление Правительства Республики Таджикистан «О Перечне общественных работ» от

3 марта 2011 года, № 121 // [Электронный ресурс]. Централизованной базы данных правовой информации Республики Таджикистан «Адлия». Версия 7.0 / Министерство юстиции Республики Таджикистан. Душанбе, 2026. –1 электронный. опт. диск (CD-ROM) (дата обращения: 21.02.2026).

12. Закон Республики Таджикистан «Об индексации доходов населения с учётом цен на товары и услуги народного потребления» от 27 декабря 1993 г., №891 // [Электронный ресурс]. Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Режим доступа: http://www.mmk.tj (дата обращения: 19.02.2026).

**List of literature:**

1. Emomali Rahmon: Sport is the Best Means of Representing the State and the Nation. Speech of the President of the Republic of Tajikistan, Honorable Emomali Rahmon, at a meeting with the country's athletes, December 20, 2010 // [Electronic resource]. Access mode: https://khovar.tj/2010/12/e-ra-1202-mon-varzish-vositai-be-1202-tarini-muarrifii-davlat-va-millat/ (date of access: 19.02.2026).

2. Ahbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, 2007, №3, Art. 176; 2012, №4, Art. 275.

3. Ahbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, 2003, №8, Art. 451; 2009, №3, Art. 95; 2013, №7, Art. 533.

4. Ahbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, 2013, №3, Art. 196; 2016, №3, Art. 149.

5. Law of the Republic of Tajikistan «On physical education and sport» from 23 December 2021, №1831 // [Electronic resource]. National center of legislation under the President of the Republic of Tajikistan. Access mode: http://www.mmk.tj (date of access: 19.02.2026).

6. [Electronic resource]. Centralized Database of Legal Information of the Republic of Tajikistan «Adliya». Version 7.0 / Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan. Dushanbe, 2026. – 1 electronic optical disc (CD-ROM) (date of access: 21.02.2026).

7. Ahbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, 2016, №7, Art. 604. – pp. 214–300.

8. Labor Code of the Russian Federation from 30 December, 2001, № 197-FZ – edition of April 30, 2021 – with the latest amendments // [Electronic resource]. Access mode: https://normativ.kontur.ru/document?moduleId=1&documentId=389763 (date access: 19.02.2026).

9. Labor Code of the Republic of Belarus // [Electronic resource]. National Legal Internet Portal of the Republic of Belarus. Access mode: https://pravo.by/document/?guid=3871&p0=hk9900296 (date of access: 19.02.2026).

10. Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan «On the Rules for Issuing Work Permits to Foreign Citizens and Stateless Persons Carrying out Labour Activities in the Republic of Tajikistan» from 31 October 2008, №529 (as amended by the Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan of March 30, 2013 №166; August 1, 2014 No. 499; September 1, 2015 №560) // [Electronic resource]. Centralized Database of Legal Information of the Republic of Tajikistan «Adliya». Version 7.0 / Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan. Dushanbe, 2026. – 1 electronic optical disc (CD-ROM) (date of access: 21.02.2026).

11. Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan «On the List of Public Works» from 3 March 2011, №121 // [Electronic resource]. Centralized Database of Legal Information of the Republic of Tajikistan «Adliya». Version 7.0 / Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan. Dushanbe, 2026. – 1 electronic optical disc (CD-ROM) (date of access: 21.02.2026).

12. Law of the Republic of Tajikistan «On the Indexation of Population Incomes Taking into Account Prices for Consumer Goods and Services» from 27 December 1993, №891 // [Electronic resource]. National center of legislation under the President of the Republic of Tajikistan. Access mode: http://www.mmk.tj (date of access: 19.02.2026).



**ТДУ:** 340:334.712
**Бобокалон Ғоиб Мерган,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
E-mail bgoib@mail.ru
Тел: (+992) 907-94-87-73.

## ҲАМКОРИИ ИҶТИМОӢ ҶИҲАТИ МУСОИДАТ БА ШУҒЛИ АҲОЛӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА БАЙНАЛМИЛЛАЛӢ

**Калидвожаҳо:** сиёсати давлатӣ, қонунгузорӣ, мусоидат ба шуғли аҳолӣ, ҳамкории байналмилалӣ, муносибатҳои меҳнатӣ, созишнома, мақомоти давлатӣ, иттифоқҳои касаба, таъмини шуғли аҳолӣ, ҳамкорӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ.

**Аннотатсия**. Дар мақолаи мазкур оид ба баъзе аз масъалаҳои ҳамкории иҷтимоӣ ҷиҳати мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмиллалӣ, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф дар мақолаи мазкур паҳлуҳои асосии ба мавзуъ рабтдошта, аз ҷумла, масъалаҳои ҳамкории иҷтимоӣ ҷиҳати мусоидат ба шуғли аҳолӣ, ки дар меъёрҳои моддаҳои 10 ва 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ муқаррар шудаанд, мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор додааст.

Пас аз эълон гардидани соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ давлати мустақилу соҳибихтиёри Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд гардид. Дар он давра дар фазои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои қонунгузории давраи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ амал мекарданд ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 боис ба он шуд, ки вобаста ба сохти иҷтимоӣ ва низоми давлатдорӣ санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ба меъёрҳои конститутсионӣ дар таҳрири нав қабул гардиданд.

Дар заминаи роҳандозии сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бевоситаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат ва шуғли аҳолӣ хусусан, заминаи ҳуқуқии соҳаи шуғли аҳолӣ таҳким ва рушд ёфта, барои пешрафти соҳа заминаи мусоид фароҳам овард.

Дар муддати 35 соли соҳибистиқлолии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёде дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ва давлат таҳия ва қабул карда шуданд. Дар байни онҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» буд, ки 1 августи соли 2003 таҳти №44 [1] қабул ва мавриди амал қарор дода шуд, ки дар низоми қонунгузорӣ оид ба шуғли аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳимтарин манбаи танзимкунандаи муносибатҳои шуғлмандӣ ба ҳисоб рафта, муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба меҳнат ва шуғли аҳолӣ танзим намуда, асосҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва ташкилии сиёсати давлатӣ дар ин самт, аз ҷумла кафолатҳои давлатро дар амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ аз бекорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ муқаррар менамояд.

Яке аз масъалаи муҳимтарине, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» (минбаъд Қонун) дар боби II ҳаллу фасл намудааст, ки ин ҳамкории иҷтимоӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ маҳсуб меёбад.

Боби II-и Қонун ҳамкории иҷтимоӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолиро дар бар гирифта, дар қисми якуми моддаи 10-и Қонун сухан дар бораи ҳамкории сетарафа дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ муносибатҳои байни давлат, иттиҳодияҳои корфармоён, иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони кормандонро, ки ба таҳия ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ тааллуқ дорад, танзим менамояд, меравад.

Ҳамкории иҷтимоии сетарафа дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ қабл аз ҳама, созишнома маҳсуб меёбад, ки танҳо бо мувофиқаи тарафҳо метавонад сетарафа бошад.

Созишнома – санади ҳуқуқиест, ки муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатии байни кормандон, корфармоён, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, соҳаҳо ва касбҳоро ба танзим медарорад.

Ҳамкории иҷтимоии сетарафа дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар сатҳи болотар, яъне дар сатҳи умумидавлатӣ сурат гирифта, инъикоси худро дар созишномаҳои ҷумҳуриявӣ (генералӣ) меёбад.

Созишномаи генералӣ – санади ҳуқуқиест, ки принсипҳои умумии сиёсати шарикии иҷтимоию иқтисодиро муқаррар намуда, равандҳои асосии ҳамкорӣ ва уҳдадориҳои тарафайни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттифоқҳои касаба, дигар мақомоти намояндагии кормандон ва иттиҳодияҳои умумиҷумҳуриявии корфармоёнро дар соҳаи шуғли аҳолӣ, баланд бардоштани кафолатҳои иҷтимоии шаҳрвандон, таъмини ҳифзи иҷтимоии гурӯҳҳои камбизоати аҳолӣ, бо мурури муътадил гардидани вазъи иқтисодиёт зиёд намудани даромади кормандонро муайян мекунад;

Созишномаи Генералии байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон (ФИКМТ) ва Иттиҳодияҳои корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2026 маҳсуб мешавад, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2023, №591 тасдиқ шуда, аз 10 фасл иборат буда, 38 бандро дар бар мегирад, чунончӣ: муқаррароти умумӣ, шарикии иҷтимоӣ, сиёсати иқтисодӣ, музди меҳнат, даромадҳо ва сатҳи зиндагии аҳолӣ, рушди бозори меҳнат ва шуғли пурмаҳсул, ҳифзи иҷтимоӣ, кафолатҳо ва суғуртаи иҷтимоӣ, ҳифзи меҳнат, бехатарии саноат ва экологӣ, рушди сайёҳӣ ва ҳунармандӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, муқаррароти хотимавӣ [2].

Хулоса, метавон қайд кард, ки меъёри муқаррарнамудаи қисми якуми моддаи 10-и Қонун ҳамчун ҳамкории сетарафа, ҳамкории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон (ФИКМТ) ва Иттиҳодияҳои корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ба танзим даровардани муносибатҳои меҳнатӣ бо ба имзо расонидани созишномаи генералӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ сурат мегирад, ки яке аз шаклҳои амалӣ намудани шарикии иҷтимоӣ ва инчунин сиёсати давлатӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ маҳсуб меёбад.

Қисми дуюми моддаи 10-и Қонун бо мақсади таҳияи қарорҳои мувофиқа кардашуда ва ба роҳ мондани мусоҳибаи иҷтимоӣ бобати муайян кардан ва амалӣ гардонидани сиёсати шуғли аҳолӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллии кумитаҳои ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар асосҳои ҷамъиятӣ ташкил карда мешаванд. Намояндагии мақомоти давлатӣ, иттифоқҳои касаба, дигар мақомоти намояндагии кормандон ва корфармоён ба ҳайати кумитаҳо бо шумораҳои баробар муайян карда мешавад, пешбинӣ намудааст.

Вобаста ба ин, дар якҷоягӣ таҳия, қабул, тасдиқ ва мувофиқа намудани Созишномаҳо, Дастурамалҳо ва ғайра ҳисобидан мумкин аст, аз ҷумлаи онҳо, «Дастурамали ҳисоби кумакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ ва кумакпулии ҳомиладорӣ ва таваллуд ба соҳибкорони инфиродӣ» ки бо Фармоиши муштараки Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра, маҳсуб меёбад.

Масъалаҳо оид ба доираи ҳамкории иҷтимоӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолиро моддаи 11-и Қонун вазифаҳои Кумитаи ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолиро пешбинӣ намудааст, ки он оид ба масъалаҳои рушди шуғли аҳолӣ ва сиёсат дар бозори меҳнат машварат доир менамояд; маълумотро доир ба вазъ ва тамоюлҳо дар бозори меҳнат таҳлил менамояд; амалиёти мувофиқашударо оид ба масъалаҳои шуғл ва ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон таҳия менамояд; барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолиро ба мувофиқа мерасонад; доир ба лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба шуғл дахлдошта ба мақомоти дахлдор бо тартиби муқарраргардида пешниҳодҳо ирсол менамояд; ташаббусҳоро дар омода намудани чорабиниҳои ба таъмини шуғли пурра, озодона интихобшуда ва самаранок равонагашта амалӣ менамояд; ташхиси лоиҳаҳои барномаҳои тараққиёти иҷтимоию иқтисодиро мегузаронад; масъалаҳои марбут ба шуғли аҳолиро ҳар сол на камтар аз як маротиба ба баррасии Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо пешниҳод менамояд.

Дар қисми дуюми он ташкили фаъолияти кумитаҳои ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолиро дар маҳалҳо мақомоти дахлдори

ҳокимияти давлатӣ ва тарафҳои дар кумитаҳо пешниҳодшуда амалӣ менамояд, муқаррар шудааст, ки сухан дар бораи ташкили фаъолияти кумитаҳо меравад, на ҳамкорӣ.

Қисми сеюми моддаи 11-и Қонун хусусияти ҳаволакунанда (бланкетӣ) дошта, тартиби таъсис ва ташкили фаъолияти кумитаҳои ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Масъала вобаста ҳамкории иҷтимоӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар бандҳои 2 ва 28 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2009, №129 дар бораи «Низомномаи Кумитаи ҷумҳуриявии ҳамоҳангсозиии мусоидат ба шуғли аҳолӣ» [3] ба таври возеҳ инъикоси худро ёфтаанд, ки мазмуну мухтавои онҳо чунин баён гардидаанд.

Банди 2 боби 1-и Низомнома, Кумита бо мақсади таҳияи қарорҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳои мувофиқакардашуда ва ба роҳ мондани муколамаи иҷтимоӣ бобати муайян ва амалӣ гардонидани сиёсати шуғли аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳамкории сетарафа таъсис дода мешавад.

Банди 28 боби 5-и Низомнома, Кумита дар ҳамкории зич бо ҳама корхонаву муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, мақомоти давлатие, ки бо масъалаҳои шуғли аҳолӣ машғуланд, фаъолият менамояд.

Ҳайати Кумитаи ҷумҳуриявии ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолиро дар таҳрири нав бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 сентябри соли 2019, №452 [4] тасдиқ карда шудааст.

Масъалаҳо оид ба доираи ҳамкории иҷтимоӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолиро санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда низ танзим менамоянд.

Тибқи муқаррароти қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд.

Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон аз 10 декабри соли 1948, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16 декабри соли 1966, аз зумраи санадҳои байналмилалие мебошанд, ки ҳамчун санади танзимкунандаи муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ, аз ҷумла муносибатҳои ҳамкории иҷтимоӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ, хизмат менамоянд.

Моддаи 23 Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи ҳар як инсонро ба меҳнат, ба интихоби озодонаи кор, ба шароитҳои одилона ва мусоиди меҳнат, ба ҳимоя аз бекорӣ, ба музди баробар ҳангоми иҷрои кори баробарқиммат бидуни ҳеҷ гуна маҳдудият, ба подоши одилона ва қаноатбахши меҳнат, ба созмон додан ва шомил гаштан ба иттифоқҳои касаба баҳри ҳимояи манфиатҳои хеш ва моддаи 24 Эъломия бошад, ҳуқуқи ҳар як инсонро ба истироҳат ва фароғат эълон доштааст [5].

Дар Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошад, манъи маҳдудсозии ҳуқуқ, баробарҳуқуқии зану мард, ҳуқуқ ба меҳнат ва шароитҳои мусоиди меҳнат, ҳуқуқ ба истироҳат, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқ ба сатҳи кофии ҳаёт, ба муттасил беҳтар намудани шароити меҳнат ва дигар ҳуқуқҳо муқаррар шудаанд [6].

Дар танзими ҳамкории иҷтимоӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ мавқеъ ва нақши Конвенсия (Созишнома) ва Тавсияномаҳои Созмони байналмилалии меҳнат (минбаъд – СБМ) бағоят назаррас аст. Айни ҳол Ҷумҳурии Тоҷикистон даҳҳо Конвенсия (Созишнома) ва Тавсияномаҳои СБМ эътироф намудааст, аз ҷумла, Конвенсияи №29 «Дар бораи меҳнати маҷбурӣ», ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1993 иштирокчии Конвенсияи №29-и СБМ «Дар бораи меҳнати маҷбурӣ» мебошад. Конвенсияи мазкур ба рӯйхати ҳашт Конвенсияи бунёдии СБМ шомил аст ва протоколи болозикр ҳамчун қисми ҷудонопазири пурракунандаи он ҳисобида мешавад. Аз ин лиҳоз, мувофиқи Эъломияи СБМ «Дар бораи принсипҳо ва ҳуқуқҳои асосӣ дар соҳаи меҳнат» аз соли 1998, давлатҳо – иштирокчиёни СБМ уҳдадоранд ҳуқуқҳои асосиро, ки дар Конвенсияи бунёдии №29 инъикос гардидаанд, риоя намоянд. Ба ҳамин монанд, Конвенсияи №111 оид ба маҳдудсозии ҳуқуқ дар соҳаи меҳнат ва касб; Конвенсияи №122 соли 1964 оид ба сиёсат дар соҳаи шуғлмандӣ; Конвенсияи №90 соли 1948 оид ба меҳнати шабонаи наврасон дар саноат; Конвенсияи №138 оид ба синну соли ақал барои қабул ба кор; Конвенсияи №105 оид ба бекор кардани меҳнати маҷбурӣ; Конвенсияи №111 дар бораи табъиз дар соҳаи меҳнат; Конвенсияи №142 оид ба роҳнамоии касбӣ ва таълим дар соҳаи рушди захираҳои инсонӣ; Конвенсияи №159 оид ба барқарорсозии касбӣ ва шуғли маъюбон; Конвенсияи №149 оид ба шуғл ва шароити корӣ маъдан ва ҳаёти кормандони пиронсолон; Конвенсияи №179 дар бораи ба кор қабул кардан; Конвенсияи №52 соли 1936 оид ба рухсатиҳои ҳарсолаи боподош; Конвенсияи соли 1935 оид ба кӯтоҳ намудани вақти корӣ то чил соат дар як ҳафта; Конвенсияи №47 соли 1949 оид ба ҳифзи музди меҳнат; Конвенсияи №87 оид ба

озодии иттиҳодияҳо ва ҳимояи ҳуқуқ ба ташкилот [7] ва ғайра.

Мақсад аз номбар намудани санадҳои мазкур дар он мебошад, ки зимни муносибатҳои ҳамкории иҷтимоӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ, мутобиқатии меъёрҳои муқаррарнамудаи онҳо ҳатмӣ мебошад.

Инчунин, масъалаҳо оид ба доираи ҳамкории иҷтимоӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолиро санадҳои байналмилалии бисёрҷониба низ танзим менамоянд.

Ба сифати санадҳои ҳуқуқии байналмилалии бисёрҷониба, санадҳоеро меҳисобанд, ки чун қоида, аз рӯйи масъалаҳои алоҳида қабул гардида, ба ҳамкории давлатҳо вобастаанд, масалан, оид ба масъалаҳои ҳамкории иҷтимоӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ.

Дар ин самт Ҷумҳурии Тоҷикистон «Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки 28 майи соли 2021 дар Минск ба тасвиб расонд.

Созишномаи мазкур 2 октябри соли 2023 таҳти №1075 аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд.

Ҳадафи асосӣ аз ба тасвиб расонидани Созишнома ин: якум, таҳияи муносибатҳои мувофиқашуда барои ҳалли мушкилот ва рафъи монеаҳо ҳангоми ташаккули бозори умумии меҳнат, дуюм, ҳамкорӣ ва кумаки мутақобила ҳангоми таҳия ва баланд бардоштани самаранокии тадбирҳо, барнома ва хизматрасониҳои аз ҷониби тарафҳо дар бозори меҳнат амалишаванда ва барои мусоидат ба шуғли аҳолӣ, паст кардани сатҳи бекорӣ дар давлатҳои иштирокчии Созишномаи мазкур равонашуда, сеюм,таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандони давлатҳои иштирокчии ИДМ ба озодии ҳаракат ва амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ, чорум, Ҳукуматҳои давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, дар асоси муқаррароти Консепсияи марҳилавии ташаккули бозори умумии меҳнат ва танзими муҳоҷирати қувваи кории давлатҳои иштирокчии ИДМ аз 17 марти соли 2017, ба ташаккули бозори умумии меҳнат таваҷҷуҳ намуда, бо дастгирии зарурати ҳамкории мутақобила оид ба масъалаҳои тақсимот, мубодила ва истифодаи оқилонаи қувваи корӣ дар давлатҳои иштирокчии ИДМ, зарурати мубодилаи саривақтии иттилоот ва маълумоти мусоидаткунанда барои такмили амалҳои тарафҳоро ҷиҳати ноил шудан ба мувозинаи талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ эътироф намуданро дар бар мегирад [8], ки Созишномаи мазкур ҳамкории якчанд давлатҳоро дар бар мегирад.

Мутобиқи моддаи 6-и Қонун, ки сухан дар бораи принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ меравад, ки яке аз принсипи сиёсати давлатӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ ташкили ҳамкории байналмилалӣ дар ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ, бо назардошти фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ва фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, риоя намудани меъёрҳои байналмилалии меҳнат, маҳсуб меёбад.

Дар танзими ҳамкории иҷтимоӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ, инчунин қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси Ёддоштҳои тафоҳум дар ҳамкории дуҷониба байни мақомотҳои дахлдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ, мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Аз ҷумла, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Ёддошти тафоҳум байни Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати шуғл ва меҳнати Ҷумҳурии Корея оид ба сафарбар намудан ва қабули кормандон тавассути низоми иҷозати кор», ки 31 октябри соли 2024 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст, инчунин дар хусуси тасдиқи он бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, №110 тасдиқ шудааст, ки тибқи он Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати шуғл ва меҳнати Ҷумҳурии Корея, бо эҳтиром ба принсипҳои баробарӣ ва манфиатҳои мутақобила, густариши муносибатҳои дӯстонаи мавҷудаи байни ду кишварро тавассути ҳамкорӣ дар соҳаи шуғл ва масъалаҳои меҳнатӣ, инчунин рушди нерӯи инсонӣ хоҳиш намуда, бо дарки манфиатҳои аз ҳамкориҳои ҳарду кишвар бадастомада, ба мувофиқа расиданд [9], ки ҳамкории мазкур муносибатҳои дӯстонаи байни ду давлатро муайян менамояд.

Аз таҳлилҳои дар боло зикргардида ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки боби II-и Қонун ҳамкории иҷтимоӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолиро дар бар гирифта, моддаи 10-и он ҳамкории сетарафа дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ, номгузорӣ шудааст.

Ҳамкориҳои иҷтимоӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар асоси принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ, амалӣ мегардад.

Дар сархати чордаҳуми моддаи 6-и Қонун, принсипи иштироки иттифоқҳои касаба, дигар мақомоти намояндагии кормандон, иттиҳодияҳои

корфармоён, аз он ҷумла ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ҷамъиятӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти идораи давлатӣ дар таҳия ва амалӣ намудани тадбирҳои таъмини шуғли аҳолӣ, муқаррар шудааст, ки ин муносибатҳои шарикии иҷтимоиро дар бар мегирад.

Дар мафҳуми шарикии иҷтимоӣ омадааст, ки шарикии иҷтимоӣ – ҳамкории иштирокчиёни муносибатҳои иҷтимоию меҳнатие, ки ба таъмини мутобиқати манфиатҳои кормандон, корфармоён ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ равона гардидаанд.

Яке аз мақсади шарикии иҷтимоӣ фароҳам овардани шароити мусоид барои таъмини шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инкишофи бозори меҳнат иборат аст.

Чи тавре, ки аз номи моддаи 6-и Қонун бармеояд, номгӯи принсипҳои дар он сабтшуда нотамом ва нопурра мебошанд. Масалан, ҷиҳати принсипҳои бисёрсамтӣ, ба монанди: Ҳамкорӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғл бо назардошти манфиатҳои мутақобилаи давлатҳо дар пайгирӣ намудани муттаҳидшавӣ ҷиҳати таъмини имкониятҳои шуғл барои гурӯҳҳои муайяни аҳолӣ, ки дар ёфтани кор душворӣ мекашанд; маблағгузории чорабиниҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар асоси принсипҳои бисёрсамтӣ ва ҳамкории иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад (қисми якуми моддаи 16 Қонун) инчунин, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавҷуданд, ки принсипҳои дар моддаи мазкур муайяншударо мушаххас ва пурра менамоянд, аз ҷумла, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 4, 298 КМ ҶТ) ва ғайра.

Хулоса, ҳамкории иштирокчиёни муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, чи тавре дар таҳлили мақола зикр гардид, дутарафа, сетарафа ва бисёртарафа буда метавонанд. Аммо дар меъёри моддаи 10-и Қонун ҳамкории сетарафа дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ номгузорӣ шудааст, ки матни моддаи 10 Қонун мантиқан ва моҳиятан ба номи боби II-и Қонун, мутобиқ нест. Аз ин рӯ, пешниҳод мегардад, ки меъёрҳои муқарраррарнамудаи боби II-и Қонун дар мутобиқат ба номи боб таҷдиди назар карда шавад.

3. Закон США о защите осведомителей от 1989 года (Whistleblower Protection Act of 1989) // [Электронный ресурс]. Официальный сайт Правительства США. Режим доступа: https://www.govinfo.gov/content/pkg/COMPS-11779/pdf/COMPS-11779.pdf (дата обращения: 01.12.2025).
4. Закон Великобритании о раскрытии информации в публичных интересах от 1998 года (Public Interest Disclosure Act 1998) // [Электронный ресурс]. Официальный сайт законодательства Великобритании. Режим доступа: https://www.legislation.gov.uk/ukpga/1998/23 (дата обращения: 01.12.2025).
5. Закон Южно-Африканской Республики о раскрытии охраняемой информации от 2000 года (Protected Disclosures Act 2000) // [Электронный ресурс]. Официальный сайт правительства ЮАР. Режим доступа: https://www.gov.za/documents/protected-disclosures-act (дата обращения: 01.12.2025).
6. Закон Японии о защите информаторов от 2004 года (Whistleblower Protection Act) // [Электронный ресурс]. Официальный сайт правительства Японии (Japanese Law Translation). Режим доступа: https://www.japaneselawtranslation.go.jp/en/laws/view/3219 (дата обращения: 01.12.2025).
7. Закон Румынии о защите персонала государственных органов, сообщающих о нарушениях от 2004 года (Закон № 571/2004 о защите сотрудников государственных органов, государственных учреждений и других организаций, сообщающих о нарушениях закона) // [Электронный ресурс]. Официальный сайт правительства Румынии. Режим доступа: https://legislatie.just.ro/Public/DetaliiDocument/55940 (дата обращения: 01.12.2025).
8. Закон Замбии о раскрытии информации в публичных интересах (защита информаторов) от 2010 года (Public Interest Disclosure (Protection of Whistleblowers) Act 2010) // [Электронный ресурс]. Официальный сайт правительства Замбии. Режим доступа: https://www.parliament.gov.zm/node/1269 (дата обращения: 01.12.2025).
9. Закон Бангладеш о раскрытии информации в публичных интересах (защита информаторов) от 2011 года (Public Interest Information Disclosure (Protection) Act 2011) // [Электронный ресурс]. Официальный сайт правительства Бангладеш. Режим доступа: http://bdlaws.minlaw.gov.bd/act-1087.html (дата обращения: 01.12.2025).
10. Закон Республики Корея о защите информаторов в публичных интересах от 2011 года (Act on the Protection of Public Interest Whistleblowers) // [Электронный ресурс]. Официальный сайт Комиссия по борьбе с коррупцией и гражданским правам. Режим доступа: https://www.acrc.go.kr (дата обращения: 01.12.2025).

11. Закон Ирландии о защищённом раскрытии информации от 2014 года (Protected Disclosures Act 2014) // [Электронный ресурс]. Официальный сайт законодательства Ирландии. Режим доступа: https://www.irishstatutebook.ie/eli/2014/act/14/enacted/en/html (дата обращения: 01.12.2025).

12. Закон Сербии о защите информаторов от 5 июня 2015 г. (Law on Protection of Whistleblowers) // [Электронный ресурс]. Официальный сайт правительства Республики Сербия. Режим доступа: https://www.paragraf.rs/propisi/zakon_o_zastiti_uzbunjivaca.html (дата обращения: 01.12.2025).

13. Закон Китайской Народной Республики «О защите свидетелей» от 9 февраля 2000 года // [Электронный ресурс]. Официальный сайт законодательства КНР. Режим доступа: http://www.npc.gov.cn (дата обращения: 01.12.2025).

14. Закон Кыргызской Республики «О защите лиц, сообщивших о коррупционных правонарушениях» от 28 января 2019 года, №19 // [Электронный ресурс]. Официальный сайт Министерства юстиции Кыргызской Республики. Режим доступа: http://cbd.minjust.gov.kg/act/view/ru-ru/111871 (дата обращения: 01.12.2025).

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди корупсия бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз 16 апрели соли 2008, №952 ратификатсия карда шуд // [Захираи электронӣ]. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. Манбаи дастрасӣ: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 02.03.2026).

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020, №1714 // [Захираи электронӣ] Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумщурии Тоыикистон «Адлия». Шакли 7.0. Манбаи дастрасӣ: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.12.2025).

3. Қонуни ИМА дар бораи ҳифзи хабардиҳандагон аз соли 1989 (Whistleblower Protection Act of 1989) // [Захираи электронӣ]. Сомонаи расмии Ҳукумати ИМА. Манбаи дастрасӣ: https://www.govinfo.gov/content/pkg/COMPS-11779/pdf/COMPS-11779.pdf (санаи муроҷиат: 01.12.2025).

4. Қонуни Британияи Кабир «Дар бораи ошкор кардани манфиатҳои ҷамъиятӣ» аз 2 июли соли 1998 (Public Interest Disclosure Act 1998) // [Захираи электронӣ]. Сомонаи расмии қонунгузории Британияи Кабир. Манбаи дастрасӣ: https://www.legislation.gov.uk/ukpga/1998/23 (санаи муроҷиат: 01.12.2025).

5. Қонуни ифшои ҳифзшудаи Африқои Ҷанубӣ аз соли 2000 (Whistleblower Protection Act) // [Захираи электронӣ]. Сомонаи расмии Ҳукумати Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ. Манбаи дастрасӣ: https://www.gov.za/documents/protected-disclosures-act (санаи муроҷиат: 01.12.2025).

6. Қонуни Ҷопон «Дар бораи ҳифзи хабардиҳандагон» аз 18 июни соли 2004 (Whistleblower Protection Act) // [Захираи электронӣ]. Сомонаи расмии Ҳукумати Ҷопон (Japanese Law Translation). Манбаи дастрасӣ: https://www.japaneselawtranslation.go.jp/en/laws/view/3219 (санаи муроҷиат: 01.12.2025).

7. Қонуни Руминия дар бораи ҳифзи кормандони мақомоти давлатӣ ва муассисаҳо ва дигар муассисаҳое, ки дар бораи қонуншиканиҳо хабар медиҳанд, соли 2004/ Рӯзномаи расмии № 1.214 аз 17 декабри соли 2004 // [Манбаи электронӣ]. Сомонаи расмии Ҳукумати Руминия. Тарзи дастрасӣ: https://legislatie.just.ro/Public/DetaliiDocument/55940 (санаи муроҷиат: 01.12.2025).

8. Қонун дар бораи ифшои манфиатҳои ҷамъиятӣ (ҳимояи хабардиҳандагон) аз соли 2010-и Замбия (Public Interest Disclosure (Protection of Whistleblowers) Act 2010) // [Захираи электронӣ]. Сомонаи расмии Ҳукумати Замбия. Манбаи дастрасӣ: https://www.parliament.gov.zm/node/1269 (санаи муроҷиат: 01.12.2025).

9. Қонун дар бораи ифшои манфиатҳои ҷамъиятӣ (ҳимоя) аз соли 2011-и Бангладеш (Public Interest Information Disclosure (Protection) Act 2011) // [Захираи электронӣ]. Сомонаи расмии Ҳукумати Бангладеш. Манбаи дастрасӣ: http://bdlaws.minlaw.gov.bd/act-1087.html (санаи муроҷиат: 01.12.2025).

10. Қонун дар бораи ифшои хабардиҳандагон аз соли 2011-и Ҷумҳурии Корея (Act on the Protection of Public Interest Whistleblowers) // [Захираи электронӣ]. Сомонаи расмии Комиссия оид ба мубориза бо коррупсия ва ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ. Манбаи дастрасӣ: https://www.acrc.go.kr (санаи муроҷиат: 01.12.2025).

11. Қонун дар бораи ифшои ҳифзшуда аз соли 2014-и Ирландия (Protected Disclosures Act 2014) // [Захираи электронӣ]. Сомонаи расмии қонунгузории Ирландия. Манбаи дастрасӣ: https://www.irishstatutebook.ie/eli/2014/act/14/enacted/en/html (санаи муроҷиат: 01.12.2025).

12. Қонун дар бораи ифшои хабардиҳандагон аз 5 июни соли 2015-и Сербия (Law on Protection of Whistleblowers) // [Захираи электронӣ]. Сомонаи расмии Ҳукумати Ҷумҳурии Сербия. Манбаи дастрасӣ: https://www.paragraf.rs/propisi/zakon_o_zastiti_uzbunjivaca.html (санаи муроҷиат: 01.12.2025).

13. Қонун дар бораи ҳимояи шоҳидони Ҷумҳурии Мардумии Чин аз 9 феврали соли 2000 // [Захираи электронӣ]. Сомонаи расмии қонунгузории Ҷумҳурии Мардумии Чин. Манбаи дастрасӣ: http://www.npc.gov.cn (санаи муроҷиат: 01.12.2025).

14. Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи ҳифзи шахсоне, ки дар бораи ҷиноятҳои коррупсионӣ хабар додаанд» аз 28 январи соли 2019, №19 // [Захираи электронӣ]. Сомонаи расмии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Қирғизистон. Манбаи дастрасӣ: http://cbd.minjust.gov.kg/act/view/ru-ru/111871 (санаи муроҷиат: 01.12.2025).

**List of literature:**

1. The United Nations Convention against Corruption was ratified by the Resolution of the Majlisi namoyandagon of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan of April 16, 2008, №952 // [Electronic resource]. Centralized Legal Information Database of the Republic of Tajikistan «Adlia». Version 7.0. Access mode: http://www.adlia.tj (date of access: 02.03.2026).

2. Law of the Republic of Tajikistan «On combating corruption» from 7 August 2020, №1714 // [Electronic resource]. Centralized Legal Information Database of the Republic of Tajikistan «Adlia». Version 7.0. Access mode: http://www.adlia.tj (accessed: 01.12.2025).

3. Whistleblower Protection Act of 1989 (USA) // [Electronic resource]. Official website of the Government of the United States. Access mode: https://www.govinfo.gov/content/pkg/COMPS-11779/pdf/COMPS-11779.pdf (date of access: 01.12.2025).

4. Public Interest Disclosure Act 1998 (United Kingdom) // [Electronic resource]. Official website of UK legislation. Access mode: https://www.legislation.gov.uk/ukpga/1998/23 (date of access: 01.12.2025).

5. Protected Disclosures Act 2000 (Republic of South Africa) // [Electronic resource]. Official website of the Government of South Africa. Access mode: https://www.gov.za/documents/protected-disclosures-act (date of access: 01.12.2025).

6. Whistleblower Protection Act 2004 (Japan) // [Electronic resource]. Official website of the Government of Japan (Japanese Law Translation). Access mode: https://www.japaneselawtranslation.go.jp/en/laws/view/3219 (date of access: 01.12.2025).

7. Law №571/2004 on the Protection of staff in public authorities, public institutions and other units who report violations of the law (Romania) // [Electronic resource]. Official website of the Government of Romania. Access mode: https://legislatie.just.ro/Public/DetaliiDocument/55940 (date of access: 01.12.2025).

8. Public Interest Disclosure (Protection of Whistleblowers) Act 2010 (Zambia) // [Electronic resource]. Official website of the Government of Zambia. Access mode: https://www.parliament.gov.zm/node/1269 (date of access: 01.12.2025).

9. Public Interest Information Disclosure (Protection) Act 2011 (Bangladesh) // [Electronic resource]. Official website of the Government of Bangladesh. Access mode: http://bdlaws.minlaw.gov.bd/act-1087.html (date of access: 01.12.2025).

10. Act on the Protection of Public Interest Whistleblowers 2011 (Republic of Korea) // [Electronic resource]. Official website of the Anti-Corruption and civil rights commission. Access mode: https://www.acrc.go.kr (date of access: 01.12.2025).

11. Protected Disclosures Act 2014 (Ireland) // [Electronic resource]. Official website of Irish legislation. Access mode: https://www.irishstatutebook.ie/eli/2014/act/14/enacted/en/html (date of access: 01.12.2025).

12. Law on the Protection of Whistleblowers dated June 5, 2015 (Republic of Serbia) // [Electronic resource]. Official website of the Government of the Republic of Serbia. Access mode: https://www.paragraf.rs/propisi/zakon_o_zastiti_uzbunjivaca.html (date of access: 01.12.2025).

13. Law of the People's Republic of China «On the protection of witnesses» from 9 February 2000 // [Electronic resource]. Official website of the legislation of the People's Republic of China. Access mode: http://www.npc.gov.cn (date of access: 01.12.2025).

14. Law of the Kyrgyz Republic «On the Protection of Persons Who Reported Corruption Offenses» from 28 January 2019, №19 // [Electronic resource]. Official website of the Ministry of Justice of the Kyrgyz Republic. Access mode: http://cbd.minjust.gov.kg/act/view/ru-ru/111871 (date of access: 01.12.2025).



**ТДУ:** 340.611.3

**Рустамзода Садам Рустам,**
докторанти PhD-и кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Тел.: (+992) 908-82-01-23
E-mail: sadamjonn@bk.ru.

# ТАҲЛИЛИ АЛОМАТҲОИ СУБЪЕКТИВИИ ТАҶОВУЗ БА НОМУС

**Калидвожаҳо:** тарафи субъективии ҷиноят, гуноҳ, қасди бевосита, ангеза, мақсад, таҷовуз ба номус, озодии ҷинсӣ, субъекти махсуси ҷиноят, типологияи ҷинояткорон, механизми рафтори ҷиноятӣ.

**Аннотатсия.** Дар мақола масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ вобаста ба тарафи субъективии ҷиноят бо таваҷҷуҳ ба таҷовуз ба номус баррасӣ мегарданд. Тарафи субъективӣ ҳамчун ҷанбаи дохилии таркиби ҷиноят, ки муносибати равонии шахсро нисбат ба кирдори содиршуда инъикос менамояд, таҳлил мешавад. Мазмуни унсурҳои асосии он - гуноҳ, ангеза ва мақсад - аз нуқтаи назари доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ шарҳ дода шуда, нақши онҳо дар бандубасти дурусти кирдор муайян карда мешавад. Таъкид мегардад, ки таҷовуз ба номус танҳо бо қасди бевосита содир шуда, мақсади қонеъ гардонидани хоҳиши ҷинсӣ бо роҳи зӯроварӣ унсури ҳалкунандаи тарафи субъективӣ мебошад.

Дар заминаи таърихӣ таҳаввули меъёрҳои ҳуқуқӣ вобаста ба ҳифзи озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии шахсият мавриди таҳлил қарор гирифта, гузариш аз фаҳмиши анъанавии «шаъну шараф ва иффат» ба консепсияи муосири ҳифзи озодии ҷинсӣ нишон дода мешавад. Инчунин, мафҳуми «mens rea» дар низоми ҳуқуқии англо-амрикоӣ ҳамчун ифодаи ҳолати равонии гунаҳгор таҳлил мешавад. Дар мақола мушкилоти амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ, аз ҷумла масъалаҳои муайян намудани ҳадди озодии ҷинсии ноболиғон, холигиҳои қонунгузорӣ ва хусусиятҳои субъекти махсуси ҷиноят баррасӣ мешаванд. Дар натиҷа, типологияи ҷиноятӣ-психологии шахсоне, ки таҷовуз ба номус содир мекунанд, пешниҳод гардида, робитаи байни сифатҳои субъективии шахсият, вазъияти криминалӣ ва механизми татбиқи нияти ҷиноятӣ асоснок карда мешавад. Хулоса бароварда мешавад, ки омӯзиши амиқи тарафи субъективии ҷиноят заминаи муҳими таъмини адолати судӣ ва бандубасти дурусти кирдорҳои ҷинсӣ мебошад.

Тарафи субъективии ҷиноят шуур ва иродаи субъекти ҷиноятро, ки бо содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок алоқаманд аст, тавсиф менамояд. Тарафи субъективии ҷиноят ҷанбаи дохилии он буда, муносибати руҳии шахсро нисбат ба кирдори содиркардааш инъикос мекунад [1, с. 28].

Заминаи таърихии ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар бораи таҷовуз ба номус ва ҳаракати зӯроваронаи дорои хусусияти шаҳвонӣ дар таҳқиқоти А.Н. Каменева мавриди баррасӣ қарор гирифтааст [2, с. 208]. Муаллиф таҳаввулоти ин таркибҳои ҷиноятиро дар қонунгузорӣ пайгирӣ намуда, қайд мекунад, ки дар таърих таҷовуз ба номус асосан ҳамчун таҷовуз ба шаъну шараф ва иффати зан маънидод мешуд, дар ҳоле ки равиши муосир таъкидро ба ҳифзи озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии шахсият, новобаста аз ҷинс, мегузорад. Ин таҳлил имкон медиҳад, ки пайдоиши мушкилоти муосири бандубаст, аз ҷумла фарқиятҳо дар равишҳо ба муайян намудани объекти ҷиноят ва тарафи субъективии он, беҳтар дарк карда шаванд.

Тарафи субъективии ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ танҳо ба қасд ё ангезаи шахс дар бораи кирдори содиршуда маҳдуд намешавад. Он ворид шудан ба олами равонии гунаҳгор, дарки ангезаҳо, мақсад ва иродаи ӯ нисбат ба оқибатҳои кирдорро дар бар мегирад. Олами ботинии ҳуқуқвайронкунанда бисёрҷабҳа буда, омӯзиши он калиди адолати судии асоснок ва одилона мебошад.

Дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ қабул шудааст, ки тарафи субъективӣ бар се унсури асосӣ такя мекунад:

1. Гуноҳ.

Гуноҳ муносибати равонии шахсро ба кирдори содиршуда ифода мекунад: қасдан ё аз рӯи беэҳтиётӣ. Қасд ба қасди бевосита ва қасди бавосита ҷудо мешавад. Беэҳтиётӣ дар шакли бепарвоии ҷиноятӣ ё худбоварии ҷиноятӣ зоҳир мегардад.

2. Ангеза.

Ангеза ҳиссиёти дохилиест, ки шахсро ба содир намудани ҷиноят водор месозад. Он ҳамчун қувваи ҳаракатдиҳанда амал намуда, рафтори ҷиноятии шахсро муайян ва самт медиҳад.

3. Қасд.

Қасд дар дарки шахс аз хусусияти ба ҷамъият хавфнокии кирдори худ ва пешбинӣ намудани оқибатҳои он ифода меёбад. Намудҳои қасд метавонанд бевосита, бавосита ё номуайян бошанд.

Бояд таъкид кард, ки танҳо дар сурати мавҷуд будани гуноҳ шахс метавонад ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб карда шавад. Доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ бар он асос меёбад, ки танҳо шахси гунаҳгор бояд ҷазо гирад. Гуноҳ маҳз дар муносибати руҳии шахс ба кирдори содиршуда : қасдан ё аз рӯи беэҳтиётӣ ифода меёбад.

Дар низоми ҳуқуқии англо-амрикоӣ барои ифодаи тарафи субъективӣ истилоҳи «mens rea» истифода мешавад, ки маънои «ақли гунаҳгор»-ро дорад. Моҳияти ин мафҳум дар арзёбии ҳолати равонии айбдоршаванда ҳангоми содир намудани ҷиноят, фаҳмиши ниятҳо ва фикрҳои ӯ ифода меёбад. Чӣ қадаре ки ҷиноят вазнинтар бошад, ҳамон қадар сатҳи исботи гуноҳи талабшаванда баландтар мегардад.

Дар ин замина, давлат ӯҳдадор аст, ки қасд ё беэҳтиётии айбдоршавандаро исбот намуда, ҳолати равонии ӯро дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят асоснок намояд.

Зери ангезаи содир намудани ҷиноят ҳиссиётҳои дохилӣ фаҳмида мешаванд, ки аз ниёзҳо ва манфиатҳои шахс сарчашма гирифта, дар ӯ тасмими содир намудани ҷиноятро ба вуҷуд меоранд ва рафторашро ҳангоми иҷрои он роҳнамоӣ мекунанд. Аҳамияти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ангеза дар он зоҳир мегардад, ки он дар байни дигар аломатҳои субъективии ҷинояти қасдона нақши пешбаранда дорад, зеро маҳз ангеза муҳтаво ва самти рафтори ҷиноятии шахсро муайян месозад.

Ангеза ҳамчун воситаи ғайримустақими исботи он баромад мекунад, ки кирдоре қасдан ё аз беэҳтиётӣ содир шудааст. Яъне, қасд ё ҳолати равонии шахс дар низоми адолати ҷиноятӣ нақши муҳим мебозад ва аксаран унсурест, ки дар ҳар як парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот гардад.

Тибқи таълимоти П.С. Дагел, ки дар он таснифи ангезаҳо пешниҳод шудааст, ангезаи манфиатҷӯёна ҳамеша дорои арзёбии манфии ҷамъиятӣ буда, мутаносибан ба оқибатҳои ҳуқуқии манфӣ меоварад [3, с. 29].

Мақсад манбаи самтгирии фаъолияти субъект ба ҳисоб меравад. Он модели тахайюлшудаи натиҷаи ояндаро ифода мекунад (он чи шахс мехоҳад дар натиҷаи амалҳои худ ба даст оварад). Мақсад пояи равонӣ, яъне асоси психологиест, ки гуноҳ бар он ташаккул меёбад, зеро мақсад пеш аз содир шудани ҷиноят ва ҳатто пеш аз пайдоиши гуноҳ вуҷуд дорад.

Тарафи субъективии таҷовуз ба номус танҳо бо қасди бевосита имконпазир аст: гунаҳгор дарк мекунад, ки алоқаи ҷинсӣ дар натиҷаи зӯроварии ҷисмонӣ ё руҳӣ ё бо истифода аз вазъи оҷизонаи ҷабрдида анҷом меёбад ва ӯ худ мехоҳад чунин алоқаи ҷинсиро анҷом диҳад.

Вақте қонун, ҳангоми муайян намудани мафҳуми қасди бевосита, таъкид мекунад, ки ҷинояткор фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокро мехоҳад, он ба мақсади кирдорҳои қасдонаи ӯ ишора менамояд. Хоҳиши фаро расидани оқибатҳо – ин талоши дохилии шахс барои ноил шудан ба мақсади ҷиноятӣ мебошад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки ҳангоми бандубасти кирдор ҳамчун таҷовуз ба номус, унсури ҳалкунанда на ангеза (ки метавонад гуногун бошад), балки мақсад мебошад, яъне қонеъ гардонидани хоҳиши ҷинсӣ бо роҳи зӯроварӣ бар хилофи иродаи ҷабрдида. Мақсади таҷовуз ба номус дар ду унсури гуноҳи қасдонаро инъикос меёбад:

- унсури зеҳнӣ (пешбинӣ намудани фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок дар шакли расонидани зарар ба саломатии ҷабрдида);
- унсури иродавӣ (хоҳиши фаро расидани чунин оқибатҳо).

Дар маънои равонӣ, моҳияти раванди иродавӣ дар талоши фаъоли дохилӣ барои расидан ба мақсади гузошташуда тавассути бартараф намудани муқобилияти ҷабрдида бо зӯроварӣ ифода меёбад.

Муайян ва дарк намудани мақсад шарти пешакии қабули қарор оид ба содир намудани ҷиноят мебошад. Мақсад – ин дарки зарурат ва имконияти ба даст овардани натиҷаи мушаххаси кирдор аст, ки тавассути он субъект ниёзи худро қонеъ месозад. Ангеза аҳамияти субъективии кирдорро тавсиф мекунад, дар ҳоле ки мақсад самтгирии объективии онро муайян менамояд.

Ҳангоми мавҷуд будани қасд, мақсад ва натиҷа ба ҳам мувофиқ меоянд: дар қасди бевосита оқибатҳо дилхоҳанд, дар қасди бавосита роҳ дода мешаванд. Азбаски ангеза унсури ҳатмии кирдор мебошад, он хосиятҳои дар сохтори шахсият устуворшудаи характери шахсро инъикос мекунад. Мутаносибан, кирдор аз ҷониби шахсият ҳамчун як низоми том муайян карда шуда, вобастагии он аз вазъият танҳо дар доирае зоҳир мегардад, ки бо шаклҳои хоси вокуниш, ки барои ин шахсият хосанд, шарт шудааст.

Ҳамин тавр, ангеза дар шахсоне, ки таҷовуз ба номус содир мекунанд, дар он ҳолатҳо зоҳир

мегарданд, ки субъекти ҷиноят муддати тӯлонӣ дар ҳолати ноумедии равонӣ қарор дорад. Содир намудани таҷовуз нисбат ба шахсони ҷисман заиф (кӯдакон, занони солхӯрда) ба ҷинояткор имкон медиҳад худро қавӣ эҳсос намояд ва ба ин васила, то андозае, таҷрибаҳои равонии осебдиҳандаро безарар гардонад. Ангезаҳои худтасдиқкунӣ бошанд, дар натиҷаи кӯшиши ба даст овардан ё нигоҳ доштани мавқеи худ дар сатҳи иҷтимоӣ-равонӣ (дар муҳити барои шахс аҳамиятнок) ва сатҳи инфиродӣ-равонӣ (худбаҳодиҳӣ, эҳтиром ба худ) ба вуҷуд меоянд.

Дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ҳангоми бандубасти кирдорҳо як қатор мушкилиҳо ба миён меоянд. Яке аз мушкилоти паҳншуда муайян намудани ҳаддҳои қобили қабули озодии ҷинсии ноболиғон мебошад. Мураккабии масъала дар он аст, ки арзишҳои иҷтимоӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва моделҳои тарбия пайваста тағйир меёбанд, ки ин ҷустуҷӯи тавозунро байни ҳуқуқҳои ҷабрдида ва шахси гунаҳгор душвор мегардонад.

Қонунгузорӣ ҳаддҳои дақиқи озодии ҷинсии ҷабрдидаро на то ва на баъд аз анҷоми алоқаи ҷинсӣ муайян накардааст. Ин маънои онро дорад, ки сатҳи озодии ӯ танҳо аз ҷониби худи ӯ муайян мегардад. Чунин холигӣ дар қонун метавонад ба ҷалби беасоси шахсони бегуноҳ ба ҷавобгарӣ, ки қурбонии айбдоркуниҳои бардурӯғ шудаанд, оварда расонад.

Аломати дигари субъекти ҷиноят: мукаллаф будан ҳамчун қобилияти шахс барои дарк намудани ҳаракат (ё беҳаракат)-и худ ва идора кардани онҳо дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят муайян карда мешавад. Мукаллаф будан на танҳо шарти воқеӣ, балки шарти мантиқии мавҷудияти ҷиноят ва ҷавобгарии ҷиноятӣ низ ба ҳисоб меравад.

Субъекти ҷиноят шахсест, ки нисбат ба ӯ татбиқи чораҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ имконпазир аст. Ӯ бояд дорои як қатор аломатҳо бошад, ки ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: аломатҳои асосӣ ва аломатҳои иловагӣ.

Ба аломатҳои асосӣ мансубанд:

- мукаллаф будан (қобилияти дарк ва идора намудани кирдорҳои худ);
- расидан ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ (ки вобаста ба навъи ҷиноят метавонад фарқ кунад).

Набудани ҳар яке аз ин аломатҳо, чун қоида, маънои набудани субъекти ҷиноятро дорад.

Ба аломатҳои иловагӣ дохил мешаванд:

- ваколатҳои мансабӣ (масалан, табибе, ки хатои касбӣ содир намудааст);
- фаъолияти касбӣ;
- муносибатҳои махсус бо ҷабрдида (масалан, хешовандони наздик).

Мавҷудияти чунин аломатҳо имкон медиҳад ба субъекти ҷиноят тавсифи дақиқтар дода шавад.

Маҷмӯи ҳамаи аломатҳо: ҳам асосӣ ва ҳам иловагӣ имкон медиҳад шахсияти содиркунандаи ҷиноят ба таври ҳамаҷониба тавсиф карда шавад. Аломатҳои субъекти махсус метавонанд дар меъёрҳои алоҳидаи қонунгузории ҷиноятӣ мустақиман муқаррар шаванд ё тавассути тафсири муқаррароти ҷудогонаи онҳо муайян гарданд. Дар сурати набудани ягон аломати субъекти махсус, мавҷудияти таркиби ҷинояте, ки чунин субъект унсури ҳатмии он мебошад, истисно мегардад. Бо вуҷуди ин, дар баъзе ҳолатҳо набудани ҳамаи аломатҳои субъекти махсус маънои онро надорад, ки унсурҳои таркибии дигар ҷиноятҳо, ки ба объекти умумӣ таалluқ доранд, вуҷуд надоранд ё ки мухтавои ин ҷиноят (ё ҷиноятҳои дигар) маҷмӯи аломатҳои дигарро талаб намекунад.

Аломатҳои баъзе субъектҳои махсус хусусияти муайянан маҳдудкунанда доранд, зеро онҳо пешбинӣ менамоянд, ки ҷиноятҳои муайян на аз ҷониби ҳар шахс, балки танҳо аз ҷониби шахсоне содир шуда метавонанд, ки дорои чунин аломатҳо мебошанд. Аз ин рӯ, шахсоне, ки ин аломатҳоро надоранд, наметавонанд тибқи меъёрҳои махсуси қонунгузории ҷиноятӣ, ки субъекти махсусро пешбинӣ мекунад, ба ҷавобгарӣ кашида шаванд. Ҳамин тариқ, аломати субъекти махсус, дар маҷмӯъ, аломати ҳатмии як қатор ҷиноятҳо ба ҳисоб меравад.

В.Н. Ткаченко пешниҳод менамояд, ки «занеро, ки якҷоя бо мард қисми тарафи объективии таҷовуз ба номусро иҷро намудааст, ҳамчун ёрдамчӣ баррасӣ кардан лозим аст» [3, с. 112]. В.В. Сергеев, баръакс, «ҷалби шахсоне ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун ҳамичрокунандагони таҷовуз ба номус, ки нисбат ба ҷабрдида зӯроварӣ татбиқ менамоянд, вале бинобар сабабҳои гуногун қодир ба анҷом додани алоқаи ҷинсӣ нестанд» ҳаҷун ҳамиҷрокунанда мешуморад [4, с. 16]. Зан метавонад шарики ҷиноят бошад, аз ҷумла ҳамчун ҳамичрокунандаи таҷовузи гурӯҳӣ, агар нақши ӯ ворид шудан ба алоқаи ҷинсиро дар бар нагирифта бошад [5, с. 184].

Таҷовуз ба номус, ҳатто дар ҳолатҳои ба назар тасодуфӣ, амалан ҳамеша бо раванди каму беш тӯлонии ташаккули шахсияти «таҷовузкори эҳтимолӣ» омода мегардад, ки бо қабули қарор оид ба интихоби шакли муайяни рафтор анҷом меёбад. Ин қарор вобаста ба омилҳои дохилӣ (равонӣ ё патопсихологӣ) ва шароити беруна (мусоид ё номусоид) қабул карда мешавад.

Ҷамъбасти манбаъҳои илмӣ ва маводи эмпирикӣ имкон медиҳад, ки навъҳои ҷиноятӣ-психологии таҷовузкорон пешниҳод карда шаванд.

Аз рӯи хусусияти таъсирии шароити беруна ва дохилӣ (муҳити иҷтимоӣ ва сифатҳои шахсӣ) метавон гурӯҳҳои зеринро ҷудо намуд:

А) шахсоне, ки дорои самтгирии сусти зиддиҷамъиятӣ мебошанд, одатан дар шароите ба ҷиноят даст мезананд, ки худи вазъият ангезандаи рафтори ҷиноятӣ мегардад; дар чунин ҳолатҳо рафтори зиддиҷамъиятӣ бештар дар доираи гурӯҳи ҷиноятӣ зоҳир шуда, иштирокчиён аксаран «барои ҳамроҳӣ» ба содир намудани ҷиноят ҷалб мешаванд;

б) шахсоне, ки дорои самтгирии нисбатан устувори зиддиҷамъиятӣ мебошанд – дар чунин ҳолатҳо вазъият ё нақши бетараф дорад, ё ба содир гардидани ҷиноят мусоидат менамояд.

в) шахсоне, ки дорои самтгирии равшани зиддиҷамъиятӣ мебошанд: дар механизми ташаккули рафтори ҷиноятӣ вазъият аҳамияти ҳалкунанда надорад ва метавонад хусусияти мусоид, бетараф ё ҳатто монеъшаванда дошта бошад.

Аз рӯи хусусиятҳои пайдоиш ва татбиқи қасд, шахсони таҷовуз ба номус содиркарда ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

а) шахсоне, ки ҷиноятро тасодуфӣ содир мекунанд;

б) шахсоне, ки ҷиноятҳои пешакӣ банақшагирифташуда анҷом медиҳанд.

Аз ҷониби муҳаққиқон, инчунин навъҳои зерини вазъиятҳои криминалӣ дар таъсирии ҷинояткор бо ҷабрдида муайян карда шудаанд [6, с. 19–26]:

1. Ҳамлаи як ҷинояткори барои ҷабрдида ношинос.

Ҳамла одатан дар ҷойҳои беодам сурат мегирад, аммо баъзан ҷинояткор бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ё таҳдид ҷабрдидаро ба чунин ҷой меорад. Ин гуна шахсон одатан дар барқарор намудани муносибатҳои ҷинсӣ мушкилӣ доранд, бисёр вақт бинобар нуқсонҳои ҷисмонӣ; дар таърихи бемории баъзан патологияи мағзи сар мушоҳида мешавад. Синни миёнаи ҷинояткор – 17 сол, ҷабрдида – 13 сол.

2. Истифодаи эътимоди беасоси ҷабрдида аз ҷониби ҷинояткори танҳо.

Ҷинояткор ҷабрдидаро ба маконе мебарад, ки барои таҷовуз мусоид аст; баъзан ин дар шароити мусоид рух медиҳад (бар, тарабхона, ҳолати мастии ҷабрдида). Ҷойи ҷиноят пешакӣ интихоб мешавад: чунин маконе, ки дахолати шахсони дигар эҳтимолан сурат намегирад. Муқобилият бо таҳдид ва зӯроварии ҷисмонӣ фурӯ нишонда мешавад, гарчанде одатан ба ҷабрдида ҷароҳатҳои вазнин расонида намешаванд. Синни миёнаи ҷинояткор – 20 сол, ҷабрдида –14-17 сол.

3. Таҷовуз ба ҳамсоли шиноси ҷинояткори танҳо.

Ҷинояткор ва ҷабрдида аксаран ба як муҳит ё гурӯҳи иҷтимоӣ тааллуқ доранд, вале ҷинояткор, одатан, чанд сол аз ҷабрдида калонтар аст. Ӯ аввал бо роҳи гапдароӣ, сипас бо таҳдид ва иръоб амал мекунад. Муқобилияти ҷабрдида одатан суст аст, бинобар ин оғози парвандаи ҷиноятӣ барои ҷинояткор бисёр вақт ғайричашмдошт мешавад. Ӯ далели муносибати шаҳвониро инкор намекунад, аммо бо он розӣ нест, ки нисбат ба ҷабрдида зӯроварӣ татбиқ шудааст. Синни миёнаи ҷинояткор 17-20 сол, ҷабрдида – 15 сол мебошад.

4. Ҳамлаи шахси болиғи шинос ё фосиқ гардонидани ноболиғ аз ҷониби шахси болиғи шинос.

Ҷиноят аз ҷониби шахси болиғе содир мешавад, ки барои ҷабрдида хуб шинос аст; аксаран дар ҷойи истиқомат (падар, падарандар, ҳамсоя ва ғайра). Ду шакли асосии вазъиятро метавон ҷудо кард:

- ҳамлаи ҷисмонӣ бо тарсондан,
- ё багапдарорӣ ва фиреб.

Дар ҳолати аввал ҷинояткор одатан машруботи спиртиро суиистифода мекунад, тарзи ҳаёти ғайриахлоқӣ дорад ва нуқсонҳои равонӣ мушоҳида мешаванд. Дар ҳолати дуюм, шахси болиғе, ки дар муносибатҳои шаҳвонӣ бо занони болиғ мушкил дорад, нофаҳмии ҷабрдидаи хурдсол нисбат ба моҳияти рӯйдодро истифода мебарад, ба ӯ муносибати «меҳрубонона» нишон медиҳад, тӯҳфаҳо медиҳад. Синни ҷинояткор метавонад гуногун бошад, синни миёнаи ҷабрдида: 9-13 сол.

5. Ҳамлаи гурӯҳи шахсони ношинос.

Ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи 3-4 нафар содир мешавад. Одатан он пешакӣ банақшагирифта шуда, ҷабрдида тасодуфӣ интихоб мегардад, аксаран аз миёни шиносон дар маҳалли истиқомат ё таҳсил. Синни миёнаи ҷинояткорон –16 сол, ҷабрдида: 14-17 сол.

6. Таҷовузи гурӯҳӣ дар шароити шиносоии кӯтоҳмуддат.

Ин навъи вазъият намунаи ҳолатҳои «мусоидаткунанда» мебошад. Ҷабрдида бо гурӯҳи ҷавонписарон дар кӯча ё бар шинос мешавад, ба нӯшидани машрубот розӣ мегардад, бо онҳо ба берун аз шаҳр ё ба манзил меравад ва шабро бо мардони камошно мегузаронад. Эҳтимоли дахолати шахсони сеюм хеле кам аст. Ҷинояткорон умед мебанданд, ки ҷабрдида муқобилият намекунад; агар муқобилият нишон дода шавад, он бо шаклҳои ниҳоят бераҳмона фурӯ нишонда мешавад. Синни миёнаи ҷинояткорон: 23-26 сол, ҷабрдида – 17 сол.

7. Таҷовузи гурӯҳӣ аз ҷониби шахсони барои ҷабрдида шинос.

Ҷабрдида аксаран ҳамчун шахсе шинохта мешавад, ки аз лиҳози ҷинсӣ «дастрас» аст, ё дӯстдоштаи яке аз иштирокчиёни гурӯҳ мебошад. Баъзан ташаббускори чунин ҷиноятҳо духтарон мешаванд, ки аз ангезаҳои интиқом роҳбарӣ мегиранд (доираи иддаоҳои онҳо метавонад хеле васеъ бошад). Ҷабрдидаро сахт мезананд, таҳқир мекунанд, ҳаракатҳои бадахлоқона анҷом дода мешаванд, ҳатто амалҳои садистӣ низ имконпазиранд. Синни миёнаи ҷинояткорон: 17 сол, ҷабрдида: 13-17 сол.

Ҳамин тавр бо пешниҳоди типологияи шахсоне, ки таҷовуз ба номус содир мекунанд, мо комилан дарк менамоем, ки вариантҳои механизми рафтори ҷиноятӣ вобаста ба категорияҳои гуногуни шахсият бо психологияи равшани инфиродӣ хусусиятҳои хоси худро доранд. Аммо ин хусусиятҳо танҳо мавҷудияти қонуниятҳои умумии содиршавии таҷовуз ба номусро таъкид намуда, ба таври мантиқӣ дар доираи нақшаи умумии механизми рафтори ҷиноятӣ ҷой мегиранд ва робитаи мутақобилаи байни сифатҳои субъективӣ ва хусусиятҳои шахсият, хусусиятҳои вазъияти криминалӣ ва усулҳои татбиқи ниятҳои ҷиноятиро тасдиқ мекунанд.

Бояд қайд кард, ки андешаи худмуайянкунии ҷиноят то ҳол дар криминологияи ватанӣ ба таври умумӣ нашудааст, ҳарчанд он бо натиҷаҳои таҳқиқоти равонии эмпирикӣ тасдиқ мегардад: дар байни шахсони қасдан ҷиноят содиркунанда, аз ҷумла таҷовузкорон, шумораи зиёди шахсоне мавҷуданд, ки дорои хусусиятҳои якхелаи равонӣ мебошанд (дағалӣ, хашмгинӣ, ҳассосияти баланд нисбат ба муошироти байниҳамдигарӣ, бегонагӣ, сатҳи пасти мутобиқшавии иҷтимоӣ). Ин хусусиятҳоро метавон ҳамчун сифатҳое арзёбӣ намуд, ки «заминаи криминогенӣ»-и шахсиятро ба вуҷуд меоранд.

**Муқарриз:** н.и.ҳ., дотсент Раҳмонзода М.Ҷ.

## АНАЛИЗ СУБЪЕКТИВНЫХ ПРИЗНАКОВ ИЗНАСИЛОВАНИЯ

**Ключевые слова:** субъективная сторона преступления, вина, прямой умысел, мотив, цель, изнасилование, половая свобода, специальный субъект преступления, типология преступников, механизм преступного поведения.

**Аннотация.** В статье рассматриваются теоретические и практические вопросы, связанные с субъективной стороной преступления на примере изнасилования. Субъективная сторона анализируется как внутренняя характеристика состава преступления, отражающая психическое отношение лица к совершенному деянию. Раскрывается содержание её основных элементов – вины, мотива и цели с позиций доктрины уголовного права, а также определяется их значение для правильной квалификации деяния. Подчёркивается, что изнасилование может быть совершено исключительно с прямым умыслом, при этом цель удовлетворения полового влечения насильственным способом выступает решающим элементом субъективной стороны.

В историческом аспекте анализируется эволюция правовых норм, направленных на защиту половой свободы и половой неприкосновенности личности, показывается переход от традиционного понимания «чести и нравственности» к современной концепции охраны половой свободы. Также рассматривается понятие «mens rea» в англо-американской правовой системе как выражение психического состояния виновного лица. В статье освещаются проблемы правоприменительной практики, в том числе вопросы определения пределов половой свободы несовершеннолетних, пробелы законодательства и особенности специального субъекта преступления.

В результате предлагается уголовно-психологическая типология лиц, совершающих изнасилование, обосновывается взаимосвязь между субъективными качествами личности, криминогенной ситуацией и механизмом реализации преступного умысла. Делается вывод о том, что глубокое исследование субъективной стороны преступления является важнейшей основой обеспечения судебной справедливости и правильной квалификации половых преступлений.

**Рустамзода Садам Рустам** – докторант PhD кафедры уголовного права и противодействия коррупции юридического факультета Таджикского национального университета. Email: sadamjonn@bk.ru; Тел.: (+992) 908-82-01-23.

## ANALYSIS OF THE SUBJECTIVE ELEMENTS OF RAPE

**Keywords:** subjective aspect of a crime, guilt, direct intent, motive, purpose, rape, sexual freedom, special subject of the crime, typology of offenders, mechanism of criminal behavior.

**Abstract.** The article examines theoretical and practical issues related to the subjective aspect of a crime using rape as an example. The subjective aspect is analyzed as the internal characteristic of a criminal offense, reflecting the mental attitude of the individual toward the committed act. The content of its main elements – guilt, motive, and purpose is explored from the perspective of criminal law doctrine, and their significance for the correct legal qualification of the act is determined. It is emphasized that rape can only be committed with direct intent, with the purpose of satisfying sexual desire through force being a decisive element of the subjective aspect.

From a historical perspective, the evolution of legal norms aimed at protecting sexual freedom and sexual inviolability is analyzed, showing the transition from the traditional understanding of «honor and morality» to the modern concept of safeguarding sexual freedom. The concept of mens rea in the Anglo-American legal system is also discussed as an expression of the mental state of the perpetrator. The article highlights issues in law enforcement practice, including the determination of the limits of sexual freedom for minors, gaps in legislation, and the specific characteristics of the special subject of the crime.

As a result, a criminal-psychological typology of individuals who commit rape is proposed, and the interrelation between the subjective qualities of the individual, the criminogenic situation, and the mechanism of implementing criminal intent is substantiated. The conclusion is drawn that a thorough study of the subjective aspect of a crime is a critical foundation for ensuring judicial justice and the correct legal qualification of sexual offenses.

**Rustamzoda Sadam Rustam** – PhD student at the department of criminal law and anti-corruption, faculty of law, Tajik national University. Email: sadamjonn@bk.ru; Tel.: (+992) 908-82-01-23.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Ғаффорова Н.А., Ҳусейнов С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми умумӣ) [Матн]: мафҳумҳо дар нақшаҳо. – Хуҷанд: «Ношир», 2011. – 249 с.

2. Каменева А.Н. Баҳсҳои муҳокимавӣ оид ба масъулият барои таҷовуз ба номус тибқи қонунгузории ҷиноятии Федератсияи Россия ва қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – М., 2009. – 208 с.

3. Дагел П.С., Котов Д.П. Тарафи субъективии ҷиноят ва муайян намудани он. – Воронеж: «Нашриёти Донишгоҳи Воронеж», 1974. – 243 с.

4. Поддубная Е.В. Таҷовуз ба номус ва амалҳои маҷбурии дорои хусусияти шаҳвонӣ: тавсифи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва квалификатсия: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – М., 2008. – 219 с.

5. Сергеев В.В. Ҳамиштирокӣ дар иҷрои ҷиноят тибқи ҳуқуқи ҷиноятии шӯравӣ: автореф. дис. …. ном. илм. ҳуқуқ. – М., 1972. – 17 с.

6. Комиссаров В.С. Ҳуқуқи ҷиноятии Россия дар саволҳо ва ҷавобҳо: воситаи таълимӣ. – М.: «Проспект», 2015. – 424 с.

7. Бродченко О.И., Логунова О.А. Истифодаи донишҳои психологӣ дар бораи шахсияти ҷинояткор ҳангоми ошкор намудани ҷиноятҳои силсилавии ҷинсӣ: дастур. – М.: «ВНИИ ВКД Русия», 2007. – 100 с.

**Список литературы:**

1. Гаффорова Н.А., Гусейнов С.Х. Уголовное право Республики Таджикистан (Общая часть) [Текст]: понятия в схемах. – Худжанд: «Ношир», 2011. – 249 с.

2. Каменева А.Н. Дискуссионные вопросы ответственности за изнасилование по уголовному законодательству Российской Федерации и уголовным законодательствам зарубежных государств: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2009. – 208 с.

3. Дагель П.С., Котов Д.П. Субъективная сторона преступления и ее установление. – Воронеж: «Изд-во Воронеж. ун-та», 1974. – 243 с.

4. Поддубная Е.В. Изнасилование и насильственные действия сексуального характера: уголовно-правовая характеристика и квалификация: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2008. – 219 с.

5. Сергеев В.В. Соисполнительство по советскому уголовному праву: автореф. дис. …. канд. юрид. наук. – М., 1972. – 17 с.

6. Комиссаров В.С. Уголовное право России в вопросах и ответах: учебное пособие. – М.: «Проспект», 2015. – 424 с.

7. Бродченко О.И., Логунова О.А. Использование психологических знаний о личности преступника при раскрытии серийных сексуальных преступлений: пособие. – М.: «ВНИИ МВД России», 2007. – 100 с.

**List of literature:**

1. Gafforova N.A., Huseynov S.Kh. Criminal Law of the Republic of Tajikistan (general part) [text]: concepts in diagrams. – Hujand: «Noshir», 2011. – 249 p.

2. Kameneva A.N. debatable issues of liability for rape under the criminal legislation of the Russian Federation and the criminal legislation of foreign states: dis. ... cand. of legal sciences. – M., 2009. – 208 p.

3. Dagel P.S., Kotov D.P. The subjective side of a crime and its establishment. – Voronezh: «Publishing House of Voronezh University», 1974. – 243 p.

4. Poddubnaya E.V. Rape and violent acts of sexual nature: criminal-law characteristics and qualification: dis. ... cand. of legal sciences. – M., 2008. – 219 p.

5. Sergeev V.V. Co-perpetration under Soviet criminal law: abstract of dis. ... cand. of legal sciences. – M., 1972. – 17 p.

6. Komissarov V.S. Criminal Law of Russia in questions and answers: workbook. – M.: «Prospekt», 2015. – 424 p.

7. Brodchenko O.I., Logunova O.A. The Use of psychological knowledge about the personality of the offender in the investigation of serial sexual crimes: manual. – M.: «VNII of the Ministry of Internal Affairs of Russia», 2007. – 100 p.



**ТДУ:** 344.13
**Қодирзода Бахтиёр,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети сиёсат ва идоракунии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
Тел.: (+992) 904-08-05-17
E-mail: kodirov_8787@bk.ru.

## ПРИНСИПҲОИ МАНТИҚИИ БА КАТЕГОРИЯҲО ТАҚСИМ КАРДАНИ ҶИНОЯТҲО

**Калидвожаҳо:** таснифи ҷиноятҳо, объективӣ, хавфи иҷтимоӣ, принсипҳои тасниф, қонуни ҷиноятӣ, ҷазо, оқибатҳои ҳуқуқӣ, мантиқ, адолат, қонунгузорӣ.

**Аннотатсия.** Мақола ба асосҳои мантиқии таснифи ҷиноятҳо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шудааст. Принсипҳои асосии тасниф, аз қабили объективӣ, рушд ва таърихӣ, инчунин таъсири онҳо ба низомсозии ҷиноятҳо вобаста ба хатари иҷтимоӣ ва вазнинӣ баррасӣ карда мешаванд. Ба аҳамияти тасниф дар амалияи татбиқи ҳуқуқ, инчунин ба мушкилоти мантиқӣ ва ҳуқуқӣ, ки ҳангоми ба категорияҳо тақсим кардани ҷиноятҳо ба миён меоянд, диққати махсус дода мешавад. Оқибатҳои таснифоти нодуруст барои муайян кардани ҷазоҳои ҳуқуқӣ ва адолати ҷавобгарии ҷиноятӣ омӯхта мешаванд.

Зарурати ба низом даровардани ҳодисаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҷиноятҳо бо зарурати мураттаб намудани ин зуҳурот, инчунин муайян кардани вазифаҳо, нақш ва мақоми ҳар як унсури он алоқаманд аст. Ин тасниф барои равшан кардани хусусият ва муносибатҳои байни унсурҳо кумаку ёрӣ мерасонад.

Аммо, ба низом даровардан ҳанӯз ягона ҷанбаи тасниф маҳсуб намеёбад. Хусусияти асосии ҳама гуна тасниф шакли объективӣ мебошад, ки дар асоси он объектҳо ба гурӯҳҳои муайян тақсим карда мешаванд. Омӯзиши хосиятҳо ва вазифаҳои падидаҳо, робитаи онҳо бо дигар объектҳо имкон медиҳад, ки байни низомсозӣ ва гурӯҳбандӣ фарқ гузорем.

Асоси ибтидоии таснифро консепсияи низом ташкил медиҳад. Дар илми муосир низом маҷмуи унсури падидаҳо, предметҳо, равандҳо ва хосиятҳоеро мефаҳманд, ки дорои яклухтӣ, устуворӣ ва тартиб мебошанд. Аммо, тасниф бо гурӯҳбандии объектҳо маҳдуд намешавад, он шомили намунаҳое мебошад, ки тақсимотро дарбар мегиранд [1, с. 60].

Эътироф кардани аломатҳои умумӣ дар падидаҳои гуногун ва аз рӯйи ин аломатҳо муттаҳид сохтани онҳо боиси эҷоди таснифот мегардад. Ин равиш муҳаққикро аз зарурати таҳлили алоҳидаи ҳар як падида озод мекунад, зеро шахсияти он аллакай тавассути тасниф муайян шудааст.

Кор бо таснифҳо бартараф намудани хусусиятҳои номатлуб ва таҳияи принсипҳои возеҳ барои ба категорияҳо тақсим кардани падидаҳоро талаб мекунад. Яке аз принсипҳои муҳимтарин принсипи объективӣ маҳсуб меёбад, ки асоси ҳамаи принсипҳои дигари таснифро ташкил медиҳад ва моҳияти ҳодисаҳои таснифшударо инъикос мекунад. Ба таври объективӣ омӯхтани ҳаматарафа ва аниқи ҳодиса, ки вай дар ҳақиқат мавҷуд аст, таъмин карда мешавад [2, с. 3].

Нисбат ба ҷиноятҳо принсипи объективӣ аз муайян кардани хислатҳои моддии онҳо, инъикоси мазмун ва моҳияти иҷтимоии онҳо, инчунин ба назар гирифтани зарари ба ҷамъият расонидашуда иборат аст.

Э.А. Онгарбоев қайд мекунад «Таснифи ҷиноятҳо раванди аз рӯйи аломатҳои асосӣ ба гурӯҳҳои муайян тақсим кардани ҷиноятҳо мебошад». Дар суханронии ҳаррӯза категория мафҳумҳое чун навъ, синф ё мартабаро дорад, аммо дар фалсафа ва ҳуқуқ категорияҳо мафҳумҳои абстрактӣ ва бунёдӣ мебошанд, ки робитаҳои қонунии воқеиятро инъикос мекунанд [3, с. 10]. Фаҳмидани тасниф тавассути категорияи ҷиноятҳо бо мавҷуд набудани истилоҳи «синф» дар фалсафа асоснок карда мешавад [4, с. 204].

Дар ин замина С.И. Ожегов ва Н.Ю. Шведова категорияро ҳамчун «синфи васеъ, одатан муайяннашуда, ки дар муқоиса бо синфҳои дигар фарқ мекунад» муайян мекунад. Л.Н. Кривоченко инкишофи қонуни ҷиноятиро таҳлил намуда, чунин мешуморад, ки таснифи ҷиноятҳо бояд ба ҷиҳатҳои зерин асос ёбад: [5, с. 27].

Алоқаҳои дохилии аломатҳои ҷиноят, ки тамомияти онҳоро ташкил медиҳанд ва намуди онҳоро муайян мекунанд:

- муносибати байни намудҳои гуногуни ҷиноятҳо;
- алоқа байни ҷиноятҳо ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо.

Ин равиш бештар ба банизомдаровардани ҷиноятҳо, на ба гурӯҳбандӣ кардани онҳо, бидуни ба назар гирифтан ва кам баҳо надодани шакли объективӣ, ки асоси тақсимоти онҳо ба синфҳост, нигаронида шудааст. Ин равиш дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ анъанавӣ аст, аммо заъфи он маълум аст, зеро он дар доираи боби муайяни қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаи устувори байни ҷиноятҳоро муқаррар намекунад.

Принсипҳои мазкурро шартан ба хелҳое тақсим кардан мумкин аст, ки дараҷаи хавфи ҷамъиятии ҷиноятҳоро зиёд ё паст мекунанд. Ҳамин тавр, ҷойгиркунии ҷиноятҳо дар боби Қисми махсус ё аз хавфноктарин ба хавфи камтарин ё баръакс - аз хавфи камтарин то хатарноктарин сурат мегирад.

Танҳо дар ин сурат метавонад асоси таснифи якхела, сохтор ва илман асосноки ҷиноятҳоро аз як қатор ҷиноятҳои пайдарпай муайян кард.

Азбаски таснифи ҷиноятҳо бо таърифи мафҳумҳо алоқаи зич дорад, метавон гуфт, ки бидуни муайян кардани категорияи мушаххаси ҷиноятҳо таснифи пурраи онҳо имконнопазир аст. Инчунин бидуни ба назар гирифтани ҷанбаи сифатӣ, ки на танҳо омӯзиши хосиятҳо, балки тартиби муайян кардани заминаи таснифро дар бар мегирад, тасниф кардан ғайриимкон аст. Ҳадафи ин тадқиқот на танҳо муайян кардани сифатҳои «берунӣ» (хусусиятҳои фаъолият), балки инчунин «дохилӣ» (унсурҳо ва сохтор) мебошад.

Ғайр аз ин, ба ғайр аз принсипи объективӣ, принсипи инкишоф аҳаммияти калони назариявӣ ва амалӣ дорад. Ҳар як падида ё равандро на ҳамчун як додашуда, балки ҳамчун падидаи динамикӣ, инкишофёбанда баррасӣ кардан лозим аст.

Классификатсия бояд дараҷаи омӯзиши ҳолати объект ё ҳодисаро дар як давраи муайян инъикос намояд. Аз ин рӯ, ҳарду изҳорот дар бораи тағйирёбии аз ҳад зиёди падидаи мушаххас ва устувории аз ҳад зиёди он хато аст.

Аммо, муҳаққиқон бояд нисбияти ҳама гуна таснифро дар хотир дошта бошанд. Бо рушди донишҳои нав ва аниқ кардани донишҳои мавҷуда ба тасниф ислоҳот ворид карда мешавад. Таснифи ҷиноятҳо истисно нест.

Қабули конунгузории нави ҷиноятӣ, аз ҷумла муайян кардани категорияи ҷиноятҳо аслан асоси танзими ҳуқуқии худи таснифи ҷиноятҳо гардид. Агар то қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1998 масъалаи зарурати муттаҳидсозии таснифи ҷиноятҳо, категорияҳо ва асосҳои таснифи онҳо баҳснокӣ боқӣ монда бошад, имрӯз ин масъала аз сатҳи назариявӣ ба самти амалӣ гузаштааст. Мақсадҳо, вазифаҳо, асосҳо ва шумораи категорияҳои ҷиноятҳо, инчунин оқибатҳои содир намудани ҷиноят вобаста ба категорияи он, тибқи қонун муайян карда мешавад.

Бо таваҷҷуҳ ба рушди илм ва тағйироти ҳаёти иҷтимоӣ таснифҳо, аз ҷумла таснифи ҷиноятҳо табиист, ки тағйир меёбад. Аз ҷумла, ин дар тағйир додани қисмати иҷтимоии таснифҳо, пеш аз ҳама бо роҳи аз нав дида баромадани асосҳо ба монанди хатари иҷтимоӣ ифода меёбад.

Ҳамин тариқ, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998, дар муқоиса бо Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1961, муносибат ба хатари ҷамъиятӣ тағйир ёфтааст. Бо рушди технологияҳои компютерӣ ва истифодаи васеи онҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт хатари ошкори иҷтимоӣ аз амалҳое ба миён омад, ки дастрасии беиҷозат ба иттилооти бо қонун ҳифзшаванда дар системаҳо ё шабакаҳои компютерӣ (моддаи 272-и Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия), инчунин таҳия ва паҳн кардани барномаҳои зараровар, ки қобилияти коркарди маълумотро вайрон кардан, хароб кардан ё вайрон кардани таҷҳизоти компютериро доранд, ба вуҷуд меорад (моддаи 273 Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия).

Принсипҳои объективӣ ва тараққиёт низ бо принсипи таърихшиносӣ алоқамандӣ доранд. Ба назар гирифтани контексти таърихӣ ва муайян кардани ҳолати кунунии тадқиқоти таснифҳо барои муайян кардани намунаҳое, ки қаблан мушоҳида нашуда буданд, кумак мерасонад.

Ин қолабҳо тавассути донишҳои назариявӣ, аз ҷумла назарияҳои илмӣ ифода мешаванд, ки низоми абстраксияҳоеро ифода мекунанд, ки объектро дар сатҳи муайяни пешрафти илмӣ инъикос мекунанд.

Агар назарияи илмиро аз контексти таърихӣ ва таҷрибаи амалӣ ҷудо кунем, мо метавонем ба таърифҳои абстрактие дучор шавем, ки мазмуни реалӣ надоранд ва дар амал татбиқ карда намешаванд. Бинобар ин, қонунгузорро лозим аст, ки на фақат расмиёти муқаррарии меъёрҳои ҳуқуқӣ, балки рушди онҳоро дар асоси таҷрибаи воқеӣ низ ба назар гирад.

Бояд қайд намуд, ки таснифи ҷиноятҳо на танҳо бо категорияҳои дар қонуни ҷиноятӣ муқарраршуда маҳдуд карда мешавад. Илова ба таснифоти вобаста ба хатари ҷамъиятӣ, равишҳои дигаре низ вуҷуд доранд. Масалан, дар қонуни ҷиноятӣ гурӯҳбандии ҷиноятҳои қасдан ва беэҳтиётона содир карда шуда низ мавҷуд мебошанд. Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам вобаста ба объекти

таҷовуз тақсим карда мешавад. Аммо хатари иҷтимоӣ меъёри асосии таснифи ҷиноятҳо боқӣ мемонад, зеро он хусусият ва ҳаҷми тағйироти муносибатҳои иҷтимоиро, ки дар натиҷаи ҳамлаи ҷиноятӣ ба вуқуъ меоянд, муайян мекунад.

Таснифи ҷиноятҳо аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад. Вай барои мутобиқ кардани умқи донишҳои назариявӣ бо эҳтиёҷоти воқеии амалӣ ёрӣ мерасонад. Риояи принсипҳои расмии мантиқӣ ба инобат гирифтани мафҳумҳои муқарраргардидаро талаб мекунад, ки онро муаллифони китоби дарсии «Таснифи ҷиноятҳо ва аҳаммияти онҳо барои фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ» таъкид намуда, нишон медиҳанд, ки «тасниф дар мантиқ тақсими ашёи якхела ба гурӯҳҳои ба ҳам алоқаманди муҳимтарини ин синфҳо мебошад, ки аз рӯйи аломатҳои дигар синфҳо ҷудо мешаванд».

Таснифи ҷиноятҳо ҳамчун ҳолати махсуси тасниф ба қоидаҳои мантиқии тақсим кардани доираи мафҳум, ки барои сохтани дурусти он аҳаммият дорад, вобаста аст. Н.И. Кондаков якчанд қоидаҳои асосиро муайян мекунад, ки ҳангоми тақсими доираи консепсия бояд риоя шаванд:

1. Дар як таснифот бояд танҳо як меъёр истифода шавад;

2. Ҳаҷми аъзои тасниф бояд бо ҳаҷми падидаи таснифшаванда мувофиқ бошад;

3. Аъзоёни тасниф бояд якдигарро истисно кунанд;

4. Тақсим ба синфҳо бояд пайваста бошад;

5. Асоси тақсимот бояд равшан ва возеҳ бошад [6, с. 76].

1. Меъёри ягонаи тасниф

Асоси таснифи ҷиноятҳо бояд бо аломати муҳим ва объективӣ, ки хусусияти иҷтимоии ҷиноятро инъикос мекунад, алоқаманд бошад. Хавфи иҷтимоӣ чунин хислат аст, зеро он дараҷаи таҳдидеро, ки ҷиноят ба муносибатҳои ҷамъиятӣ дорад, тавсиф мекунад. Ин таъриф ба он асос ёфтааст, ки ҷиноят ё ба муносибатҳои ҷамъиятӣ зарари ҷиддӣ мерасонад ё таҳдиди расонидани онро ба вуҷуд меорад. Ҷиноятӣ донистани кирдорҳо танҳо дар сурати мавҷуд будани таҳдиди воқеии расонидани зарар амалӣ карда мешавад, ки хатари ҷамъиятиро меъёри муҳим мегардонад.

Ҳуқуқшиносони муосир, аз ҷумла Н.Д. Дурманова таъкид мекунанд, ки на ҳама ҷиноятҳо хатари ҷамъиятӣ доранд [7, с. 135]. Масалан, амалҳои ночиз ба муносибатҳои ҷамъиятӣ таҳдид намекунанд, ки бевосита дар қисми 2-и моддаи 17 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

2. Шабоҳати ҳаҷми аъзои тасниф ба ҳаҷми падидаи таснифшуда. Ин қоида дар назар дорад, ки ҳамаи категорияи ҷиноятҳо бояд тамоми аломатҳои муҳимми ҷиноятҳоро дар бар гиранд ва ҳама амалҳои ҷиноят эътирофшударо фаро гиранд. Аммо, тавре зикр гардид, қонунгузор на ҳамеша ин қоидаро риоя мекунад, зеро доираи тасниф (дар асоси хавфи ҷамъиятӣ) на ҳамеша бо доираи категорияҳо аз рӯйи вазнинии ҷиноятҳо мувофиқат мекунад. Категорияҳои ҷиноятҳо бояд дараҷаи хавфи ҷамъиятии онҳоро дуруст инъикос намоянд [8, с. 94].

3. Истиснои мутақобилаи категорияҳо

Ҳар як категорияи ҷиноят бояд дорои хусусиятҳои хоссе бошад, ки онро аз дигар категорияҳо фарқ кунонад. Ин қоида пешбинӣ мекунад, ки ҳар як категорияи ҷиноят оқибатҳои ҳуқуқии худро дорад. Масалан, такрори ҷиноятҳо, ки дар моддаи 18-и Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия вобаста ба вазнинии ҷиноятҳо ва шумораи ҳукмҳои қаблӣ оқибатҳои гуногунро пешбинӣ мекунад. Муҳим аст, ки ҳар як категорияи ҷиноят дорои аломатҳои ба худ хосест, ки онро аз дигар категорияҳо фарқ мекунонад.

Илова бар ин, тибқи моддаи 30-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо барои тайёрӣ ба ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин ба миён меояд, ки ин ҳам ба принсипи истиснои мутақобилаи категорияҳо мувофиқ аст. Дар ҷазо вобаста ба вазнинии ҷиноят низ тафовут мавҷуд аст: барои ҷиноятҳои начандон вазнин ҷазо бо роҳи кашидани ҷазои сабуктар бо ҷазои вазнинтар таъйин карда мешавад ва барои ҷиноятҳои вазнинтар ҷазоҳо якҷоя карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, риояи принсипҳои мантиқии таснифи ҷиноятҳо ба ташаккули системаи равшану асоснок, ки тамоми аломатҳои муҳимтарини ҷиноятҳо ва оқибатҳои ҳуқуқии онҳоро ба назар мегирад, мусоидат мекунад.

Бо дарназардошти хусусиятҳои ҳар як категорияи ҷиноят ба бисёр ҷанбаҳои қонуни ҷиноятӣ, аз ҷумла масъалаҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, инчунин ҷуброн ва барҳам додани доғи судӣ таъсир мерасонад. Ба ба назар гирифтани таснифоти ҷиноятҳо дар шароити содир намудани кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок аз тарафи ноболиғон диққати махсус дода мешавад.

Тасниф, инчунин, муқаррароти моддаро дар бар мегирад. Моддаи 316-и Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия, ки мутобиқи он ҷавобгарии ҷиноятӣ барои пинҳон кардан танҳо нисбат ба ҷиноятҳои махсусан вазнин, ки пешакӣ ваъда дода нашудаанд, ба миён меояд. Ин тасдиқ мекунад, ки

оқибатҳои ҷиноятӣ ба категорияи ҷиноят ва хатари ҷамъиятии он вобаста аст.

4. Қоидаи муттасилӣ

Қоидаи муттасилӣ пешбинӣ мекунад, ки категорияи ҷиноятҳо бояд аз як ба дигараш бетанаффус, бидуни танаффус мегузарад. Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муқаррар карда шудааст: ҷиноятҳои начандон вазнин, ки ҷазои онҳо аз ду сол зиёд нест, тадриҷан ба ҷиноятҳои вазнинтар то ба ҷиноятҳои махсусан вазнин мегузаранд, ки барои онҳо ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати зиёда аз 10 сол пешбинӣ шудааст.

А.И. Марсев таъкид мекунад, ки андозаи ҷазоҳо бояд ба ҳар як намуди ҷиноят дар доираи категорияҳои онҳо мувофиқ бошад. Дар таҳрири ҳозираи Кодекси ҷиноятӣ, чун дар Кодекси ҷиноятии РСФСР соли 1961, принсипи муттасилӣ на ҳамеша риоя карда мешавад. Масалан, як ҷиноятро ҳам ҳамчун ҷинояти вазнин ва ҳам ҳамчун ҷинояти сабук ҷазо додан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, ҳолатҳоеро истисно кардан лозим аст, ки дар як муҷозоти модда ҷазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд нестанд ва ҷазоҳои аз меъёри ҷиноятҳои начандон калон зиёдро муттаҳид мекунанд.

Танзими қонунгузорӣ бояд пешниҳодҳоеро ба назар гирад, ки мақсад аз он муқаррар намудани манъи таъйини ҷазо аз меъёри камтарин бо кам кардани хавфи ҷамъиятии кирдор бо зиёда аз як тоифаи ҷиноят нигаронида шудааст.

Ин барои таъмини риояи принсипи муттасилӣ дар таснифи ҷиноятҳо зарур аст, то ҳолатҳое, ки суд метавонад барои ҷиноятҳои вазнин ҷазо таъйин кунад ва категорияҳои қатъии вазнинии кирдорро ба назар нагирад. Равиши мазкур хилофи қоидаҳои мантиқии сохтани тасниф ва принсипҳои робитаи байни ҷиноятҳо мебошад.

Мушкилоти фарқгузорӣ байни ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳо. Фарқият байни ҷиноятҳои начандон калон ва ҳуқуқвайронкуние, ки ба танзими қонуни ҷиноятӣ тобеъ нестанд, махсусан муҳим аст. Аломати хавфи ҷамъиятӣ барои муайян кардани ҷиноят, аз ҷумла ҷиноятҳои хурдтарин аломати асосӣ мебошад.

Бо вуҷуди ин, Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ хусусияти мушобеҳро барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешбинӣ намекунад, ки мавҷуд набудани зарари назаррасро ба муносибатҳои ҷамъиятӣ таъкид мекунад. Ин тафовут бояд ба таври мантиқӣ сурат бигирад ва возеҳиро дар иҷрои қонун таъмин кунад.

Қоидаи мантиқии возеҳи асоси тасниф. Қоидаи возеҳият ва фарқияти асосҳои гурӯҳбандии ҷиноятҳо ҳам барои назария ва ҳам барои амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти калон дорад. Зарурати дарки аниқи асосҳои таснифи ҷиноятҳо дар амал истифодаи чунин аломатҳоеро тақозо мекунад, ки тафсири норавшанро истисно мекунанд. Ин барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ махсусан муҳим аст, ки онҳо бояд ҷиноятҳоро ба мақсади минбаъд муайян кардани оқибатҳои ҳуқуқӣ ба гурӯҳҳои аниқ тақсим кунанд.

Чунон ки Л.Н. Кривоченко қайд мекунад, риояи ин қоида барои ҷавобгарии одилона муҳим аст. Дуруст муайян кардани таснифи категорияи ҷиноят доираи оқибатҳои ҳуқуқиро муайян намуда, бо ҳамин асоси ҷазои одилона мегардад. Агар таснифоти ҷиноятҳо норавшан ё мубҳам бошад, ин метавонад боиси нодуруст татбиқ намудани қонуни ҷиноятӣ ва вайрон шудани принсипи адолат гардад [5, с. 29].

Ҳамин тариқ, ба мақсади такмил додани ҳифзи ҳуқуқ ва риояи принсипҳои мантиқи ҳуқуқӣ танзими дақиқи қонунгузорӣ барои таъмини возеҳият ва мувофиқат дар таснифи ҷиноятҳо, канорагирӣ аз ҳолатҳои ғайриқонунӣ таъйин кардани ҷазо зарур аст [9, с. 80].

Дар хулоса қайд кардан мумкин аст, ки таснифи ҷиноятҳо дар қонуни ҷиноятӣ раванди муҳим ва зарурӣ буда, барои ба низом даровардан ва ташкили намудҳои гуногуни ҷиноятҳо вобаста ба хатари иҷтимоӣ, вазнинӣ ва дигар хусусиятҳояшон нигаронида шудааст.

Принсипҳои муҳимтарини гурӯҳбандӣ объективӣ, рушд ва таърихӣ мебошанд, ки барои дақиқтар муайян ва ба низом даровардани ҷиноятҳо бо назардошти тағйирёбии воқеияти иҷтимоӣ ва қонунгузорӣ имкон медиҳанд. Таснифи ҷиноятҳо бояд на танҳо асосҳои назариявӣ, балки аҳаммияти амалиро низ ба назар гирад, зеро он ба муайян кардани оқибатҳои ҳуқуқӣ барои ҷинояткорон ва адолати ҷавобгарии ҷиноятӣ бевосита таъсир мерасонад.

Объективии тасниф маънои онро дорад, ки ҷиноятҳо бояд аз рӯйи хатари воқеии онҳо ба ҷамъият гурӯҳбандӣ карда шаванд, ки он тавассути аломати моддӣ – хатари иҷтимоӣ ифода меёбад.

Ҳамзамон, муҳим аст, ки таснифот аз ҷиҳати мантиқӣ мувофиқ, давомдор ва возеҳ бошад, ки дар мавриди татбиқи қонун аз норавшаниҳои ҳуқуқӣ ва хатоиҳо канорагирӣ мекунад. Аммо дар баъзе мавридҳо, масалан, дар муҷозоти моддаҳои Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия зиддиятҳои мантиқӣ вуҷуд доранд, ки тавзеҳот ва такмили минбаъдаи қонунгузориро тақозо мекунанд.

Ҳамин тариқ, гурӯҳбандии ҷиноятҳо на танҳо як зарурати назариявӣ, балки амалӣ низ мебошад, ки барои дуруст истифода бурдани

қонунгузории ҷиноятӣ, таъмини ҷазои одилона ва самаранокии адолат мусоидат мекунад.

**Муқарриз:** д.и.ҳ., профессор Назаров А.Қ.

## ЛОГИЧЕСКИЕ ПРИНЦИПЫ РАЗДЕЛЕНИЯ ПРЕСТУПЛЕНИЙ НА КАТЕГОРИИ

**Ключевые слова:** классификация преступлений, объективность, общественная опасность, принципы классификации, уголовное право, санкции, правовые последствия, логика, правосудие, законодательство.

**Аннотация.** Статья посвящена логическим основаниям классификации преступлений в уголовном праве. Рассматриваются ключевые принципы классификации, такие как объективность, развитие и историзм, а также их влияние на систематизацию преступлений в зависимости от общественной опасности и степени тяжести. Особое внимание уделяется значению классификации в практике правоохранительных органов, а также логическим и правовым проблемам, возникающим в процессе деления преступлений на категории. Исследуются последствия неправильной классификации для определения правовых санкций и справедливости уголовной ответственности.

**Кодирзода Бахтиёр** – кандидат юридических наук, декан факультета политики и государственного управления Бохтарского государственного университет имени Носира Хусрава. E-mail: kodirov_8787@bk.ru; Тел.: (+992) 904-08-05-17.

## LOGICAL PRINCIPLES OF DIVIDING CRIMES INTO CATEGORIES

**Keywords:** crime classification, objectivity, social danger, principles of classification, criminal law, sanctions, legal consequences, logic, justice, legislation.

**Abstract.** The article focuses on the logical foundations of the classification of crimes in criminal law. It discusses key principles of classification, such as objectivity, development, and historicism, and their impact on the systematization of crimes based on their social danger and severity. Particular attention is given to the significance of classification in law enforcement practice, as well as the logical and legal issues arising in the process of dividing crimes into categories. The study examines the consequences of incorrect classification for determining legal sanctions and ensuring the fairness of criminal responsibility.

**Qodirzoda Bahtiyor** – candidate of legal sciences, dean of the faculty of politics and public administration of the Bokhtar State University named after Nosir Khusrav. E-mail: kodirov_8787@bk.ru; Tel.: (+992) 904-08-05-17.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Друянов Л.А. Мавқеи қонун дар низоми категорияҳои диалектикаи материалистӣ. – М.: «Высшая школа», 1981. – 144 с.
2. Шептулин А.П. Диалектика ҳамчун усули таҳқиқи падидаҳои иҷтимоӣ // Илмҳои философӣ. – 1977. – №3. – С. 2-9.
3. Онгарбаев Е.А. Асосҳои назариявии таснифи ҷиноятҳо тибқи ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон: дис. … док-ри илм. ҳуқуқ. – Караганда, 1998. – 336 с.
4. Ланда Н.М. Луғати энсиклопедии философӣ. – М.: «Статут», 1997. – 743 с.
5. Кривоченко Л.Н. Таснифбандии ҷиноятҳо. – Харков: «Нашриёт дар назди донишгоҳи Харков», 1983. – 129 с.
6. Кондаков Н.И. Луғати малумотӣ-мантиқӣ. – М.: «Наука», 1971. – 651 с.
7. Дурманов Н.Д. Мафҳуми ҷиноят. – М.: «Нашрияёти АИ ИҶШС», 1948. – 315 с.
8. Мартсев А.И. Мафҳуми дар қонунгузорӣ мустаҳкамшудаи ҷиноят // Масъалаҳои мубрами илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – 1995. – №11. – С. 90-98.
9. Махоткин В.П. Таснифоти ҷиноятҳо аз рӯи дараҷаи хавфи ҷамъиятии онҳо // Давлат ва ҳуқуқи Шӯравӣ. – 1988. – № 1. – С. 78-87.

**Список литературы:**

1. Друянов Л.А. Место закона в системе категорий материалистической диалектики. – М.: «Высшая школа», 1981. – 144 с.
2. Шептулин А.П. Диалектика как метод исследования социальных явлений // Философские науки. – 1977. – №3. – С. 2-9.
3. Онгарбаев Е.А. Теоретические основы классификации преступлений по уголовному праву Республики Казахстан: дис. … док-ра юрид. наук. – Караганда, 1998. – 336 с.
4. Ланда Н.М. Философский энциклопедический словарь. – М.: «Статут», 1997. – 743 с.
5. Кривоченко Л.Н. Классификация преступлений. – Харьков: «Изд-во при Харьк. ун-те», 1983. – 129 с.
6. Кондаков Н.И. Логический словарь-справочник. – М.: «Наука», 1971. – 651 с.
7. Дурманов Н.Д. Понятие преступления. – М.: «Изд-во АН СССР», 1948. – 315 с.
8. Марцев А.И. Законодательное закрепление понятия преступления // Актуальные проблемы правовой науки. –1995. – №11. – С. 90-98.
9. Махоткин В.П. Классификация преступлений по степени их общественной опасности // Советское государство и право. – 1988. – № 1. – С. 78-87.

**List of literature:**

1. Druyanov L.A. The Place of law in the system of categories of materialist dialectics. – M.: «Vysshaya Shkola», 1981. – 144 p.
2. Sheptulin A.P. Dialectics as a method for studying social phenomena // Philosophical Sciences. – 1977. – №3. – P. 2-9.
3. Ongarbayev E.A. Theoretical foundations of the classification of crimes under the criminal law of the Republic of Kazakhstan: dis. of doctor of legal sciences. – Karaganda, 1998. – 336 p.
4. Landa N.M. Philosophical Encyclopedic Dictionary. – M.: «Statut», 1997. – 743 p.
5. Krivochenko L.N. Classification of Crimes. – Kharkiv: «Publishing House at Kharkiv University», 1983. – 129 p.
6. Kondakov N.I. Logical dictionary-reference book. – M.: «Nauka», 1971. – 651 p.
7. Durmanov N.D. The Concept of crime. – M.: «Publishing House of the USSR Academy of Sciences», 1948. – 315 p.
8. Martsev A.I. Legislative Consolidation of the concept of crime // Actual Problems of Legal Science. – 1995. – №11. – P. 90-98.
9. Makhotkin V.P. Classification of crimes according to the degree of their social danger // Soviet State and Law. – 1988. – №1. – P. 78-87.

**5.5.10 – ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПО**
**5.5.10 – МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО**
**5.5.10 – INTERNATIONAL LAW; EUROPEAN LAW**



**ТДУ:** 331.91
**Назарзода Давлатхон Қурбонмурод,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори шуъбаи кадрҳо, котибот ва корҳои махсуси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 902-77-66-22
E-mail: davlatxon-1986@mail.ru.

## САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МЕҲНАТ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНӢ ВА ҶАҲОНИШАВӢ

**Калидвожаҳо:** сарчашмаҳои байналмилалии меҳнат, стандартҳои байналмилалии меҳнат, ҷаҳонишавӣ, рақамикунонӣ, ТБМ, шартномаҳои байналмилалӣ, қонунгузории миллӣ, имплементатсия, ҳамоҳангсозӣ.

**Аннотатсия.** Дар мақола сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии меҳнат дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии муносибатҳои меҳнатӣ аз дидгоҳи назариявӣ ва амалӣ таҳлил гардида, табиати ҳуқуқӣ ва ҷойгоҳи онҳо дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Ҳамчунин, асоснок мегардад, ки шартномаҳо ва дигар санадҳои байналмилалии соҳаи меҳнат на танҳо заминаи ҳамоҳангсозии сиёсати меҳнатии давлатҳо, балки сарчашмаҳои мустақили танзими ҳуқуқӣ буда, ба такмили қонунгузории миллӣ, ҳифзи кафолатҳои меҳнатӣ ва мутобиқсозии танзими ҳуқуқӣ ба шароити иқтисоди рақамӣ таъсири воқеӣ мерасонанд, дар ин замина масъалаҳои имплементатсия, ҳамоҳангсозӣ ва ташаккули низоми миллии ҳамгироии меъёрҳои байналмилалӣ бо ҳуқуқи миллӣ баррасӣ ва хулосаи илмӣ пешниҳод мегардад.

Сарчашмаҳои байналмилалии танзими ҳуқуқии меҳнат дар низоми ҳуқуқи байналмилалии меҳнат нақши калидӣ дошта, ба ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ, таҳкими устувории иҷтимоӣ ва ҳамоҳангсозии сиёсати меҳнатии давлатҳо равона гардидаанд. Аҳамияти онҳо дар шароити муосир аз зарурати татбиқи меъёрҳои байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии миллӣ бармеояд, ки боиси ташаккул ва рушди минбаъдаи меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат мегардад.

Дар шароити муосир густариши таъсири сарчашмаҳои байналмилалии танзими ҳуқуқии меҳнат ба маҷмӯи омилҳои объективӣ, аз ҷумла равандҳои ҷаҳонишавӣ, рақобати иқтисодӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва тақвияти ҳамкории байнидавлатӣ вобаста мебошад. Дар натиҷа, меъёрҳои байналмилалии меҳнат тадриҷан аз хусусияти тавсиявӣ гузашта, ҳамчун стандартҳои амалии ҳуқуқӣ мавқеи устувор пайдо мекунанд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили табиати ҳуқуқӣ ва ҷойгоҳи ин меъёрҳо аҳамияти хос дошта, татбиқи онҳо ба такмили қонунгузории меҳнат, самаранокииислоҳоти ҳуқуқӣ ва таҳкими кафолатҳои меҳнатии шаҳрвандон мусоидат менамояд.

Дар ин замина, шартномаҳои байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими байналмилалии меҳнат мавқеи марказӣ доранд, зеро маҳз тавассути онҳо уҳдадориҳои ҳуқуқии давлатҳо ташаккул ёфта, меъёрҳои байналмилалии меҳнат ба низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузории миллӣ ворид мегарданд. Аз ин рӯ, муайян намудани доираи амал ва ҳудуди таъсири онҳо нисбат ба қонунгузории миллӣ аҳамияти калидӣ касб мекунад. Гарчанде дар илми ҳуқуқшиносии миллӣ ва хориҷӣ таърифи ягонаи мафҳуми «санади ҳуқуқии байналмилалӣ» шакл нагирифтааст, аксари муҳаққиқон, аз ҷумла З.Х. Искандаров ва Ф.С. Сулаймонов, онро ҳамчун ҳуҷҷати танзимкунандаи муносибатҳои байнидавлатӣ арзёбӣ менамоянд, ки дорои меъёрҳои ҳатмии ҳуқуқи байналмилалӣ буда, танҳо баъд аз изҳори расмии ризоияти давлатӣ қувваи ҳуқуқӣ пайдо мекуна [2, с. 10; 12, с. 68].

Дар илми назариявии ҳуқуқи байналмилалӣ, тавре ки Ф.Ф. Мартенс ва В.Г. Витстум таъкид менамоянд, шартномаи байналмилалӣ на танҳо созишномаи хаттӣ, балки падидаи ҳуқуқии умумибашарӣ мебошад, ки муносибатҳои байни субъектҳои ҳуқуқи байналмилалиро ба танзим

дароварда, ба устувории тартиботи байналмилалӣ мусоидат мекунад [9, с. 299; 10, с. 75]. Аз ин дидгоҳ, шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи меҳнат ҳамчун манбаи дорои мақоми олии ҳуқуқӣ баромад намуда, на танҳо принсипҳои асосӣ ва меъёрҳои рафтори меҳнатиро муқаррар месозанд, балки кафолатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ ва механизмҳои назорату таъмини иҷрои онҳоро низ муайян мекунанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқи моддаи 2 Қонуни «Дар бораи шартномаҳои байналмилалӣ» [7], чунин шартномаҳо танҳо баъди изҳори расмии ризоияти давлатӣ қувваи ҳуқуқӣ пайдо мекунанд. Ин изҳори ирода метавонад дар шакли баимзорасонӣ, тасдиқ (ратификатсия), тасдиқи иловагӣ ё ҳамроҳшавӣ сурат гирад. Аз миёни ин шаклҳо, тасдиқ (ратификатсия) ҳамчун марҳилаи муҳимтарин шинохта мешавад, зеро он иродаи қонунгузори миллиро дар бораи эътирофи ҳатмии меъёрҳои байналмилалӣ ифода мекунад. Амалияи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки роҳи асосии ворид намудани санадҳои байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии кишвар ратификатсия мебошад. Маҳз тавассути ратификатсия давлат уҳдадориҳои байналмилалиро расман қабул мекунад ва ин раванд ба нақши калидии парлумон дар тасдиқи чунин уҳдадориҳо асос меёбад.

Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ танҳо баъди ворид шудан ба низоми ҳуқуқии миллӣ ва нашр гардидан дар матбуоти расмӣ қувваи ҳуқуқӣ пайдо мекунанд. Ин тартиб шаффофияти ҳуқуқиро таъмин намуда, дастрасии умумии шаҳрвандон ба меъёрҳои байналмилалӣ ва имкони татбиқи амалии онҳоро фароҳам меорад. Ҳамзамон, тибқи моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалӣ», ҳар санади байналмилалӣ дар муҳлат ва тартибе, ки худи шартнома муқаррар намудааст, мавриди амал қарор мегирад, бинобар ин вақт ва тартиби эътибор пайдо кардани чунин санадҳо вобаста ба хусусияти онҳо метавонад фарқ кунад.

Бо вуҷуди ин, дар адабиёти ҳуқуқшиносии миллӣ то имрӯз баҳсҳо вобаста ба ҷойгоҳи ин меъёрҳо дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат идома доранд. Бархе аз муҳаққиқон онҳоро танҳо ҳамчун омили таъсиргузори моддӣ ё заминаи ислоҳоти ҳуқуқӣ арзёбӣ мекунанд, дар ҳоле ки гурӯҳи дигар, бо такя ба меъёрҳои конститутсионӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофгардидаро ҳамчун сарчашмаи мустақим ва ҳатмии ҳуқуқи миллӣ эътироф менамоянд.

Дар ҳамин замина, дар таҳқиқоти олимони ватанӣ ҳамгироии меъёрҳои байналмилалӣ бо низоми ҳуқуқи миллӣ ҳамчун раванди дуҷониба баррасӣ мегардад. Аз ҷумла, И.И. Камолов таъкид менамояд, ки низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир таҳти таъсири ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии минтақавӣ ташаккул ёфта, ҳамзамон воридшавии стандартҳои байналмилалиро таъмин намуда, хусусиятҳои миллӣ ва анъанаҳои таърихии худро ҳифз мекунад. Ба андешаи ӯ, маҳз ҳамин ҳамоҳангии таъсири байналмилалӣ ва ҳифзи вижагиҳои миллӣ хусусияти асосии низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад [3, с. 9-11].

Мутобиқи қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд» [5]. Ин меъёри омиронаи конститутсионӣ ба низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат низ мустақиман дахл дорад. Ба ибораи дигар, агар қонунгузории меҳнат ҳуқуқ ё кафолати кормандро маҳдуд намояд, вале меъёрҳои санади байналмилалӣ сатҳи баландтари ҳимоя ва кафолатро пешбинӣ кунад, дар чунин ҳолат меъёрҳои санади байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда бо афзалият татбиқ мегарданд.

Бо вуҷуди ин, чунин афзалият хусусияти мутлақ надошта, танҳо нисбат ба қонунҳои оддӣ татбиқ мегардад, на нисбат ба меъёрҳои Конститутсия. Аз ин лиҳоз, меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ метавонанд ба низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат танҳо дар ҳолате ворид шаванд, ки бо меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ бошанд. Ин мавқеъ аз ҷониби як қатор муҳаққиқони ватанӣ, аз ҷумла Ф.С. Сулаймонов ва И.И. Камолов, дастгирӣ ёфта, онҳо ба зарурати ҷорӣ намудани механизми санҷиши пешакии мутобиқати шартномаҳои байналмилалӣ ба Конститутсия таъкид менамоянд [12, с. 70; 3, с. 173].

Чунин марҳила дар амалияи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол пешбинӣ нашудааст, ки ин холигии ҷиддии танзими ҳуқуқиро нишон медиҳад. Бо дарназардошти принсипи устувории ҳуқуқӣ ва зарурати ҳифзи манфиатҳои миллӣ, ҷорӣ намудани механизми ҳатмии санҷиши конститутсионӣ пеш аз тасдиқ (ратификатсия) метавонад ба рушди муназзами низоми ҳуқуқӣ ва

таҳкими мавқеи меъёрҳои байналмилалӣ дар доираи ҳуқуқи миллӣ мусоидат намояд.

Дар амал, татбиқи меъёрҳои байналмилалии меҳнат танҳо ба роҳи қонунгузорӣ маҳдуд нашуда, дар ин раванд фаъолияти мақомоти олии судӣ низ ҷойгоҳи муҳим дорад. Гарчанде судҳо ваколати мустақими эҷоди меъёрҳои ҳуқуқиро надошта бошанд ҳам, аммо, ташреҳоти раҳнамо ва дастурии мақомоти олии судӣ дар таъмини фаҳмиши якхелаи қонун, устувории амалияи судӣ ва татбиқи пайгиронаи меъёрҳои байналмилалии меҳнат нақши муассир мебозанд. Аз ин ҷиҳат, амалияи судӣ ҳамчун воситаи пайвасткунандаи ӯҳдадориҳои байналмилалӣ бо низоми ҳуқуқии миллӣ баромад менамояд.

Барои тасдиқи ин нукта, Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 ноябри соли 2013, №9 «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидаанд» [6, с. 126] аҳамияти санадҳои ҳуқуқи байналмилалиро дар ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва таъмини манфиатҳои қонунии ҷомеа ва давлат таъкид менамояд. Дар қарор мавқеи устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба иҷрои софдилонаи ӯҳдадориҳои байналмилалӣ ифода ёфта, зарурати истифодаи онҳо дар амалияи судӣ нишон дода мешавад. Ин равиш дар соҳаи ҳуқуқи меҳнат аҳамияти хос дошта, заминаи ҳуқуқиро барои ҳамоҳангсозии меъёрҳои байналмилалӣ бо қонунгузории миллӣ ва фаъолияти судӣ фароҳам меорад.

Дар маҷмӯъ, таҳлили масъалаи мазкур гувоҳӣ медиҳад, ки таъсири сарчашмаҳои байналмилалӣ ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба онҳо алоқаманд ҳам аз ҷиҳати моддӣ, тавассути тағйир ва ғанӣ гардондани мазмуну муҳтавои қонунгузории миллӣ ва ҳам аз ҷиҳати расмӣ, тавассути ворид шудан ва мустаҳкам гардидани онҳо дар низоми ҳуқуқӣ пайваста густариш меёбад. Бо дарназардошти ин ҳолат, такмили минбаъдаи низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба рушди модели ҳамгирои ҳуқуқӣ такя намояд, ки дар доираи он меъёрҳои байналмилалии меҳнат, қонунгузории миллӣ ва механизмҳои танзими шартномавӣ дар ҳамбастагӣ ва ҳамоҳангӣ амал намуда, ба таъмини ҳифзи самараноки ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои меҳнатӣ мусоидат кунанд.

Яке аз аввалин кӯшишҳо ҷиҳати гурӯҳбандӣ ва ба низом даровардани санадҳои байналмилалии соҳаи меҳнат аз ҷониби ТБМ анҷом дода шудааст. Ба андешаи Э.М. Аметистов ва И.Я. Киселев, дар доираи ин равиш санадҳои байналмилалӣ оид ба меҳнат вобаста ба доираи амали онҳо ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо мегарданд: санадҳои глобалӣ, ки дорои хусусияти умумибашарӣ буда, ба ҳамаи давлатҳо равона шудаанд, ва санадҳои минтақавӣ, ки бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии минтақаҳои алоҳида қабул мегарданд [1, с. 87; 4, с. 171].

Санадҳои глобалӣ, аз ҷумла конвенсия ва тавсияҳои ТБМ, санадҳои СММ фарогири меъёрҳои меҳнат ва дигар санадҳои байналмилалии умумиэътирофшудаи ин соҳа, ҳадаф доранд муқаррароти умумӣ ва стандартҳои умумибашариро дар соҳаи меҳнат таъмин намоянд. Доираи таъсири онҳо берун аз ҳудуди минтақаҳои алоҳидаи сиёсӣ буда, ба тамоми кишварҳои ҷаҳон татбиқшаванда ба шумор мераванд.

Дар баробари ин, санадҳои минтақавӣ, ки аз ҷониби созмонҳои минтақавӣ, аз қабили Иттиҳоди Аврупо, Шӯрои Аврупо, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва дигар созмонҳои минтақавӣ қабул мегарданд, бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии минтақаи муайян таҳия ва татбиқ мешаванд. Ин навъи таснифот бештар хусусияти институтсионалӣ дошта, ба муайян намудани ҷойгоҳ ва нақши меъёрҳо оид ба меҳнатӣ дар сохтори умумии ҳуқуқи байналмилалӣ равона гардидааст.

Дар илми ҳуқуқи меҳнат, таснифоти муфассал ва аз лиҳози методологӣ асосёфта аз ҷониби И.В. Шестерякова пешниҳод шудааст. Вай шартномаҳои байналмилалиро мувофиқи шаш меъёри калидӣ ба гурӯҳҳо ҷудо менамояд: аз рӯйи шумораи ҷонибҳо (дуҷониба ва бисёрҷониба), аз рӯйи ҳудуди амал (умумибашарӣ ва минтақавӣ), аз рӯйи муҳлати эътибор (бо муҳлати муайян ва бемуҳлат), аз рӯйи мазмун (ташкилӣ, принсипӣ ва ҳамгунсозӣ), аз рӯйи дараҷаи умумият (умумӣ ва махсус), инчунин аз рӯйи тарзи ба амал даромадан (бо тасдиқ ва бе тасдиқ) [13, с. 81-86]. Афзалияти ин таснифот дар он аст, ки ба воситаи он тамоми паҳлӯҳои ҳуқуқии шартномаҳои байналмилалӣ, аз хусусияти расмӣ то табиати моддии меъёрҳо метавонанд ба таври муназзам арзёбӣ шаванд.

С.А. Раҷабов бо такя ба таҷрибаи ҳуқуқии кишварҳои пасошӯравӣ дар бораи гурӯҳбандӣ ва ба низом даровардани санадҳои байналмилалии соҳаи меҳнат таснифотеро пешниҳод менамояд, ки аз лиҳози мазмун ба таснифи пешниҳоднамудаи И.В. Шестеряков наздик мебошад. Ӯ низ дар гурӯҳбандии санадҳои байналмилалӣ ба чунин меъёрҳо, чун теъдоди ҷонибҳои иштирокчӣ, дараҷаи фарогирии танзим, муҳлати эътибор ва хусусияти меъёрии санадҳои байналмилалӣ, аҳамияти хосса медиҳад [11, с. 209-210]. Ин навъи

гурӯҳбандӣ аз ҷиҳати методологӣ аҳамияти назаррас дошта, имконият фароҳам меорад, ки мавқеъ ва ҷойгоҳи ҳар як санади байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ бо дақиқ ва асоснокӣ муайян карда шавад.

Дар баробари ин, Н.Л. Лютов ба таснифоте такя менамояд, ки бештар аз хусусиятҳои институтсионалӣ ва минтақаӣ маншаъ мегирад. Ба андешаи ӯ, санадҳои байналмилалӣ дар соҳаи меҳнат бояд аз рӯйи шумораи давлатҳои иштирокчӣ (якҷониба, дуҷониба ва бисёрҷониба), аз рӯйи ҳудуди амал (умумибашарӣ ё минтақавӣ) ва аз рӯйи шакли ҳуқуқӣ (конвенсияҳо, эъломияҳо, тавсияҳо, паймонҳо ва дигар санадҳо) гурӯҳбандӣ карда шаванд [8, с. 53-54]. Ин мавқеъ бар он асос меёбад, ки нақши асосии сарчашмаи ҳуқуқ на дар номгузории расмии санад ё услуби бастани он, балки дар табиати меъёрӣ ва мақоми субъекти ҳуқуқэҷодкунанда ифода меёбад.

Таҳлили муқоисавии ин таснифот нишон медиҳад, ки ҳар яке аз онҳо дорои афзалиятҳо ва маҳдудиятҳои хоси худ мебошад. Таснифи пешниҳоднамудаи ТБМ бештар хусусияти институтсионалӣ дошта, ҷойгоҳ ва мақоми санадҳои байналмилалии соҳаи меҳнатро дар сатҳҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ муайян менамояд, вале ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии онҳоро ба таври комил фаро намегирад. Дар муқобил, таснифоти муфассали пешниҳодкардаи И.В. Шестерякова ва С.А. Раҷабов имкон медиҳанд, ки меъёрҳои байналмилалии меҳнат ҳам аз дидгоҳи расмӣ ва ҳам аз ҷиҳати моддӣ таҳлил карда шаванд. Ҳамзамон, таснифи Н.Л. Лютов барои таҳқиқи амалии таъсири санадҳои байналмилалӣ ба низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат аҳамияти махсус дошта, ба шакли ҳуқуқӣ, дараҷаи фарогирӣ ва хусусияти меъёрии онҳо такя менамояд.

Бо такя ба таҳлили муфассал метавон ба хулоса омад, ки меъёри нисбатан мувофиқ ва универсалӣ барои таснифоти санадҳои байналмилалии соҳаи меҳнат меъёри доираи амали онҳо, яъне ҳудуди паҳншавӣ ва татбиқ мебошад. Ин меъёр имконият фароҳам меорад, ки намудҳои гуногуни санадҳо, аз санадҳои умумибашарӣ то минтақавӣ, инчунин аз санадҳои бисёрҷониба то дуҷониба дар доираи як низоми муназзам ва ҳамгиро гурӯҳбандӣ карда шаванд. Чунин равиш ҳам барои таҳқиқоти назариявӣ ва ҳам барои корбурди амалии меъёрҳои байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқи меҳнати миллӣ аҳамияти калидӣ дошта, имкон медиҳад табиати ҳуқуқии санадҳо бо дарназардошти доираи амали онҳо, дар баробари шакл ва мазмун, ҳамаҷониба ва дақиқ муайян карда шавад.

Дар доираи таҳқиқи мазкур чунин хулосаҳо ва тавсияҳои дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта пешниҳод мегарданд, ки натиҷаҳои асосии таҳлилро инъикос менамоянд:

1.Таҳлил нишон медиҳад, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии муносибатҳои меҳнатӣ низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии меҳнат ба марҳилаи нави таҳаввул ворид гардидааст. Сарчашмаҳои классикии танзими меҳнат дигар пурра шаклҳои нави шуғли рақамӣ ва идоракунии алгоритмиро фаро гирифта наметавонанд, ки ин зарурати таҷдиди мазмун, сохтор ва механизмҳои имплементатсияи стандартҳои байналмилалии меҳнатро ба миён меорад. Аз ин рӯ, ташаккули меъёрҳои мутобиқ ба иқтисоди рақамӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии меҳнат ба ҳисоб меравад.

2.Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви фаъоли ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд мутобиқсозии соҳаи меҳнатро ба таҳаввулоти технологӣ дар заминаи равиши ҳамгиро амалӣ намояд. Қабули қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ таҳти унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» аз 25 июли соли 2025, ҳамчун яке аз сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии меҳнат, заминаи меъёриро барои ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи зеҳни сунъӣ, аз ҷумла дар бахши меҳнат, фароҳам овард. Дар ҳамин асос, қабули «Барномаи давлатии мутобиқсозии соҳаи меҳнат ба технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ» метавонад ҳамгироии қонунгузории меҳнат, сиёсати иҷтимоӣ ва стандартҳои байналмилалии меҳнатро таъмин намуда, барои такмили Кодекси меҳнат ва омодасозии бозори меҳнат ба таҳаввулоти технологӣ заминаи устувор гузорад.

3.Дар идомаи татбиқи сиёсати ҳамоҳангшуда дар соҳаи меҳнат, такмили Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи асосии ҳуқуқи меҳнат бояд дар сатҳи меъёрӣ мушаххас гардад. Дар ин замина, мақсаднок ба назар мерасад, ки унвони боби 23 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «Хусусияти танзими меҳнати кормандони бо кори фосилавӣ (дистансионӣ) машғулбуда» ба «Хусусияти танзими муносибатҳои меҳнатӣ бо истифодаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ» иваз карда шавад. Дар доираи ҳамин боб танзими меҳнати кормандони бо кори фосилавӣ машғулбуда ҳамчун шакли махсуси меҳнати рақамӣ пешбинӣ гардида, ҳамзамон меъёрҳои марбут ба истифодаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ дар идоракунии меҳнат ба таври алоҳида ва муфассал танзим карда шаванд.

4.Истифодаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ дар идоракунии меҳнат аз лиҳози табиати ҳуқуқӣ ба усули ташкили муносибатҳои меҳнатӣ ва механизмҳои идоракунии онҳо тааллуқ дошта, ба таҳаввули мазмуну сохтори сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат таъсир мерасонад. Аз ин лиҳоз, чунин танзим дар оянда бояд дар доираи Фасли II Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун боби алоҳида ва низоми меъёрии мустақил ҷойгоҳи худро пайдо намояд. Бо вуҷуди ин, бо мақсади таъмини пайдарҳамииислоҳоти қонунгузорӣ ва ҳифзи устувории сохтори амалкунандаи Кодекси меҳнат, дар марҳилаи ибтидоӣ ҷойгир намудани меъёрҳои марбут ба истифодаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ дар доираи Боби 23 ҳамчун ҳалли гузаришӣ асоснок мебошад, зеро он заминаи меъёриро барои ташаккули минбаъдаи низоми мукаммали сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат фароҳам меорад.

5.Таҳлили низоми байналмилалии сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат нишон медиҳад, ки онҳо дорои табиати мураккаб, бисёрсатҳа ва умумиҳадафманд буда, на танҳо ҳамчун заминаи сиёсӣ ё тавсиявӣ, балки ҳамчун сарчашмаҳои мустақили ҳуқуқ бо қобилияти таъсири мустақим ба қонунгузории миллӣ ворид мегарданд. Аз ин лиҳоз, шартномаҳои байналмилалӣ, конвенсияҳо ва дигар санадҳои умумиэътирофшудаи байналмилалӣ бояд дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо ҳамчун воситаи ислоҳоти қонунгузорӣ, балки ҳамчун унсури амалкунандаи танзими ҳуқуқӣ бо дарназардошти афзалияти меъёрҳои онҳо нисбат ба қонунҳои оддӣ эътироф ва татбиқ карда шаванд.

6.Бо дарназардошти таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муқаррароти конститутсионӣ, зарурати ташаккули модели миллии ҳамоҳангсозии меъёрҳои байналмилалии меҳнат бо қонунгузории миллӣ ба миён меояд, ки бояд ба принсипҳои мутобиқати конститутсионӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, шаффофияти воридшавии санадҳои байналмилалӣ ва самаранокии имплементатсияи онҳо такя намояд. Чунин модел, бо ҷалби мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, имкон медиҳад татбиқи пайгирона ва муназзами стандартҳои байналмилалии меҳнат таъмин гардида, низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи муосири рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва технологӣ мутобиқ карда шавад.

**Муқарриз:** д.и.ҳ., Маҳмадуллозода Н.Р.

## ИСТОЧНИКИ МЕЖДУНАРОДНОГО ТРУДОВОГО ПРАВА В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ И ЦИФРОВИЗАЦИИ

**Ключевые слова***:* международные источники трудового права, международные трудовые стандарты, глобализация, цифровизация, МОТ, международные договоры, национальное законодательство, имплементация, гармонизация.

**Аннотация.** В статье анализируются источники международного трудового права в условиях глобализации и цифровизации трудовых отношений с теоретической и практической точек зрения, определяется их правовая природа и место в системе источников трудового права Республики Таджикистан. Также обосновывается, что международные договоры и другие международные акты в сфере труда выступают не только основой согласования государственной трудовой политики, но и самостоятельными источниками правового регулирования, оказывающими реальное влияние на совершенствование национального законодательства, защиту трудовых гарантий и адаптацию правового регулирования к условиям цифровой экономики; в этой связи рассматриваются вопросы имплементации, гармонизации и формирования национальной системы интеграции международных норм с национальным правом, формулируются научные выводы.

**Назарзода Давлатхон Курбонмурод** – кандидат юридических наук, доцент, начальник отдела кадров, секретариата и специальных работ Комитета по начальному и среднему профессиональному образованию при Правительстве Республики Таджикистан. E-mail: davlatxon-1986@mail.ru; Тел.: (+992) 902-77-66-22.

## SOURCES OF INTERNATIONAL LABOUR LAW IN THE CONTEXT OF GLOBALIZATION AND DIGITALIZATION

**Keywords**: international sources of labour law, international labour standards, globalization, digitalization, ILO, international treaties, national legislation, implementation, harmonization.

**Abstract.** The article analyses the sources of international labour law in the context of globalization and digitalization of labour relations from both theoretical and practical perspectives, determining their legal nature and their place within the system of sources of labour law of the Republic of Tajikistan. It is further substantiated that international treaties and other international labour instruments serve not only as a basis for harmonizing state labour policies but also as independent sources of legal regulation that exert a tangible impact on the improvement of national legislation, the protection of labour guarantees, and the adaptation of legal regulation to the conditions of the digital economy; in this regard, issues of implementation, harmonization, and the formation of a national system for integrating international norms with national law are examined, and scholarly conclusions are presented.

**Nazarzoda Davlathon Qurbonmurod** – candidate of legal sciences, associate professor, head of the department of human resources, secretariat, and special affairs of the Committee for primary and secondary vocational education under the Government of the Republic of Tajikistan. E-mail: davlatxon-1986@mail.ru; Tel.: (+992) 902-77-66-22.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Аметистов Э.М. Ҳуқуқи байналмилалӣ ва меҳнат. – М.: «Муносибатҳои байналмилалӣ», 1982. – 208 с.
2. Искандаров З.Х. Татбиқи санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Ирфон», 2009. – 263 с.
3. Камолов И.И. Сарчашмаҳои ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2009. – 194 с.
4. Киселёв И.Я. Ҳуқуқи меҳнатии муқоисавӣ. – М.: «Проспект», 2005. – 272 с.
5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – 64 с.
6. Қарорҳои Пленумҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Эр-граф», 2022. – 174 с.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 июли соли 2016, №1326 // [Захираи электронӣ]. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. Манбаи дастрасӣ: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.12.2025).
8. Лютов Н.Л., Морозов П.Е. Ҳуқуқи байналмилалии меҳнат: дастури таълимӣ. – М.: «Проспект», 2011. – 216 с.
9. Мартенс Ф.Ф. Ҳуқуқи байналмилалии муосири халқҳои мутамаддин: дар 2 ҷилд. Ҷилди 1. – М.: «Статут», 1996.– 383 с.
10. Вольфганг Г.В. Ҳуқуқи байналмилалӣ: китоби дарсӣ. Тарҷума аз олмонӣ аз ҷониби М. Боте, Р. Долтсер ва дигарон. – М.: «Инфотропик Медиа», 2011. – 961 с.
11. Раҷабов С.А. Амалишавии меъёрҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии марбут ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ // Рушди илми ҳуқуқ дар шароити муосир: назария ва амалия. Маводи Конфронси VI байналмилалии илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2018. – С. 212-219.
12. Сулаймонов Ф.С. Мавқеи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон: масоили ҳуқуқи граждании ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. – Душанбе: «Дониш», 2014. – 325 с.
13. Шестерякова И.В. Меъёрҳои байналмилалии меҳнат ва ҳуқуқи меҳнати Русия: таносуби онҳо ва коллизияҳо: дис. ... доктори илм. ҳуқуқ. – М., 2011. – 384 с.

**Список литературы:**

1. Аметистов Э.М. Международное право и труд. – М.: «Международные отношения», 1982. – 208 с.
2. Искандаров З.Х. Применение международно-правовых актов в уголовном процессе Республики Таджикистан. – Душанбе: «Ирфон», 2009. – 263 с.
3. Камолов И.И. Источники права Республики Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2009. – 194 с.
4. Киселев И.Я. Сравнительное трудовое право. – М.: «Проспект», 2005. – 272 с.

5. Конституция Республики Таджикистан, принятая на всенародном референдуме 6 ноября 1994 года. С изменениями и дополнениями, внесёнными путем всенародного референдума 26 сентября 1999 года, 22 июня 2003 года и 22 мая 2016 года. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – 64 с.

6. Постановления Пленумов Верховного Суда Республики Таджикистан относительно Градостроительного кодекса Республики Таджикистан. – Душанбе: «Эр-граф», 2022. – 174 с.

7. Закон Республики Таджикистан «О международных договорах Республики Таджикистан» от 23 июлч 2016 года, №1326 // [Электронный ресурс]. Централизованный информационно-правовой банк данных Республики Таджикистан «Адлия». Версия 7.0. Режим доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 01.12.2025).

8. Лютов Н.Л., Морозов П.Е. Международное трудовое право: учебное пособие. – М.: «Проспект», 2011. – 216 с.

9. Мартенс Ф.Ф. Современное международное право цивилизованных народов: в 2-х т. Т.1. – М.: «Статут», 1996.– 383 с.

10. Вольфганга Г.В. Международное право: учебник. Пер. с нем. М.Боте, Р.Дольцера и др. – Москва: «Инфотропик Медиа», 2011. – 961 с.

11. Раджабов С.А. Реализация международно-правовых норм о труде в Республике Таджикистан в условиях глобализации // Развитие юридической науки в современных условиях: теория и практика. Материалы VI международной научно-практической конференции (Душанбе, 31 октября 2018 г.). – Душанбе, 2018. – С. 212-219.

12. Сулаймонов Ф.С. Место международно-правовых актов в системе права Республики Таджикистан: вопросы гражданского права и международного частного права. – Душанбе: «Дониш», 2014. – 325 с.

13. Шестерякова И.В. Международные трудовые нормы и трудовое право России: их соотношение и коллизии: дис. ... д-ра юрид. наук. – Москва, 2011. – 384 с.

**List of literature:**

1. Ametistov E.M. International law and labor. – M.: «Mezhdunarodnye Otnosheniya», 1982. – 208 p.

2. Iskandarov Z.Kh. Application of international legal acts in the criminal procedure of the Republic of Tajikistan. – Dushanbe: «Irfon», 2009. – 263 p.

3. Kamolov I.I. Sources of Law of the Republic of Tajikistan: dis. ... cand. of legal sciences. – Dushanbe, 2009. – 194 p.

4. Kiselev I.Ya. Comparative labor law. – M.: «Prospekt», 2005. – 272 p.

5. Constitution of the Republic of Tajikistan, adopted by the national referendum on November 6, 1994. With amendments and additions introduced by national referendums on September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016. – Dushanbe: «Irfan», 2016. – 64 p.

6. Resolutions of the Plenums of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan on Urban planning code of the Republic of Tajikistan. – Dushanbe: «Er-graf», 2022. – 174 p.

7. Law of the Republic of Tajikistan «On international treaties of the Republic of Tajikistan» 23 July 2016, №1326 // [Electronic resource]. Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan «Adliya». Version 7.0. Access mode: URL: http://www.adlia.tj (date of access: 01.12.2025).

8. Lyutov N.L., Morozov P.E. International labor law: textbook. – M.: «Prospekt», 2011. – 216 p.

9. Martens F.F. Contemporary international law of civilized nations: in 2 vols. Vol. 1. – M.: «Statut», 1996. – 383 p.

10. Wolfgang G.V. International Law: textbook. Translated from German by M. Bothe, R. Dolzer et al. – M.: «Infotropik Media», 2011. – 961 p.

11. Radzhabov S.A. Implementation of international legal labour norms in the Republic of Tajikistan under conditions of globalization // Development of legal science in modern conditions: theory and practice. Materials of the VI International scientific and practical conference (Dushanbe, October 31, 2018). – Dushanbe, 2018. – P. 212-219.

12. Sulaimonov F.S. The Place of international legal acts in the legal system of the republic of Tajikistan: issues of civil law and private international law. – Dushanbe: «Donish», 2014. – 325 p.

13. Shesteryakova I.V. International labor standards and labor law of Russia: Their Correlation and Conflicts: dis. ... doctor of legal sciences. – M., 2011. – 384 p.



**УДК:** 341.24:340.134 (100)
**Мамадамонов Умед Мулкамонович,**
кандидат юридических наук, доцент кафедры международного права и сравнительного правоведения юридического факультета
Российско-Таджикского (Славянского) университета
Тел.: (+992) 919-09-49-49
E-mail: mamadamonov.umed@gmail.com.

# К ВОПРОСУ О ВЛИЯНИИ МЕЖДУНАРОДНЫХ ДОГОВОРОВ НА НАЦИОНАЛЬНОЕ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВО

**Ключевые слова:** международный договор, влияние, национальное законодательство, имплементация, механизм имплементации, субъекты международного права, правовая система, принцип.

**Аннотация.** В статье рассматривается вопрос о влиянии международных договоров на национальное законодательство. Международные договоры являются одним из основных источников международного права, а также оказывают существенное влияние на формирование и развитие национально-правовых систем. Реализации международно-правовых норм на современном этапе также способствуют международные договоры, в которых закреплены, в том числе, общепризнанные принципы и нормы международного права. В статье анализируется один из ключевых принципов международного права – принцип обязательного выполнения международных договоров, который обязывает субъектов международного права своевременно и добросовестно исполнять принятые на себя международно-правовые обязательства. С развитием современного общества и технологий международные договоры адаптируются к новым реалиям и вызовам. Немаловажную роль в вопросе влияния международных договоров на национальное законодательство играют международные организации. Так, в рамках влияния права Всемирной торговой организации (ВТО) на развитие национального законодательства государств-членов следует отметить, что правовой комплекс ВТО включает значительное количество международных договоров и соглашений, оказывающих прямое воздействие на внутренние правовые системы государств. Принятие государствами международных обязательств в рамках международных договоров свидетельствует об их авторитете и надежности среди других субъектов международного права, а также способствует всестороннему развитию государства. На современном этапе развития общества и государства невозможно представить ни одну сферу международного взаимодействия и сотрудничества, на которую не оказывали бы положительного влияния международные договоры. В развитии национально-правовых систем ключевую роль играют международные договоры, а их своевременная имплементация способствует дальнейшему развитию как национального, так и международного права.

Международные договоры являются основой для определения взаимных прав и обязанностей между субъектами международного права. С формированием государств и их развитием роль международных договоров в обеспечении сотрудничества и поступательного развития государств становилась всё более значимой. Международные договоры выступают гарантией надлежащего исполнения субъектами международного права принятых на себя обязательств. С развитием международных отношений, производства и технологий круг вопросов, регулируемых международными договорами, существенно расширился. Принцип обязательного исполнения международных договоров имеет богатую историю и стал одним из ключевых принципов международного права, лежащих в основе определения взаимных прав и обязанностей государств и иных субъектов международного права. Обладая высшей императивной силой, обязательность исполнения международных договоров также способствует достижению важнейших целей мирового сообщества, в том числе развитию сотрудничества между государствами и мирному разрешению международных споров. Как справедливо подчеркивает А.Н. Талалаев, «Строгое, добросовестное выполнение своих международных договорных обязательств всеми участниками международного общения является

важным средством поддержания международного мира и развития дружественных и добрососедских отношений, обеспечения международной безопасности» [1, с. 3].

Б.И. Осмин подчеркивает, что: «Принцип pacta sunt servanda должна носить характер не ритуального заклинания, а реальных действий, находить свое воплощение в соответствующих внутригосударственных правовых нормах и решениях, обеспечивающих неукоснительное соблюдение международных договоров» [2, с. 347]. Обеспечению выполнения договоров содействует также существование института международной ответственности за правонарушения [3, с. 197].

Одним из важнейших международных договоров, определяющих основные направления развития и сотрудничества государств, является Устав ООН. Государства как основные субъекты международного права, понимая значение и ключевую роль международных договоров, всегда стремились к кодификации данной области. Одним из первых шагов в сфере кодификации международных договоров стало принятие в 1928 году Гаванской конвенции о международных договорах – первого кодифицированного акта в этой области. Несмотря на то, что данная конвенция не вступила в силу, она стала значительным импульсом для активизации работы по дальнейшей кодификации. Существенным прорывом в вопросе кодификации международных договоров стало создание в 1945 году Организации Объединенных Наций, в рамках которой была учреждена Комиссия по международному праву. Эта Комиссия приступила к более детальному изучению соответствующих вопросов и привлекла к работе ведущих специалистов в области международного права. Именно её плодотворная деятельность заложила основу для достижения цели кодификации международных договоров. Более чем двадцатилетняя работа Комиссии по международному праву дала ощутимые результаты. В 1968-1969 годах на конференции, проведенной под эгидой ООН, была принята историческая Венская конвенция о праве международных договоров.

На сегодняшний день в развитии международных отношений и международного права особую роль играют международные договоры. Особенно значимой эта роль становится в условиях интеграции и глобализации. Международные договоры оказывают влияние на становление и развитие национального законодательства, а также на формирование и совершенствование отдельных отраслей внутригосударственного права. Международный договор как основной источник международного права играет важную роль и в развитии отдельных подотраслей международного права.

Принятие Венской конвенции о праве международных договоров 1969 года стало основой для более эффективного сотрудничества государств в различных областях. Одной из специфик данной конвенции является то, что субъектами заключения международных договоров на её основе являются только государства и непосредственно предоставляет возможность самым государствам определит на каком уровне и кем будет заключены международные договора. Также следует отметить, что учредительные акты международных организаций также регулируются данной конвенцией так как непосредственно заключаются между государствами.

А.Н. Талалаев отмечает, что «Заключение международного договора представляет собой процесс, состоящий из ряда последовательных стадий. К ним относятся: согласование отдельных постановлений договора, принятие текста договора, установление аутентичности текста, выражение согласия государства на обязательность для него договора (подписание договора, ратификация, присоединение, утверждение, принятие, обмен документами, образующими договор, и др.)» [1, с. 5].

И.И. Лукашук указывает на три стадии: принятие текста, установление аутентичности текста, согласие на обязательность договора» [4, с. 64-65]. Г.И. Тункин относительно заключения международного договора отмечает, что «Заключение международного договора есть процесс, включающий несколько стадий: переговоры, парафирование, принятие международной конференцией или органом международной организации, подписание, утверждение, ратификация, обмен или депонирование ратификационных грамот, вступление в силу» [5, с. 109].

2. Пешрафт дар соҳаи ҳамкории фаромарзӣ дар самти захираҳои об: вазъи миёнаи нишондиҳандаи ҲРУ 6.5.2. // [Захираи электронӣ]. Комиссияи иқтисодии Аврупоии Созмони Милали Муттаҳид. Манбаи дастрасӣ: https://unece.org/sites/default/files/202409/SDG652_2024_3rd_Progress_Report_EN_web.pdf?utm_source=chatgpt.com (санаи муроҷиат: 14.01.2026).

3. Ҳисоботи ҷаҳонии СММ оид ба вазъи захираҳои об дар соли 2020: Об ва тағйирёбии иқлим. Методология барои нишондиҳандаи ҲРУ 6.5.2. // [Захираи электронӣ]. Созмони Милали Муттаҳид оид ба захираҳои об. Манбаи дастрасӣ: https://www.unwater.org/publications (санаи муроҷиат: 20.01.2026).

4. Ҳисоботи ҷаҳонии СММ оид ба ҳолати захираҳои об, соли 2020: Об ва тағйирёбии иқлим. Дастури амалӣ оид ба арзёбии ҳамкории фаромарзӣ дар соҳаи захираҳои об. // [Захираи электронӣ]. Созмони Милали Муттаҳид оид ба захираҳои об. Манбаи дастрасӣ: https://www.unwater.org/publications (санаи муроҷиат: 20.01.2026).

5. Методологияи нишондиҳандаи ҲРУ 6.5.2. // [Захираи электронӣ]. ЮНЕСКО, КМИ СММ барои Аврупо. Манбаи дастрасӣ: https://unesdoc.unesco.org (санаи муроҷиат: 25.01.2026).

6. Ҳисобот оид ба нишондиҳандаи ҲРТ 6.5.2 дар бораи ҳамкории фаромарзӣ дар соҳаи захираҳои об // [Захираи электронӣ]. Комиссияи иқтисодии Аврупоии Созмони Милали Муттаҳид. Манбаи дастрасӣ: https://unece.org/environmental-policy/water/transboundary_water_cooperation_reporting. (санаи муроҷиат: 25.01.2026).

7. Януш-Паветта Б., Губайдуллина А. Идоракунии фаромарзии захираҳои обӣ дар Осиёи Марказӣ: чорчӯбаҳои ҳуқуқӣ барои таҳкими ҳамкории байнидавлатӣ ва баланд бардоштани амнияти минтақавӣ // Осиёи Марказӣ. – 2015. – № 27. – С. 45-68.

8. Абдуллаев И. Идоракунии транссарҳадии захираҳои об дар Осиёи Марказӣ: мушкилот ва тадбирҳои институтсионалии вокуниш // Масъалаҳои идоракунии захираҳои об. – 2018. – № 2. – С. 25-39.

9. Зиганшина Д. Идоракунии фаромарзии захираҳои обӣ дар Осиёи Марказӣ: асосҳои институтсионалӣ ва дурнамои рушд // Захираҳои обӣ. – 2019. – №6. – С. 3-15.

10. Нишондиҳандаи ҲРТ 6.5.2: Ҳиссаи масоҳати ҳавзаҳои фаромарзӣ, ки бо механизмҳои амалкунандаи ҳамкорӣ оид ба захираҳои об фаро гирифта шудаанд. Метамаълумот // [Захираи электронӣ]. Шуъбаи омори Созмони Милали Муттаҳид. Манбаи дастрасӣ: https://unstats.un.org/sdgs/metadata/files/Metadata-06-05-02.pdf (санаи муроҷиат: 14.01.2026).

**List of literature:**

1. United Nations General Assembly Resolution 70/1 of 21 October 2015 // [Electronic resource]. Official website of the United Nations. Access mode: https://www.un.org/en/development/desa/population/migration/generalassembly/docs/globalcompact/A_RES_70_1_E.pdf (date of access: 20.01.2026).
2. Progress on transboundary water cooperation: mid-term status of SDG Indicator 6.5.2 // [Electronic resource]. United Nations Economic Commission for Europe. Access mode: https://unece.org/sites/default/files/2024-09/SDG652_2024_3rd_Progress_Report_EN_web.pdf?utm_source=chatgpt.com (date of access: 14.01.2026).
3. The United Nations world water development report 2020: Water and climate change. Methodology for SDG Indicator 6.5.2 // [Electronic resource]. United Nations Water. Access mode: https://www.unwater.org/publications (date of access: 20.01.2026).
4. The United Nations World water development report 2020: Water and climate change. Step-by-Step Monitoring Methodology for Transboundary Water Cooperation // [Electronic resource]. United Nations Water. Access mode: https://www.unwater.org/publications (date of access: 20.01.2026).
5. Methodology for SDG Indicator 6.5.2 // [Electronic resource]. UNESCO, UNECE. Access mode: https://unesdoc.unesco.org (date of access: 25.01.2026).
6. Report on SDG Indicator 6.5.2 on Transboundary Water Cooperation // [Electronic resource]. United Nations Economic Commission for Europe. Access mode: https://unece.org/environmental-policy/water/transboundary_water_cooperation_reporting (date of access: 25.01.2026).
7. Janusz-Pawletta B., Gubaidullina A. Transboundary water resources management in Central Asia: legal frameworks for strengthening interstate cooperation and enhancing regional security // Central Asia. – 2015. – №27. – P. 45-68.
8. Abdullaev I. Transboundary water resources management in Central Asia: problems and institutional responses // Water Resources Management Issues. – 2018. – №2. – P. 25-39.
9. Ziganshina D. Transboundary water resources management in Central Asia: institutional foundations and development prospects // Water Resources. – 2019. – №6. – P. 3-15.
10. SDG Indicator 6.5.2: Proportion of transboundary Basin Area with an operational arrangement for water cooperation. Metadata // [Electronic resource]. United Nations Statistics Division. Access mode: https://unstats.un.org/sdgs/metadata/files/Metadata-06-05-02.pdf (date of access: 14.01.2026).

## 5.5.11 – ФАЪОЛИЯТИ СУДӢ; ФАЪОЛИЯТИ ПРОКУРОРӢ; ФАЪОЛИЯТИ ҲУҚУҚҲИМОЯВӢ ВА ҲИФЗИ ҲУҚУҚ
## 5.5.11 – СУДЕБНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ; ПРОКУРОРСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ; ПРАВОЗАЩИТНАЯ И ПРАВООХРАНИТЕЛЬНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ
## 5.5.11 – JUDICIAL ACTIVITIES; PROSECUTORIAL ACTIVITIES; HUMAN RIGHTS AND LAW ENFORCEMENT ACTIVITIES



**ТДУ:** 347.9
**Раҳматуллоева Райҳон Рашидовна,**
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Тел: (+992) 929-62-60-40
E-mail: rashidiyon83@mail.ru.

# НАЗОРАТИ ПРОКУРОРӢ ҶИҲАТИ ФАВРАН ИҶРО ШУДАНИ САНАДҲОИ СУДӢ ДАР МУРОФИАИ МАДАНӢ: ТАҲЛИЛИ АМАЛИЯИ СУДӢ ОИДИ СИТОНИДАНИ АЛИМЕНТ

**Калидвожаҳо:** иҷрочиёни мақомоти иҷро, истеҳсолоти иҷро, прокуратура, назорати прокурорӣ, қонуният, ваколатҳо, салоҳият, санадҳои судӣ, қонунгузории мурофиавии маданӣ, ситонидани алимент, иҷрои фаврии санади судӣ, қонунгузории мурофиавии маданӣ.

**Аннотатсия.** Дар мақолаи илмӣ муаллиф масъалаи назорати прокурорӣ ҷиҳати фавран иҷро шудани санадҳои судӣ дар мурофиаи маданӣ: таҳлили амалияи судӣ оиди ситонидани алиментро бо истифодаи қонунгузории ватанӣ, баррасӣ намудааст. Дар заминаи таҳлилу баррасии масъалаҳои иҷрои фаврии санади судиро дар мисоли баррасии парвандаи алимент ва иҷрои фаврии он таклифу пешниҳодҳои ҷолиби диққатро дар самти қонунгузории амалкардаистодаи марҳилаи иҷро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр кардааст. Муаллиф муқаррарот ва нишондодҳои судиро оид ба иҷрои фаврии санади судӣ, бо истифода аз санадҳои меъёри ҳуқуқии соҳа, Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти фикру андешаҳои олимон ва мутахассисони соҳа ва истифодаи таҷрибаи судиро доир ба мавзуъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда, масъалаи мазкурро ҳамчун самти муҳими назорати судӣ ва прокурорӣ маънидод намудааст.

Мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз сохторҳои муҳими низоми давлатдорӣ ба шумор рафта, вазифаи асосии он таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ бо мақсади ҳифзи мустақилият ва соҳибихтиёрии кишвар, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, сохтори демократии ҳокимияти давлатӣ мебошад. Мақомоти прокуратура иҷрои дақиқ ва якхелаи қонунҳоро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути назорати прокурорӣ таъмин менамояд. Фаъолияти мақомоти прокуратура аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳои мусбӣ гирифтааст, ки прокуратура ягона мақоме мебошад, ки ваколатҳои он ба тамоми ташкилоту корхонаҳо, сохтору ниҳодҳои давлативу ҷамъиятӣ ва доираҳои гуногуни аҳолӣ татбиқ мегарданд [1].

Дар баробари вазифаҳои назоратӣ мақомоти прокуратура яке аз субъектҳои асосии муносибатҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, салоҳияти назорати иҷрои санадҳои судиро доро мебошад. Яъне, дар фаъолияти худ мақомоти прокуратура дар қатори мақомоти давлатӣ, имконияти иштирок дар мурофиаҳои судии маданиро, тибқи қонунгузориҳои мурофиавии мадании амалкардаистода дорад, ки раванди амалишавии он таҳлилро талаб мекунад.

Аз солҳои аввали Истиқлоли давлатии Тоҷикистон дар фаъолияти мақомоти прокуратура иштирок дар мурофиаҳои судӣ муҳимияти хосро касб кардааст. Дар натиҷаи иштироки прокурор дар мурофиа ҳолатҳои воқеии қонунвайронкунӣ ошкор ва мавриди таҳлил ва баҳодиҳӣ қарор гирифта, боиси қабули санадҳои асосноки татбиқи ҳуқуқ мегардад. Иштирок дар баррасии парванда кори рӯзмарраи мақомот ба ҳисоб рафта, бо мақсади такмили доираи фаъолияти прокуратура, ҳамчунин таъмини сифати мазмуни санадҳои судӣ ва механизми амалӣ гардонидани онҳо анҷом дода мешавад. Самаранокии фаъолияти мақомоти прокуратура аз ҳисси масъулият, омодагии касбӣ, ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, сатҳи баланди шуури ҳуқуқии касбии кормандони прокуратура –

ҳамчун мақомоти назоратбаранда аз болои иҷроиши санадҳои судӣ, вобастагӣ дорад. Масъалаҳои иҷрои фаврии санадҳои судӣ назорати доимиро талаб мекунад. Масалан, қонунгузории мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи иҷрои фаврии ҳалномаро танзим намудааст. Вобаста ба муқаррар намудани чунин тартиби иҷро, байни ду намуди иҷрои фаврӣ тафовут гузошта мешавад:

1) иҷрои фаврии ҳалнома, ки сарфи назар аз салоҳдиди суд ва ё ташаббуси тарафҳо, тибқи қонун ҳатмӣ аст. Дар чунин ҳолат масъалаи мазкур бевосита дар ҳалнома қайд мегардад;

2) иҷрои фаврии ҳалнома, ки дар сурати ҷой доштани асосҳо аз ҷониби суд тибқи аризаи даъвогар иҷозат дода мешавад. Дар чунин ҳолат мумкин аст, ки дар ҳалнома ва агар баъди қабули ҳалнома масъалагузорӣ шуда бошад, дар таъинот иҷрои фаврии  ҳалнома дарҷ карда шавад.

Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон шаш ҳолати мушаххасеро (номгуи парвандаҳоро) пешбинӣ мекунад, ки тибқи он суд масъалаи зарурати иҷрои фаврии онро муҳокима накарда, лекин бояд дар ҳалнома иҷрои фавриро зикр менамояд. Чунин амалишавии муқаррароти қонунгузориро мутахассисони соҳа Ҳ.С. Мирсайдзод ва У.Н. Раҳмонзода дастгирӣ менамоянд, ки дар қабили он парвандаҳо оид ситонидани алимент, оид ба ситонидани музди меҳнат ба корманд; оид ба барқарор намудан ба кор; оид ба ҷуброни расонидани зарари ҷисмонӣ ё зарар ба саломатӣ; оид ба ҷуброни зараре, ки вобаста ба фавти саробон расонида шудааст; оид ба ҳамроҳ кардани шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба руйхати интихобкунандагон ва иштирокчиёни раъйпурсӣ номбар мешавад [2, с. 58].

Дар сурати мавҷудияти якчанд талаботи даъво, ки яке аз онҳо бояд фавран иҷро карда шавад, суд дар қисми хулосавии ҳалнома бояд иҷрои фаврии ҳалномаро дар қисми талаботи дахлдор нишон диҳад.

Масъалаи мураккаби дигар ин парвандаҳое мебошад, ки ҳарчанд ба номгуи таҳлилшаванда дохил бошанд ҳам, аз ҷониби суд ҷиҳати тағйирдиҳӣ баррасӣ карда мешаванд. Таҷрибаи судӣ ба ин масъала ҷавоби манфӣ медиҳад. Масалан, ҳалнома оид ба ситонидани алимент фавран иҷро карда мешавад, вале дар мавриди тағйир додани андозаи алимент иҷрои фаврии он пешбинӣ карда намешавад. Ба андешаи мо, дар ҳама ҳолат ҳалномаҳо вобаста ба ин шаш номгуйи ҳатман ва фавран бояд иҷро карда шаванд ва суд бояд дар ҳалнома онро зикр намояд.

Дар қисми 2 моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» номгуйи мазкур андаке дигар, вале бо фарогирии моддаи 215 ва 216 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст. Ба ақидаи Л.К. Крамаренко иҷрои фаврӣ санади судӣ, талаботи чунин ҳуҷҷатҳои иҷроро мансуб дониста мешавад:

- оид ба ситонидани алимент, музди меҳнат ё дигар пардохтҳо барои меҳнат дар доираи пардохтҳои барои як моҳ ҳисобкардашуда, инчунин, оид ба рӯёнидани маблағи умумии қарзҳо вобаста ба ин пардохтҳо, агар ҳуҷҷатҳои иҷро рӯёнидани фаврии онҳоро муқаррар намояд;

- барои ба кор, вазифа ё мансаби пештара барқарор кардани корманди ғайриқонунӣ озодшуда ё ба кори дигар гузаронидашуда;

- санадҳои судӣ оид ба парвандаҳо дар бораи мавриди баҳс қарор додани санадҳои ғайримеъёрии ҳуқуқ, қарорҳо ва амали (беамалии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, дигар мақамот ва шахсони мансабдор;

- оид ба ҷуброни расонидани зарари ҷисмонӣ ё зарар ба саломатӣ;

- оид ба ҷуброни зараре, ки вобаста ба фавти саробон расонида шудааст;

- оид ба ҳамроҳ кардани шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рӯйхати интихобкунандагон ва иштирокчиёни раъйпурсӣ;

- оид ба парвандаҳои дигар, агар иҷрои фаврии талабот дар ҳуҷҷати иҷро ва ё қонун пешбинӣ гардида бошад [3, с. 12-13].

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо хуб мешуд, муқаррароти моддаи 215 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба фармони судӣ бояд татбиқ гардад. Чунки дар таҷрибаи судӣ иҷрои фаврии фармон мушоҳида намегардад, ки бояд ислоҳ гардад. Масалан, хусусияти иҷрои фаврии ҳалномаҳо вобаста ба шаш номгуйи парвандаҳои дар қисми 1 моддаи 215 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон номбаршуда дар он аст, ки дар ҳолати иҷрои фаврӣ аз даъвогар таъмин кардани баргашти иҷрои он талаб карда намешавад, ҳатто дар сурати бекор карда шудани ҳалнома низ. Дар ин хусус, дар сурати бекор шудани ҳалномае, ки дар асоси он алиментдиҳанда ба алиментгиранда алимент супоридааст, маблағи пардохташудаи алимент бозпас талаб карда намешавад. Қоидаи мазкур ҳангоми тибқи аризаи даъвогар фавран иҷро намудани ҳалнома низ татбиқ карда мешавад, лекин суд ҳангоми иҷозати иҷрои фаврии ҳалнома метавонад аз даъвогар дар сурати бекор кардани ҳалнома таъмини баргашти иҷрои ҳалномаро талаб намояд [4, с. 327].

Оид ба ин масала аз ҷониби судҳо дуруст ва сари вақт баррасӣ кардани парвандаҳои марбут ба даъвоҳои ситонидани алимент барои таъминоти фарзанд, дар айни замон иҷро намудани ҳалномаҳои доир ба ин парвандаҳо ва сари вақт андешидани чораҳо нисбат ба шахсе, ки аз пардохти маблағи аз тарафи суд барои таъминоти фарзандон муқарраршуда бадқасдона саркашӣ мекунанд, аҳаммияти бағоят муҳим дорад. Хуб мешуд, оиди саркашӣ намудани уҳдадории пардохти алиментӣ прокуророн назоратро пайваста амалӣ намоянд, чунки сухан оиди ҳуқуқу манфиатҳои ситонанда, таъминоти фарзандони ноболиғ меравад.

Таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки судҳои ҷумҳурӣ парвандаҳои категорияҳои мазкурро асосан дуруст ҳал мекунанд.

Бо вуҷуди ин, аз парвандаҳои оиди ситонидани алимент ба тариқи кассатсионӣ ва назоратӣ баррасинамудаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки дар фаъолияти кори судҳо ба иртиботи ин навъи парвандаҳо то ҳол хатогиҳое мушоҳида мешаванд, ки дар ҳолатҳои алоҳида ба нодуруст ҳал кардани парвандаҳо ва ба таъхир мондани пардохти алиментҳо оварда мерасонанд [5].

Судҳо муттасил барои муқаррар намудани ҷойи истиқомати ҷавобгаре, ки аз ҳозир шудан ба суд саркашӣ мекунад, чораҳо намеандешанд ва дар ҳоле, ки аз хусуси ба ҷавобгар супоридани даъвати судӣ хабар надоранд, парвандаро ғоибона баррасӣ мекунанд.

В.К. Пучинский иброз дорад, ки судҳо шахсеро, ки дар бадқасдона напардохтани маблағ барои таъминоти фарзандон гунаҳгоранд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намекунанд [6, с. 123].

Дар ин ҳолат судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки асоси ба суд бо талаби ситонидани алимент муроҷиат кардан - вуҷуд надоштани созишномаи пардохти алимент байни шахсе, ки барои пардохти алимент уҳдадор мебошад ва алиментгиранда ё ин ки байни намояндагони қонунии ин шахсон мебошад.

Даъво оиди ситонидани алимент мумкин аст дар ҳар вақт, то он даме, ки ҳуқуқ барои алимент ҷой дорад, новобаста аз вақти ба амал омадани ин ҳуқуқ ва сабабҳое, ки аз рӯи онҳо ин даъво қаблан пешниҳод нагардида буд, пешнидод карда шавад.

То замоне, ки созишнома бо тартиби бо қонун пешбинишуда бекор карда нашудааст, беэътибор дониста нашудааст ё ин, ки қатъ карда нашудааст, алиментгиранда аз рӯи созишнома ҳуқуқ надорад ба суд бо даъво оиди ситонидани алимент муроҷиат намояд.

Даъво оиди ситонидани алимент мумкин аст ҳам ба суди ҷойи истиқомати шахсе, ки барои пардохти алимент уҳдадор мебошад (ҷавобгар) ва ҳам ба суди ҷойи истиқомати шахсе, ки даъво кардааст (даъвогар), пешниҳод карда шавад. Дар ин маврид даъвогарон аз пардохти боҷи давлатӣ озод карда мешаванд. Хароҷоте, ки суд бинобар баррасии парванда оиди ситонидани алимент кардааст ва боҷи давлатие, ки аз пардохти он даъвогар озод карда шудааст, ҳангоми баровардани ҳалнома оиди ситонидани алимент аз ҷавобгар рӯёнида мешавад [7]. Андозаи даъво (талаботи даъвогӣ) аз рӯи маҷмуи пардохтҳои яксолаи алиментӣ муқаррар карда мешавад.

Агар аз тарафи даъвогар бо даъвои ситонидани алимент дигар даъвоҳо (масалан, дар бораи бекор кардани никоҳ, муқаррар кардани ҷойи истиқомати фарзандон ва ғайра) низ пешниҳод шуда бошанд, дар ин ҳолат даъвогар аз пардохти боҷи давлатӣ оиди даъвои ситонидани алимент озод карда мешавад.

Даъвоҳо оиди ситонидани алимент аз падару модар барои фарзандон мумкин аст ба суд новобаста аз он, ки никоҳ байни падару модар бекор карда шудааст ё бекор карда нашудааст, оё инҳо якҷоя ё алоҳида зиндагӣ мекунанд, пешниҳод карда шаванд, шарти муҳим он мебошад, ки яке аз падару модар уҳдадории таъминоти фарзандонро иҷро намекунад.

Ба шахсе, ки никоҳаш бо модари кудак ба қайд гирифта нашудааст, даъво дар бораи ситонидани алимент танҳо ба шарте пешниҳод карда шуданаш мумкин аст, ки ҷавобгар бо қайди асноди ҳолати шаҳрвандӣ падари кудак эътироф шуда бошад, ҳалномаи эътибори қонунӣ пайдонамудаи судӣ оиди муқаррар кардани падарӣ вуҷуд дошта бошад, ё ин ки дар баробари даъво оиди ситонидани алимент даъвогар бо даъво дар бораи муқаррар кардани падарӣ муроҷиат карда бошад. Ҳангоми пешниҳод кардани даъво дар бораи ситонидани алимент аз ҷониби модари ноболиғ, ки дар никоҳ намебошад, ҳамчунин ҳангоми дар ин бора пешниҳод кардани даъво нисбати ноболиғ низ, судя бояд масъалаи барои иштирок кардан дар кор ҷалб намудани падару модар, шахсони ба фарзандхондӣ қабулкарда ё васиёни даъвогар ва ҷавобгарро барои ба онҳо ёрӣ расонидан муҳокима намояд. Даъвоҳо дар бораи ситонидани алимент ба фарзандони болиғи ғайри қобили меҳнати ба кумак эхтиёҷмандбуда мумкин аст аз ҷониби худи болиғон ва агар онҳо бо тартиби бо қонун муқарраргардида шахси ғайри қобили амал эътироф шуда бошанд, аз ҷониби васиҳои ба онҳо таъиншуда пешниҳод карда шавад. Дар ин хусус, судҳо набояд қабул кардани

аризаҳои даъвогиро бо он асосҳо, ки даъвогар ҷойи истиқомати ҷавобгарро намедонад, рад кунанд, балки вазифадоранд бо ташаббуси худ барои муайян намудани ҷойи истиқомати ҷавобгар ва ӯро дар бораи рӯзи дар суд баррасӣ гардидани парванда воқиф гардонидан чораҳо андешанд. Агар бо чораҳои андешидаи суд ҷойи истиқомати ҷавобгар муайян карда нашавад, суд бояд барои ҷустуҷӯи ҷавобгар таъинот барорад ва нусхаи ин таъинотро барои амалӣ сохтани кофтуков ба мақомоти корҳои дохила фиристонад.

Хароҷоти ҷустуҷӯ аз тарафи ҷавобгар дар як вақт бо баровардани ҳалномаи судӣ ба муқобили ӯ оиди ситонидани алимент, рӯёнида мешавад. Бо мақсади сари вақт ва дуруст ҳал кардани парвандаҳои марбут ба ситонидани алимент барои таъминоти фарзандон судҳо бояд ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ амалҳои дар моддаи 153 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондодаро ба амал бароранд ва аз ҷумла аз даъвогарон якҷоя бо ариза пешниҳод намудани:

1) шаҳодатномаи таваллуди кудак;

2) ҳуҷҷатҳоеро, ки байни тарафҳо мавҷуд будани никоҳи бақайдгирифта ё қатъ гардидани никоҳро собит месозанд;

3) маълумотнома оиди он, ки кудак дар таъминоти даъвогар мебошад;

4) маълумотнома аз ҷойи кори ҷавобгар оиди андозаи музди меҳнати мегирифтаи ӯ дар мавриде, ки агар ҷавобгар кор накунад, ҳуҷҷати ин ҳолатро тасдиқкунанда, ҳамчунин маълумотнома аз Маркази шуғли аҳолӣ оиди ба сифати бекор ба қайд гирифта шудани ӯ;

5) ҳуҷҷате, ки дигар даромад доштан ё надоштани ҷавобгарро тасдиқ мекунад, талаб намоянд.

И.Б. Морозова. навиштааст: «... дар ҳолате, ки агар пешниҳоди далелҳои зарурӣ барои тарафҳо мушкил бошад, суд мутобиқи дархости онҳо дар ҷамъоварӣ ва талаб карда гирифтани далелҳо мусоидат мекунад» [8, с. 145-146]. Лекин, ба андешаи мо, аз рӯи таҷрибаҳои судӣ масъалаи мусоидат барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ бо мақсади гирифтани маълумоти воқеъӣ ва дастрас намудани далелҳо дида намешавад ва ин масъала суст ба роҳ монда шудааст, ки кори шахсони иштирокчии парвандаро дар марҳилаи иҷро коҳиш медиҳад.

Андозаи алименте, ки бо қарори суд муваққатан барои фарзандони ноболиғ ситонида мешавад [9], ҳама вақт бо ҳиссаҳо нисбат ба музди меҳнати (даромади дигари) шахсе (падару модаре), ки барои пардохти алимент уҳдадор мебошад, муқаррар карда мешавад. Ба андешаи мо, хуб мешуд, минбаъд дар рафти тафтишоти судӣ дар сурати ҷой доштани асосҳои дахлдор андозаи алимент нисбати фарзандони ноболиғ аз тарафи суд ба маблағи устувор муқаррар карда шавад ё ин ки суд бояд андозаи ҳиссаи алиментро ҷӣ ба тарафи зиёдшавӣ ва ҷӣ ба тарафи камшавӣ тағйир диҳад.

Ҳамин тариқ, ҳангоми ситонидани алимент ба маблағи устувор ба судҳо зарур аст дар назар дошта бошанд, ки андозаи алиментҳое, ки барои фарзандони ноболиғ аз падару модар, ҳамчунин аз собиқ, фарзандхонкунандагон зимни бекор кардану беътибор донистани фарзандхондӣ ситонида мешавад, бояд дар асоси имконияти нигоҳ доштани сатҳи ҳадди аксари дараҷаи пештараи таъминоти кудак бо назардошти вазъи моддию оилавии тарафҳо ва ҳолатҳои дигари қобили таваҷҷуҳ, муайян карда шавад.

Бояд қайд намуд, ки таваҷҷуҳи судҳо ба зарурати аниқ иҷро намудани талаботи қонун доир ба ҳалномаҳои судӣ равона карда мешавад.

Дар сурати бо парванда тасдиқ гардидани муносибати бевиҷдононаи ҷавобгар дар иҷро намудани уҳдадориҳои падару модарии худ оиди тарбия ва таъминоти фарзандон, пинҳон кардани андозаи музди меҳнат ва дигар даромад, суд вазифадор аст [10, с. 46] дар як вақт бо баровардани ҳалнома дар ин бора бо таъиноти хусусӣ ба ташкилоти ҷамъиятии ҷойи кори ҷавобгар хабар диҳад, дар ҳолатҳои бадқасдона саркашӣ кардани ҷавобгар аз пардохти алиментҳо бошад, масъалаи бо моддаи 177 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудани ӯро ҳал намояд. Дар ин хусус ба андешаи мо, хуб мешуд, нисбат ба масъалаи муносибати бевиҷдононаи ҷавобгар дар иҷро намудани уҳдадориҳои падару модарии худ оиди тарбия ва таъминоти фарзандон, пинҳон кардани ҳаҷм ва андозаи музди меҳнат ва дигар даромадҳо. Дар намуди талаботи алоҳида ба қисми 3 моддаи 47 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шавад. Иштироки прокурор дар асоси қонун оиди ҳамин масъала ҳатмӣ дониста шавад, мувофиқи мақсад мебуд.

Варақаи иҷро барои пардохти алиментҳо бояд на дертар аз рӯзи дигар пас аз баровардани ҳалнома навишта шавад ва аз тарафи суд барои ба амал баровардани пардохтҳо ба иҷрочии мақомоти иҷро новобаста аз хоҳиши алиментгиранда, фиристонида шавад.

Бо талаби алиментгиранда варақаи иҷрокунӣ мумкин аст ба дасти худи у дода шавад.

Дар бораи аз тарафи суд ба иҷрочии мақомоти иҷро фиристонидани варақаи иҷрокунӣ суд бояд вақти супоридан ё фиристонидани

варақаи иҷрокунӣ ва номи иҷрочии мақомоти иҷроро аниқ нишон дода, алиментгирандаро аз ин бобат огоҳ созад.

Илтимоснома ё дархост дар бораи додани нусхаи дуюми варақаи иҷрокунӣ (дубликат) бояд дар маҷлиси судӣ бо ҳатман огоҳ намудани тарафҳо баррасӣ карда шавад.

Дар амалия нисбат ба ҳар як ҳалномаи судӣ як варақаи иҷро дода мешавад, ки дар асоси он санади судӣ ба иҷроиш фаро гирад. Ҳолатҳое мешавад, ки ба таъхир гузоштани иҷрои ҳалнома метавонад ба ситонанда зарари калон расонад ё худи иҷро имконнопазир гардад. Дар чунин ҳолатҳо суд метавонад тибқи аризаи прокурор иҷрои фаврии ҳалномаро талаб кунад [11, с. 51], агар вобаста ба ҳолатҳои махсус ба таъхир гузоштани иҷрои ҳалнома тавонад ба ситонанда зарари калон расонад ё худи иҷро имконнопазир гардад. Суд ҳангоми иҷозати иҷрои фаврии ҳалнома метавонад аз даъвогар (прокурор) дар сурати бекор кардани ҳалнома таъмини баргашти иҷрои ҳалномаро талаб намояд. Агар даъвогар бо аризаи мазкур то қабули ҳалнома муроҷиат карда бошад, дар қисми хулосавии ҳалнома иҷрои фаврии ҳалнома нишон дода мешавад. Дар сурати ворид шудани ариза баъди қабули ҳалнома суд таъинот қабул мекунад. Мутаассифона, ҳолати мазкур дар моддаи 215 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон равшан зоҳир нашудааст. Аз нигоҳи аввал чунин менамояд, ки иҷрои фаврии ҳалнома дар намуди зикри он дар ҳалнома имконнопазир буда, танҳо тавассути таъинот ин масъала ҳал мешавад. Вале чунин хулосабарорӣ сатҳӣ буда, беасос ба кашолкории иҷрои ҳалнома оварда мерасонад. Аз ин рӯ, бояд ҳар ду тарзи иҷрои фаврии ҳалнома тибқи моддаи 215 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд имконпазир бошад. Барои роҳ надодан ба ҳама гуна нофаҳмиҳо бевосита дар моддаи 215 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намудани чунин ҳолат беҳтар мебуд.

Олими ватанӣ М.З. Раҳимов зикр намудааст, ки суд ҳангоми иҷозати иҷрои фаврии ҳалнома метавонад аз даъвогар дар сурати бекор кардани ҳалнома таъмини баргашти иҷрои ҳалномаро талаб намояд. Дар сурати дар ҳалнома зикр нашудани таъмини бозгашти иҷрои ҳалнома баргашти иҷрои онро талаб кардан мумкин нест [12, с. 297].

Чунин ба назар мерасад, ки мақсади қонунгузор дар чунин ҳолат зоҳир намудани таваҷҷуҳ, ба хусусияти иҷро мебошад. Ариза дар бораи иҷозат додани иҷрои фаврии ҳалнома дар маҷлиси судӣ баррасӣ мегардад. Шахсони иштирокчии парванда оид ба вақт ва маҳалли маҷлиси судӣ огоҳ карда мешаванд. Ҳозир нашудани онҳо барои ҳалли масъалаи иҷрои фаврии ҳалнома монеа шуда наметавонад. Дар натиҷаи баррасии ариза таъинот қабул карда мешавад. Мувофиқи қисми 3 моддаи 215 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба таъинот оид ба масъалаи иҷрои фаврии ҳалнома шахсони иштирокчии парванда метавонанд шикояти хусусӣ пешниҳод намоянд. Бояд дар назар дошт, ки пешниҳоди шикояти хусусӣ нисбат ба таъинот оид ба иҷрои фаврии ҳалнома ҷараёни иҷрои таъинотро бознамедорад.

Суд иҷрои ҳалномаро, ки барои иҷрои фаврӣ пешниҳод нашудааст, тибқи қоидаҳои муқаррарнамудаи боби 13 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд таъмин намояд. Чунки, моддаи 217 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолате дахл дорад, ки ҳалномаи суд тибқи қоидаҳои умумӣ иҷро карда мешавад. Яъне, муқаррароти моддаи 217 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати иҷрои фаврии ҳалнома, ки моддаҳои 215 ва 216 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад, дахл надорад [13]. Барои таъмини иҷрои ҳалнома тадбирҳо бояд андешида шавад. Ин кафолати муҳими иҷрошаванда будани ҳалномаи судӣ аст. Вобаста ба ҳолатҳои кор се намуди чунин таъмини иҷрои ҳалнома бояд ҷой дошта бошад:

1. Дар боби 13 КММ ҶТ таъмини даъво танзим шудааст. Дар сурати бо тартиби пешбиникардаи боби мазкур андешида шудани тадбирҳо мувофиқи қисми 3 моддаи 147 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми қонеъгардонии даъво тадбирҳои андешидашуда барои таъмини он то иҷрои ҳалнома эътибори худро нигоҳ медоранд;

2. Мувофиқи моддаи 208 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳое, ки агар суд ҷиҳати таъмини иҷрои он тадбирҳо андешад, дар ин хусус дар қисми хулосавии ҳалнома бояд зикр карда шавад. Яъне, ин ҳолатест, ки чораҳои таъмини даъво андешида нашудааст, вале то баровардани ҳалнома ариза оид ба таъмини иҷрои ҳалнома ворид гардидааст;

3. Дар сурати баъд аз баровардани ҳалнома ворид шудани ариза чораҳои таъмини даъво тибқи муқаррароти боби 13 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. Мувофиқи моддаи 142 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон судя ҳуқуқ дорад тибқи аризаи шахсони иштирокчии парванда барои таъмини даъво тадбирҳо андешад, ки он дар ҳама марҳилаҳои баррасии парванда имконпазир аст, агар наандешидани чунин тадбирҳо иҷрои

ҳалномаро мушкил ё ғайриимкон гардонад. Тибқи моддаи 144 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ариза оид ба таъмини даъво дар рӯзи ворид шудани он ба суд бе огоҳ намудани ҷавобгар ва дигар шахсони иштирокчии парванда баррасӣ гардад.

Ҳалномаи эълоншуда ва пурра таҳияшудаи суд ба ҳар як шахси иштирокчии парванда супорида шудани ду намуди ҳалномаро пешбинӣ мекунад: ҳалномаи эълоншуда ва пурра таҳияшудаи суд. Дар сурати эълон шудани ҳалномаи пурра таҳияшуда (асоснок) супоридани танҳо нусхаи он кофӣ аст. Нусхаи ҳалномаи супоридашаванда бояд ҳатман бо гузоштани ишора, ки он мутобиқати нусхаро ба асл инъикос менамояд, бо имзои судя ва бо муҳри нишондори суд тасдиқ гардад. Бидуни риояи расмиёти мазкур супоридани ҳалнома ба шахси иштирокчии парванда мумкин нест.

Татбиқи дуруст, самаранок ва дорои тамоюли амалиявии моддаи 218 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ду омил вобаста аст:

- қобили зикр аст, ки моддаи 218 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсоли (фиристодани) ҳалномаро пешбинӣ намекунад, ҳарчанд дар таҷрибаи судӣ он мушоҳида мегардад;

- ҳамчунин, қонунгузор муҳлати супоридан ва ё ирсоли ҳалномаро пешбинӣ накардааст. Дар таҷриба тавсия шудааст, ки дар асоси қиёси қонунгузории мурофиавии маданӣ тибқи моддаи 232 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсо- ни иштирокчии парванда мутобиқи дархости онҳо нусхаи ҳалнома дар муҳлати на дертар аз се рӯзи қабул намудани таъинот супорида шавад ё ир- сол гардад.

Ба андешаи мо, зарур аст, ки ҳар ду ҳолати мазкур бояд ҳатман дар моддаи 218 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита ва саҳеҳ дарҷ карда шаванд. Дар акси ҳол баҳс ва ихтилофи назар ба вуҷуд омада метавонад.

Масалан қисми 2 моддаи 218 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатеро пешбинӣ кардааст, ки бояд аввал ба ҳар як шахси иштирокчии парванда нусхаи тасдиқгардидаи ҳалномаи эълоншуда ва пурра таҳиягардида супорида шуда, сипас ба ситонанда нусхаи ҳалнома, ки барои иҷрои маҷбурӣ зарур аст, дода шавад. Барои иҷро ирсол кардани санади судӣ бояд аз руйи қоидаи умумӣ ҳуҷҷати судӣ дар як нусха дода мешавад. Қонунгузории мурофиавии маданӣ дар ду ҳолат беш аз ду адад додани нусхаи ҳуҷҷати судиро пешбинӣ кардааст:

- агар якчанд ситонанда бо талаботи аз ҳамдигар мустақили дар ҳуҷҷати иҷро зикргардида мавҷуд бошанд;

- агар якчанд қарздоре мавҷуд бошанд, ки ухдадоранд иҷрои талаботи аз ҳамдигар мустақилро вобаста ба ҳуҷҷати иҷро таъмин кунанд.

Қисми 2 моддаи 218 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон додани дубликати нусхаи ҳуҷҷатҳоро пешбинӣ кардааст. Ба андешаи мо, баъзан зарурат ба миён меояд. Масалан, ҳангоми гум кардан. Барои гирифтани дубликати нусхаи ҳуҷҷатҳо шахсони иштирокчии парванда бо ариза ба суд муроҷиат карда метавонанд. Дар ариза бояд ҳатман сабабҳои гум кардани нусхаи ҳуҷҷат ва тадбирҳое, ки ҷиҳати пайдо кардани онҳо андешида шудаанд, зикр карда шаванд. Нисбат ҳамин масала хуб мешуд, прокурор дар доираи ваколати худ назоратро ҷоннок созад.

Мақомоти прокуратура дар мурофиаи судӣ ҳамчун субъекти асосии баррасии парванда ба ҳисоб меравад, ки бархе аз салоҳияти татбиқи ҳуқуқро ба амал мебарорад. Масалан, мақомоти прокуратура ҷиҳати иҷрои якхела ва татбиқи дурусти қонун раванди мурофиаро назорат мекунад; ҳар вайронкунии тартиботи қонуниро дар назди суд ошкор, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва барқарор намудани онро талаб менамояд.

Аҳаммияти назарраси муносибатҳои ҷамъиятӣ, манфиатҳо ва арзишҳое, ки дар ҷараёни фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ таъсир мерасонанд, зарурати муқаррар кардани шакли мураккабтари мурофиавиро бо нигоҳ доштани иштироки прокурор ба миён меорад. Дар ин ҳолат, фаъолияти прокурорӣ ва назоратӣ аз ҷониби фаъолияти судӣ ҳамчун як намуди мураккабтарро фаро мегирад.

Дар баробари ин чунин ҳисоб кардан комилан дуруст нест, ки прокурор аз болои фаъолияти суд назорат мекунад. Азбаски прокурор тибқи муқаррароти конститутсионӣ салоҳияти назорати фаъолияти судро надорад, лекин зимни баргузории муҳокимаи судӣ мавқеи кафили таъминкунандаи қонуниятро нигоҳ медорад. Прокурор дар мурофиа ба сифати субъекти дорои салоҳияти хулосабарорӣ оид ба парванда ё оғоз намудани мурофиаи судӣ баромад мекунад. Андешаи муаллиф дар ин бобат қобили дастгирӣ буда, зеро иштироки прокурор дар мурофиаи судӣ ҳамчун кафолати боъэтимоди қабули қарори қонунӣ хизмат карда, ҳамзамон иҷрои минбаъдаи санади судӣ таҳти назорати прокурор хоса қарор мегирад.

Дар татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрванд, ҳимояи манфитаҳои давлату ҷомеа

прокуратура саҳми фаъолона дорад. Мақомоти прокуратура масъалаҳои марбут ба вайрон шудани меъёрҳои ҳуқуқӣ, расонидани зарар ба манфиатҳои ҷамъиятию давлат, инчунин ҳуқуқҳои дигар шаҳрвандонро пешгирӣ намуда, дар мавридҳо ва тартиби пешбининамудаи қонун нисбати ҳуқуқвайронкунада чораҳои зарурӣ андешанд, ки бо маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои ӯ низ дар марҳилаи иҷро ва иҷрои маҷбурии санадҳои судӣ алоқаманд буда метавонад. Татбиқи ин чораҳо зарурати таъмини фаъолияти маъмурию мурофиавии прокуратураро талаб мекунад. Аммо ин амалҳо мақсадҳои худро доранд, ки бо фароҳам овардани шароити зарурӣ барои амалӣ шудани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ҳам дар рафти иҷрои фаврии санадҳои судӣ ва ҳам дар рафти ба тариқи ихтиёрона ва маҷбурӣ иҷро гардидани санадҳои судӣ нигаронида шудаанд.

Афзалияти асосӣ дар фаъолияти назоратӣ ба таъмини вазъи ҳуқуқии шахс дар тамоми соҳаҳои ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла мурофиаи маданӣ ва самти иҷрои санадҳои судӣ, дода мешавад. Ба ҳамин тариқ, тамоюли ташаккули модели нави ташкили фаъолияти прокуратура – «прокуратура ҳамчун мақоми ҳуқуқӣ» ба амал омад.

Умуман, ваколатҳои прокурор оид ба сари вақт ошкор ва бартараф намудани вайронкуниҳои қонун маҷмуи тамоми воситаҳои ҳуқуқиро ифода мекунанд, ки ба рафъи ҳуқуқвайронкуниҳо, барқарор намудани волояти қонун ва ҳуқуқи поймолшудаи шаҳрвандон, инчунин рафъи оқибатҳои манфие, ки дар натиҷаи вайронкуниҳои қонун ба амал омадаанд, нигаронида шудаанд [14, с. 58]. Бояд қайд кард, ки прокурор дар фаъолияти худ, барои таъмини қонуният роҳҳои тадбиқи воситаҳои зикршуда ва фаъолияти нисбатани мураккабтари иштирок дар мурофиаи судии маданиро истифода мекунад ва назорати прокурорӣ оиди рафти иҷрои санадҳои судӣ ба роҳ мемонад.

Ҳамин тариқ, яке аз воситаҳои баланд бардоштани самарнокии фаъолияти мақомоти прокуратура назорат аз болои иҷроиши санадҳои судӣ ва назорат аз болои фаъолияти ҳамаи субъектони ҳуқуқӣ мебошад, ки иҷрои санади судиро таъмин менамояд.

Хулоса, назорати прокурорӣ ба истеҳсолоти иҷро дар Тоҷикистон дар рушди ҳуқуқу адолат, таъмин кардани иҷрои қарорҳои судӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ мубрам мебошад.

Агар назорати прокурорӣ пурра ва самаранок фаъолият намояд, он метавонад кафолати ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон, адолати судӣ ва эътимоди ҷомеаро ба низоми адолат баланд мебардорад.

**Муқарриз:** н.и.ҳ., дотсент Қаҳорзода Н.М.

## ПРОКУРОРСКИЙ НАДЗОР ЗА НЕМЕДЛЕННЫМ ИСПОЛНЕНИЕМ СУДЕБНЫХ РЕШЕНИЙ ПО ГРАЖДАНСКИМ ДЕЛАМ: АНАЛИЗ СУДЕБНОЙ ПРАКТИКИ ВЗЫСКАНИЯ АЛИМЕНТОВ

**Ключевые слова:** сотрудники исполнительной власти, исполнительное производство, прокуратура, прокурорский надзор, полномочия, предмет надзора, судебные акты, акты других органов, направление, сфера, гражданское законодательство.

**Аннотация.** В научной статье автор рассмотрела вопрос прокурорского надзора за немедленным исполнением судебных решений по гражданским делам: анализ судебной практики взыскания алиментов. На основе анализа и рассмотрения исполнительного производства автор внесла интересные предложения и замечания по совершенствованию действующего законодательства об исполнительном производстве в Республике Таджикистан. Автор проанализировала положения и указания документов, судебных актов и актов других органов с использованием правовых нормативных актов данной области, принимая во внимание мнения и идеи учёных в этой области и статистический отчёт Службы исполнения при Правительстве Республики Таджикистан в городе Худжанде, и определила данный вопрос как важное направление прокурорского надзора.

**Рахматуллаева Райхона Рашидовна** – старший преподаватель кафедры судебного права и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. E-mail:rashidiyon83@mail; Тел: (+992) 929-62-60-40.

## PROSECUTORIAL OVERSIGHT OF THE IMMEDIATE ENFORCEMENT OF COURT DECISIONS IN CIVIL CASES: ANALYSIS OF JUDICIAL PRACTICE IN THE RECOVERY OF ALIMONY

**Keywords:** executive branch employees, enforcement proceedings, prosecutor's office, prosecutorial oversight, powers, subject of oversight, judicial acts, acts of other bodies, area, scope, civil law.

**Abstract.** In this scientific article, the author examined the issue of legal regulation of the prosecutor's participation in enforcement proceedings: theoretical, legal and practical aspects using domestic legislation. Based on the analysis and consideration of issues of enforcement proceedings, he noted interesting proposals in the direction of the current legislation of enforcement proceedings in the Republic of Tajikistan. The author analyzed the rules and instructions of documents, court documents and documents of other bodies using government programs and legal norms of the industry and treated this issue as an important area of prosecutorial control.

**Rahmatulloeva Rayhon Rashidovna** – senior lecturer of the department of judicial law and prosecutorial supervision of the faculty of law Tajik State university law, business and politics. E-mail: rashidiyon83@mail; Tel: (+992) 929-62-60-40.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 декабри соли 2025 [Матн] // Ҷумҳурият. – 2025. – №249.
2. Мирсайдзод Ҳ.С., Раҳмонзода У.Н.Ташкили истеҳсолоти иҷро дар низоми Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Эр-граф», 2014. – 224с.
3. Крамаренко Л.К. Иҷрои судӣ дар Ҷумҳурии Халқии Полша: автореферат дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Киев, 1994. – 32 с.
4. Бобоҷонов И.Ҳ. Тафсири кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Эр-граф», 2013. – 783 с.
5. Ҷамъбасти амалияи судӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон ҳангоми ҳалли парвандаҳои оилавӣ вобаста ба таъминоти фарзандони ноболиғ маълумоти соли 2023 ба ҳолати ёздаҳ моҳи соли 2023 нишон дода шудааст // [Захираи электронӣ]. Маводи бойгонӣ аз сомонаи расмии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Манбаи дастрасӣ: www. sud. tj (санаи муроҷиат 05.02.2026).
6. Пучинский В.К. Мурофиаи мадaнӣ дар ИМА. – М.: «Норма», 1989. –340 с.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» аз 8 июни соли 2022, №1873 // [Захираи электронӣ]. Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Манбаи дастрасӣ: mmk.tj. (санаи муроҷиат 05.02.2026).
8. Морозова И.Б. Субъект исполнительного производства. – М.: «Юрист», 2009. – 321 с.
9. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998, № 682 // [Захираи электронӣ]. Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Манбаи дастрасӣ: www.mmk. tj. (санаи муроҷиат 05.02.2026).
10. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани меъёрҳои Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии парвандаҳои марбут ба ситонидани алимент барои таъминоти кӯдак» аз 19 ноябри соли 2012, № 5 // [Захираи электронӣ]. Маводи бойгонӣ аз сомонаи расмии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Манбаи дастрасӣ: www.sud.tj (санаи муроҷиат 05.02.2026).
11. Тибор Л. Таҷрибаи прокурорӣ оид ба амалисозии кафолатҳои қонуният дар мурофиаи граждaнӣ // Конфронси байналмилалии илмӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқи мурофиавии граждaнӣ. Тезисҳои маърӯзаҳо. – Будапешт, 2008. – С. 49-56.
12. Раҳимов М.З. Тафсири Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Ирфон». – 765 с.
13. Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008, №341 // [Захираи электронӣ]. Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Манбаи дастрасӣ: mmk.tj. (санаи муроҷиат 05.02.2026).
14. Козлов А.Ф. Дар бораи моҳияти назорати прокурорӣ оид ба иҷрои қонунҳо дар мурофиаи мадaнӣ // Маҷмуа: Мушкилоти ислоҳоти ҳуқуқи мурофиавии граждaнӣ ва амалияи татбиқи он. – Свердловск: «Нашриёти УрГЮА», 1990. – С. 52-60.

**Список литературы:**

1. Послание Основателя мира и национального единства – Лидера Нации, Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 16 декабря 2025 года [Текст] // Джумхурият. – 2025. – № 249.

2. Мирсаидзод Г.С., Рахмонзода У.Н. Организация исполнительного производства в системе Министерства юстиции Республики Таджикистан. – Душанбе: «Эр-граф», 2014. – 224 с.

3. Крамаренко Л.К. Судебное исполнение в Польской Народной Республике: автореферат дис. ... канд. юрид. наук. – Киев, 1994. – 32 с.

4. Бободжонов И.Х. Комментарий к Гражданскому процессуальному кодексу Республики Таджикистан. – Душанбе: «Эр-граф», 2013. – 783 с.

5. Краткий обзор судебной практики по защите прав детей при разрешении семейных дел, связанных с содержанием несовершеннолетних детей, данные за 2023 год представлены по состоянию на одиннадцатый месяц 2023 года // [Электронный ресурс]. Архивные материалы с официального сайта Верховного суда Республики Таджикистан. Режим доступа: www.sud.tj (дата обращения: 05.02.2026).

6. Пучинский В.К. Гражданский процесс США. – М.: «Норма», 1989. – 340 с.

7. Закон Республики Таджикистан «Об исполнительном производстве» от 8 июня 2022 года, №1873 // [Электронный ресурс]. Официальный сайт Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Режим доступа: www.mmk.tj. (дата обращения: 05.02.2026).

8. Морозова И.Б. Субъект исполнительного производства. – М.: «Юрист», 2009. – 321 с.

9. Семейный кодекс Республики Таджикистан от 13 ноября 1998, №682 // [Электронный ресурс]. Официальный сайт Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Режим доступа: www.mmk.tj. (дата обращения: 05.02.2026).

10. Постановление Пленума Верховного Суда Республики Таджикистан «О применении судами норм Семейного кодекса Республики Таджикистан при рассмотрении дел, связанных со взысканием алиментов на содержание ребенка» от 19 ноября 2012 года, №5 // [Электронный ресурс]. Архивные материалы с официального сайта Верховного суда Республики Таджикистан. Режим доступа: www.sud.tj (дата обращения: 05.02.2026).

11. Тибор Л. Прокурорский опыт по осуществлению гарантий законности в гражданском процессе // Международная научная конференция по вопросам гражданского процессуального права. Тезис докладов. – Будапешт, 2008. – С. 49-56.

12. Рахимов М.З. Комментарий к Гражданскому процессуальному кодексу Республики Таджикистан. – Душанбе: «Ирфон». – 765 с.

13. Гражданский процессуальный кодекс Республики Таджикистан от 5 января 2008 года, №341 [Электронный ресурс]. Официальный сайт Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Режим доступа: www.mmk.tj. (дата обращения: 05.02.2026).

14. Козлов А.Ф. О сущности прокурорского надзора за исполнением законов в гражданском судопроизводстве // Сб. Проблемы реформы гражданского процессуального права и практики его применения. – Свердловск: «Изд-во УрГЮА», 1990. – С. 52-60.

**List of literature:**

1. Message of the Founder of peace and national unity – Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan dated December 16, 2025 [Text] // Jumhuriyat. – 2025. – №249.

2. Mirsaidzoda G.S., Rahmonzoda U.N. Organization of enforcement proceedings in the system of the Ministry of justice of the Republic of Tajikistan. – Dushanbe: «Er-graf», 2014. – 224 p.

3. Kramarenko L.K. Judicial Enforcement in the Polish People's Republic: abstract of the dis. … cand. of legal sciences. – Kyiv, 1994. – 32 p.

4. Bobojonov I.H. Commentary to the Civil procedure code of the Republic of Tajikistan. – Dushanbe: «Er-graf», 2013. – 783 p.

5. Brief Review of Judicial Practice on the Protection of children's rights in the resolution of family cases related to the maintenance of minor children, data for 2023 presented as of the eleventh month of 2023 // [Electronic resource]. Archival materials from the official website of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan. Access mode: www.sud.tj (date of access: 05.02.2026).

6. Puchinsky V.K. Civil procedure of the USA. – M.: «Norma», 1989. – 340 p.

7. Law of the Republic of Tajikistan «On enforcement proceedings» from 8 June 2022, №1873 // [Electronic resource]. Official website of the National center of legislation under the President of the Republic of Tajikistan. Access mode: www.mmk.tj (date of access: 05.02.2026).

8. Morozova I.B. The Subject of enforcement proceedings. – M.: «Yurist», 2009. – 321 p.

9. Family code of the Republic of Tajikistan from 13 November 1998, № 682 // [Electronic resource]. Official website of the National center of legislation under the President of the Republic Tajikistan. Access mode: www.mmk.tj (date of access: 05.02.2026).

10. Resolution of the Plenum of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan «On the Application by Courts of the norms of the Family code of the Republic of Tajikistan in considering cases related to the recovery of alimony for child maintenance» from 19 November 2012, №5 // [Electronic resource]. Archival materials from the official website of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan. Access mode: www.sud.tj (date of access: 05.02.2026).

11. Tibor L. Prosecutorial experience in ensuring guarantees of legality in civil proceedings // International scientific conference on issues of civil procedural law. Abstracts of reports. – Budapest, 2008. – P. 49-56.

12. Rahimov M.Z. Commentary to the Civil procedure Code of the Republic of Tajikistan. – Dushanbe: «Irfon». – 765 p.

13. Civil procedure Code of the Republic of Tajikistan from 5 January 2008, №341 [Electronic resource]. Official website of the National center of legislation under the President of the Republic of Tajikistan. Access mode: www.mmk.tj (date of access: 05.02.2026).

14. Kozlov A.F. On the essence of prosecutorial supervision over the execution of laws in civil proceedings // Collection: problems of reform of civil procedural law and the practice of its application. – Sverdlovsk: «Publishing House of UrGUA», 1990. – P. 52-60.

**5.5.12 – КРИМИНАЛИСТИКА; ФАЪОЛИЯТИ СУДӢ-ЭКСПЕРТӢ; ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ**
**5.5.12 – КРИМИНАЛИСТИКА; СУДЕБНО-ЭКСПЕРТНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ; ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ**
**5.5.12 – CRIMINALISTICS; FORENSIC EXPERT ACTIVITY; OPERATIONAL-SEARCH ACTIVITY**



**УДК:** 343.985
**Сулаймонзода Рустами Неъматуло,**
старший преподаватель кафедры уголовного процесса факультета №2 Академии Министерства внутренних дел Республики Таджикистан, капитан милиции
Тел.: (+992) 904-17-75-62
E-mail: rustam.sulaymon.94@mail.ru.

# ОПТИМИЗАЦИЯ ТАКТИЧЕСКИХ ПРИЁМОВ РАЗРЕШЕНИЯ КОНФЛИКТНЫХ СИТУАЦИЙ В ХОДЕ РАССЛЕДОВАНИЯ

**Ключевые слова:** оптимизация, совершенствование, тактические приёмы, разрешение конфликтов, расследование преступлений, конфликтные ситуации, методы повышения эффективности, тактика взаимодействия, правоохранительная деятельность, предотвращение конфликтов.

**Аннотация.** В статье рассматриваются методы совершенствования и оптимизации тактических приёмов разрешения конфликтных ситуаций в процессе расследования. Актуальность темы обусловлена необходимостью повышения эффективности взаимодействия следственных органов и участников конфликтных ситуаций для своевременного и объективного выяснения обстоятельств. Проведен анализ существующих подходов к разрешению конфликтов, выявлены их слабые стороны, а также предложены новые тактические методики, направленные на снижение уровня напряженности и достижение положительного результата расследования. В результате исследования разработаны рекомендации по внедрению оптимизированных тактических приёмов в практическую деятельность следственных органов.

Процесс расследования преступлений неизбежно сопровождается рядом сложностей, которые формируются под влиянием как специфики конкретного вида преступления, так и индивидуальных особенностей психологического состояния лица, его совершившего. Эти трудности проявляются на различных уровнях следственного процесса и включают как объективные, так и субъективные факторы, определяющие сложившуюся следственную ситуацию. К объективным факторам можно отнести характер деяния, сложность доказательной базы и обстоятельства совершения преступления, в то время как субъективные факторы связаны с восприятием и действиями участников расследования, а также с психологическими особенностями подозреваемого или обвиняемого. В совокупности эти элементы создают комплекс условий, усложняющих процесс установления объективной истины по уголовному делу, включая необходимость применения специальных тактических приёмов, направленных на преодоление возникающих препятствий и эффективное выявление обстоятельств преступления.

Бинобар ҳамин, дар танзими ҳуқуқии маъмурии муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи ҳуқуқии маъмурии муҳим баромад мекунад, зеро онҳо муқаррароту нишондоди ҳуқуқии маъмурӣ ва коидаи рафторро дар муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ пешбинӣ намуда, таъсиррасонии ҳуқуқии маъмуриро ба рафтору фаъолияти субъектон равона менамоянд. Бояд зикр кард, ки меъёрҳои ҳуқуқии маъмурӣ ҳамчун воситаҳои муҳимтарини танзими ҳуқуқии маъмурӣ тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос мегарданд. Воситаҳои ҳуқуқии маъмурӣ, ки дар доираи танзими ҳуқуқии маъмурӣ қарор доранд, тибқи андешаҳои илмӣ ба мазмуни умумӣ танзими мазкур низ тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ мегарда. Инчунин, тибқи арзёбии илмии ҷойдошта «танзими ҳуқуқӣ ҳамчун раванди банизомдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян гардидааст, ки тавассути муқаррароти ҳуқуқӣ аз ҷониби давлат дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос мегарданд, сурат мегирад ва онҳо «қувва»-и асосии таъсиррасонӣ ба рафтор ва тамоми намуди фаъолияти маҳсуб меёбанд» [17, с. 25]. Дар ҳолати дигар зикршудааст, ки «санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ шакли ифодаи меъёрҳои ҳуқуқӣ аст ва меъёрҳои мазкур воситаҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ аст ба одамон аст» [12, с. 25]. Бинобар ҳамин, дар танзими ҳуқуқии маъмурӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун таҷассумкунандаи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба сифати воситаҳои ҳуқуқии маъмурӣ баромад мекунанд ва механизми асосии танзими мазкурро ташкил медиҳанд.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар танзими ҳуқуқии маъмурӣ ин муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошанд, ки тавре зикр гардид ҳамчун унсури механизми танзими ҳуқуқии маъмурӣ баромад мекунанд. Ба таври хос бошад, муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ таҳти танзими ҳуқуқии маъмурӣ

қарор мегиранд. Моҳияти муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ бо хусусиятҳои асосие чун меъёрҳои моддӣ ва ҳамчунин меъёрҳои ҳуқуқии маъмурии мурофиавӣ, яъне раванди идоракунӣ ва фаъолияти маъмурии мурофиавӣ вобастагӣ доранд [3, с. 106]. Муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ мазмун дорои як қатор хусусиятҳо мебошад, ки аз муносибатҳои дигари ҳуқуқӣ фарқ мекунанд. Аз қабили: а) муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ ба вуҷуд меояд, тағйир меёбад ва қатъ мегардад, яъне бо ташкил ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия алоқаманд аст [6, с. 46]; б) субъекти ҳатмии он мақомоти идоракунии давлатӣ (махсусан мақомоти ҳокимияти иҷроия) мебошад [3, с. 106]; в) муносибатҳои мазкур тавассути меъёрҳои ҳуқуқии маъмурӣ танзим мегарданд; г) муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ муносибатҳои ҳокимиятию тобеиятӣ буда, дар заминаи нобаробарии иштирокчиён (тарафҳо) ташаккул меёбанд ва ғайра.

Муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ чун анъана дорои унсурҳое чун субъект ва объект мебошад. Ба сифати субъекти муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ доираи муайяни шахсон ва ё иштирокчиён баромад мекунанд, ки дар маҷмуъ онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мегарданд: субъектони инфиродӣ – шахсони воқеӣ (шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд), хизматчиёни давлатӣ ва дигарон; субъектони коллективӣ – мақомоти идоракунии давлатӣ (мақомоти ҳокимияти иҷроия), ташкилотҳои ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғайра.

Объекти муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ он чизе мебошад, ки вобаста ба он муносибатҳои мазкур ба вуҷуд меоянд. Дар ҳолати дигар объекти муносибатҳои мазкурро амал ва ё беамалии субъектони муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ, рафтори мусбӣ ва ё манфии онҳо ташкил медиҳад [11, с. 153]. Объекти муносибатҳои ҳуқуқии маъмуриро ба мазмуни умумӣ муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳад, ки тавассути меъёрҳои ҳуқуқии маъмурӣ танзим мегарданд. Ба таври мушаххас бошад, ба сифати объекти муносибатҳои мазкур рафтор, фаъолияти субъектон, неъматҳои моддӣ ва маънавӣ ва ғайра баромад мекунанд. Бояд гуфт, ки мавзуи баррасишаванда махсусияти танзими ҳуқуқии маъмурии амнияти озуқаворӣ мебошад ва масъалаи мазкур бо объекти муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ дар алоқамандӣ дорад. Бо назардошти он ки соҳаи амнияти озуқаворӣ моҳиятан ба сифати объекти танзими ҳуқуқии маъмурӣ баромад мекунад, мо таваҷҷуҳи худро асосан ба баррасӣ ва таҳлили мазмун ва моҳияти танзими ҳуқуқии маъмурӣ дар соҳаи амнияти озуқаворӣ ва ҳамчунин, хусусиятҳои хосси соҳаи амнияти озуқаворӣ ҳамчун объекти танзими ҳуқуқии маъмурӣ равона менамоем.

Бояд гуфт, амнияти озуқаворӣ ҷузъи ҷудонашавандаи амнияти миллии кишвар маҳсуб ёфта, таъмини он дар шароити муосир барои тамоми давлатҳои муосир аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим ва стратегӣ ба ҳисоб меравад. Бо назардошти афзалият ва муҳиммияти соҳаи амнияти озуқаворӣ дар яке аз адабиёти илмӣ дуруст иброз гардидааст, ки «амнияти озуқаворӣ ҳамчун омили таъмини амнияти миллии давлат баррасӣ мегардад, чунки нигаҳдории соҳибихтиёрӣ ва давлатдорӣ, тағйирёбии вазъи демографӣ аз лиҳози камшавии фавт ва баланд бардоштани таваллуд, дар маҷмуъ баланд бардоштани сифати зиндагии шаҳрвандон тавассути кафолати стандартҳои баланди таъминоти зиндагонӣ дар сатҳи дахлдор аз нигаҳдории сиёсати давлатӣ-идоракунӣ дар соҳаи таъмини амнияти озуқаворӣ вобаста аст. Таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои санитарӣ ва бойторӣ ҳадафи стратегии амнияти озуқаворӣ мебошад. Кафолати расидан ба он метавонад устувории истеҳсолоти дохилӣ, ҳамчунин мавҷудияти захираҳои зарурии озуқаворӣ бошад» [13, с. 43].

Бо мақсади таъмини самаранокӣ ва танзими босуботи амнияти озуқуворӣ, танзими ҳуқуқӣ ҳамчун механизми муҳимтарин рӯйи кор меояд. Тавре аз таҳлилҳои боло бармеояд, мафҳуми танзими ҳуқуқӣ васеътар буда, танзими ҳуқуқии амнияти озуқавориро дар доираи соҳаҳои гуногун ҳуқуқ ифода мекунад. Яке аз танзимҳои ҳуқуқии муҳим ва самаранок барои амнияти озуқаворӣ ва таъмини босуботи он ин танзими ҳуқуқии маъмурӣ ба ҳисоб меравад.

Танзими ҳуқуқии маъмурии амнияти озуқаворӣ мазмуни ба худ хос дорад, аз намудҳои танзими ҳуқуқӣ дар ин самт фарқ мекунад. Барои ошкор намудани мазмун ва махсусияти танзими ҳуқуқии маъмурии амнияти озуқаворӣ зарур аст, ки масъалаҳои марбут ба танзими мазкур ва хусусиятҳои хосси амнияти озуқаворӣ ҳамчун объекти танзими ҳуқуқии маъмурӣ муайян карда шаванд. Махсусиятҳои дар боло таҳлилгардидани танзими ҳуқуқии маъмурӣ, ки дар умум муайян гардиданд, ҳамзамон, барои танзими ҳуқуқии амнияти озуқаворӣ низ дахл доранд. Яъне, хусусиятҳои умумии танзими ҳуқуқии маъмурӣ новобаста ба соҳа ва ё объекти муайян мазмунан якранг мебошанд. Яъне, барои ҷой доштани танзими ҳуқуқии маъмурии самаранок, зарур аст, ки механизми он, ки ифодагари маҷмуи воситаҳои ҳуқуқии маъмурӣ мебошад, ки тавассути онҳо ба муносибатҳои ҳуқуқии маъмурии дахлдор

таъсиррасониҳои ҳуқуқии маъмурӣ равона мегардад. Дар алоқамандӣ бо ин гуфтан мумкин аст, ки танзими ҳуқуқии маъмурии амнияти озуқаворӣ ба воситаи механизмҳои ҳуқуқии маъмурӣ амалӣ карда мешавад. Механизмҳои мазкур маҷмуи воситаҳои ҳуқуқии маъмуриро ташкил медиҳад, ки асоси онро меъёрҳои ҳуқуқии маъмурӣ ташкил медиҳанд. Меъёрҳои ҳуқуқии маъмурӣ барои танзими масъалаҳои марбут ба амнияти иқтисодӣ ва таъмини он нақши калидиро иҷро мекунад. Зеро дар заминаи онҳо қоидаҳои умумии ҳатмии рафтори иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба таъмини амнияти иқтисодӣ муайян гардида, ҳадду ҳудуди таъмини амнияти мазкур, ки хусусияти самаранокиро дар худ таҷассум менамояд, муқаррар мешавад ва дар натиҷа, ба пешгирии мушкилот ва монеагиҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ нисбат ба он мусоидат менамоянд. Меъёрҳои ҳуқуқии маъмурӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифода гардидаанд. Ба таври мушаххас бошад, онҳо дар қонунгузории маъмурӣ муқаррар шудаанд [14, с. 7], ки барои танзими муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ равона мегарданд. Меъёрҳои ҳуқуқии маъмурӣ аз ҷониби давлат, махсусан мақомоти ваколатдори он (мақомоти намояндагӣ, иҷроия, маҳаллии ҳокимияти давлатӣ) таҳия ва мавриди амал қарор гирифта, қоидаи рафтори субъектони муносибатҳои ҳуқуқии маъмуриро муқаррар менамояд, ки риоя намудани онҳо бо чораҳои махсуси маҷбуркунии давлатӣ таъмин мегардад [16, с. 398]. Дар соҳаи таъмини амнияти озуқаворӣ доираи васеи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амал мекунад, ки дар меъёрҳои ҳуқуқии маъмуриро дар худ таҷассум намуда, муқарраротва нишондоҳои меъёрии ҳуқуқии маъмурӣ, хусусан қоидаҳои рафтори иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии маъмуриро вобаста ба таъмини амнияти озуқаворӣ пешбинӣ менамоянд. Меъёрҳои ҳуқуқии маъмурӣ ҳамчун воситаҳои ҳуқуқии маъмурӣ дар низоми механизмҳои танзими ҳуқуқии маъмурии амнияти озуқаворӣ таъсиррасониҳои ҳуқуқии маъмуриро ба раванди таъмини амнияти озуқаворӣ ва муносибатҳои бо он алоқамандро амалӣ менамоянд. Таъсиррасониҳои ҳуқуқии маъмурӣ ба рафтор, шуур, фаъолияти иштирокчиён, ҳамчунин, самтҳои дигар равона мегардад, ки раванди таъмини амнияти озуқавориро самаранок гардонида, амалишавии ҳадафҳо ва вазифаҳои давлатиро ба таври муносиб таъмин менамояд.

Дар доираи танзими ҳуқуқии маъмурии ин ё он масъала, хусусияти меъёрҳои ҳуқуқии маъмурӣ муҳим мебошад. Яъне, меъёрҳои мазкур бо назардошти табиати масъалаҳои дахлдор хусусиятҳои хосро дар худ таҷассум менамояд, ки танзими ҳуқуқии маъмурии онҳоро самаранок мегардонанд. Чунончи дар илми ҳуқуқи маъмурӣ маълум аст, меъёрҳои ҳуқуқии маъмурӣ дорои хусусияти муҳофизавӣ ва танзимӣ мебошанд [19, с. 136]. Ба таври дигар, меъёрҳои мазкур фунсияи танзимӣ ва муҳофизавиро доро доро мебошанд. Дар алоқамандӣ бо амнияти озуқаворӣ, ки ҳолати муҳофизавии соҳаи озуқавории кишварро инъикос менамояд, дар бештар маврид меъёрҳои ҳуқуқии маъмурии дорои хусусияти ҳуқуқмуҳофизавӣ мавриди амал қарор мегиранд. Меъёрҳои ҳуқуқии маъмурии дорои хусусияти муҳофизавӣ бевосита ба таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, қонуният, амнияти ҷамъиятӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шахсон алоқаманд аст, ки амнияти озуқаворӣ низ бо масъалаҳои мазкур зич алоқаманд аст. Дар доираи таъмини амнияти озуқаворӣ қоидаҳои ҳатмии рафтори иштирокчиён, мамнуият ва маҳдудиятҳо, чораҳои маҷбурсози давлатӣ ба монанди, чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ (аз ҷумлаи ҷавобгарии маъмурӣ) ва чораҳои дигар муқаррар гардида мешавад. Чунончи, манъи ворид намудани маҳсулоти ба саломатии инсон зараровар, маҳдуд намудани содир намудани маҳсулоти ғизоӣ ба хориҷӣ кишвар, муқаррар намудани ҷавобгарии маъмурӣ (аз қабили воридот ва содироти маҳсулоти таҳти карантин қарордошта бе сертификати фитосанитарӣ ва иҷозати карантинӣ [1]) ва ғ. моҳиятан меъёрҳои ҳуқуқии маъмурии дорои хусусияти муҳофизавиро ифода мекунад. Муқаррар намудани чунин меъёрҳои ҳуқуқии маъмурӣ вазъи соҳаи озуқавории кишварро беҳтар намуда, дастрасӣ ба маҳсулоти ватаниро афзоиш медиҳад, зараррасонӣ ба саломатии шаҳрвандон таҳдидҳо ба амнияти озуқавориро пешгирӣ менамояд ва дар маҷмуъ ба таъмини амнияти озуқавориро мусоидат менамояд.

Дар баробари гуфтаҳои зикршуда, меъёрҳои ҳуқуқии маъмурии дорои хусусияти танзимӣ дар соҳаи амнияти озуқаворӣ истисно намегардад. Ин гуна меъёрҳои ҳуқуқии маъмурӣ дар танзими ҳуқуқии маъмурии амнияти иқтисодии кишвар нақши назаррасро иҷро мекунад. Меъёрҳои ҳуқуқии маъмурии дорои хусусияти танзимӣ бо зерфункисяҳое чун ташкилӣ, иҷроиявӣ, иҷозатдиҳӣ, меъёрэҷодкунӣ, контролӣ-назоратӣ ва ҳамоҳангсозӣ алоқаманд аст, ки онҳо ҷавҳари таъсиррасонии маъмурӣ-ҳуқуқиро ташкил медиҳанд [5, с. 24]. Меъёрҳои мазкур имкон фароҳам меоваранд, ки равандҳои гуногуни соҳаи озуқаворӣ ва амнияти он таъмин карда шавад. Дар заминаи меъёрҳои ҳуқуқии маъмурии дорои хусусияти танзимӣ расмиётҳои алоҳида (маъмурӣ) муайян гардида, доираи салоҳияти (ваколатҳои) субъектони идоракунии давлатӣ дар соҳаи амнияти

озуқаворӣ муқаррар шуда, дар заминаи фаъолияти иҷроиявӣ, амрдиҳӣ, контролӣ-назоратии субъектони мазкур муайян мегарданд. Масалан, тибқи қонунгузории кишвар ба мақоми ваколатдори дар соҳаи амнияти (бехатарии) озуқаворӣ доираи муайяни ваколатҳо муқаррар гардидааст, ки хусусиятҳои гуногун дошта, бо амалӣ намудани онҳо, таъсиррасониҳои ҳуқуқии маъмурӣ ба муносибатҳо ва равандҳои дахлдор равона мегардад, ки дар маҷмуъ самаранокии таъмини амнияти озуқавориро баланд мегарданд.

Унсури муҳимми механизмҳои танзими ҳуқуқии маъмурии амнияти иқтисодиро субъектони муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ-ташкил медиҳад. Субъектон бо назардошти он ба сифати унсури механизмҳои танзими ҳуқуқии маъмурӣ баромад мекунанд, ки онҳо воситаҳои ҳуқуқӣ, яъне меъёрҳои ҳуқуқии маъмуриро мавриди амал қарор дода, муқарраroти дар он ифодагардидаро дар амал татбиқ намуда, ба роҳбарӣ мегиранд. Бинобар ҳамин, дар танзими ҳуқуқии маъмурии амнияти озуқаворӣ субъектони муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ муҳим буда, сатҳу сифат ва самаранокии танзими мазкур аз онҳо вобастагии зич дорад.

Хусусият ва муҳиммияти субъектонро дар танзими ҳуқуқии маъмурии амнияти озуқаворӣ метавон ба таври зайл муайян намуд: а) онҳо дар маҷмуъ доираи муайяни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мақомоти идоракунии давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо мебошанд, ки дар соҳаи озуқаворӣ ва раванди таъмини амнияти он иштирок менамоянд; б) субъекти асосӣ ва муҳимми танзими ҳуқуқии маъмурӣ мақомоти идоракунии давлатӣ, махсусан мақомоти ҳокимияти иҷроия мебошад; в) мақомоти идоракунии давлатӣ (мақомоти ҳокимияти иҷроия) дорои ваколатҳои ҳокимиятӣ мебошад, ки таъсиррасониҳои ҳуқуқии маъмуиро дар робита ба таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар амалӣ менамоянд; г) субъектони идоракунии давлатӣ меъёрҳои ҳуқуқии маъмуриро ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ амалан татбиқ менамоянд; д) субъектони идоракунии давлатӣ фаъолияти худро ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар дар шаклҳои мухталиф ба монанди, ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ, банақшагирии стратегӣ ва ғ. амалӣ менамоянд; е) фаъолияти субъектони ваколатдор тадбирҳои ҳуқуқии маъмурии гуногунро ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ амалӣ мекунанд (воситаҳои ҳуқуқии маъмурии таъмини воридотивазкунии маҳсулоти озуқаворӣ, таъмини сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрока, ташкили захираҳои озуқа дар ҳолатҳои муайян ва ғ.) [13, с. 77]; ё) бо мақсади таъмини самаранокии танзими ҳуқуқии маъмурии амнияти озуқаворӣ ҳамкориҳо ва ҳамоҳангсозӣ миёни субъектони муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ ба роҳ монда мешавад.

Ҳамин тариқ, танзими ҳуқуқии маъмурӣ барои амнияти озуқаворӣ ва таъмини он фишанги муҳим ва самарнок ба ҳисоб рафта, тавассути воситаҳои ҳуқуқии маъмурӣ, махсусан меъёрҳои ҳуқуқии маъмурӣ дар алоқамандӣ бо ташкили идоракунии давлатии самаранок амалӣ карда мешавад.

**Муқарриз:** д.и.ҳ., профессор Маъруфӣ Р.Н.

## СОДЕРЖАНИЕ АДМИНИСТРАТИВНО-ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ ОСНОВЫ

**Ключевые слова:** государственное управление, административно-правовое регулирование, продовольственная безопасность, административно-правовые отношение, субъект, объект, элемент, воздействие, эффективность, административно-правовые нормы.

**Аннотация.** В данной статье рассматривается особенности административно-правового регулирования продовольственной безопасности. Административно-правовое регулирование продовольственной безопасности является важнейшим инструментом оптимального обеспечения продовольственной безопасности и имеет особое значение в предотвращении угрозы данной безопасности. Следует отметить, что в статье были использованы различные литературы, имеющие особые значения в понимании административно-правового регулирования продовольственной безопасности. На основе изучения теоретических подходов изложены научные мнения авторов, относительно данного вопроса.

**Соибов Зайниддин Махмадшарифович** – доктор юридических наук, профессор кафедры конституционного и административного права юридического факультета Таджикского национального университета. E-mail: zayniddin.soibov.92@mail.ru; Тел.: (+992) 985-11-66-99.

**Азизов Саджджод Амиршоевич** – докторант PhD Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: azizovsajjod@gmail.com. Тел.: (+992) 907-55-55-37.

**CONTENT OF ADMINISTRATIVE AND LEGAL REGULATION OF FOOD SECURITY: THEORETICAL AND CONCEPTUAL FRAMEWORK**

**Keywords:** state power, order, rights, monarch, parliament, subject, competence, President, function, legality, cratology, state.

**Abstract.** This article examines the specifics of administrative and legal regulation of food security. Administrative and legal regulation of food security is a crucial tool for optimally ensuring food security and is particularly important in preventing threats to this security. It should be noted that this article draws on various literature sources that are particularly relevant to understanding the administrative and legal regulation of food security. Based on a study of theoretical approaches, the authors present their scientific opinions on this issue.

**Soībov Zayniddin Mahmadsharifovich** – doctor of law, professor of the department of constitutional and administrative law, faculty of law, Tajik national university. E-mail: zayniddin.soibov.92@mail.ru. Тел.: (+992) 985-11-66-99.

**Azizov Sajjod Amirshoevich** – PhD student at the Academy of public administration under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: azizovsajjod@gmail.com; Tel.: (+992) 907-55-55-37.

**Руйхати адабиёт:**

1. Кодекси ҳуқуқвайвaронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №455 // [Захираи электронӣ]. Махзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.01.2026).

2. Алексеев С.С. Механизми танзими ҳуқуқӣ дар давлати сотсиалистӣ. – М.: «Юрид. лит.», 1966. – 187 с.

3. Бахрах Д.Н., Российский Б.В., Старилов Ю.Н. Ҳуқуқи маъмурӣ: Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Нашри 2-юм, бо тағйирот ва иловаҳо. – М.: «Норма», 2005. – 800 с.

4. Блинов А.Г. Дар бораи мафҳуми танзими маъмурию ҳуқуқӣ // Ҳуқуқ ва давлатдорӣ. – 2024. – №4 (5). – С. 43-48.

5. Ведяшкин С.В. Вазифаи ҳифзкунандаи ҳуқуқи маъмурӣ: мафҳум ва татбиқ // Маҷаллаи Донишгоҳи давлатии Томск. Ҳуқуқ. – 2017. – №26. – С. 33-44.

6. Глушенко П.П., Жилский Н.Н., Кайнов В.И., Куртяк И.В. Ҳуқуқи маъмурӣ. Курси кӯтоҳ. Нашри 2-юм. – СПб.: «Питер», 2011. – 272 с.

7. Коренев А.П. Ҳуқуқи маъмурии Россия. Қисми 1. – М.: «МЮИ ВКД Русия», 1999. – 280 с.

8. Лапшинов Э.В. Мафҳуми воситаҳои ҳуқуқӣ дар анъанаи ҳуқуқӣ // Маҷаллаи ҳуқуқии Ленинград. – 2009. – №3. – С. 173-186.

9. Любашитс В.Я., Мордовтсев А.Ю. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – М.: «РИОР», 2014. – 704 с.

10. Малко А.В. Падидаҳои нави ҳаёти сиёсӣ-ҳуқуқии Россия: масъалаҳои назария ва амалия. – Тольятти: «ВУиТ», 1999. – 199 с.

11. Старилов Ю.Н. Ҳуқуқи маъмурии умумӣ: китоби дарсӣ: дар 2 қ. – Воронеж: «Хонаи нашриёти ДДВ», 2016. – 760 с.

12. Решетов Ю.С. Танзими ҳуқуқӣ ва татбиқи ҳуқуқ // Паёми Донишгоҳи Перм. – 2015. – №3 (29). – С. 24-29.

13. Санникова С.С. Таъмини маъмурӣ-ҳуқуқии амнияти озуқаворӣ дар Федератсияи Россия: дисс. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Саратов, 2019. – 227 с.

14. Светлана В.П. Самаранокии меъёрҳои ҳуқуқии маъмурӣ дар соҳаи ҳаракати роҳ // Тартиботи ҳуқуқӣ: таърих, назария, амалия. – 2017. – №1 (12). – С. 6-10.

15. Смоленский М.Б., Дригола Э.В. Ҳуқуқи маъмурӣ: китоби дарсӣ – М.: «КНОРУС», 2020. – 320 с.

16. Старилов Ю.Н. Курси ҳуқуқи маъмурӣ. – М.: «Статут», 2002. – 711 с.

17. Тихомиров Ю.А. Танзими ҳуқуқӣ: назария ва амалия. – М.: «Формула права», 2008. – 400 с.

18. Червонюк В.И. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ. – М.: «ИНФРА-М», 2007. – 703 с.

19.Хритин Р.Д. Таснифоти меъёрҳои муҳофизатии ҳуқуқ // Ҳуқуқи аграрӣ ва замин. – 2019. – №11 (179). – С. 135-137.

**Список литературы:**

1. Кодекс об административных правонарушениях Республики Таджикистан // [Электронный ресурс]. Централизованный банк правовой банк информации «Адлия». Режим доступа: http://www.adlia.tj (дата обращения: 20.01.2026).
2. Алексеев С.С. Механизм правового регулирования в социалистическом государстве. – М.: «Юрид. лит.», 1966. – 187 с.
3. 3Бахрах Д.Н., Российский Б.В., Старилов, Ю.Н. Административное право: Учебник для вузов. – 2-е изд., изм. и доп. – М.: «Норма», 2005. – 800 с.
4. Блинов А.Г. О понятии административно-правового регулирования // Право и государственность. – 2024. – №4 (5). – С. 43-48.
5. Ведяшкин С.В. Охранительная функция административного права: концепт и реализация // Вестник Томского государственного университета. Право. – 2017. – №26. – С. 33-44.
6. Глущенко П.П., Жильский Н.Н., Кайнов В.И., Куртяк И.В. Административное право. Краткий курс. 2-е изд. – СПб.: «Питер», 2011. – 272 с.
7. Коренев А.П. Административное право России. Ч. 1. – М.: «МЮИ МВД России», 1999. – 280 с.
8. Лапшинов Э.В. Понятие правовых средств в правовой традиций // Ленинградский юридический журнал. – 2009. – №3. – С. 173-186.
9. Любащиц В.Я., Мордовцев А.Ю. Теория государства и права. – М.: «РИОР», 2014. – 704 с.
10.Малько А.В. Новые явления в политико-правовой жизни России: вопросы теории и практики. – Тольятти: «ВУиТ», 1999. – 199 с.
11. Старилов Ю.Н. Общее административное право: учебник: в 2 ч. – Воронеж: «Издательский дом ВГУ», 2016. – 760 с.
12. Решетов Ю.С. Правовое регулирование и реализация права // Вестник Пермского унивеситета. – 2015. – №3 (29). – С. 24-29.
13. Санникова С.С. Административно-правовое обеспечение продовольственной безопасности в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2019. – 227 с.
14. Светлана В.П. Эффективность административно-правовых норм в сфере дорожного движения // Правопорядок: история, теория, практика. – 2017. – №1 (12). – С. 6-10.
15. Смоленский М.Б., Дригола Э.В. Административное право: учебник – М.: «КНОРУС», 2020. – 320 с.
16. Старилов Ю.Н. Курс административного права. – М.: «Статут», 2002. – 711 с.
17. Тихомиров Ю.А. Правовое регулирование: теория и практика. – М.: «Формула права», 2008. – 400 с.
18.Червонюк В.И. Теория государства и права: учебник для вузов. – М.: «ИНФРА-М», 2007. – 703 с.
19. Хритин Р.Д. Классификация охранительных норм права // Аграрное и земельное право. – 2019. – №11 (179). – С. 135-137.

**List of literature:**

1. Code of Administrative offences of the Republic of Tajikistan // [Electronic resource]. Centralized Legal Information Database «Adlia». Access mode: http://www.adlia.tj (date of access: 20.01.2026).
2. Alekseev S.S. The Mechanism of Legal Regulation in the Socialist State. – M.: «Yurid. Lit.», 1966. – 187 p.
3. Bakhrakh D.N., Rossiyskiy B.V., Starilov Yu.N. Administrative Law: Textbook for universities. – 2nd ed., revised and supplemented. – M.: «Norma», 2005. – 800 p.
4. Blinov A.G. On the concept of administrative-legal regulation // Law and Statehood. – 2024. – №4 (5). – P. 43-48.
5. Vedyashkin S.V. The protective function of administrative law: concept and implementation // Bulletin of Tomsk State University. Law. – 2017. – №26. – P. 33-44.
6. Glushchenko P.P., Zhilsky N.N., Kaynov V.I., Kurtyak I.V. Administrative law. a short course. 2nd ed. – SPb: «Piter», 2011. – 272 p.

7. Korenev A.P. Administrative law of Russia. Part 1. – M.: «MUI of the Ministry of Internal Affairs of Russia», 1999. – 280 p.
8. Lapshinov E.V. The concept of legal means in the legal tradition // Leningrad Law Journal. – 2009. – №3. – P. 173-186.
9. Lyubashchits V.Ya., Mordovtsev A.Yu. Theory of state and law. – M.: «RIOR», 2014. – 704 p.
10. Malko A.V. New phenomena in the political and legal life of Russia: issues of theory and practice. – Tolyatti: «VuiT», 1999. – 199 p.
11. Starilov Yu.N. General administrative law: textbook: in 2 parts. – Voronezh: «Publishing House of Voronezh State University», 2016. – 760 p.
12. Reshetov Yu.S. Legal regulation and the implementation of law // Bulletin of Perm University. – 2015. – №3 (29). – P. 24-29.
13. Sannikova S.S. Administrative and legal support of food security in the Russian Federation: dis. cand. of legal sciences. – Saratov, 2019. – 227 p.
14. Svetlana V.P. The effectiveness of administrative-legal norms in the field of road traffic // Law and order: history, theory, practice. – 2017. – №1 (12). – P. 6-10.
15. Smolensky M.B., Drigola E.V. Administrative law: textbook. – M.: «KNORUS», 2020. – 320 p.
16. Starilov Yu.N. Course of administrative law. – M.: «Statut», 2002. – 711 p.
17. Tikhomirov Yu.A. Legal regulation: theory and practice. – M.: «Formula Prava», 2008. – 400 p.
18. Chervonyuk V.I. Theory of state and law: textbook for universities. – M.: «INFRA-M», 2007. – 703 p.
19. Khritin R.D. Classification of protective norms of law // Agrarian and Land Law. – 2019. – №11 (179). – P. 135-137.



**ТДУ:** 342.98

**Раҷабзода Мутеъулло Сафаралӣ,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 777-77-38-38
E-mail: rmuteollo@mail.ru.

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ РУТБАҲОИ ДАРАҶАВИИ КОРМАНДОНИ ПРОКУРОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Калидвожаҳо:** рутбаҳои дараҷавӣ, хизмати давлатӣ, мақомоти прокуратура, кормандони прокурорӣ, чораи ҳавасмандгардонӣ ва ҷазои интизомӣ.

**Аннотатсия.** Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявӣ-ҳуқуқии рутбаҳои дараҷавии кормандони прокурорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст. Муаллиф таърихи пайдоиши рутбаи дараҷавии кормандони прокурорӣ, мафҳуми он, моҳият, намудҳо ва асосҳои сарфароз ва маҳрум намудан аз онро дар низоми хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор додааст. Ба таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи рутбаҳои дараҷавии кормандони прокурорӣ, аз ҷумла Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва низомномаҳои соҳавӣ диққати махсус дода шудааст. Дар мақола мушкилоти амалии сарфароз намудани рутбаҳои дараҷавӣ, айният дошани номгӯи онҳо бо дигар номгӯи рутбаҳои дараҷавӣ, инчунин норасоиҳои танзими ҳуқуқии рутбаҳои дараҷавӣ ошкор гардидааст. Муаллиф пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили қонунгузорӣ, иваз намудани номгӯи онҳо, баланд бардоштани нақши онҳо, инчунин такмили ҳуқуқии сарфароз ва маҳрум намудан аз рутбаҳои дараҷавиро манзур менамояд.

Рутбаи дараҷавӣ – категорияи махсуси хизматӣ, рутбаи шахсии корманди прокурорӣ ба сифати хизматчии давлатӣ мебошад, ки бо дарназардошти мансаби ишғолкарда, собиқаи корӣ, дониш ва таҷриба, инчунин натиҷаи кор оид ба таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дода мешавад [1, с. 57].

Дар низоми муносибатҳои хизматӣ-ҳуқуқӣ дар мақомоти прокуратура додани рутбаҳои дараҷавӣ ба кормандони прокурорӣ муҳим мебошад.

В.С. Четвериков чунин мешуморад, ки рутбаи дараҷавӣ дар Федератсияи Россия ин дараҷа, синф, тахассуси (яке аз се дар як гурӯҳи вазифаҳо ё яке аз понздаҳ дар панҷ гурӯҳ) шахси мансабдор мебошад, ки қонуни федералӣ ё дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ барои ин ё дигар фаъолияти муайяне дар асоси мавҷудияти дониш, маҳорат ва қобилияти зарурӣ муқаррар кардааст [2, с. 283].

В.А. Юсупов рутбаи дараҷавиро эътирофи хизматҳои шоиста ва фаъолияти мусбати хизматчии давлатӣ медонад, ки дар шакли расмӣ ифода ёфта, ҳуқуқ ба имтиёзу афзалиятҳои давлатӣ медиҳад [3, с. 311]. Ба андешаи Д.Д. Семенчуков, рутбаи дараҷавии корманди прокуратура як қисми таркибии вазъи ҳуқуқии ӯ буда, на танҳо хизматҳои ӯро дар назди ҷамъият, балки аҳамияти мақомоти прокуратураро дар давлат низ ифода мекунад [4, с. 101]. Д.Н. Бахрах алоқаи ногусастании байни ҳуқуқ ба хизмати давлатӣ ва ҳуқуқи сарфароз гардидан бо рутбаи дараҷавиро нишон медиҳад. Ин ҳуқуқҳо аз Конститутсияи Федератсияи Россия баромада, имтиёз намебошанд [5, с. 132].

Дар мавриди мақомоти прокуратура, дар «Китоби рӯйимизии прокурор» мафҳуми мухтасари рутбаҳои дараҷавӣ, ба тариқи зайл ифода гардидааст: рутбаи дараҷавӣ – ин дараҷаи хизматии махсус, рутбаи шахсии корманди прокурорӣ, ҳамчун хизматчии давлатӣ мебошад, ки бо назардошти мансаби ишғолкарда, собиқаи корӣ (давомияти хизмат), дониш ва таҷриба, инчунин натиҷаи кор дар таҳкими волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ сарфароз гардонида мешавад [6, с. 23].

Рутбаҳои дараҷавии кормандони прокурорию тафтишотии мақомоти прокуратура дар ИҶШС бори аввал бо фармони Раёсати Шурои олии ИҶШС аз 16 сентябри соли 1943 муайян ва бо қарори ШКХ ИҶШС аз 16 сентябри соли 1943, №1002 либоси махсуси хизматӣ муқаррар гардид. Ҳамзамон, бо ин санад, яъне фармони Раёсати Шурои олии ИҶШС ҷадвали муқоисавии рутбаҳои дараҷавии кормандони прокурорию тафтишотии Прокуратураи ИҶШС ба рутбаҳои ҳарбӣ ва

Низомнома «Дар бораи рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти Прокуратураи ИҶШС» тасдиқ карда шуд.

Мутобиқи фармони Раёсати Шурои олии ИҶШС ва Низомнома «Дар бораи рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти прокуратураи ИҶШС» [6, с. 108], барои кормандони прокурорию тафтишотии мақомоти прокуратураи ИҶШС чунин рутбаҳо муқаррар гардида буд:

– Мушовири ҳақиқии давлатии адлия;
– Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 1;
– Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 2;
– Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3;
– Мушовири калони адлия;
– Мушовири адлия;
– Мушовири хурди адлия;
– Ҳуқуқшиноси дараҷаи 1;
– Ҳуқуқшиноси дараҷаи 2;
– Ҳуқуқшиноси дараҷаи 3;
– Ҳуқуқшиноси хурд.

Тибқи ҷадвали муқоисавӣ рутбаҳои мазкур ба рутбаҳои ҳарбӣ мутаносибан аз лейтинанти хурд то генерали артиш мувофиқ карда шуда буд.

Мутобиқи Низомнома «Дар бораи назорати прокурорӣ дар ИҶШС» (1955) ба кормандони Прокуратураи ИҶШС мувофиқи мансаби ишғолнамуда, рутбаҳои дараҷавии муқарраршуда дода мешуданд. Мушовири ҳақиқии давлатии адлия ва мушовирони давлатии адлияи дараҷаи 1-3 аз ҷониби Раёсати Шурои олии ИҶШС дода мешуд. Дигар рутбаҳои дараҷавӣ бо фармони Прокурори ИҶШС ва рутбаҳои дараҷавии ҳуқуқшиноси дараҷаи 1-3 ҳамчунин бо фармони Прокуророни ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дода мешуданд. Рутбаҳои дараҷавӣ якумрӣ дода мешуданд. Кормандони прокурорию тафтишотӣ, ки рутбаҳои дараҷавӣ доштанд, уҳдадор буданд, ки зимни иҷрои вазифаҳои хизматӣ бо либоси хизматӣ ва нишони фарққунандаи муқарраргардида бошанд.

Мутобиқи Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» [7] ба прокурорҳо ва муфаттишон, кормандони муассисаҳои илмию таълимии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба вазифаи ишғолкардаашон ва собиқаи кор рутбаҳои дараҷавӣ дода мешаванд.

Рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти прокуратура аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

Мутобиқи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2006, №345 «Дар бораи рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба кормандони мақомоти прокуратура рутбаҳои дараҷавии зерин муқаррар карда шудааст:

– Мушовири ҳақиқии давлатии адлия;
– Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 1;
– Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 2;
– Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3;
– Мушовири адлияи дараҷаи 1;
– Мушовири адлияи дараҷаи 2;
– Мушовири адлияи дараҷаи 3;
– Ҳуқуқшиноси дараҷаи 1;
– Ҳуқуқшиноси дараҷаи 2;
– Ҳуқуқшиноси дараҷаи 3.

Аз ин дида мешавад, ки номгӯи рутбаҳои дараҷавии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Тоҷикистон ба номгӯи рутбаҳои дараҷавии кормандони прокурории давраи шуравӣ, ки ҳанӯз соли 1943 муайян шуда буд, айният дошта, танҳо як рутбаи дараҷавӣ, ки ин ҳам бошад ҳуқуқшиносӣ хурд хориҷ шудааст.

Тартиби додани рутбаҳои дараҷавӣ ва аз онҳо маҳрум кардан дар м. 54 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомнома «Дар бораи рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки он бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 8 декабри соли 2006, №73 тасдиқ шудааст, муайян гардидааст [8б с. 68]. Рутбаи дараҷавӣ бо назардошти тавсифномаи мусбат, вазифаи ишғолкарда, муҳлати будан дар рутба ва собиқаи кор ба таври мураттаб дар ҳадди зерин дода мешавад.

Мушовири ҳақиқии давлатии адлия ба Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири давлатии адлияи дараҷаи 1 ба муовини аввали Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири давлатии адлияи дараҷаи 2 ба муовинони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3 ба Прокурорҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон, сардорони раёсат ва шуъбаҳои Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад. Мушовири адлияи дараҷаи 1 ба директори Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовинони сардорони раёсатҳо ва шуъбаҳои Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ёрдамчиёни калони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муфаттишони калони Раёсати тафтиши парвандаҳои ҷиноятии махсусан муҳимми Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовинони прокурори ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе, прокурори нақлиёти Тоҷикистон, прокурорҳои ноҳияҳо ва

шаҳрҳои калон ва дигар прокуратураҳои ба онҳо баробаркардашуда дода мешавад. Мушовири адлияи дараҷаи 2 ба муфаттишони Раёсати тафтиши парвандаҳои ҷиноятии махсусан муҳимми Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ёрдамчиёни Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурорҳои калон, прокурорҳои раёсату шуъбаҳо, прокурорҳои криминалисти Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ёрдамчиёни калони прокурорҳо, сардорони шуъбаҳои прокуратураҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон, прокурорҳои шаҳру ноҳияҳо, муовинони прокурорҳои шаҳрҳо ва ноҳияҳои калон, муфаттишони калони шуъбаи тафтиши парвандаҳои ҷиноятии махсусан муҳим, прокурорҳои калони шуъбаҳои прокуратураҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш.Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон дода мешавад. Мушовири адлияи дараҷаи 3 ба ёрдамчиёни прокурорҳо, прокурорҳои шуъбаҳо, муфаттишони шуъбаи тафтиши парвандаҳои ҷиноятии махсусан муҳим, прокурорҳо-криминалистони прокуратураҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш.Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон, муовинони сардорони шуъбаҳои прокуратураҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш.Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон, ёрдамчиёни калони прокурорҳо, муфаттишони калони прокуратураҳои шаҳру ноҳияҳо дода мешавад. Ҳуқуқшиноси дараҷаи 1-3 ба ёрдамчиёни прокурорҳо ва муфаттишони прокуратураҳои шаҳру ноҳияҳо ва дигар прокуратураҳои ба онҳо баробаркардашуда дода мешавад.

Дар Низомнома танҳо ду шахси масабдоре муайян карда шудааст, ки ваколати дододани рутбаҳои дараҷавӣ ба прокурорҳо ва муфаттишон, кормандони муассисаҳои илмию таълимии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро доранд. Инҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Рутбаи дараҷавии мушовири ҳақиқии давлатии адлия аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди ҳайати мушовараи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад. Рутбаҳои дараҷавии мушовири давлатии адлияи дараҷаи 1, 2, 3 аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад. Ба ин гурӯҳи рутбаҳои дараҷавӣ муҳлати додан муқаррар карда намешавад. Дигар рутбаҳои дараҷавӣ бо фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд.

Рутбаҳои дараҷавии кормандоне, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудаанд, ҳангоми ба дигар мақомот аз мақомоти прокуратура ба кор гузаштан нигоҳ дошта мешавад.

Тибқи банди 7 Низомнома «Дар бораи рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба гирифтани рутбаи дараҷавии ҳуқуқшиноси дараҷаи 3, дар сурати доштани тавсифномаи мусбат кормандоне, ки дар вазифаи ёрдамчии прокурор ё муфаттиши прокуратура ё дигар вазифаҳои прокурорию тафтишотӣ на камтар аз шаш моҳ кор кардаанд, мутахассисони ҷавон бошанд, баъд аз хатми коромӯзӣ ва ҳангоми бо хулосаи комиссияи аттестатсионӣ ба вазифаи ишғолкарда муносиб донистан, пешниҳод карда мешаванд.

Рутбаи дараҷавии навбатӣ баъди ба охир расидани муҳлати рутбаи қаблӣ, ки аз 1 солу 6 моҳ то 4 сол пешбинӣ шудааст, дода мешавад. Муҳлати дар ҳар як рутбаи дараҷавӣ будан ба тариқи зайл муқаррар мешавад:

– дар рутбаи ҳуқуқшиноси дараҷаи 3 – 1,5 сол;

– дар рутбан ҳуқуқшиноси дараҷаи 2 – 2 сол;

– дар рутбаи ҳуқуқшиноси дараҷаи 1 – 2,5 сол;

– дар рутбаи мушовири адлияи дараҷаи 3 – 3 сол;

– дар рутбаи мушовири адлияи дараҷаи 2 – 3,5 сол;

– дар рутбаи мушовири адлияи дараҷаи 1 – 4 сол.

Муҳлати додани рутбаҳои мушовири ҳақиқии давлатии адлия, мушовири давлатии адлияи дараҷаҳои 3,2,1 муқаррар карда намешавад. Ин рутбаҳои дараҷавӣ ба истиснои мушовири ҳақиқии давлатии адлия фақат дар ҳолатҳои баланд кардани вазифа ва барои хизмати шоиста дода мешаванд. Рутбаи мушовири ҳақиқии давлатии адлия танҳо ба Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

Бо гузаштани муҳлатҳои муқарраршуда, корманд барои сарфароз гардонида шудан ба рутбаи навбатӣ бояд ба Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад. Дар акси ҳол бояд ҳатман ба таври хаттӣ ба корманд ва Раёсати кадрҳои Прокуратураи генералӣ сабабҳои ба рутбаи дараҷавии навбатӣ пешниҳод накардани корманд ҳангоми фарорасии муҳлати дар рутбаи дараҷавии дахлдор будан маълум карда шавад.

Кормандони бо унвони ифтихории «Корманди фахрии прокуратураи Тоҷикистон» ҳавасманд гардонидашуда, дорои имтиёзи пеш аз муҳлат сарфароз гардонидан бо рутбаи дараҷавии навбатӣ ё сарфароз гардонидан бо рутбаи

дараҷавии баландтар аз рутбаи дараҷавии мувофиқи вазифаи ишғолнамудааш муқарраршуда мебошад.

Бе навбат додани рутбаҳои дараҷавӣ дар мавридҳои ба мақомоти прокуратура аз дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, корхонаву муассиса ва ташкилотҳо ба кор гузаштаанд, бо назардошти вазифа, дониш ва таҷрибаи корӣ, ҳамчунин мавҷуд будани дигар рутбаву унвонҳо, ҳангоми пешбарӣ ба вазифаи баланд ба риояи навбат то ду зина боло, вале ин рутбаи дараҷавӣ аз рутбаи дараҷавии вазифавие, ки ба он пешбарӣ шудааст, баланд набошад мумкин аст.

Дар мавридҳои аз ҷониби кормандон софдилона иҷро гардидани вазифаи хизматӣ, ба даст овардани муваффақиятҳои корӣ дар таҳкими қонуният ва мубориза зидди ҳуқуқвайронкуниҳо Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад пеш аз итмоми мӯҳлатҳои муқарраршуда барои ҳар як рутба ба корманд рутбаи дараҷавии навбатӣ диҳад, дар бораи додани рутбаи дараҷавии мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3, 2, 1, ки баланд аз вазифаи ишғолкардаи корманд мебошад, ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ирсол намояд ва баландтар аз вазифаи ишғолнамудаи корманд рутбаи дараҷавӣ диҳад.

Рутбаҳои дараҷавие, ки ба кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудаанд, якумрӣ мебошанд. Дар сурати барои кирдорҳои бадномкунанда аз мақомоти прокуратура озод намудани корманд, ӯро аз рутбаи дараҷавӣ маҳрум кардан мумкин аст. Ҳангоми вазифаи хизматиашро дағалона вайрон намудани корманди мақомоти прокуратура ё содир кардани кирдори бадномкунанда аз тарафи ӯ, рутбаи дараҷавии ӯро паст намудан мумкин аст. Маҳрумгардонӣ аз рутбаи дараҷавӣ ва паст намудани рутбаи дараҷавии мушовири ҳақиқии давлатии адлия, мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3, 2, 1 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Мутобиқи Кодекси ҷиноятии ҶТ [9] (моддаи 51) рутбаи дараҷавии корманди прокурориро суд метавонад мутобиқи тартиби муқарраргардида ҳангоми маҳкум намудани ӯ дар содир намудани ҷиноятҳои вазнин ё махсусан вазнин бо ҳукми судӣ маҳрум намояд.

Илова ба ин, комиссияи аттестатсионӣ баъди муҳокимаи аттестатсияшаванда метавонад дар бораи ба вазифаи ишғолнамудааш номуносиб будан бо тавсияи паст намудани рутбаи дараҷавӣ ё аз кор озод ва аз мақомот хориҷ кардан бо маҳрум сохтан аз рутбаи дараҷавӣ қарор қабул намояд.

Барқарор кардани рутбаи дараҷавӣ танҳо бо тартиби аттестатсиякунонӣ сурат мегирад.

Ба кормандони мақомоти прокуратура, ки рутбаи дараҷавӣ доранд, ба андозаҳое, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, иловапулӣ дода мешаванд.

Кормандони мақомоти прокуратура, ки рутбаи дараҷавӣ доранд, ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ бояд либоси расмии дорои нишонаҳои фарққунандаи муқарраргардида дошта бошанд. Тибқи б. 16 Регламенти Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 феврали соли 2016, №3 кормандони прокурории мақомоти прокуратура, ки рутбаҳои дараҷавӣ доранд, дар маҷлисҳои ҳайати мушовара, Шурои ҳамоҳангсозӣ, мурофиаҳои судӣ ва дигар ҷаласаву чорабиниҳои расмӣ бо либоси хизматӣ иштирок менамоянд.

Лозим ба ёдоварист, ки мафҳуми кирдори бадномкунанда бо ягон санади меъёрии ҳуқуқии ба танзимдарорандаи адои хизмат дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда нашудааст. Бинобар ин, дар мавриди татбиқи он метавонад ба ҳуқуқ манфиатҳои кормандони мақомоти прокуратура халал ворид кунад. Аз ин рӯ, зарур шуморида мешавад, ки истилоҳи кирдори бадномкунанда ба кирдоре, ки шаъну эътибори корманди прокурориро пас мекунад, иваз карда шавад. Дар натиҷа татбиқи он бе мушкилӣ амалӣ карда шуда, ба ҳуқуқу манфиатҳои ҳифзшавандаи корманди прокурории мақомоти прокуратураи халал ворид накарда, мавриди баҳс низ қарор намегирад.

Бо натиҷаи таҳлили танзими ҳуқуқии рутбаҳои дараҷавӣ барои кормандони прокурории мақомот ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии батанзимдарорандаи масъалаи мазкур ниёз ба такмил дорад. Пеш аз ҳама дар адабиёти махсус андешаҳо дар бораи «эксклюзивӣ» будани рутбаҳои дараҷавии кормандони прокурорӣ изҳор гардидааст. Аммо мутобиқ ба Низомномаҳо «Дар бораи тартиби додани рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Тартиби додани рутбаҳои дараҷавии кормандони Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Тартиби додани рутбаҳои дараҷавӣ ба кормандони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таҳсилоти олии ҳуқуқӣ доранд» ва «Тартиби додани рутбаҳои тахассусӣ ва иловапулӣ аз рӯйи собиқаи кор дар Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 10 номгӯи рутбаҳои дараҷавӣ ба истиснои 1 номгӯ боқӣ айнан ба рутбаҳои дараҷавии нисбати кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Тоҷикистон

муқарраршуда мебошад. Яъне ба онҳо низ рутбаҳои дараҷавии адлия муқаррар шудааст.

Бо назардошти таъиноти махсуси низоми мақомоти прокуратура дар давлати мо номи рутбаҳои дараҷавии кормандони прокурорӣ набояд бо ягон номгӯи рутбаҳои дараҷавии дигар кормандони мақомоти давлатӣ мувофиқ бошад. Тағйир додани номи рутбаҳои дараҷавии таҳлилшуда бо хориҷ кардани истилоҳи «адлия», ба андешаи В.В. Стрелников имкон медиҳад, ки на танҳо хизмати федералии давлатӣ дар мақомоти прокуратура хоса карда шавад, балки обрую эътибори он ҳам зиёд карда шавад. Ҳамчун интихоб барои чунин ивазкунӣ пешниҳод мекунад, ки номи рутбаи «мушовир» бо истилоҳи «назорат» ё «назорати давлатӣ» якҷоя карда шавад [10, с. 184].

Андешаи мазкур ҷолиби дастгирӣ буда, дар воқеъ бояд номгузории рутбаҳои дараҷавии кормандони прокурорӣ на бо хориҷ намудан истилоҳи «адлия» балки бо иваз намудани он бо истилоҳи «назорати олии давлатӣ» тағйир дода шавад.

Дигар ин, ки дар мақомоти прокуратура се намуди хизмати давлатӣ ва хизмати граждании арзи ҳастӣ менамояд. Дар мавриди истифодаи ибораи кормандони прокурорӣ тибқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» кормандоне дар назар дошта шудаанд, ки ба хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ ва ҳарбӣ ҷалб шудаанд. Дигар кормандони мақомоти прокуратура бошад ба хизмати давлатии шаҳрвандӣ ва хизмати гражданӣ ҷалбгардида мебошанд. Аз ин рӯ, гепотезаи м. 54 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва номи Низомнома «Дар бораи тартиби додани рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйир дода шуда, калимаи «кормандони» ба калимаҳои «кормандони прокурории» иваз карда шавад.

Дар м. 2 Конвенсия «Дар бораи меҳнати маҷбурӣ ва ҳатмӣ» [11] истилоҳи меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ чунин муайян карда шудааст: «Ҳама гуна кор ё хизмате, ки аз ҳар як шахс таҳти таҳдиди ягон ҷазо талаб карда мешавад, ки ин шахс ихтиёран хизмати худро пешниҳод накардааст». Моддаи 1 Конвенсия «Дар бораи бекор кардани меҳнати маҷбурӣ» [11] бошад, ҳар як узви Созмони Байналмилалии Меҳнатро, ки Конвенсияи мазкурро ратификатсия кардааст, вазифадор мекунад, ки меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмиро бекор кунад ва ба ҳар гуна шакли он, аз ҷумла, ҳамчун воситаи нигоҳ доштани интизоми меҳнат роҳ надиҳад. Тибқи Конститутсияи ҶТ низ ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст. Минбаъд ин меъёр дар м. 8 Кодекси меҳнати ҶТ мустаҳкам карда шуда, тибқи қисми дуюми он мавридҳои истисноӣ низ мушаххас карда шудааст.

Яке аз намудҳои ҷазои интизомӣ, ки нисбати кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Низомнома татбиқ карда мешавад, ин паст кардани рутбаи дараҷавӣ мебошад. Ба кормандони мақомоти прокуратура, ки рутбаи дараҷавӣ доранд, ба андозаҳое, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, иловапулӣ дода мешаванд. Музди меҳнати кормандони мақомоти прокуратура аз маоши вазифавӣ, иловапулиҳо барои рутбаи дараҷавӣ ва собиқаи хизмат иборат аст.

Аз ин ҷо паст кардани рутбаи дараҷавии корманди прокурорӣ ба кам гардидани музди меҳнати ӯ боис гардида, ҳамчун гузаронидан ба кори музди меҳнати камдошта бе розигии охирон ҳисобида мешавад. Омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар ин самт амалкунанда нишон дод, ки тибқи онҳо тартиби татбиқи ин намуди ҷазоҳои интизомӣ, муҳлати амали онҳо ва минбаъд барқарор намудани онҳо ба мансабҳои қаблӣ ва рутбаи дараҷавӣ ба таври муфассал муайян намебошад, ки метавонад ба халалдор шудан ба ҳуқуқу манфиатҳои тибқи қонун ҳифзшавандаи корманди прокурорӣ гардад. Инчунин, оё паст кардани рутбаи дараҷавӣ нисбати корманди прокурорие, ки рутбаи дараҷавии пасттаринро доранд татбиқ карда мешавад ё не, муайян карда нашудааст.

Таҳлили таҷрибаи татбиқи ин намуди ҷазо дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки аз қабули Низомнома дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти интизомии прокурорҳо, муфаттишон ва дигар кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рутбаҳои дараҷавӣ доранд то ба имрӯз ягон маротиба нисбати ягон нафар корманди прокурорӣ татбиқ карда нашудааст.

Новобаста аз ин, зарур шуморида мешавад, ки бо мақсади таъмини иҷрои ухдадориҳои байналмиллалии ба зимма гирифтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин намудҳои ҷазои интизомӣ нисбати кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номгӯии ҷазоҳои интизомӣ тибқи Низомнома «Дар бораи рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинишуда хориҷ карда шаванд.

С.С. Братановский ва В.В. Стрелников низ дар мавриди ҷазои паст кардани рутбаи дараҷавӣ дар ин ақидаанд, ки он бинобар татбиқи он дар таҷриба, доштани самаранокии шубҳанок, аз номгӯи ҷазоҳои интизомӣ нисбати кормандони прокурорӣ хориҷ карда шавад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, мафҳуми зерини рутбаи дараҷавии корманди прокурориро таҳия кардан мумкин аст. Рутбаи дараҷавии корманди прокурорӣ – ин рутбаи махсуси хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки аз ҷониби мақоми олии қонунгузорӣ муайян ва дар асоси расмиёти маъмурие, ки бо фармони дахлдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, бо тавсифномаи мусбат, вазифаи ишғолкарда, муҳлати будан дар рутба ва собиқаи корӣ ба таври мураттаб дода мешавад.

**Муқарриз:** д.и.ҳ., профессор Соибов З.М.

## ТЕОРЕТИКО-ПРАВОВЫЕ АСПЕКТЫ КЛАССНЫХ ЧИНОВ РАБОТНИКОВ ПРОКУРАТУРЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТА

**Ключевые слова*:*** классные чины, государственная служба, прокурорские работники, органы прокуратуры, меры поощрения и дисциплинарные наказания.

**Аннотация.** В статье осуществлён комплексный научный анализ теоретико-правовых аспектов классных чинов прокурорских работников в Республике Таджикистан. Автор исследует историю возникновения классных чинов прокурорских работников, их концепцию, сущность, виды, а также основания для их присвоения и лишения в системе государственной правоохранительной службы в органах прокуратуры Республики Таджикистан. Особое внимание уделяется анализу нормативных правовых актов, регулирующих вопросы классных чинов прокурорских работников, включая Конституционный закон Республики Таджикистан «Об органах прокуратуры Республики Таджикистан» и иные отраслевые нормативные положения. В статье раскрываются практические проблемы присвоения классных чинов, сходство их наименований с другими перечнями классных чинов, а также недостатки правового регулирования. Автор предлагает конкретные меры по совершенствованию законодательства, изменению их наименований, расширению их роли, а также совершенствованию правовой процедуры присвоения и лишения классных чинов.

**Раджабзода Мутеъулло Сафарали** – кандидат юридических наук, старший преподаватель кафедры административного и финансового права юридического факультета Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: rmuteollo@mail.ru; Тел.: (+992) 777-77-38-38.

## THE THEORETICAL AND LEGAL ASPECTS OF CLASS RANKS OF PROSECUTORIAL EMPLOYEES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Keywords:** class ranks, public service, prosecutorial employees, prosecutor’s office, incentive measures, disciplinary sanctions.

**Abstract.** The article carries out a comprehensive scientific analysis of theoretical and legal aspects of the class ranks of prosecutorial employees in the Republic of Tajikistan. The author investigates the history of emergence of class ranks of prosecutorial employees, their concept, essence, types, as well as reasons for their assignment and deprivation in the system of state law enforcement service in the organs of the prosecutor’s office of the Republic of Tajikistan. Special attention is paid to the analysis of normative legal acts regulating issues of class ranks of prosecutorial employees, including the Constitutional Law of the Republic of Tajikistan «About the procuratorial bodies of the Republic of Tajikistan» and other sectoral regulations. The article reveals practical problems of assignment of class ranks, similarity of their names with other lists of class ranks, as well as shortcomings of legal regulation. The author proposes specific measures to improve the legislation, change their names, expand their role, and improve the legal procedure for assigning and removing class seats.

**Rajabzoda Mute’ullo Safarali** – candidate of legal sciences, senior lecturer of the department of administrative and financial law, faculty of law, Academy of public administration under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: rmuteollo@mail.ru; Tel.: (+992) 777-77-38-38.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Сухарев А.Я. Назорати прокурории Россия. – М.: «Норма», 2001. – 480 с.
2. Четвериков В.С. Ҳуқуқи маъмурӣ: дастури таълимӣ. Нашри 8-ум. – М.: «ИМ РИОР, ММТ ИНФРА-М», 2015. – 360 с.
3. Юсупов В.А. Осор оид ба ҳуқуқи маъмурӣ: дар 3 ҷилд. – Ҷ. 2. – М.: ТҒ «Академияи авруосиёии илмҳои маъмурӣ», 2012. – 780 с.
4. Семенчуков Д.Д. Прокуратураи Россия дирӯз ва имрӯз. – М.: «Статут», 2001. – 231 с.
5. Бахрах Д.Н. Ҳуқуқи маъмурӣ. – М.: «Норма», 2000. – 640 с.
6. Герасимов С.И. Китоби рӯимизии прокурор // Таҳти таҳрири– М.: «Экслит», 2002. – 850 с.
7. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №107 // [Захираи электронӣ]. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. Манбаи дастрасӣ: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 02.03.2026).
8. Низомнома «Дар бораи рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 8декабри соли 2006, №73 тасдиқ шудааст // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ҷилди 1. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 66-70.
9. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 // [Захираи электронӣ]. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. Манбаи дастрасӣ: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 02.03.2026).
10. Стрельников В.В. Ҷанбаҳои маъмурию ҳуқуқии додани рутбаҳои дараҷавӣ дар мақомоти прокуратура // Ҳуқуқ ва давлат: назария ва амалия. – №8 (188). – 2020. – С. 182–186.
11. Ҳуқуқи инсон // Маҷмуаи шартномаҳои байналмилалӣ. – Ню-Йорк: «Нашрияи СММ», 1989 – 371 с.

**Список литературы:**

1. Конституционный закон Республики Таджикистан «Об органах прокуратуры Республики Таджикистан» от 25 июля 2005, №107 // [Электронный ресурс]. Централизованный информационно-правовой банк данных Республики Таджикистан «Адлия». Версия 7.0. Режим доступа: http://www.adlia.tj (дата обращения: 02.03.2026).
2. Уголовный кодекс Республики Таджикистан от 21 мая 1998 года // [Электронный ресурс]. Централизованный информационно-правовой банк данных Республики Таджикистан «Адлия». Версия 7.0. Режим доступа: http://www.adlia.tj (дата обращения: 02.03.2026).
3. Положение «О классных чинах работников органов прокуратуры Республики Таджикистан», утверждённое Указом Президента Республики Таджикистан от 8 декабря 2006 года, №73 // Приказы Генерального прокурора Республики Таджикистан и иные нормативные правовые акты, регулирующие деятельность органов прокуратуры Республики Таджикистан. – Т. 1. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 66-70.
4. Сухарева А.Я. Российский прокурорский надзор. – М.: «Норма», 2001. – 480 с.
5. Стрельников В.В. Административно-правовые аспекты присвоения классных чинов в органах прокуратуры // Право и государство: теория и практика. – №8 (188). – 2020. – С. 182–186.
6. Четвериков В.С. Административное право: учебное пособие. 8 изд. – М.: ИЦ РИОР, НИЦ ИНФРА-М, 2015 – С. 283.
7. Юсупов В.А. Труды по административному праву: в 3 т. – Т. 2. – М.: НП «Евразийская акад. адм. наук», 2012. – 360 с.
8. Семенчуков Д.Д. Прокуратура России вчера и сегодня. – М.: «Статут», 2001. – 231 с.
9. Бахрах Д. Н. Административное право. – М.: «Норма», 2000. – 640 с.
10. Герасимов С.И. Настольная книга прокурора. – М.: «Экслит», 2002. – 850 с.
11. Права человека // Сборник международных договоров. – Ню-йорк: «Издательство ООН», 1989. – 371 с.

**List of literature:**

1. Constitutional Law of the Republic of Tajikistan «On the Bodies of the Prosecutor's Office of the Republic of Tajikistan» from 25 July 2005, № 107 // [Electronic resource]. Centralized information and legal

database of the Republic of Tajikistan «Adliya». Version 7.0. Access mode: http://www.adlia.tj (date of access: 02.03.2026).

2. Criminal Code of the Republic of Tajikistan from 21 May 1998 // [Electronic resource]. Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan «Adliya». Version 7.0. Access mode: http://www.adlia.tj (date of access: 02.03.2026).

3. Regulation «On the class ranks of employees of the Prosecutor's Office bodies of the Republic of Tajikistan», approved by the Decree of the President of the Republic of Tajikistan from 8 December 2006, №73 // Orders of the Prosecutor General of the Republic of Tajikistan and other normative legal acts regulating the activities of the prosecutor's office bodies of the Republic of Tajikistan. – Vol. 1. – Dushanbe: «Irfon», 2016. – P. 66-70.

4. Sukhareva A.Ya. Russian prosecutorial supervision. – M.: «Norma», 2001. – 480 p.

5. Strelnikov V.V. Administrative and legal aspects of assigning class ranks in the bodies of the prosecutor's office // Law and State: Theory and Practice. – №8 (188). – 2020. – P. 182-186.

6. Chetverikov V.S. Administrative Law: textbook. 8th ed. – M.: «IC RIOR, NIC INFRA-M», 2015 – 283 p.

7. Yusupov V.A. Works on administrative law: in 3 vols. – Vol. 2. – M.: NP «Eurasian Academy of Administrative Sciences», 2012. – 360 p.

8. Semenchukov D.D. The prosecutor's office of Russia yesterday and today. – M.: «Statut», 2001. – 231 p.

9. Bakhrakh D.N. Administrative law. – M.: «Norma», 2000. – 640 p.

10. Gerasimov S.I. Prosecutor's Handbook. – M.: «Ekslit», 2002. – 850 p.

11. Human Rights // Collection of International Treaties. – New York: «UN Publishing», 1989. – 371 p.



**ТДУ:** 342.92
**Шарифзода Парвини Раҳмулло,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия
Тел.: (+992) 918-87-79-79
E-mail: Sharifzoda.parvin@mail.ru.

# ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ ТАНЗИМИ МАЪМУРӢ-ҲУҚУҚИИ ПЕШГИРИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА ВА ИМКОНИЯТҲОИ ИСТИФОДАИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Калидвожаҳо:** огоҳкунӣ ва пешгирӣ, зӯроварӣ дар оила, мақомоти корҳои дохилӣ, ИДМ, қонун, таҳлил, нозири минтақавии милитсия, ваколат, амрномаи муҳофизатӣ.

**Аннотатсия.** Дар мақола таҷрибаи хориҷии танзими маъмурӣ-ҳуқуқии пешгирии зӯроварӣ дар оила ва имкониятҳои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда мешавад. Ба андешаи муаллиф яке аз субъектҳои асосӣ дар соҳаи пешгирии зӯроварӣ дар оила мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Муаллиф таҷрибаи хориҷиро дар соҳаи пешгирии зӯроварӣ дар оила таҳлил намуда, ба хулосае омад, ки татбиқи таҷрибаи хориҷӣ дар ташкили фаъолияти амалии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила мувофиқ дониста мешавад. Аз натиҷаи таҳқиқи илмии мавзуи баррасигардида дар самти ташкили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» пешниҳодҳо манзур менамояд.

Таҳлили қонунгузории давлатҳои гуногун дар соҳаи огоҳкунӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила нишон медиҳад, ки яке аз субъектҳои асосии татбиқи он мақомоти корҳои дохилӣ, пеш аз ҳама, милитсия мебошад. Милитсия дар пешгирии зӯроварӣ дар оила нақши калидӣ бозида, яке аз вазифаи он пешгирии зӯроварӣ дар оила ва татбиқи чораҳои фардӣ мебошад [1, с. 250-252]. Милитсия мустақилона ё якҷоя бо дигар субъектони пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила дар татбиқ ва иҷрои ҳама гуна чораҳои инфиродии пешгирикунанда нисбати шахсоне, ки зӯроварӣ дар оила содир мекунанд, ки қонун пешбинӣ кардааст, иштирок мекунад. Бо назардошти хусусияти хосси ин ҳуқуқвайронкунӣ (ҷиноят), пешакӣ банақшагирии чораҳои пешгирикунанда ғайриимкон аст.

Зӯроварӣ метавонад дар ҳар вақт, дар ҳар оила, новобаста аз сатҳи иҷтимоию иқтисодӣ содир шавад, аз ин рӯ, дар бораи пешгирии барвақт ва огоҳ кардани ин ҳуқуқвайронкунӣ (ҷиноят) сухан гуфтан бемантиқ ба назар мерасад. Яъне чораандешиҳои милитсия оид ба ҳифзи ҳуқуқи ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ва таъмини амнияти онҳо бештар ҳолатҳо баъд аз муроҷиати ҷабрдидагон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ амалӣ карда мешавад. Аз инҷо бармеояд, ки дар байни дигар субъектони пешгирии зӯроварӣ дар оила, бахусус, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти корҳои дохилӣ дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила нақши амиқ ва созгор дорад.

Гузаронидани таҳлили муқоисавии танзими маъмурӣ-ҳуқуқии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои хориҷӣ дар соҳаи пешгирии зӯроварӣ дар оила бо мақсади омӯзиши чораҳо барои муқовимат ба ин падида сурат мегирад. Дар ин робита, бо истифода аз натиҷаҳои таҳлили муқоисавӣ, зарур аст, ки танҳо он ҷанбаҳое мутобиқ карда шаванд, ки воқеан ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар соҳаи пешгирии зӯроварӣ дар оила мусоидат мекунанд. Ба назар гирифтани омилҳои беруна ва дохилӣ, ки ба динамикаи ин раванд таъсир мерасонанд, муҳим аст. Яке аз вазифаҳои асосӣ таҳияи барномаи ҳамаҷониба, бо беҳтарин таҷрибаҳои ҷаҳонӣ, вале мутобиқ ба шароити мушаххаси минтақавӣ асосёфта мебошад. Усулҳои инноватсионӣ, аз қабили ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва рушди ҳамкории байниидоравӣ, метавонанд, ки амният ва некӯаҳволии оилаҳоро ба таври назаррас беҳтар гардонанд [2, с. 100-113].

Дар ҳар як давлати аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд ИДМ) ба масъалаҳои таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир карда мешавад, ки ин умумияти нисбии чораҳои ташкилӣ ва ҳуқуқиеро, ки дар сатҳи давлатӣ барои ин мақсадҳо андешида мешаванд, дар назар дорад [3, с. 91-98]. Пешгирии зӯроварӣ дар оила соҳаест, ки мақомоти корҳои дохилии ҳамаи давлатҳои аъзои ИДМ дар он салоҳияти худро, аз ҷумла

татбиқи чораҳои маҷбуркунонии давлатиро, амалӣ мекунанд.

Аҳамияти ин мушкилотро наметавон аз ҳад зиёд баҳо дод, зеро зӯроварӣ дар оила на танҳо ба саломатӣ ва ҳолати руҳию равонии ҷабрдидагон таъсири манфӣ мерасонад, балки барои тамоми ҷомеа таҳдид низ эҷод мекунад.

Вобаста ба роҳҳои гузаронидани таҳқиқоти муқоисавии ҳуқуқӣ, муқоиса ба меъёрӣ ва функсионалӣ ҷудо мешавад. Дар фарқияти меъёрӣ, муқоисаи функсионалӣ дар асоси татбиқи амалӣ ва таъсири воқеии қонунҳо ба ҳаёти ҷамъиятӣ сурат мегирад. Ин равиш ба мо имкон медиҳад, ки на танҳо фарқиятҳои санадҳои қонунгузории кишварҳои гуногунро муайян кунем, балки омӯзем, ки чӣ гуна ин санадҳо дар доираи амалияҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ аз нав сохта мешаванд.

Бо назардошти решаҳои умумии таърихӣ ва иҷтимоии санадҳои қонунгузории кишварҳои гуногун, инчунин тағйироти сиёсию иқтисодии муосир, метавон гуфт, ки муқоисаи функсионалӣ дар заминаи омӯзиши низоми ҳуқуқии кишварҳои ИДМ нақши махсус дорад. Азбаски низоми қонунгузории ин кишварҳо дар асоси қонунгузории шӯравӣ ташаккул ёфтаанд, таҳлили мутобиқшавӣ ва таҳаввулоти функсионалии онҳо дар давраи пас аз шӯравӣ имкон медиҳад, ки қонуниятӣ будани онро муайян кард.

Таҳқиқоти қонунгузории давлатҳои ИДМ: Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Молдова, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Узбекистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар соҳаи огоҳкунӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила нишон медиҳад, ки ваколатҳои мақомоти корҳои дохилӣ, ҳамчун субъектҳои огоҳкунӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила дар ин: иштирок дар таҳия ва татбиқи барномаҳо оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ҳамкорӣ бо дигар субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила; қабул, баррасии муроҷиатҳо ва дигар маълумот дар хусуси зӯроварӣ дар оила ё таҳдиди содир шудани он бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ; ошкор намудани сабаб ва шароитҳои барои зӯроварӣ дар оила мусоидаткунанда; ба қайд гирифтани шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда ва нисбати ӯ татбиқ намудани чораҳои тарбиявию пешгирикунанда; ҳангоми муроҷиат ба ҷабрдида фаҳмонидани ҳуқуқҳои ӯ ва дар ҳолати зарурӣ ба муоинаи тиббӣ фиристодани ҷабрдида; бо розигии хаттии ҷабрдида ба марказҳои ёрирасон, марказҳо ё бахшҳои тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагон фиристодани ӯ; додани амрномаи муҳофизатӣ ба шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда; тартиб додани мавод, оғоз намудани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ; ба қайд гирифтани оилаҳое, ки дар онҳо мунтазам ҳодисаҳои зӯроварӣ ҷой доранд ва татбиқ намудани чораҳои пешгирикунанда ҷиҳати устувор намудани оила ва ғайра мебошад.

Таҳлили қонунҳое, ки фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ (политсия, милитсия)-ро дар давлатҳои аъзои ИДМ танзим мекунанд, нишон медиҳад, ки як қатори онҳо ваколатҳои милитсияро барои пешгирии зӯроварӣ дар оила муқаррар кардаанд.

Аксар вақт, ин ваколатҳо ҳамчун вазифаи мақомоти корҳои дохилӣ муқаррар карда мешаванд. Ин ваколатҳо дар навбати худ метавонанд ҳамчун вазифа оид ба танзими паёмак оид ба зӯроварӣ дар оила, гузаронидани чорабиниҳои профилактикӣ ва иштирок дар таҳия ва татбиқи барномаҳо оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ҳамкорӣ бо дигар субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оиларо дар бар гиранд. Низоми танзими ҳуқуқӣ дар ин соҳа метавонад аз давлат ба давлат фарқ кунад. Аммо, хусусиятҳои умумӣ ин таъмини амнияти шаҳрвандон ва ҳифзи ҳуқуқҳои онҳо, инчунин эътирофи муҳиммияти ҳамкории байниидоравӣ дар мубориза бо зӯроварӣ дар оила мебошад.

Масалан дар Ҷумҳурии Қазоқистон мақомоти корҳои дохилӣ вазифадор аст, ки оид ба хабари содир шудани зӯроварӣ дар оила тариқи фаврӣ чора андешад, гузаронидани корҳои профилактикӣ бо оилаҳои ноустувор ва бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо мақсади ёрӣ расонидан ба ҷабрдидаи зӯроварӣ ҳамкорӣ намояд. Ҳамчунин, бо мақсади таъмини бехатарии ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила тибқи қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон аз 4 декабри соли 2009, № 214-IV «Дар бораи пешгирии зӯроварии хонаводагӣ» аз ҷониби сардори минтақаи хизматии политсия ё нозири минтақавии политсия дар макони рух додани зӯроварӣ дар оила бо дарназардошти андешаи ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила нисбати шахси содиркунандаи зӯроварӣ дар оила амрномаи муҳофизатӣ ба муҳлати 30 рӯз бо гузоштани имзо дода шуда, дар муддати 24 соат нусхаи амрнома ба прокурор ирсол карда мешавад [4]. Дар ҳолати риоя накардани талаботи амрномаи муҳофизатӣ шахси зӯровар дар қайди назорати профилактикӣ гирифта мешавад.

Дар Ҷумҳурии Беларус, кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ҳуқуқ доранд, ки озодии

шахсеро, ки дар зӯроварӣ дар оила гумонбар мешавад, муввақатан маҳдуд кунанд, ки ин ба пешгирии низоъ ва ҳифзи ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила мусоидат мекунад.

Қонуни Ҷумҳурии Беларус аз 4 январи соли 2014, №122-З «Дар бораи асоси фаъолият оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ» мафҳумҳои асосӣ, қонунгузорӣ дар соҳаи пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ, принсипҳои асосии субъектони пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ, субъектон ва ваколатҳои онҳоро дар бар мегирад [5]. Бартарияти қонун дар он аст, ки дар моддаи 1 қонун мафҳуми аъзои оила пешбинӣ шудааст. Тибқи қонуни мазкур чораҳои фардии профилактикии ҳуқуқвайронкунӣ ин: сӯҳбати профилактикӣ, огоҳии расмӣ, амрномаи муҳофизатӣ ва дигар чораҳои пешбининамудаи қонун мебошад.

Ҳамин тариқ, сӯҳбати профилактикӣ чораи маъмултарини пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ буда, муколама байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва шаҳрвандон мебошад, ки дар давоми он сабабҳо ва оқибатҳои эҳтимолии рафтори ғайриқонунӣ, инчунин роҳҳои пешгирии он баррасӣ мешаванд. Огоҳии расмӣ воситаи муҳими таъсиррасонӣ аст, зеро дар он кирдори ҳуқуқвайронкунӣ сабт шуда ҳуқуқвайронкунандаро маҷбур месозад, ки қонунро риоя карда, кирдори ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир накунад.

Кодекси Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ» муқаррар мекунад, ки шахсе, ки нисбати узви оила кирдори ҳуқуқвайронкунӣ ба намуди зӯроварӣ дар оила содир мекунад, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда, мақомоти корҳои дохилӣ бошад ба ӯ огоҳии расмӣ медиҳад. Агар ҳуқуқвайронкунанда баъди як соли таъйини огоҳии расмӣ боз даст ба зӯроварӣ занад, пас аз тарафи сардори шуъбаи вазорати корҳои дохилӣ ё муовини ӯ амрномаи муҳофизатӣ ба муҳлати аз 3 то 30 шабонарӯз дода мешавад [6].

Қонуни Ҷумҳурии Озарбойҷон аз 22 июни соли 2010, № 1058 IIIQ «Дар бораи пешгирии зӯроварии хонаводагӣ» чораҳоеро, ки барои пешгирии зӯроварӣ, ки тавассути сӯиистифода аз муносибатҳои оилавӣ, зиндагии якҷоя ё қаблӣ рух медиҳад, расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба шахсоне, ки аз зӯроварии хонаводагӣ зарар дидаанд, инчунин бартараф кардани шароитҳое, ки боиси зӯроварии хонаводагӣ мегарданд муқаррар ва танзим мекунад. Қонунгузории давлати Озарбойҷон амрномаи муҳофизатиро ба муҳлати кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат муайян кардааст. Тибқи моддаи 19 қонуни мазкур амрномаи муҳофизатӣ нисбати ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила ба муҳлати кӯтоҳмуддат ва ба шахси зӯровар ба муҳлати дарозмуддат яъне то 60 рӯз аз тарафи мақомоти дахлдори ҳокимияти иҷроия дода мешавад [7]. Дар ҳолати риоя накардани талаботҳои амрномаи муҳофизатӣ мақомоти дахлдори ҳокимияти иҷроия ё прокурор ҳуқуқ доранд ба мақомоти суд муроҷиат карда, муҳлати амрномаи муҳофизатӣ то 180 рӯз дароз карда шавад.

Қонуни Ҷумҳурии Узбекистон аз 2 сентябри соли 2019, № 561 «Дар бораи ҳифзи занон аз зулм ва зӯроварӣ» муносибатҳоро дар соҳаи ҳифзи занон аз ҳама намуди зулм ва зӯроварӣ ба танзим медарорад. Дар моддаи 3 қонун мафҳумҳои асосӣ нишон дода шудааст, ки яке аз мафҳумҳои асосӣ зулм ва зӯроварӣ мебошад. Қонуни мазкур мафҳуми зулмро ҳамчун кирдори амал ё беамалӣ, паст намудани шаъну шарафи зан, таъқиб ва думболагирӣ, ки барои содир намудани ин кирдор ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ пешбинӣ нашудааст, муайян мекунад. Зери мафҳуми зӯроварӣ, амали (беамалии) ғайриқонунӣ нисбати занон аст, ки ба ҳаёт, саломатӣ, дахлнопазирии ҷинсӣ, шаъну шараф ва дигар ҳуқуқ ва озодиҳои онҳо тавассути истифода ё таҳдиди маҷбуркунии ҷисмонӣ, равонӣ, ҷинсӣ ё иқтисодӣ таҷовуз мекунад, фаҳмида мешавад. Амрномаи муҳофизатӣ ҳамчун воситаи ҳуқуқии пешгирии зӯроварӣ дар оила истифода мешавад.

Асос барои додани амрномаи муҳофизатӣ ин аризаи ҷабрдида аз зулм ва зӯроварӣ буда, аз тарафи шахси мансабдори мақомоти корҳои дохилӣ ба муҳлати то 30 рӯз дода мешавад [8]. Дар қонуни мазкур муайян нашудааст, ки аниқтар аз мақомоти корҳои дохилӣ, яъне шахси мансабдор, ки ваколати додани амрномаи муҳофизатиро дорад. Муҳлати дароз кардани амрномаи муҳофизатӣ ба души мақомоти корҳои дохилӣ набуда, онҳо метавонанд, ки мавод тартиб дода, ба мақомоти суд ҷиҳати дароз кардани муҳлати амрномаи муҳофизатӣ равон кунанд.

Аз 1 декабри соли 2024 сар карда, агар дар давоми як сол ду ё зиёда маротиба вазъияти зулм ва зӯроварӣ ошкор карда шавад, нозири пешгирӣ ваколати додани амрномаи муҳофизатиро дорад.

Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон аз 27 апрели соли 2027, № 65 «Дар бораи ҳифз ва ҳимоя аз зӯроварии оилавӣ» муносибатҳоро дар соҳаи ҳифз ва ҳимоя аз зӯроварии оилавӣ дар бар мегирад. Қонуни мазкур дар моддаи 1 мафҳуми аъзоёни оиларо нишон дода, зери ин мафҳум ҳамсарон, волидон ва фарзандон, бобою бибӣ ва наберагон, васиён ва шахсони таҳти васоят, волидони фарзандхонда ва фарзандони фарзандхонда, волидони парастор ва фарзандони васоят, дигар шахсоне, ки кӯдаконро мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ба парасторӣ гирифтаанд,

ҳамсарони собиқ, модархонд ва падархонд, бародарон ва хоҳарон (пурра ва ним), парастори воқеӣ ва шахсони таҳти васоят фаҳмида мешавад [9].

Тибқи моддаи 26 қонуни мазкур асос барои додани амрномаи муҳофизатии муввақатӣ аризаи дилхоҳ шахс оид ба содир шудани зӯроварии оилавӣ мебошад. Амрномаи муҳофизатии муввақатӣ аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ нисбати шахсе, ки ба синни 18-солагӣ расидааст ба муҳлати то 3 рӯз дода мешавад. Дар ҳолати зарурӣ дар асоси ариза ҷабрдидаи зӯроварии оилавӣ мӯхлати амрномаи муҳофизатии муввақатӣ аз тарафи мақомоти корҳои дохилӣ то 30 рӯз дароз карда мешавад.

Дар Федератсияи Россия масъалаи қабули қонуне, ки ҳифзи ҷабрдидагонро аз зӯроварӣ дар оила ба танзим медарорад, то имрӯз ҳам муҳим боқӣ мемонад. Новобаста аз чандсолаҳо ва содир шудани зӯроварӣ дар оила дар Федератсияи Россия мақомоти қонунгузории ин давлат қонун дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оиларо қабул накардааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 марти соли 2013, № 954 «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» [10] муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба пешгирии зӯроварӣ дар оила танзим намуда, вазифаҳои субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оиларо доир ба ошкор, пешгирӣ ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба он мусоидаткунанда муайян менамояд. Барои баровардани амрномаи муҳофизатӣ муроҷиат оид ба ҳолати содир шудани зӯроварӣ дар оила ё таҳдиди содир намудани он асос мебошад. Шахсе, ки амрномаи муҳофизатиро гирифтааст, уҳдадор аст талаботи дар он пешбинишударо иҷро намояд. Дар ҳолати иҷро накардани талаботи зикргардида шахси мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад.

Амрномаи муҳофизатӣ ба шахси мукаллафи зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда, ки ҳангоми баровардани он ба синни 16 - солагӣ расидааст, дода мешавад.

Амрномаи муҳофизатӣ ба шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда аз ҷониби сардор ё муовинони сардори мақомоти корҳои дохилии маҳалли содир шудани зӯроварӣ дар оила дар муддати 24 соат аз лаҳзаи содир шудани зӯроварӣ дар оила ё ҷой доштани таҳдиди содиршавии он ё аз лаҳзаи додани ариза дар бораи содир шудани зӯроварӣ дар оила дода мешавад.

Амрномаи муҳофизатӣ ба муҳлати то 30 рӯз дода мешавад. Дар асоси аризаи ҷабрдида ё намояндаи қонунии ӯ мумкин аст муҳлати амрномаи муҳофизатӣ бо дархости сардори мақомоти корҳои дохилӣ ва розигии прокурор то 60 рӯз дароз карда шавад. Қонуни мазкур пешбинӣ намекунад, ки дар мақомоти корҳои дохилӣ, ки ваколати додани амрномаи муҳофизатии муввақатиро дорад.

Ҳамин тариқ, зӯроварӣ дар оила кирдори зиддиҳуқуқие мебошад, ки боиси поймол гардидани ҳуқуқ ва шаъну шарафи аъзоёни оила мегардад. Мақомоти корҳои дохилӣ бошад дар пешгирӣ ва барҳам додани зӯроварӣ дар оила нақши муҳим мебозад. Бо дарназардошти бартариятҳои Қонуни Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи асоси фаъолият оиди пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ», Қонуни Ҷумҳурии Узбекистон «Дар бораи ҳифзи занон аз зулм ва зӯроварӣ», Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи ҳифз ва ҳимоя аз зӯроварии хонаводагӣ», Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи пешгирии зӯроварии хонаводагӣ» татбиқи таҷрибаи баррасигардида дар ташкили фаъолияти амалии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила мувофиқ дониста мешавад:

- ба нозирон оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ва нозирони минтақавии милитсия додани ваколат барои додани амрномаи муҳофизатӣ.

Аз натиҷаи таҳқиқоти илмии мавзуи баррасигардида дар самти такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» пешниҳодҳои зерин манзур карда мешавад:

- дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» мафҳуми «оила» нишон дода шавад;
- дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» мафҳуми «аъзоёни оила» нишон дода шавад;
- дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» мафҳуми «зӯроварӣ» нишон дода шавад;
- дар банди 4 моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» пас аз ибораи «аз ҷониби сардор ё муовинони» «нозирон оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ва нозирони минтақавии милитсия» илова карда шавад;
- дар банди 4 моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ҷумлаи зерин илова карда шавад: «Дар муддати 3 рӯз аз лаҳзаи додани амрномаи муҳофизатӣ ба прокурор бо пешниҳод намудани нусхаи амрномаи муҳофизатӣ хабар дода шавад.

**Муқарриз:** н.и.ҳ. Рустамзода А.Қ.

## ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ АДМИНИСТРАТИВНО-ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ПРЕДУПРЕЖДЕНИИ НАСИЛИЯ В СЕМЬЕ И ВОЗМОЖНОСТИ ЕГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Ключевые слова***:* профилактика предупреждение и, насилия в семье, органов внутренних дел, СНГ, закон, анализ, участковый инспектор милиции, полномочия, защитное предписания.

**Аннотация.** В статье анализируется зарубежный опыт административно-правового регулирования предупреждении насилия в семье и возможности его применения в Республике Таджикистан. По мнению автора, одним из главных субъектов в сфере предупреждении насилия в семье являются органы внутренних дел Республики Таджикистан. Автор проанализировал зарубежный опыт в сфере предупреждении насилия в семье и пришел к выводу о целесообразности применения зарубежного опыта в организации практической деятельности органов внутренних дел Республики Таджикистан в сфере насилия в семье. На основе результатов научного исследования по рассматриваемой теме он дает рекомендации по организации законодательства Республики Таджикистан «О предупреждении насилия в семье».

**Шарифзода Парвини Рахмулло** – кандидат юридических наук, начальник кафедры предупреждения террористических преступлений и обеспечения общественной безопасности факультета №6 Академии МВД Республики Таджикистан, подполковник милиции. E-mail: Sharifzoda.parvin@mail.ru; Тел.: (+992) 918-87-79-79.

## FOREIGN EXPERIENCE OF ADMINISTRATIVE AND LEGAL REGULATION OF PREVENTING DOMESTIC VIOLENCE AND THE POSSIBILITIES OF ITS USE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Keywords:** prevention, warning and, domestic violence, internal affairs agencies, CIS, law, analysis, district police inspector, powers, protective orders.

**Abstract.** This article analyzes international experience in administrative and legal regulation of domestic violence prevention and the potential for its application in the Republic of Tajikistan. According to the author, one of the key actors in the field of domestic violence prevention is the internal affairs agencies of the Republic of Tajikistan. The author analyzed international experience in preventing domestic violence and concluded that it is advisable to apply this experience to the practical activities of the internal affairs agencies of the Republic of Tajikistan in the area of domestic violence. Based on the results of scientific research on the topic, he provides recommendations for the organization of the legislation of the Republic of Tajikistan «On the prevention of domestic violence».

**Sharifzoda Parvini Rahmullo** – candidate of legal sciences, head of the department of prevention of terrorist crimes and public safety of faculty №6 of the Academy of the Ministry of internal affairs of the Republic of Tajikistan, police lieutenant colonel. E-mail: Sharifzoda.parvin@mail.ru; Tel.: (+992) 918-87-79-79.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Шарифзода П.Р. «Такмили фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар субъектҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила» // Маҷмӯаи маводи конференсия «Полис ва ҷомеа: мушкилот ва дурнамои ҳамкорӣ», ш. Воронеж. Донишгоҳи давлатии Вазорати корҳои дохилии Россия, 2025. – 270 с.
2. Власова Е.В., Фидел П.М. Таҷрибаи хориҷии танзими маъмурӣ-ҳуқуқии пешгирии зӯроварӣ дар оила ва имкониятҳои истифодаи он дар Федератсияи Россия // Паёми Институти Шарқи Сибири Вазорати корҳои дохилии Россия. – 2025. – №1(112). – С. 100-113.
3. Редкоус В.М. Заминаҳои амалӣ намудани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории давлатҳои иштирокчии ИДМ дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ // Маҷаллаи ҳуқуқи Россия. – 2007. – № 11. – С. 91-98.
4. Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи пешгирии зӯроварии хонаводагӣ» аз 4 декабри соли 2009, № 214-IV // [Захираи электронӣ]. Низоми иттилоотии-ҷустуҷӯӣ. Манбаи дастрасӣ: https://adilet.zan.kz/rus/docs/Z090000214_ (санаи муроҷиат: 23.01.2026).

5. Қонуни Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи асоси фаъолият оиди пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ» аз 4 январи соли 2014, №122-З // [Захираи электронӣ]. Махзани маълумот оид ба қонунгузории давлатҳои ИДМ. Манбаи дастрасӣ: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=129886 (санаи муроҷиат: 23.01.2026).

6. Кодекси Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ» аз 18 декабри соли 2020 // [Захираи электронӣ]. Махзани маълумот оид ба қонунгузории давлатҳои ИДМ. Манбаи дастрасӣ: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=129886 (санаи муроҷиат: 23.01.2026).

7. Қонуни Ҷумҳурии Озарбойҷон «Дар бораи пешгирии зӯроварии хонаводагӣ» аз 22 июни соли 2010, № 1058 IIIQ // [Захираи электронӣ]. Махзани маълумот оид ба қонунгузории давлатҳои ИДМ. Манбаи дастрасӣ: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=158841 (санаи муроҷиат: 23.01.2026).

8. Қонуни Ҷумҳурии Узбекистон «Дар бораи ҳифзи занон аз зулм ва зӯроварӣ» аз 2 сентябри соли 2019, № 561 // [Захираи электронӣ]. Махзани маълумот оид ба қонунгузории давлатҳои ИДМ. Манбаи дастрасӣ: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=118581 (санаи муроҷиат: 23.01.2026).

9. Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи ҳифз ва ҳимоя аз зӯроварии оилавӣ» аз 27 апрели соли 2027, № 65 // [Захираи электронӣ]. Махзани маълумот оид ба қонунгузории давлатҳои ИДМ. Манбаи дастрасӣ: (санаи муроҷиат: 23.01.2026).

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аз 19 марти соли 2023, № 954 // [Захираи электронӣ]. Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Манбаи дастрасӣ: http: mmk.tj (санаи муроҷиат: 23.01.2026).

**Список литературы:**

1. Шарифзода П.Р. «Совершенствование деятельности ОВД Республики Таджикистан с иными субъектами профилактики насилия в семье» // Сборник конференции «Полиция и общество: проблемы и перспективы взаимодействия» г. Воронеж. ВГУ МВД России, 2025. – 270 с.

2. Власова Е.В., Фидель П.М. Зарубежный опыт административно-правового регулирования профилактики насилия в семье и возможности его использования в Российской Федерации // Вестник Восточно-Сибирского института МВД России. – 2025. – №1(112). – С. 100-113.

3. Редкоус В.М. Предпосылки осуществления сравнительно-правового анализа законодательств государств-участников СНГ в области обеспечения национальной безопасности // Журнал Российского права. – 2007. – № 11. – С. 91-98.

4. Закон Республики Казахстан «О профилактике бытового насилия» от 4 декабря 2009 года, № 214-IV // [Электронный ресурс]. Информационно-правовая система «Адилет». Режим доступа: https://adilet.zan.kz/rus/docs/Z090000214_ (дата обращения: 23.01.2026).

5. Закон Республики Беларусь «Об основах деятельности по профилактике правонарушений» от 4 января 2014 года № 122-З // [Электронный ресурс]. База данных законодательства СНГ. Режим доступа: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=129886 (дата обращения: 23.01.2026).

6. Кодекс Республики Беларусь «Об административных правонарушениях» от 18 декабря 2020 года // [Электронный ресурс]. База данных законодательства СНГ. Режим доступа: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=129886 (дата обращения: 23.01.2026).

7. Закон Азербайджанской Республики «О предотвращении бытового насилия» от 22 июня 2010 года № 1058–111Q // [Электронный ресурс]. База данных законодательства СНГ. Режим доступа: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=158841 (дата обращения: 23.01.2026).

8. Закон Республики Узбекистан «О защите женщин от притеснения и насилия» от 2 сентября 2019 года № ЗРУ-561 // [Электронный ресурс]. База данных законодательства СНГ. Режим доступа: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=118581 дата обращения: 23.01.2026).

9. Закон Кыргызской Республики «Об охране и защите от семейного насилия» от 27 апреля 2017 года // [Электронный ресурс]. База данных законодательства СНГ. Режим доступа: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=96641 (дата обращения: 23.01.2026).

10.Закон Республики Таджикистан «О предупреждении насилия в семье» от 19 марта 2013 года, №954 // [Электронный ресурс]. Официальный сайт Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Режим доступа: https://ncz.tj (дата обращения: 23.01.2026).

**List of literature:**

1. Sharifzoda P.R. Improvement of the activities of the internal affairs bodies of the Republic of Tajikistan with other subjects of domestic violence prevention // Proceedings of the Conference «Police and

Society: Problems and Prospects of Interaction». Voronezh: Voronezh Institute of the Ministry of Internal Affairs of Russia, 2025. – 270 p.

2. Vlasova E.V., Fidel P.M. Foreign experience of administrative and legal regulation of domestic violence prevention and the possibilities of its application in the Russian Federation // Bulletin of the East Siberian Institute of the Ministry of Internal Affairs of Russia. – 2025. – №1 (112). – P. 100-113.

3. Redkous V.M. Prerequisites for conducting a comparative legal analysis of the legislation of the CIS member states in the field of national security // Journal of Russian Law. – 2007. – №11. – P. 91-98.

4. Law of the Republic of Kazakhstan «On the prevention of domestic violence» of December 4, 2009, №214-IV // [Electronic resource]. Information and Legal System «Adilet». Access mode: https://adilet.zan.kz/rus/docs/Z090000214_ (date of access: 23.01.2026).

5. Law of the Republic of Belarus «On the fundamentals of activities for the prevention of offenses» of January 4 2014, №122-Z // [Electronic resource]. CIS Legislation Database. Access mode: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=129886 (date of access: 23.01.2026).

6. Code of the Republic of Belarus on administrative offenses of December 18, 2020 // [Electronic resource]. CIS Legislation Database. Access mode: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=129886 (date of access: 23.01.2026).

7. Law of the Republic of Azerbaijan «On the prevention of domestic violence» of June 22, 2010, №1058–111Q // [Electronic resource]. CIS Legislation Database. Access mode: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=158841 (date of access: 23.01.2026).

8. Law of the Republic of Uzbekistan «On the Protection of Women from Harassment and Violence» of September 2, 2019, №ZRU-561 // [Electronic resource]. CIS Legislation Database. Access mode: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=118581 (date of access: 23.01.2026).

9. Law of the Kyrgyz Republic «On Protection and Safeguarding from Domestic Violence» of April 27, 2017 // [Electronic resource]. CIS Legislation Database. Access mode: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=96641 (date of access: 23.01.2026).

10. Law of the Republic of Tajikistan «On the Prevention of Domestic Violence» of March 19, 2013, №954 // [Electronic resource]. Official website of the National center of legislation under the President of the Republic of Tajikistan. Access mode: https://ncz.tj (date of access: 23.01.2026).

## ТАЛАБОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

### 1. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН

- насаб, ном ва номи падари муаллиф / муаллифон (бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);
- номи пурраи мақомот – вазифа, рутба, унвони илмӣ, (бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);
- почтаи электронии муаллиф / муаллифон (телефон барои тамоси муҳаррирон);
- акси муаллиф дар формати JPEG.

### 2. НОМИ МАҚОЛА

Бо ҳарфҳои калон дар маркази сатр бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад.

### 3. КАЛИДВОЖАҲО

На камтар аз 7 вожа бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешаванд. Калидвожаҳо ё ибораҳо аз якдигар бо аломати нуқтавергул (;) ҷудо карда мешаванд.

### 4. АННОТАТСИЯ

Дар ҳаҷми аз 7 то 10 сатр бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад.

### 5. БАХШҲОИ МАВЗУӢ

Нишон додани индекси ТДУ (тибқи талаботи амалкунандаи тахассусии кормандони илмӣ).

### 6. ОРОИШИ МАТН

***Доираи саҳифа***: 1,25 см. аз чап, 2 см. аз рост, 2 см. аз боло ва 2 см. аз поён.

***Шрифт***: Times New Roman 12 кгл.

***Фосила:*** 1.

***Сархат***: 1 см.

***Ориентатсия***: книжная, бе гузоштани саҳифа, бе кӯчонидан аз сатр ба сатр, истиноди библиографӣ ба сарчашма дар дохили матн, бо ишораи рақамҳо дар дохили қавси кунҷӣ: [1]. Агар саҳифа дошта бошад: [1, с.12]. Такрори истинод бо ишораи рақами истиноди қаблӣ ва рақами саҳифаи нав меояд.

***Матн***: баробаркунӣ – по ширине.

***Ҳаҷми мақола***: на камтар аз 7 саҳифа (барои мақолаи илмӣ).

### 7. РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

Рӯйхати адабиёт бояд дар мутобиқат бо стандартҳои давлатии Иқтибоси библиографӣ мураттаб гардад. Рӯйхати адабиёт бояд на камтар аз 5 номгӯи адабиёти илмӣ бошад. Адабиёт ба тартиби алифбоӣ оварда мешавад. Рӯйхати адабиётҳои истифодашуда бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ пешниҳод мегардад.

## ТРЕБОВАНИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

### 1. СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ

– фамилия, имя, отчество автора / авторов (на таджикском, русском и английском языках);

– полное название организации – должность, звание, ученая степень (на таджикском, русском и английском языках);

– электронная почта автора / авторов (телефон для связи редакторов);

– фотография в формате JPEG.

### 2. НАЗВАНИЕ СТАТЬИ

Приводится заглавными буквами по центру на таджикском, русском и английском языках.

### 3. КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА

Приводятся не менее 7 слов на таджикском, русском и английском языках. Ключевые слова или словосочетания отделяются друг от друга знаком точка с запятой (;).

### 4. АННОТАЦИЯ

Приводится в объеме от 7 до 10 строк на таджикском, русском и английском языках.

### 5. ТЕМАТИЧЕСКИЕ РУБРИКИ

Указывается индекс УДК (согласно действующей номенклатуре специальностей научных работников).

### 6. ОФОРМЛЕНИЕ ТЕКСТА

***Поля***: 1,25 см. слева, 2 см. справа, 2 см. сверху и 2 см. снизу.

***Шрифт***: Times New Roman 12 кгл.

***Интервал***: 1.

***Абзацный отступ***: 1 см.

***Ориентация***: книжная, без простановки страниц, без переносов, библиографическая ссылка на источник внутри текста, обозначается цифрами внутри квадратных скобок: [1]. Если имеется страница: [1, с.12]. Повтор ссылки с указанием номера прежней ссылки и новой цифрой страницы.

***Текст***: выравнивание – по ширине.

***Объем статьи***: не менее 7 страниц (для научной статьи).

### 7. СПИСОК ЛИТЕРАТУРЫ

Список литературы должен быть составлен в соответствии с государственными стандартами Библиографическое цитирование. В списке литературы должно быть не менее 5 наименований научной литературы. Библиография оформляется в алфавитном порядке. Список использованной литературы приводится на таджикском, русском и английском языках.

**ЭЗОҲ:** Ҳамаи мақолаҳое, ки бо забони русӣ ва англисӣ пешниҳод мегарданд, аз системаи Антиплагиат гузаронида мешаванд. Ҳиссаи матни аслӣ набояд аз 60% кам бошад.

**ПРИМЕЧАНИЕ:** Все статьи, представленные на русском и английском языках, проверяются через систему Антиплагиат. Доля оригинального текста не должна быть менее 60%.

Шумораи маҳдуди маҷалла ба фурӯш бароварда мешавад.

Роҳи дастрас намудани маҷалла обуна мебошад.

Обуна ба маҷаллаи Қонунгузорӣ тавассути шуъбаҳои Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

**Индекси обуна:** 77710.

**Нархи солонаи обуна:** – 200 сомонӣ.

**Реквизитҳои бонкӣ:**

**Ташкилоти дастраскунанда:** Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Бонк:** Сарраёсати Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе.

**Суратҳисоб:** 20204972712010100002.

**С/муросилотӣ:** 22402972000002.

**БИК:** 350101800.

**РМА:** 010082702.

**Суроға:** шаҳри Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13.

**Телефон:** 227-45-00; 227-45-53; 227-08-07.

**Суроғаи электронӣ:** info@mmk.tj; qonunguzori@mail.ru.

В целях содействия развитию юридической науки и государственной информационно-правовой системы, разъяснения основных положений действующего законодательства, публикации комментариев нормативных правовых актов, правовых и информационно-аналитических материалов Журнал Законодательство издается четыре раза в год.

В продажу журнал поступает в ограниченном количестве.

Оптимальным условием ознакомления с его содержанием является подписка на него.

Подписка на журнал Законодательство осуществляется в отделениях Службы связи при Правительстве Республики Таджикистан.

**Подписной индекс:** 77710.

**Цена на годовую подписку:** – 200 сомони.

**Банковские реквизиты:**

**Получатель:** Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан.

**Банк:** Главное управление центрального казначейства Министерства финансов Республики Таджикистан, город Душанбе.

**Расчетный счет:** 20204972712010100002.

**К/счет:** 22402972000002.

**МФО:** 350101800.

**ИНН:** 010082702.

**Адрес:** город Душанбе, улица академика А. Адхамова, 13.

**Телефоны:** 227-45-00; 227-45-53; 227-08-07.

**Электронный адрес:** info@mmk.tj; qonunguzori@mail.ru.

**МУРАТТИБ**
*Акбарализода Ҷасур Акбаралӣ*

Маҷалла дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, дар матбааи ҶДММ Эр-Граф бо тарзи рақамӣ ба табъ расидааст.
Коғази офсетии №1. Андозаи 60х84 1/8. Ҳуруфи Times New Roman. Ҷузъи чопии шартӣ 10,0.
Адади нашр 200 нусха.

**Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*734024. ш. Душанбе, кӯчаи академик А.Адҳамов, 13 телефон/факс 227-63-64*

---

**СОСТАВИТЕЛЬ**
*Акбарализода Джасур Акбарали*

Журнал подготовлен к печати в Национальном центре законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Напечатан цифровым способом в типографии ООО Эр-Граф.
Бумага офсетная №1. Формат 60х84 1/8. Шрифт Times New Roman. Условный печатный лист 10,0.
Тираж 200 экз.

**Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан**

*734024. г. Душанбе, улица академика А.Адхамова, 13 телефон/факс 227-63-64*